بسم الله الرحمن الرحیم

**Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон**

قَالَ رَسُول الله (صلّی الله علیه وَ آله):

**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَ عِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي، مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا، وَاَنَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

(صحيح مسلم، ج۷، ص۱۲۲، سنن دارمي، ج۲، ص۴۳۲، مسند احمد، ج۳، ص۱۴، ۱۷، ۲۶، ۵۹، ج۴، ص۳۶۶، ۳۷۱، ج۵، ص ۱۸۲، مستدرك حاكم، ج۳، ص۱۰۹، ۱۴۸، ۵۳۳، و....)

**Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуданд**:

Ман дар байни шумо ду гавҳари гаронбаҳоро ба амонат мегузорам: Китоби Худо ва аҳли байтам, ҳар касе аз шумо ба ин дуто чанг занад, то абад гумроҳ намешавад ва ин ду аз ҳам ҷудо намешаванд, то ин ки дар канори Ҳавзи Кавсар ба назди ман ворид мешаванд.

(Саҳеҳи Муслим, ҷ.7, саҳ.122; Сунани Доримӣ, ҷ.2, саҳ.432; Муснади Аҳмад, ҷ.3, саҳ.14, 17, 26, 59, ҷ.4, саҳ.366, 371, ҷ.5, саҳ.182; Мустадраки Ҳоким, ҷ.3, саҳ.109, 148, 533...)

# АМР БА МАЪРУФ
# ВА
# НАҲЙ АЗ МУНКАР

# Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

**Мӯҳсинини Қироатӣ**

**Тарҷумон:**
**Акрамхони Зиёдуллоҳ**

**Маҷмаи Ҷаҳонии Аҳли Байт (а)**

**Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар**
**Муаллиф**: Мӯҳсини Қироатӣ
**Тарҷумон**: Акрамхони Зиёдулло
**Мусаҳҳеҳ**: Мирбадеъ Ҳидоятзода
**Ҳуруфчин**: Илёс Қосимӣ
**Ношир**: Маҷмаи Ҷаҳонии Аҳли Байт
**Навбати чоп**: Аввал, 2006
**Тираж**: 3000 дона
**Чопхона**: Лайло
**ISBN:** 964-529-082-1
**Site :** www.ahl-ul-bayt.org
**E-mail :** **info@ahl-ul-bayt.org**
Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз аст

## Сухане аз маҷмаъ

Мероси гаронбаҳое, ки аҳли байти Пайғамбар (с) аз худ ба ҷой гузошта ва пайравонашон онро аз нобудӣ нигаҳ доштаанд, намунаи комиле аз як мактаби[1] фарогир аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавонистааст бисёре аз ашхоси боистеъдодро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон парвариш дода донишмандонеро ба уммати ислом тақдим кунад, ки бо пайравӣ аз Аҳли Байт (а) дар мақоми посухгӯӣ ба таҳрикот ва шубҳаҳои воридшуда аз ҷараёноти фикрии дохилу хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада ва дар тӯли асрҳо, матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳоро ба ин шубаҳот додаанд.

Маҷмаи Ҷаҳонии Аҳли Байт, бар асоси масъулиятҳое, ки бар гардан гирифтааст, ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳаққаи он талош намудааст; - ҳақоиқе, ки баъзе аз намояндагони фирқаҳо ва мазҳабҳо ва ҷараёнҳои мухолифи Ислом ҳамеша дар мухолифат бо он кӯшиш намудаанд. Маҷмаи Ҷаҳонии Аҳли Байт худро дар ин роҳи муқаддас, пайрави шогирдони мактаби Аҳли Байт (а) медонад; онҳое, ки ҳамеша барои радди ин иттиҳомот омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд, ки мувофиқи тақозои ҳар асру замон, дар хатти муқаддами ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳли Байт (а) захира шудааст, беназир аст, зеро ин таҷрибаҳо аз захираи илмие, ки такяаш бар ақлу истидлол ва дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуб буда, мутахассисону донишмандон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли салим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи Ҷаҳонии Аҳли Байт (а) кушидааст, то марҳалаи тозае аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар қолиби маҷмуаи таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳли

---

[1] Мактаб – ин ҷо ба маънои идеология.

Байт (а), ё касоне, ки бо ҳидояти худованд̣ӣ, ба ин мактаби шариф гаравидаанд, фароруи ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин маҷмаъ ҳамчинин иқдом ба таҳқиқу нашри таълифоти судманди қудамо ва шахсиятҳои барҷастаи пайрави Аҳли Байт (а) намудааст то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули сареи ақлҳо ва пайванди бемонанди ҷонҳо, гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат (а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, кушоянд.

Умедворем, хонандагони мӯҳтарам Маҷмаи Ҷаҳонии Аҳли Байт (а)-ро аз ироаи назарот ва пешниҳодоти арзишманд ва интиқодоти созандаи худ дар ин арса бенасиб нагузоранд.

Ҳамчунин аз ҳамаи муассисот, донишмандон ва мутарҷимон даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги исломи ноби муҳаммадӣ моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди Мутаол мехоҳем, ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талошҳоро, зери сояи ҷонишини худ дар замин, ҳазрати Маҳдӣ (аҷҷалаллоҳу фараҷаҳуш-шариф) рӯзафзун созад.

Акнун ҷои он дорад, то камоли ташакури худро аз ҷаноби оқои Мӯҳсинин Қироатӣ барои таълифи ин китоб ва устод Акрамхони Зиёдуллоҳ ба ҷиҳати тарҷумаи он, иброз дошта, ҳамчунин аз тамоми ҳамкорони мӯҳтараме, ки моро барои ба самар расидани ин асар ёрӣ карданд, хусусан азизоне, ки дар идораи тарҷума анҷоми вазифа менамоянд, сипосгузорӣ намоем.

*Муовини фарҳангии Маҷмаи Ҷаҳонии Аҳли Байт* **(а)**

## Эҳдо

Тақдим ба:

- Касе, ки фармуд: «Зану фарзандамро ба қурбонгоҳи Карбало мебарам то бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар динро зинда кунам».
- Ба абӯзарҳое, ки ба хотири наҳй аз мункар бадарға шуданд ва дар ғурбати Рабаза ҷон доданд.
- Ба ҳамаи касоне, ки дар роҳи густариши маъруфҳо ва мубориза бо мункарҳо ҷон доданд, мол доданд, зиндону шиканҷа ва дурӣ кашиданд ва сабр намуданд. Аммо имрӯз мо, ҳатто гуфтани як калимаро ҳам, дар ин роҳ дареғ медорем.

## Муқаддима

Бо як нигоҳи гузаро ба сураи муборакаи «Валъаср» мефаҳмем, ки:

Бар хилофи гумони инсон, ки фикр мекунад ҳар рӯз ба умраш афзуда мешавад, ҳар рӯз, ки мегузарад аз сармояи ӯ коста мешавад; бобоҳо дар ҳақиқат падарони хурдсол ҳастанд ва навзодҳо, ки умрашонро дар пеш доранд, бештарини сармояҳоро доро мебошанд. Ба замон савганд, ки инсон ҳар лаҳза мисли ях дар ҳоли об шудан аст, (*Ба аср савганд, ки инсонҳо ҳама дар зиёнанд*)[1], пас дар баробари барбод рафтани умр бояд чизе беҳтар аз умр ба даст оварем. Молу мақому унвон беҳтар аз умр нест, он чи беҳтар аз умри мост имон ва амали солеҳ аст, (*магар касоне, ки имон оварда ва амали солеҳ анҷом дода бошанд*).[2] Имон ва кори нек агар вусъат пайдо накунад, арзише нахоҳад дошт. Бинобар ин бояд дигаронро низ ба имон ва амали солеҳ супориш ва даъват кунем (...*ва ҳамдигарро ба ҳақ супориш кунанд*)[3]; албатта паймудани ин роҳ мушкилоте дар пай хоҳад дошт, яъне агар бихоҳем мардумро ба хайру маъруф даъват кунем ва аз фасоду гумроҳӣ боз дорем, эҳтимол дорад, ки бархурдҳои ногуворе пеш ояд, вале ба ҳар ҳол бояд бо ҳавсала ин роҳро бипаймоем (...*ва ҳамдигарро ба сабру шикебоӣ супориш намудаанд*).

Хулосаи калом ин ки ҳастӣ барои мо офарида шудааст ва ҳар рӯз, ки аз умрамон кам мешавад, агар чизе захира накунем, дар ин бозори ҳастӣ бохтаем. Беҳтарин захираҳо имону амали солеҳ ва супориш кардани дигарон ба ҳақ ва сабр аст. Супориш ба ҳақ, ҳамон амри ба маъруф аст, ки

---

[1] Сураи Аср, ояти 1 ва 2.

[2] Сураи Аср, ояти 3.

[3] Сураи Аср, ояти 3.

фикри ҳақ, сухани ҳақ, қонуни ҳақ, раҳбари ҳақ ва ҳукумати ҳақро дарбар мегирад; яъне бояд ҳар рӯз маъруфҳоро густариш диҳем ва аз фасоду мункарҳо пешгирӣ кунем.

Яке аз маъруфҳо барпоии намоз аст, ки биҳамдиллоҳ дар ҷомеа густариш ёфтааст. Имрӯз, ки ин калимотро менависам, даҳҳо ҳазор намози ҷамоат ҳама ҷо ба таври озод барпо мешавад.

Маъруфи дигар пешрафтҳои илмӣ, ихтироот, баранда шудан дар мусобиқоти илмӣ, дифоъ аз хоки ватан ва аз байн бурдани фитнаи душманон, вусъати китобхонаҳо ва донишгоҳҳо ва кам шудани бесаводӣ ва афзоиши хадамоти беҳдоштӣ ва илмию маишӣ ва ғайра аст. Аммо дар канори ҳамаи инҳо фасодҳои фаровоне низ вуҷуд дорад, ки бояд барои маҳви онҳо фикре кард.

# Боби якум

## Ҷойгоҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

## Симои амр ба маъруф

- Амр ба маъруф, нишонаи ишқи инсон ба мактаб (идеология) аст.
- Амр ба маъруф, нишонаи ишқи инсон ба мардум аст.
- Амр ба маъруф, нишонаи таааҳҳуд ва сӯзу алоқаи инсон ба саломатии ҷомеа аст.
- Амр ба маъруф, нишонаи тавалло[1] ва табарро[2] аст.
- Амр ба маъруф, нишонаи озодӣ дар ҷомеа аст.
- Амр ба маъруф, нишонаи иртиботи байни мардум аст.
- Амр ба маъруф, нишонаи фитрати бедор аст.
- Амр ба маъруф, ҳозиру ғоиби воҷибот аст; чаро намоз нахондӣ? Чаро рӯза нагирифтӣ?
- Амр ба маъруф, зомини иҷрои тамоми воҷибот ва наҳй аз мункар зомини тарки ҳамаи муҳаррамот (аъмоли ҳаром) аст.
- Амр ба маъруф, ташвиқи некӯкорон дар ҷомеа аст.
- Амр ба маъруф, тазаккур ва огоҳ кардани ашхоси ҷоҳилу нодон аст.
- Наҳй аз мункар, талх кардани коми хилофкорон аст.
- Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ба монанди газ ва тормозе аст, ки мошини ҷомеаро ҳидоят мекунад.
- Амр ба маъруф ва наҳй аз мункари волидайн аст, ки асоси тарбияти кӯдакро ташкил медиҳад.
- Амр ба маъруф, сабаби дилгармӣ ва қувват

---

[1] Тавалло – дӯстони Худоро дӯст доштан, ки аз усули дин низ мебошад.(т).

[2] Табарро – душманони Худоро душман доштан, ки ин амр низ аз усули дин мебошад.(т).

гирифтани ашхоси камирода мешавад.

- Амр ба маъруф, нишонаи ҳузур дар саҳна аст.
- Амр ба маъруф, мақом ва ҳаққе аст, ки Худованд ба аҳли имон додааст то ба аъмоли якдигар назорат дошта бошанд.
- Наҳй аз мункар, ҷубронкунандаи камбудии тақвои баъзе аз аъзои ҷомеа аст.
- Амр ба маъруф ҷомеаро рушд медиҳад ва наҳй аз мункар ҷомеаро аз нобудӣ наҷот медиҳад.
- Амр ба маъруф, ҳофизи марзҳо ва ҳуқуқи афрод аст; ҷомеаи бефарёд ҷомеаи мурда аст ва афроди сокит ҷисмҳои нафаскашандае беш нестанд.
- Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, нишонаи ғайрати динӣ, эҳсоси масъулият ва мушкилоти мардумро мушкилоти худ донистан аст.
- Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, навъе карантини руҳӣ дар муқобили айбҳо ва гуноҳони сирояткунанда аст.
- Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, навъе интизом ва тартиби иҷтимоӣ аст, яъне маҳдуд кардани тамоюлҳои ашхос дар муқобили салоҳи ҷомеа; дар воқеъ навъе назорат кардани афроди бепарво аст.
- Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, нишонаи рушд аст. Ҳазрати Лут аз қавми гунаҳкор пурсид: Оё дар миёни шумо як нафар рашид ҳаст то монеи ин кор шавад?[1]
- Бо амри ба маъруф ва наҳй аз мункар, масоили дохилии ҷомеа ҳал мешавад ва ҷомеа метавонад бо душманони хориҷӣ муқобилият кунад.

Дар аҳамияти амр ба маъруф ҳамин бас аст, ки уламо ба далели иртиботи қалбии инсон бо он, яъне нафрати қалбӣ

---

[1] Сураи Ҳуд, ояти 78.

аз мункар,[1] онро дохил дар усули дин дониста ва ба далели бархӯрдҳои амалӣ ва ин ки яке аз воҷибот аст, онро дар радифи фурӯи дин – аҳком матраҳ кардаанд. Уламои дин фармудаанд: Оёт ва ривоёти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар он қадар зиёд аст, ки камарро мешиканад.

Агар имрӯз як абарқудрат ё зӯргӯе, ки минтақаеро бомбаборон мекунад ва бузургтарин мункаротро анҷом медиҳад, худро дар баробари фарёди ҳамаи кишварҳо бинад, ҳаргиз даст ба ин ҷиноят намезанад. Сукути ҷомеаи байналмилалӣ, тарси сардорон, бетафовутӣ ва бехабарии тӯдаҳои мардум сабаб шудааст, ки мустакбирони ҷаҳонӣ дар баробари бузургтарин мункароти худ ҳеҷ эҳсоси хатаре накунанд.

Ҳамчунон ки корхонае ба бозрасӣ ва назорати мутахассисон ниёз дорад, ҷомеаи башарӣ ҳам ба назорат ва бозрасии донишмандони исломшинос ниёз дорад. Дар ҳадис мехонем: «Беҳтарин дӯст он аст, ки ҳангоми хилоф монеи ту шавад ва бадтарин дӯст он аст, ки ба ту тазаккур надиҳад». Имом Содиқ (р) мефармоянд: «Беҳтарин дӯсти ман касе аст, ки айбҳои маро (бо бозгӯ намудани онҳо) ба ман ҳадя кунад».

Дар ривоят мехонем: «Мӯъмин ҳамеша муроқиби корҳои худ аст», яъне аз худаш ҳисобот мегирад.

Оре! Агар мо аз дарун муроқиби худамон бошем ва мардум аз берун муроқиби мо бошанд ва дар боло низоми сиёсӣ ва ҳукумате бошад, ки хубиҳоро ташвиқ кунад ва бадиҳоро пешгирӣ намояд, беҳтарин уммат хоҳем буд.

Чунон ки Қуръон мефармояд: «*Шумо беҳтарин уммате*

---

[1] Мункар – корҳои хилоф ва бад.

*будед, ки ба суди инсонҳо офарида шудаанд; зеро ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунед ва ба Худо имон доред».*[1]

Дар китоби «Наҳҷулбалоға» мехонем: «Тамоми корҳои хайр ва ҳатто ҷиҳод дар роҳи Худо, нисбат ба амр ба маъруф мисли рутубати даҳон аст нисбат ба оби дарё».[2]

## Решаҳои фитрӣ ва ғаризии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Тамоми падарону модарон дар тӯли таърих фарзандони худро ба корҳое водошта ва аз корҳое боз доштаанд. Бинобар ин, масъалаи амру наҳй ва ташвиқу ҳушдор дар даруни ҳар инсоне реша дорад ва ба замону макон ва нажоду минтақаи хоссе марбут намешавад. Ҳар масъалае агар ин гуна фарогир бошад, нишона аз фитрӣ будани онро дорад.

**Аксуламали ҳайвонот ҳангоми хатар**

Масъалаи ҳушдор, ихтор ва ё фарёд дар муқобили хатарҳо ва инҳирофҳо махсуси инсонҳо нест. Дар Қуръон мехонем: «*Ҳамин ки мӯрчае дид ҳазрати Сулаймон бо лашкараш дар ҳаракатанд, фарёд зад ва ба мӯрчагони дигар гуфт: ба лонаҳои худ биравед то поймоли онҳо нашавед*».[3]

Ва ҳамин ки ҳудҳуд дар парвози худ аз кишвари Сабо аз инҳирофи мардум бохабар шуд ва дарёфт, ки мардуми он ҷо офтобпарастанд, назди ҳазрати Сулаймон омад ва бо нолаи худ аз ин инҳироф шикоят кард.[4]

---

[1] Сураи Оли Имрон ояти 110.

[2] Наҳҷулбалоға, калимоти қисор.

[3] Сураи Намл – 18.

[4] Сураи Намл – 24.

Бинобар ин фарёд дар баробари каҷравӣ ва дилсӯзӣ барои дигарон, на танҳо масъалаи фитрӣ барои инсонҳост, балки решаи ғаризӣ дар ҳайвонот низ дорад. Ба ҳамин хотир, агар гуфта шавад, ки инсони бетафовут ва бепарво аз ҳайвон пасттар аст, сухани беҳуда намебошад. Албатта, масъулияти ҳамаи мардум нисбат ба амр ба маъруф ва наҳй аз мункар як хел нест, балки вазифаи олимону давлатмардон аз дигарон бештар аст.[1]

**Решаи ақлӣ**

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар як зарурати ақлӣ аст. Ин масъала ба қадре равшан аст, ки метарсам агар тавзеҳ дода шавад, ҳамчун абри пеши офтоб, боиси коҳиши шаффофияти он гардад.

Кадом оқил аст, ки сукут дар муқобили хатар ва каҷравиро писандида ва онро маҳкум накунад?

Аз он ҷо ки дини Ислом мутобиқ бо ақл ва фитрат аст, метавон гуфт, ки тамоми оёт ва ривоёти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, моро ба ҳамин қазовати равшани ақл роҳнамоӣ мекунад.

## Ҷойгоҳи амр ба маъруф дар Қуръон

Масоили амр ба маъруф аз ҳамон рӯзҳои аввали беъсат дар Макка мавриди инояти Ислом будааст.

Ба унвони мисол, дар сураи «Валъаср», ки шиори мусулмонон ба ҳангоми ҷудоӣ аз якдигар буд ва дар аввалҳои беъсат дар Макка нозил шудааст, дар ҷумлаи **«...***Ва ҳамдигарро ба ҳақ ва сабру шикебоӣ супориш мекунанд***»**, - ишора ба амр ба маъруф мекунад.

---

[1] Сураи Моида – 63.

**Аввалин вазифаи анбиё**

Қуръон, аввалин вазифаи ҳамаи анбиёро амр ба маъруф ва наҳй аз мункар медонад ва мефармояд: «*Мо дар миёни ҳар уммате, паёмбареро мабъус кардем, ки муҳимтарин вазифаи онҳо ду чиз буд: яке амр ба яктопарастӣ, ки бузургтарини маъруфҳост ва дуввум наҳй аз итоати ситамгарон, ки бузургтарини мункарҳост*».

Дар сураи «Аъроф» низ мехонем: «*Паёмбари Ислом, ки ному нишонаш дар «Таврот» ва «Инҷил» омадааст, аввалин вазифааш амри ба маъруф ва наҳй аз мункар мебошад*».[1]

**Нишонаи беҳтарин уммат**

Қуръон ба мусулмонон чунин хитоб мекунад: «*Шумо беҳтарин уммат дар байни мардум хоҳед буд, ба шарти ин ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунед*».

Қуръон бо он ки борҳо аз аҳли китоб ба хотири таассуботи беҷо ва таҳрифҳои ғайриқонунӣ ва хостаҳои беҳудаашон эрод гирифт, аммо гурӯҳе аз онҳоро ба хотири имонашон, тиловати оёти илоҳӣ, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намуданашон ситоиш кардааст.

Амр ба маъруф коре аст, ки Худованд анҷом медиҳад: «*Ҳамоно Худованд ба адлу эҳсон супориш мекунад*».

Аммо амр ба мункар кори шайтон аст: «*Шайтон (ҳангоми садақа додан) шуморо аз фақр метарсонад ва ба фаҳшо амр мекунад*».

Амр ба маъруф вазифаи умумӣ аст, Қуръон мефармояд: «*Тамоми мардон ва занони боимон нисбат ба ҳамдигар ҳаққи вилоят ва сарпарастӣ доранд, ки якдигарро ба маъруф водор кунанд ва аз мункар боз доранд ва намоз барпо доранд ва закот*

---

[1] Сураи Аъроф – 157.

*бипардозанд».*[1]

Он чи дар ин оят диққати инсонро ба худ ҷалб мекунад, чанд нукта аст:

1) Аз оғози таклиф, ҳамаи мардум аз ҳар син ва синфу нажоде, ки бошанд бар дигар мӯъминон ҳаққи вилоят доранд; яъне амру наҳйи онҳо бар асоси ҳаққи вилоят аст, ки Худованд қарор додааст ва ҳаргиз номи дахолати беҷо, бар ин кор раво нест.

2) Мақоми имон аст, ки ба мусулмонон ин ҳақро медиҳад ва ин ҳақ барои дигар инсонҳо вуҷуд надорад.

3) Ҳамеша амр ба маъруф, муқаддам бар наҳй аз мункар ба кор рафтааст то ба мо бифаҳмонад, ки корҳоро аз роҳи мусбат пайгирӣ кунед ва дар ҷомеа танҳо интиқодкунанда[2] набошед.

4) Дар ин оят амр ба маъруф ва наҳй аз мункар қабл аз намоз ва закот матраҳ шудааст, зеро иқомаи намоз ва адои закот ба як силсила таблиғот ниёз дорад, ки ҳамон амр ба маъруф аст. Барои мисол дар муқаддимаи намоз вақте бо беҳтарин ва расотарин садо мегӯем: «*Ҳайя алас-салот*» - ин калом худ амр ба маъруф аст, ки бар намоз муқаддам шудааст.

Қуръон худ иқомаи намозро наҳй аз мункар медонад, он ҷо, ки мефармояд: «*Ҳамоно намоз аз фаҳшо ва мункар бозмедорад».*[3]

5) Гарчӣ бояд ба масъалаҳои заруритаре аҳамият дод, аммо он чи мавриди писанди Ислом аст, супориш ба тамоми маъруфҳо ва пешгирӣ аз ҳамаи мункарҳо аст.

---

[1] Сураи Тавба - 71.

[2] Интиқод – танқид кардан.

[3] Сураи Анкабут – 45.

Ба иборати дигар, замоне мо ба ҷомеаи дилхоҳ мерасем, ки ба нукоти зер диққат кунем:

1) Мард ва зан ҳарду дар ин роҳ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

2) Бар асоси вилоят ва муҳаббат амр ва наҳй кунанд.

3) Аз хубиҳо шурӯъ кунанд.

4) Ба ҳамаи нуктаҳои мусбат ва манфӣ риоят кунанд.

Ин вазифаи умумии мусулмонон буд; аммо аз баъзе оёт истифода мешавад, ки барои ин ду фаризаи бузург гурӯҳи махсусе низ лозим аст.

**Гурӯҳи вижа**

Қуръон мефармояд: **«***Аз миёни шумо***,** *гурӯҳе бояд даъват ба хайр ва амр ба маъруфу наҳй аз мункар кунанд***».**

Ҳисоби ин гурӯҳ аз ҳисоби вазифаи умумӣ ҷудо аст. Ин даста бояд бо қудрат ва имконот вориди амал шаванд ва пеши роҳи мункаротро бигиранд. Барои мисол, агар мошине дар хиёбон бар хилофи масир ҳаракат кунад, ду вазифа вуҷуд дорад, аввалан вазифаи умумии ронандагон аст, ки хатогии ӯро ба воситаи сигнал додан ва ё бо равшану хомӯш кардани чароғҳои мошинҳояшон ба ӯ фаҳмонанд. Дуюм, вазифае ҳам нозири роҳ дорад, ки ӯро ҷарима кунад.

Дар аҳамияти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ҳамин бас, ки дар Қуръон номи амркунандагон ба маъруф дар канори номи анбиё омадааст ва кайфари қотилони онҳо ҳамчун қатли анбиёст.

Бар хилофи баъзеҳо, ки гумон мекунанд росткорӣ дар инзиво ва гӯшагирӣ аст, Қуръон росткоронро танҳо касоне медонад, ки дигаронро даъват ба хайр ва амр ба маъруф

мекунанд.

Албатта, замоне амр ба маъруф ва наҳй аз мункар рамзи бартарӣ ва каромат аст, ки ин кор бар асоси имон ва бархоста аз ангезаи илоҳӣ бошад.[1]

Гарчи масъулияти уламо ва афроди ботақво бештар аст, вале амр ба маъруф ва наҳй аз мункар вазифаи дутарафа аст ва ҳама бояд якдигарро ба ҳақ ва сабр супориш кунем. Ҳамаи мо бояд якдигарро аз мункар наҳй кунем ва дар ин роҳ омодаи пазириши мушкилот бошем.

Инсон бо он ки руҳи Худо дар ӯ дамида шуд ва ҷонишини ӯ дар замин аст, ҳамчунин мавриди кароматы хос аст, аммо ба хотир ғаризаҳои саркаш, васвасаҳои шайтон, истикбор ва тоғутҳо эҳтиёҷи зиёд ба назорат дорад ва Худованди Мутаол анвои маҳорҳоро барои ӯ қарор додааст:

1- Калимаи муқаддаси ақл ба маънои иқол (боздоранда) ва василаи назорати инсон аст. Агар маҳори ақл набошад, инсон хеле зуд худро нобуд мекунад.

2) Фитрат[2] низ метавонад инсонро ба сӯи хубиҳо кашонад ва аз бадиҳо боз дорад.

3) Анбиё ва фиристодагони Худованд низ ба ҳамин манзур мабъус шудаанд.

4) Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар низ беҳтарин василаи иршоди мардум аст.

Ростӣ агар инсон ин маҳорҳоро надошта бошад ва бар асоси ҳавасҳои дарунии худ қадам бардорад, асари фитна ва фасодаш то ба осмонҳо кашида мешавад.

---

[1] Оли Имрон – 110.

[2] Фитрат – табиати дарунии инсон.

**Наҳй аз мункар дар ҷоҳилият**

Дар замони ҷоҳилият, гурӯҳе аз ҷавонони мушрик бо ҳам паймон бастанд, ки иҷозат надиҳанд ба мусофирони Макка таҷовуз ва зулме шавад ва аз ҳар мазлуме ҳимоят кунанд. Дар он рӯзҳо, ки Паёмбари Акрам (с) ҳануз ба паёмбарӣ мабъус нашуда буд, дар ин ҳаракати мазлумёбӣ ва зулмкӯбии ҷавонони Макка ширкат кард ва баъд аз нубувват фармуд: Ҳоло ҳам агар барои дифоъ аз мазлум даъват кунанд, ширкат мекунам.

**Робитаи тавҳид бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Пайғамбари Акрам (с) фармуд: «*Калимаи* «*Ло илоҳа иллаллоҳ*» *азоби илоҳиро аз инсон дур мекунад*, *ба шарти он ки ин калимаи муборак мавриди таҳқир ва беэҳтиромӣ қарор нагирад*».[1]

*Марде аз Паёмбари пурсид*: «*Чӣ гуна мумкин аст калимаи тавҳид мавриди беэҳтиромӣ қарор гирад*?!»

*Фармуд*: *Агар гуноҳон ошкоро анҷом гирад ва касе гунаҳкорро наҳй накунад ва ӯро тағйир надиҳад*, *ба тавҳид иҳонат кардааст*».

**Робитаи нубувват бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Дар сураи Аъроф, дар шарҳи вазифаи Паёмбари Акрам мехонем: «*Мардумро амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад*».

Кадом маъруфе аз яктопарастии Худованд муҳимтар ва кадом мункаре аз итоати ситамгар бадтар аст? Дар Қуръон

---

[1] Таҳқир – ночиз ва сабук шумурдан.

мехонем, вазифаи тамоми паёмбарон нисбат ба мардум, даъват ба бандагии Худо ва дур намудани онҳо аз ситамгарон аст.[1]

**Робитаи имомат бо амри ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Имом Ҳусейн (р) ҳадаф аз қиёми худро чунин мефармояд: Оё намебинед, ки ба ҳақ амал намешавад ва аз ботил ҷилавгирӣ ба амал намеояд. ҳазрат дар ҷои дигар мефармояд: Ман мехоҳам амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам. Мехоҳам дар дини бобоям ислоҳ кунам.

## Ҷойгоҳи амркунандагон ба маъруф ва наҳйкунандагон аз мункар

Дар сураи Тавба оятҳои 111 ва 112 мехонем:

«*Худо аз мӯъминон, ҷонҳо ва молҳояшонро харид то биҳишт аз они онҳо бошад. Онҳо размандагоне ҳастанд, ки дар роҳи Худо меҷанганд, душманони Худоро мекушанд ва дар роҳи Худо кушта мешаванд. Ваъдаи биҳишт ба онҳо дар Таврот ва Инҷил ва Қуръон омадааст ва чӣ касе беҳтар аз Худо ба аҳди худ вафо мекунад*».

Сипас мефармояд: «*Ҷон додан ва биҳишт гирифтан барои шумо муборак бошад ва худро ба ин муомила башорат диҳед, ки растгории бузурге аст*».

Дар идома мефармояд: «*Ин мӯъминони ҷон бар каф, ҳам аз лағзишҳои худ тавба мекунанд, ҳам Худоро мепарастанду ситоиш мекунанд, ҳам аҳли рӯза, рукӯъ ва саҷдаанд. Ин афроданд, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд ва ҳудуди илоҳиро пос медоранд*».

---

[1] Сураи Наҳл – 36.

Бо як нигоҳи сатҳӣ ба ин ду оят, симо ва сифати амркунандагони ба маъруф бар ҳамаи мо равшан мешавад. Онҳо афроди ҷонбаркаф ва шуҷое ҳастанд. Фарёдашон дар рӯз бо ашку тавба ва рукӯу суҷудашон дар шаб ҳамроҳ аст. Ҳушдори онҳо ба хилофкорон, ҳамроҳи ҳифозат ва посдории худашон аз қонуни илоҳӣ аст.

Оре, растагории бузурге, ки Худованд дар ситоиши онҳо ваъда кардааст, махсуси ин гурӯҳ аз афрод аст, на касоне, ки худ вайронкоранд ва қонунро зери по мегузоранд. Монанди касоне, ки дар хиёбон ҳангоми чароғи сурх аз роҳ мегузаранд, вале ба зани беҳиҷоб барои риоя накардани ҳиҷоб тазаккур медиҳанд.

**Амр ба маъруф дар ривоёт**

Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуд: «*Амркунандагони ба маъруф, ҷонишини Худо дар замин ҳастанд*».

Дар ҳадиси дигаре мехонем: «*Худованд душмани мӯъмини бедин аст*».

*Пурсиданд:* «*Ё Расулаллоҳ магар мӯъмин бедин мешавад?*»

*Фармуд:* «*Мусулмоне, ки амр ба маъруф накунад бедин аст*».

Ҳазрати Алӣ (к) фармуд: «*Наҳй аз мункар ба хок молидани бинии фосиқон аст*».

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ду хулқ аз ахлоқи илоҳӣ аст, ки ҳар кас ин ду фаризаро ёрӣ кунад, Худованд ба ӯ иззат медиҳад.

Ҳазрати Алӣ (к) мефармоянд: «*Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар барои умуми мардум як роҳнамой аст (ангезаи онҳоро нисбат ба кори хайр зиёд мекунад) ва наҳй аз мункар барои афроди бехирад, ки гароиш ба инҳироф дар онҳо зиёд аст, василаи*

*боздоранда мебошад»*.

Имом Боқир (р) дар мақоми шикоят мефармояд: «*Ашхосе ҳастанд, ки агар намоз зараре ба мол ё ҷонашон расонад, онро тарк мекунанд, ҳамон гуна ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро, ки бузургтарин воҷибот аст, ба ҳамин хотир раҳо карданд*».

Касе, ки пеши роҳи мункарро нагирад, монанди касе аст, ки маҷрӯҳеро дар канори роҳ раҳо кунад, то бимирад.

Ашхоси соките, ки дар баробари хилофкорон ҳеҷ гуна аксуламал нишон намедиҳанд, мурдагоне ҳастанд дар миёни зиндагон.

Мункар оташе аст, ки агар бо наҳйи шумо хомӯш нашавад, ҳама чизро месӯзонад. Агар газандаеро дидӣ, ки ба сӯи инсони хуфта меравад, вале фарёд накашидӣ, дар қатли ӯ шарикӣ.[1]

Имом Содиқ (р) фармуд: «*Касе, ки метавонад пеши роҳи фасодро бигирад, вале нагирад, ӯ мехоҳад, ки ба Худованди Мутаол итоат нашавад. Чунин касе эълони душманӣ бо Худо кардааст*».

Оре! Касе, ки гуноҳро ошкор анҷом диҳад, дини Худоро залил ва душмани Худоро дилшод кардааст.

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуд: «*Гурӯҳе ҳастанд, ки на паёмбаранд ва на шаҳиданд, вале мардум ба мақоми онҳо, ки ба хотири амр ба маъруф ба даст овардаанд, ҳавас мекунанд*».

Дар Қуръон мехонем: «*Худатон ва дӯстонатонро аз оташи дӯзах ҳифз кунед*».

Ривоёте, ки дар зайли ин оят, дар китобҳои тафсир омадааст, ин маъноро мефармояд: «Ин ҳифз бояд ба

---

[1] «Мустадрак».

воситаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар анҷом гирад».

Агар мардум дар муқобили мункар сукут кунанд, қаҳри Худо ҳамаро бо ҳам хоҳад гирифт.

«*Ҳар кас ба амри маъруф ва наҳй аз мункар имон надорад, дин надорад*».

«*Қалъаи дин, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва иҷрои фармонҳои илоҳӣ аст*».

«*Худованд розӣ нест, ки дар замин маъсияте шавад ва авлиёи ӯ сокит бимонанд*».

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуд: «*Ҷабраил омад ва гуфт, ки Ислом даҳ қисм аст ва қисми ҳафтуми он амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст*».

Дар Қуръон мехонем: «*Паёмбароне ҳамчун Довуд (а) ва Исо (а) ба касоне, ки наҳй аз мункар намекунанд, лаънат фиристодаанд*».

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар роҳи анбиё, равиши солеҳон ва воҷиби бузурге аст, ки бо анҷоми он, роҳҳо амн ва даромадҳо ҳалол ва ҳаққи мардум адо мешавад.

**Чанд дарси наҳй аз мункар аз Имом Ҳусейн (р)**

Имом Ҳусейн (р) дар охирин лаҳзаи умри худ, ҳангоме ки лашкари Язид ба хаймаҳои Аҳли Байт ҳамлавар шуданд, охирин ҷумлае, ки ба онҳо фармуд, ин буд: «Агар дин надоред, лоақал дар дунё ҷавонмард бошед». Ин сухан асар кард ва то Имом зинда буд, аз ҳуҷум ба хаймаҳо даст кашиданд. Мо аз ин ҷумлаи охир, чанд дарс мегирем:

1) Наҳй аз мункар воҷиб аст, ҳатто дар охирин лаҳзаи умр.

2) Наҳй аз мункар воҷиб аст, ҳатто нисбат ба ваҳшитарин одамон.

3) Агар чанд мункар анҷом мешавад ва мо метавонем яке аз онҳоро пешгирӣ кунем, боз ҳам нисбат ба он яке воҷиб аст, ки иқдом кунем.

4) Афроди хилофкор мумкин аст аз баъзе мункарот даст бардоранд ва таҳти таъсири виҷдон қарор бигиранд.

5) Агар аз дини мардум наметавон барои наҳй аз мункар кумак гирифт, аз сифоти дигари онҳо ва аз эҳсосоти отифӣ ва хуби онҳо истифода кунем.

6) Ҳимоят аз номус, аз бузургтарин воҷибот аст.

**Наҳй аз мункар дар сахттарин шароит**

Падар, бародар амак ва зуррияи Расули Худоро дар пеши чашми Имом Саҷҷод (р) дар Карбало шаҳид карданд ва худи ӯро низ ба асирӣ гирифтанд ва дар Куфа ва Шом гардониданд. Вақте ӯро ба масҷиди Шом бурданд ва дид, ки хатиб рӯи минбар аз Язид ситоиш мекунад, ба танҳоӣ дар ҳузури Язид фарёд зад: Эй хатиб! Ту бо ин тамаллуқ ва ситоиш, ризои Язидро ба қаҳри Худо муомила кардӣ! Ту мавриди ғазаби Парвардигор ҳастӣ. Ман бояд аз ин чӯбҳо боло равам ва ҷои воизи чоплус биншинам то бузургтарин маъруфҳоро, ки шиносонидани Исломи муҳаммадӣ ва Аҳли Байти Паёмбар аст, зинда кунам».

Сипас Имом болои минбар рафт ва бо суханронии худ, таҳаввули илмию фарҳангӣ ва эҳсосотию сиёсӣ эҷод кард.

**Сукут кофӣ нест, ҳаракат ва фарёд лозим аст**

Имом Содиқ (р), ки дар меҳмоние ширкат карда доштанад. Яке аз меҳмонҳо бо ишора аз соҳибхона об талабид ва ӯ ба ҷои об шаробе овард. Ҳазрат ҳамин ки аз ин кор бохабар шуд маҷлисро тарк кард ва фармуд:

*Маҳфиле, ки дар он шароб бинӯшанд, на танҳо набояд аз он хӯрд, балки бояд он ҷаласаро тарк кард, то дигарон бифаҳманд, ки шаробхӯрӣ кори зишт аст.*

Дар таърих навишаанд, Усома ибни Зайд, ки дар замони реҳлати Расули Худо (с) фармондеҳи ҷанг шуд ва дар он ҳангом ҷавони ҳаждаҳсолае буд, рӯзе ба хидмати мавло Амиралмӯъминин (к) шарафёб шуд ва аз ҳазрат кӯмак хост. Имом фармуд: Ман кӯмак намекунам.

Ӯ гуфт: Ман ҳамон Усома, саҳобаи наздики Расули Худоям.

Фармуд: Дуруст аст; аммо ба ёд дорӣ, ки вақте мо бо Муовия даргир будем, ту сокит нишастӣ. Сукути ту гуноҳ буд. Агарчӣ ту бо Муовия набудӣ, аммо бо сукутат вайро ҳамроҳӣ кардӣ. Бинобар ин мантиқи сукут ва дар айни ҳол дур мондан аз гуноҳ, мантиқи саҳеҳ нест.

Бинобар ин, хубҳо набояд дар баробари инҳирофот ва гумроҳӣ сукут кунанд. Агар хубҳо ба майдон биёянд, фазои олударо тағйир медиҳанд; барои мисол, ҳамаи хубҳо аввали вақт азон бигӯянд, фазо ба куллӣ дигаргун мешавад.

## Аҳамияти амр ба маъруф

Ногуфта равшан аст, ки ҳисоби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз ҳисоби намоз, рӯза ва ҳаҷ ҷудо аст; зеро онҳо зараре ба манофеъ ва ҳавасҳои дигарон намезананд ва ба ҳамин хотир касе бо онҳо мухолифате надорад.

Аммо наҳй аз мункар, мухолифат бо инҳирофот ва ҳавасҳои мардум аст ва табиатан гурӯҳе дар муқобили он муқовимат мекунанд.

Бигзарем, ки шинохти маъруф ва мункар кори ҳар кас нест ва қудрати бархурд бо афроди мухталиф низ

равоншиносии таблиғотӣ лозим дорад. Аммо амр ба маъруф замоне муассир аст, ки омирон[1] ба маъруф ва ноҳиён[2] аз мункар, аз хулқу хӯи олӣ, итоати кофӣ, омӯзишҳои лозим бархурдор бошанд.

Аз сӯи дигар, давлат ва мардум аз ҳар гуна ҳимоятҳои қонунӣ ва молӣ дареғ накунанд. Барои мисол масири ҳамаи филмҳо ва барномаҳои садо ва симо зинда кардани хубиҳо дар ҷомеа ва маҳв кардани бадиҳо бошад. Ба илова, мардум бояд амр ба маъруфро як фаризаи исломӣ донанд, на дахолат ба кори дигарон. Дар шиорҳои дару девор низ ҷумлаҳое бошад, ки мардумро ба сӯи камол ва нур даъват кунад ва фазои рушди хубиҳо ва маҳви бадиҳо бошад.

Ба фармудаи ривоёт, амр ба маъруф ҳатто аз ҷиҳод дар роҳи Худо муҳимтар аст, зеро ҷиҳод дар тамоми умр як бор ё ду бор анҷом мегирад, вале ин воҷиби илоҳӣ ҳар шабу ҳар рӯз дар баробари чашми мардум ҷилвагарӣ мекунад.

Агар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар набошад, ҷомеаи исломӣ бима[3] намешавад ва ҳар рӯз агар ҳунарманде ба номи Сомирӣ[4] як гӯсолаи тиллоӣ бисозад, метавонад насли моро мавриди таҳоҷуми фарҳангии худ қарор диҳад. Ба гуфтаи ҳамаи олимон, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз воҷиботи қатъӣ аст ва он қадар аҳамият дорад, ки Имом Ҳусейн (р) фармуд: Ҳадафи ман аз рафтан ба Карбало, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст.

Бо амр ба маъруф тамоми воҷибот дар ҷомеа амалӣ гардида ва бо наҳй аз мункар, аз ҳамаи фасодҳо пешгирӣ

---

[1] Омирон – амркунандагон.

[2] Ноҳиён – наҳйкунандагон.

[3] Бима – суғурта.

[4] Сомирӣ, касе буд дар байни қавми ҳазрати Мӯсо, ки мардумро ба гӯсолапарастӣ даъват мекард.

мешавад. Агар як миллиард мусулмон ҳар рӯз ба як маъруф амр ва аз як мункар наҳй кунанд, симои ҷаҳон дигаргун мешавад.

Мо ҳанӯз маззаи иттиҳод ва имон ва фарёдро ба таври куллӣ начашидаем, оре аз як қатраи об коре барнамеояд, вале ҳамин ки қатраҳо фаровон ба сурати ҷӯйҳо ва ҷӯйҳо ба сурати дарё пушти обанборе қарор гирад, василае барои тавлиди барқ мешавад ва минтақаро рӯшан мекунад.

Марҳум шаҳид Мутаҳҳарӣ мефармояд: «Дар Қуръон пеш аз ояти амр ба маъруф, масъалаи иттиҳоди мусулмонон омадааст; яъне агар хостед пеши роҳи фасодро гиред, бояд қудрат дошта бошед ва замоне қудрат доред, ки муттаҳид бошед».

Фасоди дирӯз дурӯғ ва ғайбат буд, ки аз фарде содир мешуд ва фарди дигаре ӯро манъ мекард; вале фасоди имрӯз, шакли дигаре дорад. Имрӯз, ногаҳон мусулмонон худро дар муқобили бузургтарин фитнаҳо мебинанд, ки агар аз тахассус ва технология ва қудрати ваҳдат ва иқтисоди кофӣ бархурдор набошанд, ҳама чизашон дастхуши таҳоҷум қарор мегирад. Бинобар ин, ташкили низоми исломӣ барои наҳй аз мункарҳои иҷтимоӣ ва ҷаҳонӣ як зарурат аст.

**Ҳадафи ниҳоӣ**

Ҳадаф аз амр ба маъруф, анҷом гирифтани хубиҳо ва дар наҳй аз мункар, тарк кардани мункарот аст. Албата, манзур бархӯрди сатҳӣ ва бенатиҷа нест.

Қуръон мефармояд: Агар дар маҳфиле ба ояти илоҳӣ беэҳтиромӣ мешавад, нишастро ба унвони эътироз тарк кунед то масири баҳс иваз шавад.

Бинобар ин агар бо тарки ин маҳфил баҳсҳо иваз нашуд,

бояд чораи дигаре андешид, зеро дар Қуръон ҳадафро танҳо тазаккур ва тарки ҷаласа надонистааст, балки тағйири масири баҳс донистааст. Ба ҳамин хотир барои расидан ба ин ҳадаф аз ҳар роҳи мумкин бояд истифода кард. Дар баъзе ривоёт мехонем: «*Гунаҳкорро озор диҳед, то хилофро тарк кунад*».

Агар бо тазаккур ва озор тарк накард, масъулияти мо тамом намешавад, балки аз роҳҳои дигар бояд ба натиҷа расем.

Дар оёт, ҷанг, ҳадафи бартараф шудани фитна муаррифӣ шудааст.[1] Бинобар ин бояд то расидан ба ин ҳадаф, мубориза ро ба шаклҳои мухталиф идома дод. Ин марбут ба ҳадаф аст.

Аммо миқдори талош: ибодатҳое мисли намозу рӯза ва ҳаҷ, амали сад фоиз тааббудӣ[2] аст ва миқдору замони он комилан равшан аст. Аммо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар миқдори хоссе надорад ва монанди ниёзи муроҷиати инсон ба табиб аст, ки наметавон гуфт ҳар беморе дар умри худ ба чанд нафар табиб муроҷиат кунад ва барои ҳар табиб чанд дақиқа вақт сарф кунад, ё барои хариди дору чанд маблағе дар назар бигирад. Ҳадаф солим шудани бемор аст ва сарфи замон ва маблағ ва миқдори талош, ҳеҷ андозае надорад. Бинобар ин анбиё мегӯянд: тамоми тавони худро барои ислоҳ ба кор мебарем.

## Оё амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, фарзи айн аст ё фарзи кифоӣ?

Яъне: «оё мисли дафн кардани мурда аст, ки бо иқдоми

---

[1] Сураи Бақара – 193.

[2] Тааббуд – бечуну чаро итоат намудан.

баъзе, кифоят мекунад ё мисли иқомаи намоз аст, ки бар ҳар фарде айнан воҷиб аст?»

Ҳар кадом аз назарияҳо тарафдорони худро доранд. Дар ин ҷо нукоте вуҷуд дорад, ки шояд баёни онҳо муфид бошад, барои мисол:

1) Аз назари «инкори қалбӣ» бар фард-фарди мардум воҷиб аст, ки дар дилашон аз гуноҳ танаффур дошта бошанд; вале аз назари «иқдоми амалӣ ва баёнӣ» ҳамин ки баъзеҳо иқдом кунанд, аз дигарон соқит мешавад.

2) Агар муроди мо аз маъруф, эҳёи тамоми хубиҳои ҷомеа бошад, бояд тамоми мардум қиём кунанд; аммо агар мурод эҳёи намоз, рӯза, ҳаҷ ва ғайра аст, иқдоми гурӯҳе кофӣ аст. Ҳамчунин, агар мурод аз мункар барчида шудани тамоми мафосид аз тамоми ҷомеа бошад, бояд тамоми мардум бапо хезанд; дақиқан мисли тозаву озода кардан, ки агар ҳадафи мо тозагии ҳамаи хиёбонҳо, бозорҳо, мактабҳо, кӯчаҳо ва хонаҳо бошад, ин кор марбут ба ҳамаи мардум мешавад, вале агар ҳадаф аз тозагӣ, ончи дар пеши дидагони мо вуҷуд дошта ва муҳим аст, ҳаракати қисмате аз мардум кофӣ аст.

## Амр ба маъруф ва даъват ба ҳақ махсуси як гурӯҳ нест

Дар ҷомеа аз нақши ашхос набояд ғофил шавем. Агар як футболист дар майдони бозӣ дар баробари чашми дигарон аз Худо ёд кунад ва барномаҳои намози ҷамоатро дар майдони варзишӣ эҳё кунад ва агар як донишгоҳӣ дар байни дарс каломи худро қатъ кунад ва ба намози аввали вақт биистад; ва агар муҷриёни симо сухан ва барномаҳои худро қатъ кунанд ва дар аввали вақт ба намоз биистанд, фарҳанги намози аввали вақт ривоҷ меёбад.

**Хотира**

Рӯзе, ки Шоҳ аз Эрон фирор кард, Имом Хумайнӣ дар маҳалле аз атрофи Париж буд. Садҳо хабарнигор ва филмбардор гирди эшон ҷамъ шуданд то суханони эшонро ба таври мустақим ба дунё пахш кунанд.

Он рӯз, муҳимтарин рӯз дар таърихи Эрон ва он паём ҳам муҳимтарин сухани эшон буд. Ҳамин ки Имом рӯи курсӣ нишаст ва чанд ҷумлае аз тариқи хабаргузориҳо бо дунё сухан гуфт, ногоҳ аз фарзанди азизаш, ки дар канори эшон буд, пурсид: Оё аввали вақти намоз шудааст?

Гуфт : Бале. Ҳоло аввали вақти намоз аст.

Имом сухани худро, ки дар тамоми дунё ба таври мустақим пахш мешуд, қатъ кард ва ба суроғи намоз рафт. Ҳамаи хабарнигорон ва филмбардорон ҳайрон шуданд, ки чаро ногаҳон сухан қатъ шуд. Ба онҳо гуфтанд: Имом дар аввали вақт сухане бо Худо дорад на бо мардум.

**Нақши қудрат дар амр ба маъруф**

Дар ояи 41 сураи Ҳаҷ мехонем: Касоне, ки ҳар гоҳ барояшон қудрату имкон додем, намозро барпо медоранд ва закотро мепардозанд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд.

Аз ин оят маълум мешавад, ки масъалаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар танҳо як мавъизаи оҷизона дар муқобили хилофкор нест, балки маъмурияте аз тарафи қудрат аст. Бидуни қудрат наметавон аз бисёре аз корҳои мункар ва бахусус мункароти байналмилалӣ пешгирӣ кард. Дар Қуръон мехонем: Агар тоифае аз мусулмонон даст ба таҷовуз зананд, вазифаи дигарон аст, ки бо қудрат пеши роҳи ӯ биистанд, то ба амри Худо, боз гардад ва даст аз

туғён бардорад.[1] Агар дар ҷомеа қудрат набошад, аҳкоми илоҳӣ мисли ҳад ва дия ва қисос иҷро намешавад.

Танбалию беҳолӣ ва тарс дар инсон беморӣ ва офатҳое ба вуҷуд меварад, ки дар дуоҳо аз онҳо ба Худованд паноҳ бурда мешавад.[2]

Яке аз далелҳои шикасти мусулмонон дар ҷанги Уҳуд, сустии онҳо буд.

Ногуфта равшан аст, ки ин қудрат, дар сояи ваҳдат ва итоат аз як пешвои одил ва шуҷоу басир ва доштани тахассусҳои гуногун ва ҳушёрии ҳамаи мардум пайдо мешавад.

## Ҷойгоҳи амр ба маъруф, ҷойгоҳи қудрат

Қуръон мефармояд: Амру наҳй аз ноҳияи пешво ва ёвар сарчашма мегирад, на аз ноҳияи заъфу нотавонӣ.

Мардону занони боимон, ҳама ёвару дӯстдори якдигаранд, халқро ба кори нек амр мекунанд ва аз кори зишт наҳй мекунанд.[3]

Аз дидгоҳи Ислом ҳамаи мардум аз якдигаранд ва нисбат ба якдигар муҳаббат доранд.[4] Барои мисол, Ансор ва мардуми Мадина аз воруди мусулмонони Макка ва муҳоҷирин хушҳол буданд ва ҳатто дар шароити душвор манфиати дигаронро аз манфиатҳои худ муҳимтар медонистанд.[5]

---

[1] Сураи Ҳуҷурот-9.

[2] Сураи Ҳуҷурот-9.

[3] СураиТавба -71.

[4] Сураи Оли Имрон -195.

[5] «...Ва ҳарчанд ба чизе ниёзманд бошанд, боз ҳам муҳоҷиринро бар худ муқаддам медоранд... », (Ҳашр-9).

Пайғамбари Акрам (с) борҳо миёни онҳо бародарӣ барқарор кард ва фармуд: Ҳамоно, мӯъминон бо якдигар бародаранд.[1]

Бо ин ҳол, агар касе дигареро аз кори мункар боз дорад ва ё ба маъруфе амр кунад, набояд ӯро як шахси фузул ва музоҳиме[2] донист, ки беҷиҳат ба корҳои дигарон дахолат мекунад, балки бояд ӯро як шахси дилсӯз донем, ки аз тарафи Худованд, муҳаббату сарпарастӣ ва ҳаққи назорату амру наҳй ба ӯ дода шудааст.

**Як намунаи Қуръонӣ аз наҳйи мункар**

Ҳазрати Иброҳим ҳамин ки амаки худро бутпараст дид, ба ӯ гуфт: Ин муҷассамаҳое, ки шумо пойбанди ибодати онҳо шудаед, чӣ маъно дорад?[3]

Дар ин баёни бисёр кӯтоҳ, ба чанд асли муҳим дар амр ба маъруф ва наҳйи мункар пай мебарем, аз ҷумла:

1-Касе, ки амр ба маъруф мекунад, бояд аз рушду кифояти хоссе бархурдор бошад.

2-Дар амру наҳй синну сол муҳим нест.

3-Амру наҳйро аз наздикон шурӯъ кунед.

4-Дар наҳй аз мункар, ибтидо аз бузургтарин мункарот наҳй кунед.

5-Дар амру наҳй диққати мардумро ба каромат ва шахсияти худашон баргардонед.

6-Дар наҳй аз мункар, гоҳе бояд як нафар дар муқобили гурӯҳе қарор гирад.

---

[1] Сураи Ҳуҷурот-10.

[2] Фузул ва музоҳим – касе, ки ба корҳои дигарон дахолати беҷо менамояд.

[3] Сураи Анбиё -52.

7-Дар амру наҳй бо шеваи савол виҷдонҳоро бедор кунед.

8-Дар амру наҳй қотеият ва сароҳат дошта бошед.

Ин аслҳо ва дарсҳое буд, ки дар нигоҳи аввал ба зеҳнам омад. Шояд шумо агар фикр кунед ва ё ба китобҳои тафсири Қуръон нигоҳ кунед, матолиби дигаре низ ба даст оваред.

## Осор ва баракоти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

**Баракоти маънавӣ**

**1- Наҷот аз қаҳри Худо**

Амиралмӯъминин Алӣ (к) фармуд: Ҳар кас кори мункар ва хилоферо дид ва қалбан аз он норохат шуд, ҳамоно ин шахс аз қаҳри Худо наҷот пайдо карда ва тан ба саломат бурдаст. Ва ҳар кас бо забон аз кори хилоф наҳй кунад, ба подош расидаст.

**2- Баҳра аз лутфи Худованд**

Ҳар кас бо шамшер ва қуввату қудрат барои иззати калиматуллоҳ қиём кунад, ба воқеияти лутфи илоҳӣ расидааст.

Ҳар кас бидъатгузореро бо наҳй аз мункар намудан битарсонад, Худованд қалбашро аз имон пур мекунад. Вале агар нисбат ба бидъатгузор бо мулоимат рафтор кунад, қонуни Худоро таҳқир намуда ва ночиз шумоидааст.

**3- Нишонаи беҳтарин будан**

Паёмбари Акрам (с) фармуд: Беҳтарини мардум касе аст, ки мардумро ба маъруф даъват кунад.[1]

Баръакс агар касе дар муқобили маъруфу мункар ҳеҷ гуна эҳсосе надошта бошад, инсонияти ӯ дар ҳадде дигаргун шудааст, ки дигар сухани хайрро намепазирад.

**4- Асари амр ба маъруф дар худи инсон**

Ҳазрати Алӣ (к) ба фарзандаш фармуд: Амр ба маъруф кун, то аҳли маъруф бошӣ.[2]

Оре, ҳамон гуна ки агар инсон либос шӯяд, дасти худаш

---

[1] «Наҳҷ-ул-фасоҳа».

[2] Наҳҷулбалоға, номаи 31.

низ пок мешавад, касе, ки мардумро ба хайр даъват мекунад, ба таври табиӣ саъй мекунад, то худаш низ ба он коре амал кунад, ки ба дигарон супориш мекунад.

**5- Ширкат дар ҳамаи савобҳо**

Дар ривоёти зиёде мехонем: Ҳар кас мардумро ба кори хайр роҳнамоӣ ва даъват кунад ва мардум ба хотири даъвати ӯ он корро анҷом диҳанд, даъваткунанда ба савоби он кор шарик мешавад, бе он ки аз аҷру савоби дигарӣ коста шавад.

Ҳар кас дигареро ба кори хилоф ва инҳирофӣ даъват кунад, дар кайфари корҳои фасоди ӯ шарик аст. Бинобар ин касе, ки амр ба маъруф мекунад, дар подоши ҳамаи корҳое, ки мардум ба хотири даъваташ анҷом медиҳанд, шарик аст.

**Баракоти иқтисодии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Қуръон мефармояд: Агар мардуми минтақаҳо имон оваранд ва тақво пеша кунанд, (ки яке аз мисдоқҳои тақво амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст) ба таври қатъӣ, аз осмону замин баракоте хоҳем кушод.[1]

Имом Боқир (р) мефармояд: Бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар касбҳо ҳалол мешавад ва замин обод мегардад.

Дар ҷои дигар мефармояд: Миқдори борон дар ҳар сол баробар аст, вале агар мардум гуноҳ кунанд, Худованд масири боронро тағйир медиҳад. Сипас эшон барои ҳар гуноҳе осореро баён намуд:

- Агар дар ҷомеа зино зиёд шавад, сакта ва марг зиёд мешавад.

[1] Сураи Аъроф-96.

- Агар камфурӯшӣ (аз тарозу ва ғайра) зиёд шавад, қаҳтӣ пайдо мешавад.
- Агар закоти мол дода нашавад, баракоти замин кам мешавад.
- Агар паймоншиканӣ ва бевафоӣ зиёд шавад, душман ғолиб мешавад.
- Агар силаи раҳм қатъ шавад, амвол ба дасти ноаҳлон меафтад.
- Агар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар тарк шавад ашрору авбош бар мардум тасаллут пайдо мекунанд, ба тавре ки доду фарёд осоре нахоҳад бахшид.

**Баракоти иҷтимоии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Қуръон ҷомеаеро растагор медонад, ки гурӯҳи махсусе барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дошта бошад.[1]

Дар ояти дигаре мефармояд: «*Нишонаи беҳтарин ҷомеа он аст, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар он зинда бошад*».[2]

Солеҳоне, ки мо дар ҳар намоз бо ҷумлаи «Ассалому алайно ва ало ибодуллоҳис- солиҳин» бар онҳо салом мефиристем, касоне ҳастанд, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекунанд.[3]

Дар ояти дигаре мефармояд: «*Ҳангоми азоб танҳо наҳйкунандагон аз мункар наҷот пайдо мекунанд ва бақияи мардум хоҳ гунаҳкор бошанду хоҳ афроди сокит ва бетафовут, гирифтори қаҳри Худо мешаванд*».[4]

---

[1] Сураи Оли Имрон-104.
[2] Сураи Оли Имрон-110.
[3] Сураи Оли Имрон-114.
[4] Сураи Аъроф-164.

Имом Боқир (р) дар бораи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар фармуд: «*Ҳар кас он дуро ёрӣ кунад, Худованд ба ӯ иззат медиҳад. Ҳар кас амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро хор кунад, Худованд ӯро хор мекунад*».[1]

**Баракоти сиёсии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Ҳазрати Алӣ (к) фармуд: «*Такягоҳи мӯъминон ва василаи таҳқири куффор, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст*».[2]

Агар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар анҷом нагирад, ба тадриҷ ашрор бар шумо ҳоким хоҳанд шуд ва кор ба ҷое хоҳад расид, ки хубони шумо ҳар чӣ фарёд зананд, посух намешунаванд.[3]

Дар ривоёти дигар мехонем: «*Агар наҳй аз мункар накунед ва пайрави аҳли байти поки Расули Худо набошед, Худованд, ашрорро бар шумо мусаллат хоҳад кард ва чунон дар фишор қарор хоҳед гирифт, ки ҳар чӣ хубони шумо дуо кунанд, мустаҷоб нашавад*».[4]

---

[1] «Биҳор-ул-анвор».

[2] «Наҳҷулбалоға», ҳикмати 31.

[3] «Таҳзиб» ҷ.6, саҳ.176.

[4] «Биҳор-ул-анвор».

## Доираи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Бар хилофи тасаввури баъзеҳо, ки амру наҳйро марбут ба тазаккуроти фардӣ дар гуноҳони шахсӣ медонанд, ин ду воҷиб дар мадоре ба вусъати тамоми дин дар ҳаракат ҳастанд.

Бинобар ин тамоми вазоратхонаҳо, созмонҳо, органҳо, марзҳо ва садою симо майдони амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Ин мадори бузургро мо аз ҳадисе мефаҳмем, ки мефармояд: «*Қиём ва устувории фароиз бо амри маъруф ва наҳйи мункар аст*».

Эҳёи намоз ба даъвати мардум аст, он ҳам бо савти зебо ва расо дар макони баланд, ба таври мукаррар, ки бигӯем: «*Ҳайя алас-салот*» (Ба намоз ҳозир шавед). Ин ҷумла худ амр ба маъруф аст. Дар масъалаи ҷиҳод агар таблиғот ва даъвату ташвиқ аз яксӯ ва барномарезию мудирият аз сӯи дигар набошад, майдон хилват мешавад. Дар мавзӯи закот низ агар тазаккуроти пай дар пай набошад, ангеза барои адо кардани хумсу закот аз байн меравад. Дар идомаи ҳадис мехонем: «...*бо иҷрои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, амнияти роҳҳо таъмин мешавад*».

Ҳамин аломатҳои содда, ки дар сари роҳҳо мебинем ва ин тазаккуроту ҳушдорҳо ва эълони хатарҳо ва назоратҳову таъини миқдори суръат, пеши роҳи ҳазорҳо ҳодисаи талхро мегирад. Агар нозири роҳ дар сари роҳ қарор намегирифт ва ё ин ҳушдорҳо ва ҷаримаҳо ва паёмҳо набуд, ҳар рӯз мошинҳо дуздида мешуданд, исонҳо рабуда мешуданд, мошинҳо бо суръатҳои беандоза зиёд мерафтанд ва мусобиқаҳои беҷо мегирифтанд, кирояҳо бештар аз ҳадди маъмул гирифта мешуд ва боз ҳараҷу мараҷҳои дигаре дар роҳҳо ба вуҷуд меомад ва барои ҳар мусофирати инсон тамоми хешовандони ӯ дилҳура пайдо

мекарданд.

Дар ҷумлаи дигаре, ки аз баракоти амр ба маъруф сухан мегӯяд. Мехонем: *Бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар даромадҳо ҳалол мешавад*.

Агар фурӯшандае ҷинси маъюбро вориди бозор кунад ва ҳамаи мардум фарёд бардоранд ва интиқод кунанд, давлат ӯро танбеҳ кунад, бозор ислоҳ мешавад. Агар дар муқобили камфурӯшиҳо. гаронфурӯшиҳо, рибохӯриҳо ва ҳилаю тазвирҳо ҳамаи афрод ҳассос бошанд, бозор ҳам ислоҳ мешавад.

Ҳазрати Алӣ (к) гоҳе бо тозиёна вориди бозор мешуд ва ба касоне, ки ҷинси худро дар соя мефурӯхтанд, то айби он махфӣ бимонад ва ё ҷинси беҳтарро рӯи дигар ҷинсҳои бесифат мениҳоданд, ҳушдор медод.

Дар баҳси шеваҳо дар ҳамин китоб иншоаллоҳ хоҳем хонд, ки:

Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба Ибни Масъуд фармуд: *Бо гунаҳкорон муомила накунед!* - Агар мусулмонон ба ҳамин ҷумла амал кунанд, яъне бар зидди туҷҷори хилофкор эътироз кунанд, ӯ маҷбур мешавад худро ва тиҷораташро ислоҳ кунад.

Ба ҳар ҳол, бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар метавон даромадҳоро ҳалол кард ва мардумро аз луқмаҳои ҳаром, ки оварандаи сангдилӣ ва анвои фасод барои худи инсон ва насли инсон аст, наҷот дод.

**Ҳақ ба ҳақдор мерасад**

Ҷумлаи дигар дар бораи нақши амри ба маъруф ва наҳй аз мункар, дар бораи солим намудани органҳои ҳуқуқӣ аст. Дар ин маврид чунин мефармояд: *Бо амри ба маъруф ва*

*наҳйи аз мункар ҳақ ба соҳибаш бармегардад*.

Оре! Агар мардум иттилооти содиқонаи худро ба унвони шоҳид дар ихтиёри органҳои ҳуқуқӣ қарор диҳанд ва масъулонро огоҳ кунанд, бисёре аз зулмҳо қобили баргашт аст.

Агар ҳар кас дар муқобили золим ба вазифаи худ амал кунад, золим майдоне барои зулм кардан намеёбад ва табиатан ҳақ ба соҳибаш бармегардад.

Имом Содиқ (р) ба яке аз ёронаш мефармояд: *Агар шумо Бани Аббосро тарафдорӣ намекардед, онҳо моро хонанишин намекарданд. Сукути шумо моро хонанишин кард.*

Агар имрӯз ҳамаи кишварҳои исломӣ бар сари Исроил фарёд зананд, ӯ минтақаҳои таҳти ишғоли худро ба арабҳо пас медиҳад.

**Замин обод мешавад**

Ҳазрат мефармояд: *Обод шудани замин яке аз осори амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст.*

Зеро ободӣ ниёз ба талошу сармоягузорӣ ва алоқаю тахассус ва кӯмаку ҳамкорӣ дорад, ки ҳамаи инҳо аз маъруфҳо аст ва бояд ба он амр шавад. Фосид кардани замин аз тариқи ҷангу бекорӣ ва раҳо кардану бекор гузоштани сармояҳо ва фитнаю тафриқа ва исрофу айёшӣ ҳама аз мункарот аст ва бояд аз онҳо пешгирӣ шавад.

**Интиқом аз душман**

Бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар метавон аз душман интиқом гирифт. Оре, гирифтани ҳақ ниёз ба огоҳӣ, қудрат, ирода, ваҳдат, шуҷоат ва таблиғот дорад, ки ҳар як аз онҳо бо тазаккур ва ҳимояту ташвиқ ва ба ибораги дигар бо амри ба маъруф ҳосил мешавад.

**Барқарории низом ва субот**

Бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, низоми шумо субот пайдо мекунад. Зеро агар беҳтарин қонун ва низомро дошта бошем, вале аз он қонун муроқибат ва ҳимоят нашавад, мутазалзил мешавад ва аз байн меравад. Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар зомини пойдории низом ва ҳимоят аз некӯкорон буда ва устухоне дар гулӯи қонуншиканон аст.

## Мароҳили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Барои даъват ба кори хайр ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, се марҳала шумоРидаанд, ки онҳоро хулоса ва феҳраствор баён мекунем:

**Марҳалаи аввал** он аст, ки инсон қалбан (дар дили худ) аз ин ки маъсияти Худо шавад, нороҳат бошад ва кори хилофро дар руҳи худ мункар бидонад ва аз он нафрат дошта бошад. Дар ин марҳала узри ҳеҷ кас пазируфта нест, яъне ҳатто афроди нотавон ва лолу нобинову бепул, ҳама бояд қалбан аз гуноҳ нафрат дошта бошанд.

**Марҳалаи дуввум** он аст, ки амркунандаи ба маъруф бо забон ба хилофкор ҳушдор ва огоҳӣ диҳад ва ӯро ба хубиҳо супориш кунад. Дар Қуръон мехонем: *Кист беҳтар аз касе, ки ба сӯи Худо даъват кунад ва кирдори худаш некӯ бошад ва бигӯяд, ки ман аз мусулмонам.*[1]

**Марҳалаи севвум** он аст, ки агар бо забон гуфтан асар накард, бо қудрат пеши роҳи хилоф гирифта шавад.

**Таъсиргузорӣ**

Нуктаи муҳимме, ки бояд дар ин ҷо баён шавад, ин аст, ки меҳвари амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, таъсир аст.

---

[1] Сураи Фуссилат-33.

Яъне асл ин аст, ки хилофкор аз чӣ тариқе аз кирдори худ даст мебардорад, барои мисол:

- Агар бо ишора асар дорад, ишора воҷиб мешавад.
- Агар фарёд асар дорад, фарёд воҷиб мешавад.
- Агар таҳдид асар дорад, таҳдид воҷиб аст.
- Агар ба такрор огоҳӣ додан асар дорад, такрор воҷиб аст.
- Агар нолаву тақозои дастаҷамъӣ асар дорад, ин корҳо воҷиб аст.
- Агар сухани мо асар надорад, вале тазаккури шахси дигаре асар дорад, бояд он шахсро водор ба гуфтан кунем.

Меҳвар дар ин кор он аст, ки маъсияти Худованд нашавад ва ин кори муқаддас мунҳасир ва маҳдуд ба як роҳи хоссе нест, вале:

- Агар тазаккур дар замони хоссе асар дорад, бояд ҳушдори мо дар ҳамон замон бошад.
- Агар тазаккур дар фазо ва макони хоссе асар дорад – барои мисол дар замони истироҳат, сайру гашт ё меҳмонӣ омодагии қабули сухан бештар аст – бояд он шароитро фароҳам кард.
- Агар таъсири калом ва мубориза замоне аст, ки ҳукумат ва қудрат дошта бошем, бояд суроғи қудрат равем.

Он чи Ислом аз мо хостааст, маҳви ботил, эҳқоқи ҳақ, манъ аз мункарот ва супориш ба маъруф аст. Вале дар шева ва роҳи чӣ гуна анҷом додани он тааббуде нест, яъне дар ин ки чӣ гуна бошад, дар чӣ замон бошад, бо кадом василае бошад, аз тарафи чӣ касе бошад, ба чӣ шакл бошад ҳеҷ маҳдудияте нест.

Ислом посухи ҳамаи инҳоро ба ақл вогузор карда ва меҳвар ва роҳнамоии ақлро беҳтарин, бештарин ва зудрастарин таъсир донистааст.

**Дидгоҳи Оятуллоҳ Шаҳид Садр**

Эшон оёт ва ривоёти амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро ба таври зер шарҳу баррасӣ намудааст:

Гоҳе муроди мо аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар тазаккури шахс ба шахс ва дар бораи корҳои шахсӣ ё ҷузъӣ аст. Монанди касе, ки ғайбат мекунад ва шумо ӯро аз ин мункар наҳй мекунед. Дар ин амру наҳй, риоят намудани ду шарт хуб аст, аввал ин ки эҳтимол диҳем амру наҳйи мо таъсир дорад ва дуввум хатари ҷонӣ бароямон надорад.

Аммо гоҳе мурод аз амру наҳй, пешгирии қатъӣ аз бидъатҳо, инҳирофоти фикрию амалӣ ва сиёсии ҷомеа, муфсидини филарз (фасодкунандагони дар рӯи замин) ва ошкор сохтани ҳақ ва нобудии ботил аз ҷомеа ва тағйири низоми фосид аст. Дар ин мавридҳо, шарти эҳсоси амният даркор нест ва агар ҷону молҳо фидо шавад, то қонуни Худо амал шавад, арзиш дорад.

Бинобар ин гоҳе бояд мисли Имом Ҳусейн (р) барои амр ба маъруф ҷони худро фидо кард, то мардум хатти набавиро аз хати умавӣ фарқ кунанд.

Оре, барои ҳифзи арзишҳо агар ҳатто афрод нобуд шаванд, ҷоиз аст. Ҳазрати Алӣ (к) дар номае, ки ба Усмон ибни Ҳунайф навиштааст, ӯро ба хотири ҳузур дар суфрае, ки сарватмандон гирди он ҳузур доштаанд, вале фақирон дар сари он суфра набудаанд, ба шиддат мавриди сарзаниш қарор додааст, чунон ки қарнҳост обрӯи Усмон ибни Ҳунайф ба хотири ин нома аз байн рафтааст. Вале Алӣ (к) роҳро ҳифз кард, роҳи Алӣ роҳи зӯҳд ва таваҷҷӯҳ ба маҳрумин аст, на роҳи осоишу лаззат ва хушгузаронӣ бо сарватмандон. Ҳифзи арзишҳо муҳимтар аз ҳифзи афрод аст ва шахс бояд фидои ақида шавад, на ақида фидои шахс.

### Анҷоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ҳатто агар асар накард

Бузургон шарти воҷиб шудани амр ба маъруфро дар сурати эҳтимоли таъсири он донистаанд. Яъне агар таъсир накард, воҷиб нест. Мо дар зимни эҳтиром ба ин қоидаи куллӣ, ба чанд нуктаи дигар низ ишора мекунем:

1) Мумкин аст феълан асар накунад, вале ба хотири аҳамияти кор бояд баъзе ашхос то марзи шаҳодат пеш раванд ва сухани ҳақро зананд.

Имом Ҳусейн (р) фармуд: Ман барои эҳёи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ба Карбало меравам. Дар он вақт, Имом шаҳид шуд ва Язиду лашкариёнаш таҳти таъсир қарор нагирифтанд. Вале дар фитрати умуми мардум ва таърих, ноҳақ будани Банӣ Умайя ва исмат ва мазлумияти Аҳли Байти Паёмбари Акрам (с) нақш баст.

Дар Қуръон ҳам ба ҷумлаҳое бармехӯрем, ки нишон медиҳад, гоҳе бояд дар роҳи адолат шаҳид шуд.

Ба ҳар ҳол, агарчӣ барои умуми мардум шарти фарз шудани амру наҳй таъсир намудани он аст, аммо барои анбиё ва авлиё ва уламо гоҳе фарёд задан лозим аст ва онҳо бояд то марзи шаҳодат пеш раванд, то роҳи рост тавассути ситамгарон ва аз тариқи бидъатҳо ва инҳирофот маҳв нашавад.

2) Фазосозӣ як арзиш аст. Барои мисол ҳар кас, ки ба танҳоӣ машғули намоз мешавад, мустаҳаб аст, ки азон бигӯяд ва дар азон, бонги «Ҳайя алас-салот» сар диҳад. Дар ин ҷо мебинем, ки гуфтани ин ҷумла як арзиш аст, ҳар чанд, ки шунавандае вуҷуд надошта бошад, ки барои барпоии намоз биштобад. Ҳифзи қонун ва пешгирии он аз нобуд шудан, як арзиш аст. Ба ҳамин сабаб Ислом ба заноне, ки дар ҳар моҳ чанд рӯзе намоз барояшон фарз

нест, дастур медиҳад, ки дар ин айём, дар ҳангоми намоз, рӯ ба қибла биншинанд ва зикри Худо намоянд то расми намозхонии онҳо ҳифз шавад.

Ислом ба зиёраткунандагони хонаи Худо, ки барои аввалин бор ба ҳаҷ мераванд фармудааст, дар рӯзи иди Қурбон сари худро тарошанд.

Сипас ба касоне, ки сарашон мӯй надорад, супориш мекунад, теғе рӯи сари худ бикашанд то ҷиҳати қонунии он ҳифз шавад. Ҳамчунин агар дар чаҳорроҳ ва хиёбон мошине набошад, лозим аст дар ҳангоми чароғи сурх биистем то ба қонун амал карда бошем.

Ин намунаҳо ба мо мегӯяд, ки агар ҳама сукут кунанд ва гӯянд, ки амр ба маъруф асаре надорад, кам-кам маъруф дар ҷомеа аз байн меравад ва гунаҳкор ҳар рӯз ҷасуртар мешавад ва мусулмонон бештар ақибнишинӣ мекунанд. Дар ин маврид ба ҳар сурат бояд амру наҳй анҷом гирад, гарчӣ асар накунад.

3) Мумкин аст амру наҳй дар афрод асар накунад, вале бо наҳй аз мункар лаззати гуноҳро аз коми гунаҳкор мебарем ва намегузорем, ки ӯ ақаллан бо хаёли роҳат гуноҳ кунад. Ин эҷоди дилхура ва хавотирӣ бо наҳй аз мункар, майдонро бар гунаҳкор танг мекунад ва ин худ як арзиш аст. Ислом ба мо супориш додааст, ки ба тарафи шахси гунаҳкор бо қиёфаҳои гирифта ва ғазаб нигоҳ кунед то ӯ худро назди шумо манфур бубинад. Бинобар ин мумкин аст даст аз кори хилоф набардорад, аммо коми гунаҳкорро талх кардан лозим аст.

4) Наҳй аз мункар нишонаи озодӣ аст. Ва агар ба хотири таъсир накардани он наҳй, ҳама сокит шавем, бояд бидонем, ки ҷомеаро бо дасти худамон ба муҳити буғикунанда, вахшат ва маргофарин табдил додаем.

Бинобар ин барои ҳифз ва дифоъ аз озодӣ бояд фарёд зад, гарчӣ дар он замон касе гӯш надиҳад.

5) Наҳй аз мункар ва амр ба маъруф, қадаме ба сӯи худсозӣ аст, зеро талқин намудан ба худ, эълони мавҷудият, нишонаи бедорӣ ва шинохту тааҳҳуд аст. Оре, гуфтан, ҳадди ақал, ин осорро барои худи инсон дорад, ҳарчанд ки гунаҳкор дар он замон ҳеҷ аксуламале аз худ нишон надиҳад.

6) Бо ин ки мумкин аст, суханони имрӯзи мо ба шунаванда асар накунад, вале барои мо дар охират подош ва савобе ҳаст.

Яке аз баракоти имон ба Худо ва маод ҳамин аст, ки ҳаргиз инсон худро бозанда намепиндорад. Агар барои ризои Худованд ба сӯи масҷид равед, савоби намози ҷамоатро хоҳед ёфт, ҳарчанд ки масҷид баста бошад. Инсони мухлис, бо Худо муомила мекунад ва барои ризои Худо сухан гуфтан подоши фаровоне дорад, хоҳ касе ба ин суханҳо гӯш диҳад ё надиҳад. Қуръон беҳтарин мардумро касе медонад, ки ба ҳақ даъват кунанд,[1] гарчӣ ҳамеша ин даъватҳо муассир набошанд. Оре, агар шогирд дарси устодро хуб нахонад, маоши муаллим кам намешавад.

7) Асари фаврӣ лозим нест. Гоҳе амр ба маъруф ва наҳй аз мункари шумо асари фаврӣ надорад, вале мутмаин бошед, ки дар оянда асар дорад, зеро гоҳе ҳолати инсон тавре аст, ки ҳоли ҳақшунавӣ надорад, вале тазаккури шумо дар замони дигар рӯи фикри ӯ таъсир мегузорад.

8) Тамрини ҷуръат. Амру наҳй кардан, ҳифзи рӯҳияи ҷуръат аст. Агар ба далели он ки асар надорад, амру наҳй накунед, кам-кам ҷуръати фарёд задан ва гуфтан дар шумо

---

[1] Сураи Фуссилат 33.

кам мешавад.

9) Оромиши виҷдон. Фарёд бар сари гунаҳкор сабаби оромиши виҷдони имонии худи инсон мешавад. Касе, ки фарёд мезанад ҳаргиз дар виҷдон худро маҳкум ба тарсу сукут ва созишу бетафовутӣ намекунад.

10) Роҳи Қуръон ва анбиё аст. Ростӣ, ки аз анбиё беҳтар нестем. Он бузургворони маъсум борҳо бо истидлолу мӯъҷиза ва ахлоқи хуб наҳй аз мункар мекарданд, вале аксари мардум гӯш намедоданд. Ба қавли Қуръони Карим:

«*Ҳар гоҳ тазаккуре ба онҳо дода мешуд, мутазаккир намешуданд*».

«*Мо ҳама мӯъҷизоти худро ба Фиръавн нишон додем, вале зери бор* нарафт».

«*Агар ҳар мӯъҷизае бинанд, рӯй мегардонанд ва мегӯянд, сеҳр аст*».

11) Амру наҳй узр барои мо ва итмоми ҳуҷҷат барои гунаҳкорон аст.

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар итмоми ҳуҷҷат бар гунаҳкор аст, то нагӯяд, касе ба ман тазаккур надод ва ҳамчунин узр аст барои мӯъмин то ба ӯ гуфта нашавад, чаро фарёд назадӣ?

Қуръон мефармояд: «*Узран ав нузро*» - гуфтан ё сабаби тазаккур аст ё сабаби узр. Агар эҳтимол равад, ки амру наҳй бар шунаванда таъсир мегузорад, он вақт амру наҳй кардан воҷиб аст ва агар эҳтимол равад, ки таъсире надорад, воҷиб нест, на ин ки мамнӯъ аст. То он ҷо, ки Худованд манъ накардааст метавон ба пеш рафт, вале агар кор ба ҷое расид, ки аз тарафи Худованд фармони таваққуф омад, таклифи инсон дигар мешавад. Ҳамон гуна ки дар оёти зер мефармояд:

*«Аз онҳо рӯй гардон, ки фоидае надорад».*[1]

*«Нидои ту ба гӯши инсонҳои кар намерасад».*[2]

*«Гурӯҳе мисли мурдаҳои қабранд, ки ту наметавонӣ сухане ба онҳо бишнавонӣ».*[3]

*«Онҳоро раҳо кун».*[4]

---

[1] Сураи Нисо 63 ва 81, Анъом 68.

[2] Сураи Рум 52, Намл 80.

[3] Сураи Намл 80. Рум 52.

[4] Сураи Анъом 91, Ҳиҷр 3.

## Эҳёи сармояҳои дарунӣ барои пазириши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

**1-Имон ба Худо**

Беҳтарин василаи амр ба мъруф ва наҳй аз мункар, ақида ба мабдаъ ва маод аст. Барои ҳамин агар касе бихоҳад ба таври решаӣ мардумро ба маъруф водор кунад, бояд рӯи ақоиди мардум кор кунад. Барои мисол, ба касе, ки вориди манзил мешавад, замоне метавон гуфт, ин корро бикун ва ин корро накун, ки ақида дошта бошад бар ин ки манзил соҳибе дорад, ҳисобу китобе ҳаст, ҳамаи ҳаракоти инсон зери назар гирифта мешавад ва ғайра.

Бо ин ақида метавон барои ӯ роҳи саҳеҳро пешниҳод намуд. Вале агар ӯ фикр кунад, ки ин хона бесоҳиб аст ва ҳисобу китобе вуҷуд надорад ва ман озод ҳастам ва ҳисобрасию назорате нест... Дар ин сурат мо наметавонем ӯро идора кунем, зеро фикр мекунад, ки ҳар чӣ набарад, аз кисааш рафтааст ва ҳар чӣ айёшӣ накунад, бохтааст. Пас дар хонаи бесоҳиб ва беҳисобу китоб охирин рехту пошро хоҳад кард.

Оре, агар инсон мӯътақид шуд, ки ин ҷаҳон хонаи бузурге аст ва соҳибе ҳамчун Худованд дорад ва ҳисобе ҳамчун қиёмат дорад ва тамоми корҳои ӯ сабт мешавад ва назорат мешавад ва ҳатто бар фикру нияти ӯ нозире назорат мекунад, ҳамин имон ва биниш ӯро дар ҷаҳон ба як инсони вораста ва ботақво табдил медиҳад. Ин афрод баръакси инсонҳои беэътино ва беимон ҳастанд, зеро қонун ва ҷаримаҳо барои ашхоси беимон монанди рехтани сатили об дар чоҳи хушк аст, ки бо рехтани ду сатил об ҳеҷ обе дар он ҷамъ намешавад. Бинобар ин муҳимтарин ва аслитарин васила барои даъват ба хайру некӣ ва наҳй аз

гуноҳ имон доштан ба мабдаъ ва маод аст. Имон дар даруни инсон ҳамчун ҷӯшиши об дар даруни чоҳ аст, ки худ ба худ инсонро аз фасод боз медорад.

**Имон ба Худо кофӣ нест, дар ёди Худо будан низ лозим аст**

Баъзе инсонҳо имон доранд ва ҳатто метавонанд соатҳо дар бораи исботи Худованд ва маод суханронӣ кунанд, вале фаромӯшкоранд ва худашон ҳамеша дар ёди Худо нестанд. Дар ҳоле ки барои инсон ҳам имон лозим аст ва ҳам доимо дар ёди Худо будан.

Худованд дар Қуръон дар бораи инсонҳое, ки ёди Худоро фаромӯш мекунанд, мефармояд:

«*Имон надоранд*».[1]

«*Худоро фаромӯш мекунанд*».[2]

«*Қиёматро ба фаромӯшӣ месупоранд*”.[3]

Далел ва розу рамзи намоз ин аст, ки инсони мӯъмин ҳамеша бо ёди Худо бошад.[4]

Дар замонҳое, ки ҳодисаҳои талху ширин ё фишор ба инсон рӯй меоварад, супориши Қуръон ин аст, ки инсон зиёд ёди Худо кунад.[5] Имон ба Худо агар ҳамроҳ бо ёди ӯ набошад, корои зиёде нахоҳад дошт. Ёди Худо бояд саросари зиндагии мо бошад, хӯроке, ки мехӯрем бояд гӯшти ҳайвони забҳшуда бо номи Худо бошад; омезиш бо ҳамсар бо «Бисмиллоҳ» бошад; савор шудан ба маркаб,

---

[1] Сураи Алҳоққа 32.
[2] Сураи Ҳашр 19.
[3] Сураи Сод 26.
[4] Сураи Тоҳо 14.
[5] Сураи Анфол 45.

пӯшидани либос ва ҳар кори моддӣ ва маънавӣ мисли хондани як сатр шеър ва ё нома, ҳамагӣ бояд бо номи Худо бошад.

Касе, ки Худоро нозир ва фариштагони ӯро маъмури сабти корҳои худ бидонад; имон дошта бошад, ки на танҳо корҳои ӯ ҳисобу китоб дорад, балки осор ва аксуламали корҳои ӯ муҳосиба мешавад ва ба номи ӯ навишта мешавад;[1] қабул дошта бошад, ки Худованд лаҳзае аз офаридаи худ ғофил нест;[2] ҳар резу дуруште мӯ ба мӯ сабт мешавад;[3] дар рӯзи қиёмат Худованд парвандаи ҳамаи аъмоли инсонро пеши рӯи ӯ хоҳад гузошт;[4] ӯ бояд ҷавобгӯи ҳамаи корҳо, балки посухгӯи фикру ниятҳои худ бошад[5] ва… чунин шахсе даст ба корҳои гуноҳ намезанад ва чунин имон ва ёди Худо инсонро аз анҷоми гуноҳ бозмедорад. Касоне, ки мехоҳанд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунанд, пеш аз ҳама бояд имон, ёди Худо ва маодро дар дили мардум зинда кунанд. Барои мисол, Қуръон ба камфурӯшон (фурӯшандагони хиёнаткор) мефармояд:

«*Оё онҳо намедонанд, ки дар рӯзи бузурги қиёмат зинда хоҳанд шуд ва бояд посухи камфурӯшии худро диҳанд*».[6]

**2 – Ташаккур аз Худо**

Дуюмин васила барои наҳй аз мункар он аст, ки хилофкорро ба ёди лутфи бепоёни Худованд биандозем, то бидонад, ки ӯ чӣ қадар ба мо лутф кард ва инсонро аз заррае офарид ва ҳама чизро дар ихтиёраш гузошт. Айби

---

[1] Сураи Ёсин 12.
[2] Сураи Мӯъминун 17.
[3] Сураи Қамар 53.
[4] Сураи Каҳф 49.
[5] Сураи Ғофир 19.
[6] Сураи Мутаффифин 4.

ӯро мепӯшонад ва ҳамчунин хубии ӯро чанд баробар подош медиҳад, дарди ӯро шифо мебахшад, дуои ӯро мустаҷоб мекунад, беҳтарин рафиқ, беҳтарин мавло ва сарпараст ва беҳтарин ёри ӯст.

Ҳазрати Алӣ (к) мефармояд:

«*Ҳатто агар Худованд барои гуноҳ дӯзахе ҳам қарор намедод*, *воҷиб буд*, *ки ба хотири ташаккур аз он ҳама лутфи ӯ*, *аз гуноҳ ва мухолифаташ дурӣ кард*».[1]

**3 – Пешкаш намудани аъмол ба Паёмбари Акрам(с) ва Аҳли Байт(р)**

Аз ҷумлаи василаҳои боздоранда аз гуноҳ ва ташвиққунанда ба хубиҳо - эътиқод бар арза доштани аъмоли мо бар Паёмбар (с) ва имомони маъсум аст. Оре, агар бидонем, ки навори гуфтугӯи мо ба мақомоти баландмартаба расонда мешавад, дар гуфтугӯи худ диққати бештаре мекунем. Дар китоби «Усули кофӣ» ривоёти зиёде нақл шудааст ба ин маъно, ки «*Дар ҳар ҳафта аъмоли шумо ба Паёмбари Акрам* (*саллаллоҳу алаёҳи ва олиҳи ва саллам*) *ва Имоми Замон* (*аҷҷалаллоҳу таоло фараҷаҳ-уш-шариф*) *арза мешавад ва он бузургворон аз аъмоли хуби шумо хушнуд ва аз аъмоли бади шумо нороҳат мешаванд*».

Ин эътиқод, ки бархоста аз Қуръон[2] ва ривоёт аст, метавонад аз беҳтарин василаҳо бошад.[3]

---

[1] «Наҳҷулбалоғa», ҳикмати 282.

[2] Сураи Тавба 105.

[3] Дар ҳадисе мехонем, ки Имом Содиқ (р) ба ёронаш фармуд:
«Чаро Расули Худоро нороҳат мекунед?»
Яке аз онҳо пурсид:
«Чӣ гуна нороҳат мекунем?»
Имом фармуд:

**4 – Таваҷҷӯҳ намудан ба осори бади гуноҳон**

Дар оёт ва ривоёти фаровоне ба ин ҳақиқат ишора шудааст, ки нузули балоҳо ба хотири гуноҳоне аст, ки анҷом додаед.

Қуръон мефармояд: «*Ҳар мусибат, ки ба шумо мерасад, ба хотири амалҳои худатон аст*».[1]

«*Қавми Самуд ба хотири нофармониашон ҳалок шуданд*».[2]

То гунаҳкор набошед, азобе нест ва ҳар куҷо азобе ҳаст, аз осори гуноҳ аст.[3] Дар аввали дуои Кумайл ҳазрати Алӣ (к) мефармояд:

«*Худовандо, гуноҳоне, ки боиси пора шудани пардаи ҳаё аст, аз ман бубахш. Худовандо, гуноҳоне, ки боиси тағйир пайдо кардани неъматҳост, аз ман бубахш. Худовандо, гуноҳоне, ки боиси ҳабс шудани дуоҳост, аз ман бубахш*».

Аз ин ҷумлаҳо маълум мешавад, ки ҳар гуноҳ осори бади махсус ба худро дорад. Бинобар ин таваҷҷӯҳ намудан ба осори бади гуноҳон, яке аз омилҳои боздоранда аз мункар аст.

**5 – Таваҷҷӯҳ намудан ба баракоти маъруф**

Ҳамон гуна ки ошноӣ бо осори шуми гуноҳ инсонро барои тарки мункар омода мекунад, ошноӣ ба манфиатҳо ва осори хубиҳо инсонро барои анҷоми маъруф омода месозад. Акнун, ки сухан ба ин ҷо расидааст намунаҳоеро дар чанд сатр нақл мекунем, вале ин намунаҳо қатрае аз баҳр аст. Зеро асрҳо қабл уламои мо дар бораи илали аҳком китобҳо навиштаанд

---

«Ҳар гуноҳеро, ки анҷом медиҳед ба Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) арза мекунед ва он ҳазрат нороҳат мешаванд».

[1] Сураи Шӯро 30.

[2] Сураи Ал-Ҳоққа 5.

[3] Сураи Ғофир 21, Оли Имрон 11.

ва ҳар чӣ илм пешрафт кунад, парда аз асрори аҳкоми исломӣ бештар бардошта мешавад.

Барои мисол, ривоёте дорем, ки барои навзод беҳтарин ғизоро шири модар медонад. Имрӯз илм пешрафт намуда ва ба иллати он пай бурдаанд.

Имрӯз, ки метавонанд аз маҷрои пешоб аксбардорӣ кунанд, беҳтар мефаҳмем, ки чаро Ислом мефармояд: «*Дар ҳолати истода пешоб накунед*», зеро маҷрои пешоб дар ҳоли истода ба хубӣ боз нест.

Имрӯз осори бади шароб ба бадани инсон беҳтар аз қадим қобили озмоиш ва мушоҳида аст.

Имрӯз дунё зарарҳои гӯшти хукро беҳтар аз даврони садри ислом мефаҳмад.

Акнун ба суроғи чанд намуна меравем дар мавриди ин ки дар маъруфҳо баракоте аст, ки агар инсонҳо онро бидонанд, ба сӯи он кашида мешаванд. Хуб аст акнун, ки аввалин рӯзи иди наврӯз аст ва тавфиқ ёфтаам то дар лаҳзаи фарорасии соли нави 1375 (ҳ.ш.) машғули навиштани китоби «Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар» дар ҷавори марқади мутаҳҳари Имом Ризо (р) бошам, ҷумлаеро дар ҳамин мавзӯъ аз Имом Ризо нақл кунам:

«*Агар мардум зебоиҳои сухани моро бидонанд, ҳатман пайрави мо мешаванд*».

Имом мефармояд, далели инҳироф ва бероҳагии мардум бехабарии онҳо аз розу рамзи суханони мо аст.

### Намунаҳое аз асрори маъруфҳо, ки огоҳӣ аз онҳо моро омодаи анҷоми он мекунад

Эҳсони мо ба мардум сабаби эҳсони Худованд ва мардум

ба мо мешавад.[1]

Садақа дафъи бало мекунад.

Ҳаҷ инсонро аз фақир шудан нигоҳ медорад.[2]

Закот молро ҳифз мекунад.[3]

Авф аз мардум, калиди авфи илоҳӣ аз мост.[4]

Силаи раҳм умрро тӯлонӣ мекунад.

Намоз инсонро аз фаҳшо ва мункар бозмедорад.[5]

Корҳои неки шумо гуноҳонатонро аз байн мебарад.[6]

Ақиқа, василаи ҳифзи навзод аз хатарот аст.

Паноҳ бурдан ба Худо ва дуо инсонро аз хатарот наҷот медиҳад.

Дурӣ аз нозу карашма занонро аз газанди инсонҳои ҳавасбоз ҳифз мекунад.[7]

Эътиқод ба Худои ягона доштан ва Алӣ ибни Абу-Толиброро дӯст доштан инсонро аз зулми золимон ҳифз мекунад.

Рӯза василаи саломатӣ аст.[8]

Қаноат калиди иззат аст.

Зӯҳд рамзи раҳмат аст.

Танҳо ёди Худо, василаи оромиш аст.[9]

Ба ҳар ҳол барои густариш ва эҳёи маъруфҳо бояд

---

[1] Сураи Исро 7.

[2] «Наҳҷулбалоға», хутбаи 110.

[3] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.10, саҳ.99.

[4] Сураи Нур 22.

[5] Сураи Анкабут 45.

[6] Сураи Ҳуд 114.

[7] Сураи Аҳзоб 32.

[8] «Биҳор-ул-анвор».

[9] Сураи Раъд 28.

мардумро бо осор ва баракоти дунявӣ ва аҷри ухравии он ошно кунем.

**Баёни мукофоти амал, василае барои наҳй аз мункар**

Барои боздоштани мардум аз мункарот ва ё ташвиқ ба хубиҳо метавонем аз тариқи баёни мукофоти амал ворид шавем. Яъне ба мардум баён кунем, ки кори хайр ё шарри шумо дар ҳамин дунё ҳам беҷавоб намемонад. Ба суроғи намунаҳое аз оёт ва ривоёт меравем:

1 – Марди солеҳе зери деворе, миқдоре ирс барои фарзандони хурдсоли худ захира карда буд. Девор дар остонаи вайроншавӣ буд. Ҳазрати Хизр (а) ва Мӯсо (а) гурусна вориди рустои ин марди солеҳ шуданд ва аз мардум талаби хӯрок карданд, аммо мардум ба он ду паёмбар хӯроке надоданд. Дар ин миён чашми Хизр (а) ба девори дар ҳоли вайроншавӣ афтод. Ба Мӯсо (а) гуфт: Бояд деворро бозсозӣ кунем.

Мӯсо гуфт: Коргарии маҷҷонӣ барои мардуме, ки буридаи ноне ба мо надоданд, чӣ маъно дорад?

Вале Хизр (а) даст ба кор шуд ва деворро сохт. Ба Мӯсо (а) фармуд: Зери ин девор ганҷе аст, ки падари некӯкоре барои фарзандонаш захира кардааст ва агар мо деворро таъмир намекардем, вайрон мешуд ва инсонҳои ноаҳл ганҷро пайдо мекарданду мебурданд ва ятимони он марди некӯкор фақир мемонданд.[1]

Оре Худованд ба хотири некӯкории падар, ду паёмбарро ба кору хидмати маҷҷонӣ водор кард. Ин достонро, ки дар сураи Каҳф мехонем, моро ташвиқ мекунад, ба ин ки ҳар кори хайре ҳатто дар ин дунё беподош намемонад. Хайри

---

[1] Сураи Каҳф 82.

он кор ё ба худи мо мерасад ё ба фарзандони мо.

Имом Содиқ (р) дар зайли ин оят мефармояд:

«*Худованди мутаол ба Мӯсо (а) ваҳй кард, ман ба хотири талоши падарон ба фарзандон лутф мекунам. Агар падарон некӯкор бошанд, ба фарзандонашон хайру баракат мерасонад, аммо агар бадкор бошанд, ба фарзандонашон осеб мерасад. Сипас фармуд: Зино накунед то ба занони шумо зино нашавад*».

Оре, таваҷҷӯҳ ба мукофоти амал василаи хубе барои анҷоми маъруфҳо ва тарки мункарот аст. Қуръони Карим мефармояд:

«*Касоне, ки фарзандони нотавоне аз худ ба ёдгор мегузоранд ва азояндаи онҳо метарсанд, бояд аз ситам намудан дар ҳаққи ятимони мардум битарсанд*».[1] Оре, бо ятимони мардум чунон рафтор кунед, ки дӯст медоред бо ятимони шумо он гуна рафтор шавад. Ҳар кас оташ равшан кунад, дудаш ба чашми худаш меравад. Зулми имрӯзи мо ба ятимони ҷомеа, кам - кам ба сурати як суннати бад медарояд ва фардо домани ятимони худи моро низ мегирад.

*Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,*
*Сӯи мо ояд садоҳоро нидо.*
*Аз мукофоти амал ғофил машав,*
*Гандум аз гандум бирӯяд ҷав зи ҷав.*

(*Маснавӣ*)

Дар ҳадис мехонем:

«Ҳар кас, дигареро ба айбе сарзаниш кунад, намемирад магар ба ҳамон айб гирифтор шавад».

**Таърих**

Яке аз василаҳо таърих аст. Ошноӣ бо зиндагии қавмҳо

---

[1] Сураи Нисо 9.

ва гурӯҳҳое, ки аҳли маъруф ё мункар буданд, инсонро ба анҷоми хубиҳо ва дурӣ аз мункарот мекашонад. Дар Қуръони Карим садҳо оят дар ин замина омадааст:

«*Мо қавмеро ба хотири гуноҳҳояшон ҳалок кардем*».[1]

«*Туғёни мардум сабаби нобудии онҳо аст*».[2]

«*Қавмеро дар об гарқ кардем*».[3]

«*Гурӯҳеро бо соиқа нобуд кардем*».[4]

«*Ҷамъеро бо боди сардкунанда нобуд кардем*».[5]

«*Шаҳри қавмеро зеру рӯ кардем*».[6]

Ошноӣ бо ин ҳушдорҳо барои наслҳои баъд яке аз омилҳои даст бардоштан аз мункарот ва куфру туғён аст. Тамоми оёте, ки инсонро ба сайр намудан дар рӯи замин ва ибратомӯзӣ супориш мекунад, ба хотири ҳамин дарс гирифтан аст. Ва тамоми оёте, ки моро ба мутолиаи оқибати кори некӯкорон ё фосидон даъват мекунад, ба ҳамин манзур аст.

---

[1] Сураи Анъом-6 ва Анфол-54.

[2] Сураи Ал-Ҳоққа 5.

[3] Сураи Анкабут 40.

[4] Сураи Фуссилат 17.

[5] Сураи Ал-Ҳоққа 6.

[6] Сураи Ҳуд 82.

## Фарқи илми таърих бо фалсафаи таърих

Ҳодисаҳои гузаштаро таърих мегӯянд. Вале фалсафаи таърих, он қонунҳо, аслҳо, дарсҳо, ибратҳо ва пандҳое аст, ки аз ҳаводиси гузашта ба даст меояд.

Як мисоли содда:

Модаре ба фарзанди хурдсолаш мегӯяд: «Ба хиёбон нарав, магар надидӣ дирӯз фарзанди фалонӣ бо мошин тасодуф кард».- Дар ин сухан, ҳодисаи дирӯз таърих аст ва панде, ки модар имрӯз аз он барои фарзандаш мегирад, фалсафаи таърих аст. Қуръон достони ҳазрати Юсуфро ба таври муфассал баён мекунад ва дар поён мефармояд: «*Ин гуна мо ба некӯкорон подош медиҳем*».

Дар ин ҷо он чи қабл аз калимаи *казолика* аст, таърих мебошад ва калимаи *казолика* – фалсафаи таърих аст. Яъне гумон накунед, ки лутфи мо ба Юсуф як лутфи шахсӣ аст, балки ҳар кас ҳамчун Юсуф дар ҳодисаҳои талху ширин муҳофизи худ бошад, мо бо ӯ ин гуна рафтор менамоем.

Дар гирифтории ҳазрати Юнус низ мехонем, ки ӯ аз Худованд узрхоҳӣ кард ва наҷот ёфт. Сипас мефармояд, ки ҳар кас содиқона аз мо узрхоҳӣ кунад, ӯро аз байни торикиҳо ва балоҳо наҷот медиҳем.

Бинобар ин фалсафаи таърих як қонун ва суннати илоҳӣ ва як ҷараёни доимӣ аст, на як ҷарақаи мавсимӣ.

Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, агар мо мардумро бо натиҷа ва поёни кори некӯкорон ва ё гунаҳкорон ошно созем ва бидонем, ки сарнавишти талху ширини қавмҳои гузашта бо мардуми имрӯз ҳеҷ фарқе надорад, ин огоҳӣ қадаме ба сӯи рушди ҷомеаи имрӯз хоҳад буд.

### Умуре, ки инсонро ба сӯи гуноҳ мебарад

Ҳамон гуна ки ақоиди инҳирофӣ сарчашмаи бисёре аз

гуноҳон мешавад, хаёлҳо ва тасаввуроти инҳирофӣ низ решаи гуноҳони бисёре хоҳад шуд. Вақте инсон гумон мекунад, ки аз дигарон беҳтар аст, онҳоро масхара мекунад. Вале агар эҳтимол диҳад, ки шояд дигарон аз ӯ беҳтар бошанд, дигар онҳоро масхара нахоҳад кард. Қуръон мефармояд: «*Қавме қавми дигарро набояд масхара кунанд, шояд масхарашавандагон беҳтар аз онҳо бошанд*».[1]

"*Занон низ якдигарро ба истеҳзо нагиранд, шояд бонуе, ки истеҳзо шудааст, беҳтар аз шумо бошад*».[2]

Гоҳе инсон гумон мекунад, ки бо ҳирс сармояаш зиёд мешавад, ғофил аз он аст, ки ризқ ба дасти Худо аст ва касоне, ки шабонарӯз ҳирс мехӯранд, ба ҷое намерасанд.

Гоҳе инсон тасаввур мекунад, ки хушбахтӣ дар мол аст ва ба сармоядорон бо ҳасрат нигоҳ мекунад. Ба қавли Қуръон, ҳамин ки мардум Қорунро медиданд, бо оҳи сарде мегуфтанд: Эй кош мо ҳам мисли ӯ сармоя доштем! Ғофил аз он буданд, ки чанде баъд Қорун чунон ба замин фурӯ рафт, ки ҳама гуфтанд: Чӣ хуб шуд, ки мо сармоядор набудем!

Гоҳе инсон гумон мекунад, ки агар бо фалон шахси шӯҳратманд издивоҷ кунад, хушбахт мешавад ва барои расидан ба ин хаёл аз ҳар гуна талоше дареғ намекунад. Ғофил аз он ки хушбахтӣ дар сояи шӯҳрат ва мақом нест.

Агар дар гумонҳои фосид, тасавуроти беҳуда ва гуноҳоне, ки инсон анҷом медиҳад, диқат кунем, хоҳем донист, ки қисмати бузурге аз гуноҳони мо бархоста аз хаёлот ва тасаввуроти мост. Бинобар ин дар оёт ва ривоёт ҷумалоте ҳаст, ки ба мардум ҳушдор медиҳад, ки хайру некӣ дар сояи

---

[1] Сураи Ҳуҷурот 11.
[2] Сураи Ҳуҷурот 11.

кадом кор аст.

Ба чанд намуна ишора мекунем:

1-Хайру некӣ дар ин нест, ки қиблаи мо ба кадом ҷиҳат бошад, балки хайру некӣ дар имон ва амали солеҳ ва кӯмак ба маҳрумони ҷомеа аст.[1]

2-Чӣ бисёр пеш меояд, ки чизеро шумо ногувор медонед, вале дар ҳақиқат хайру салоҳ дар он аст.[2]

3-Сармояҳо ва фарзандони онҳо туро ба тааҷҷуб наандозад. Худованд ирода кардааст, ки онҳоро бо ҳамин сарватҳо ва фарзандон азоб намояд.[3]

Ба ҳар ҳол, бояд аз зуд маҳкум кардан дурӣ кунем ва набояд бовар кунем, ки ончиро , ки мефаҳмем ҳақиқат дорад ва воқеият аст. Зеро бисёре аз боварҳои мо беасос ва хаёл ва таваҳҳум аст. Қуръон барои ин ки инсонро воқеъгаро тарбият кунад ва хаёлоти беҳуда ва ҳисоботи беасосро аз фикри ӯ берун кунад, оёти зиёде овардааст.

Ба ҳар ҳол дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд аз василаҳо ва заминаҳо истифода кард. Бояд заминаҳои хубро фароҳам намуд ва заминаҳои манфиро аз байн бурд.

**Чанд масъала аз «Таҳрир-ул-васила»-и Имом Хумайнӣ**

1 - Агар калом аз шахси хоссе асар даорад ва на дигарон, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ба он шахс воҷиби айнӣ аст.

Дар ғайри ин сурат амр ба маъруф ва наҳй аз мункар воҷиби кифоӣ аст, яъне агар як нафар ё гурӯҳе амал карданд, бар дигарон воҷиб нест.

---

[1] Сураи Бақара 177.

[2] Сураи Бақара 216.

[3] Сураи Тавба 85.

2 - Дар амр ба маъруф қасди қурбат лозим нест; ҳатто агар барои риё ва худнамоӣ бошад, воҷиб адо мешавад.

3 - Агар аз байн бурдани фасод ниёз ба қудрат ва сарпарастӣ дорад, ба даст овардани қудрат ва сарпарастӣ воҷиб аст.

4 - Агар бо ишора даст аз кори хилоф мебардорад, бархӯрди шадид ҷоиз нест, то ба ӯ тавҳин ва беҳурматӣ нашавад.

5 - Агар наҳйи мо аз ҳаҷми гуноҳ кам мекунад, вале гуноҳро решакан намекунад, боз ҳам воҷиб аст.

6 - Агар ба хотири наҳйи мо даст аз гуноҳи бузург мебардорад, вале гуноҳи сағира анҷом медиҳад, боз ҳам наҳй воҷиб аст.

7 - Агар наҳйи мукаррар муассир бошад, такрор воҷиб аст.

8 - Агар амру наҳйи дастаҷамъӣ муассир бошад, дастаҷамъӣ воҷиб аст.

9 - Агар сукути мо боиси ҷуръати бештари гунаҳкорон шавад, сукут ва хомӯш будан ҳаром аст.

10 – Агар амру наҳйи мо бар хилофкор асар надорад, вале бар дигарон асар дорад, амру наҳй воҷиб аст.

11 – Агар сукути мо сабаби сустии Ислом ё заъфи ақоиди мусулмонон шавад, сукут ҳаром аст.

12 – Агар пешгирӣ аз гуноҳ ниёз ба ташкилот ва созмон ва ҳизбу ҳукумат ва қудрат дошта бошад, эҷоди онҳо воҷиб аст.

13 - Ҳар гоҳ маълум шавад, ки як нафар аз миёни гурӯҳе бар анҷоми кори хилоф исрор дорад, воҷиб аст тавре наҳй шавад, ки хитоб бар он шахси хилофкор бошад. Барои мисол бигӯяд: Ҳар кас, ки хамр менӯшад, бояд тарк намояд.

Аммо наҳй кардани ҳама ё гурӯҳи хоссе ҷоиз нест. Ва набояд ба гунае наҳй шавад, ки гумон равад, ҳамаи он гурӯҳ чунин кори хилоферо анҷом додаанд.

14 – Агар рафтуомад бо гунаҳкор аз миқдори гуноҳ ё замони гуноҳ ё навъи гуноҳ мекоҳад, ин омаду рафт воҷиб аст.

15 – Агар омаду рафт бо гунаҳкор дар баъзе афроди хона асари муваққат мегузорад, боз ҳам воҷиб аст.

16 – Агар қатъи робита гунаҳкорро аз гуноҳ бозмедорад, ин қатъи робита воҷиб аст.

17 – Агар рафту омад бо касе ӯро дар гуноҳ ҷасуртар мекунад, ин рафту омад ҳаром аст.

18 – Агар шак дорем, ки омаду рафт бо гунаҳкор ӯро аз гуноҳ бозмедорад ё дар гуноҳ кардан ҷасуртар мекунад, боз ҳам ба хотири силаи раҳм бояд рафту омад дошта бошем.

19 – Агар озод гузоштани шахсе сабаби анҷоми гуноҳ гардад, ҳабс кардани ӯ воҷиб аст. Шахсе назди Паёмбари Акрам (с) омад ва гуфт: Модарам инҳироф дорад. Чӣ кунам? Ҳазрат фармуд: ӯро ҳабс кун. Гуфт фоидае надорад. Фармуд: Пеши роҳи мардумро бигир. Гуфт: Фоидае надорад. Фармуд: Дасту пои ӯро бибанд, ки беҳтарин кор барои волидайн, дур намудани онҳо аз гуноҳ аст.

20 – Агар амр ба маъруф ё наҳй аз мункари шахсе, дар мавриди хоссе, боиси суст шудани Ислом шавад, ҷоиз нест, ки амру наҳй шавад, агарчӣ дар ҷои дигар воҷиб бошад. Мисли ин ки шахси машҳур ва маҳбубе болои минбар сухани беҷое гӯяд ва дар назари мардум ӯро наҳй кунед, ӯ ба унвони чеҳраи Ислом барои ҳамеша шикаст хӯрад, дар ин мавриди хосс амру наҳй ҷоиз нест.

21 – Агар амру наҳй таъсири баръакс дошта бошад, воҷиб нест. Мисли инсонҳои лаҷуҷе, ки агар наҳй кунед,

бадтар мекунанд.

22 – Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар лозим нест, ки сад фоиз ба натиҷа расем, ҳатто агар як фоиз ҳам асар дошта бошад, воҷиб аст.

23 – Кори ҳалоле, ки боиси суст намудани муқаддасот бошад, ҷоиз нест. Назири беморе, ки тавре дар моҳи рамазон рӯзаашро мехӯрад, ки ба муқаддасот ё ба дигарон беҳурматӣ мешавад.

Чун ҳадафи мо баёни масоил нест, ба ҳамин миқдор басанда мекунем.

Оятуллоҳ Хоманаӣ ба посухи суоле фармудаанд: «Агар низом исломӣ аст, дар ин  сурат вазифаи мардум тазаккур бо забон аст. Дар ғайри ин сурат худи мардуми мусулмон бояд иқдом барои амру наҳй кунанд».

# Боби дуюм

# Тарки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

## Ҷомеаи сокит мурда аст

Қуръон мефармояд: «*Ва барои шумо дар қисос зиндагӣ аст, эй соҳибони хирад*», - агар дар муқобили қотил истодед ва ӯро ба қисос ва сазои амалаш расондед, зиндаед вагарна мурдаед.[1]

Албатта, зинда ё мурда будани шахс барои ҳама равшан аст, аммо зинда ё мурда будани ҷомеа ниёз ба дарки боло ва шуури иҷтимоӣ дорад. Ба ҳамин далел дар поёни оят мефармояд: «...*эй соҳибони хирад*», - яъне аҳли фаҳму дирояти боло бошед, ин ҳақиқатро дарк мекунед. Ҷомеае, ки ҳар кас ҳар кори хилоф анҷом диҳад ва касе ба ӯ эътироз накунад, ҷомеаи мурда аст.

Дар ҳадис мехонем: «*Касе, ки дар баробари хубиҳо ва бадиҳо бетафовут бошад, мурдае аст, ки дар байни зиндаҳо нафас мекашад*».

**Сукут дар муқобили гуноҳ**

Сукут дар муқобили гуноҳ, нишонаи заъф, тарс ва надоштани масъулият нисбат ба дину ҷомеа ваислоҳот аст.

Сукут дар муқобили гуноҳ ба гуфтаи Паёмбари Акрам (с), навъе бидъат аст.

Сукут натиҷае ҷуз хасорат надорад. Дар сураи Валъаср мехонем: «*Касоне, ки боимон ва амали солеҳ бошанд, вале сокит бошанд ва дигаронро ба сабр ва ҳақпарастӣ супориш накунанд, дар хасорат қарор гирифтаанд*».

Имом Содиқ (р) фармуд: «*Худованд фариштагонеро барои азоби гурӯҳе фиристод. Онҳо омаданд ва диданд, ки мардум ба дуову гиря машғуланд. Аз Худованд далели азобро пурсиданд. Хитоб омад: Бо вуҷуди он ки онҳо аҳли гиря ва дуо ҳастанд, вале*

[1] Сураи Бақара 179.

*нисбат ба мафосиди ҷомеа бетафовутанд»* .

**Сукут заминро ба фасод мекашонад**

Дар ояи 251 сураи Бақара мехонем: «*Агар гурӯҳе аз мардум пеши роҳи фитна ва фасоди дигаронро нагиранд ҳамаи замин ба фасод кашида мешавад*».

**Сокит, малъуни Худо аст**

Ҳазрати Алӣ (к) дар хутбаи Қосиа фармуд: «*Худованд умматҳои пешинро лаънат накард, магар ба далели раҳо кардани амр ба маъруф ва наҳй аз мункар*».

Дар ҳадисе мехонем: «*Агар гуноҳе махфиёна анҷом шавад, хатаре барои ҳамаи мардум надорад; вале агар афроди хоссе гуноҳи ошкор анҷом диҳанд ва соири мардум қудрати тағйир додан дошта бошанд, вале сокит бимонанд, Худованд ҳамаи мардумро бо ҳам мавриди қаҳру азоби худ қарор медиҳад*».[1]

Ва ин ҳамон аст, ки Худованд мефармояд: «*Аз фитнаҳое, ки оташи он ҳамаро месӯзонад, битарсед*».[2]

Имом Содиқ (р) фармуд: «*Касе, ки нисбат ба дини худ бетафовут бошад, дар ҳақиқат дин надорад*».

**Сукут муқаддимаи тасаллути золимон аст**

Дар ривоёти зиёде мехонем: «*Агар шумо мардум амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро тарк кунед, золимон бар шумо мусаллат хоҳанд шуд ва нолаи шумо дигар асар нахоҳад дошт* ».[3]

---

[1] «Канз-ул –уммол».
[2] Сураи Анфол ояи 25.
[3] «Наҳҷулбалоға».

**Авлавият доштани ҳамсоя**

Имом Содиқ (р) фармуд: «*Касе, ки ҳамсояаш гуноҳ кунад ва ӯро наҳй накунад, ба манзалаи шарики ӯст*».

**Сокити розӣ, шарики ҷурм аст**

Гоҳе сукут аз бехабарӣ ё тарс ё хиҷолат ё амсоли он аст, вале инсон дар қалбаш аз гуноҳ нафрат дорад. Аммо гоҳе сукут дар баробари гуноҳ нишонаи ризояти он аст, ки дар ин ҷо ба гуфтаи оёту ривоёт, ин гуна афрод дар ҳақиқат шарики гунаҳкор ҳисоб мешаванд. Ба чанд намуна таваҷҷӯҳ намоед:

1 – Худованд ба яҳудиёни замони Паёмбари Акрам хитоб мекунад, ки «*Чаро шумо анбиёи пешинро шаҳид кардед*?», - дар ҳоле ки ниёгони онҳо паёмбаронро кушта буданд, вале ба хотири ин ки насли онҳо ба кори падарони худ розӣ буданд, Худованд, фарзандонро ба кирдори падарон мавриди итобу интиқод қарор медиҳад.[1]

2 – Дар Наҳҷулбалоға мехонем: «*Бо ин ки шутури ҳазрати Солеҳро фақат як нафар аз байн бурд, вале Қуръон мефармояд: «Ҷамъе ӯро куштанд ва гирифтори азоб шуданд». Ин ба хотири он аст, ки он гурӯҳ ба амали он шахс розӣ буданд*».

3 – Бо ин ки қотили Алӣ (к) як нафар бо номи Ибни Мулҷам буд, вале супориш кардаанд, ки ҳар сол дар шабҳои нуздаҳуми моҳи Рамазон бигӯед, Худоё, қотилони ҳазрати Алиро лаънат кун.

**Симои афроди сокит дар қиёмат**

Дар ҳадисе мехонем, Расули Акрам (с) фармуданд: «*Қасам ба номи Худое, ки ҷонам дар дасти ӯст, аз уммати ман гурӯҳе*

---

[1] Сураи Оли Имрон 173.

*аз қабр бармехезанд, дар ҳоле ки ба сурати бӯзина ва хук ҳастанд. Ин қиёфаҳо ба хотири он аст, ки онҳо қудрати наҳй аз мункарро доштанд, вале бо гунаҳкорон созиш карданд».*[1]

Расули Акрам (с) фармуданд: *«Дар шаби меъроҷ дидам, ки лабҳои гурӯҳеро бо қайчӣ мебуранд. Пурсидам: Инҳо киҳоянд? Гуфтанд: Касоне ҳастанд, ки забони наҳй аз мункар доштанд, вале наҳй намекарданд".*

Аз ҳазрати Алӣ (к) нақл шудааст: «*Агар донишманде илми худро пинҳон кунад, бадбӯтарини афрод дар қиёмат хоҳад буд*».

Кӯтоҳи сухан он ки гоҳе бояд сукутро шикаст, зеро сукути беҷо бидъат аст.

Дар мавридҳое, агар,

- Сукути уламо сабаби бадгумонии мардум нисбат ба худи онҳо шавад;
- Сукути уламо боиси ҷуръат пайдо кардани золим шавад;
- Сукут боиси таъйиди золим шавад;
- Сукут сабаб шавад, ки маъруфе мункар ё мункаре маъруф шавад;
- Сукут боиси заиф шудани ақоиди мусулмонон шавад;
- Сукут боиси рушди гумроҳии фикрӣ ва бидъат шавад; - дар ин сурат сукут ҳаром аст ва бояд сукутро шикаст. Ҳатто агар ба инсон латмае ворид шавад.

**Касоне, ки сукутро шикастанд**

Ибни Сиккин аз ёрони Имом Ризо ва Имом Ҷавод (алайҳим-ус-салом), муаллими фарзандони халифаи аббосӣ - Мутаваккил буд.

---

[1] «Канз-ул-уммол».

Рӯзе Мутаваккил аз ӯ пурсид:

«Фарзандони ман беҳтаранд ё Ҳасан ва Ҳусейн, ду фарзанди Алӣ ибни Абу-Толиб?»

ӯ сукути чандинсоларо шикаст ва гуфт:

«Қанбар ғуломи Алӣ аз ту ва фарзандонат беҳтаранд, то чӣ расад ба Ҳасан ва Ҳусейн».

Мутаваккил, ки олим буд ва ҳаргиз интизори шунидани чунин суханеро надошт, башиддат асабонӣ шуд ва дастури қатли устодро содир кард.

Намунаи дигар:

Мӯъмини Оли Фиръан,[1] ки муддатҳо имони худро маъхфӣ медошт, дар лаҳзае сукути чанд соларо шикаст ва гуфт:

«Оё мехоҳед касеро, ки яктопараст буда ва мегӯяд: Парвардигорам Аллоҳ аст, ба қатл бирасонед?!»

Намунаи дигар:

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар коре аст, ки Зайнаби Кубро[2] дар Кӯфа ва Шом ва дар маҷлиси Язид анҷом дод; яъне сукутро шикаст ва ҳақиқатро ошкор намуд.

## Баҳонаҷӯӣ барои тарки амр ба маъруф

Дар ривоёт мехонем, ки дар охируззамон, гурӯҳе амр ба маъруфро раҳо мекунанд ва барои ин кори худ баҳонаҳо ва узрҳо меоваранд; аз ҷумла:

**1 – Гуноҳи дигарон, коре ба мо надорад**

Баъзеҳо ба далели ин ки Исо ба дини худу Мӯсо ба дини худ ва ё ба далели ин ки ман ва гунаҳкорро дар як қабр

---

[1] Мӯъмини Оли Фиръавн – шахси боимоне, ки дар аҳди Фиръавн зиндагӣ мекард ва имонашро махфӣ медошт.

[2] Зайнаб – номи духтари Имом Ҳусейн (р).

намегузоранд, дар муқобили гуноҳ сокит мемонанд. Дар ҳоле ки дар замони Исо набояд дар дини Мӯсо буд ва агар шумо ва гунаҳкорро дар як қабр намегузоранд, вале дар як ҷомеа гузоштаанд.

Ҷурм ва гуноҳ дар ҷомеа сирояткунанда аст. Як кори хилоф аз як нафар, дар тамоми ҷомеа таъсир мегузорад. Ба монанди ин ки як нафар сигорӣ ҳавои ҳамаи муҳитро олуда мекунад, як дурӯғ низ ҳамаи робитаҳоро ба ҳам мезанад. Як нигоҳи бад, сарчашмаи айшу зино ва фарзанди ҳаромзода мешавад, ки он ҳаромзода ҳар рӯз садҳо фитнаю фасод мекунад.

Як гуноҳ гоҳе заминасози анвои гуноҳони дигар мешавад. Шаробхорӣ гуноҳе аст, ки инсонро маст мекунад ва дар мастӣ ҳазорон ҳодиса пеш меояд. Дар ҳадисе омадаст: «*Гуноҳ дар ҷомеа мисли сӯрох кардани киштӣ дар дарё аст*». Агар мусофире маҳалли нишасти худро сӯрох кунад, об вориди киштӣ мешавад ва ҳамаро ғарқ мекунад.

Бинобар ин, ин ақида, ки гуноҳи касе дар сарнавишти дигарон таъсир надорад, саҳеҳ нест. Расули Худо (с) фармуданд: «*Гуноҳи махфиёна танҳо ба гунаҳкор зарба мезанад, вале агар аз гуноҳи ошкор пешгирӣ нашавад, ба ҳамаи мардум зарба хоҳад зад*».

**2 – Амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро хилофи озодӣ донистан**

Озодӣ, калимаи муқаддасе аст, ки дар сояи он ҳазорон кори номуқаддас анҷом гирифтааст. Маънои озодӣ он нест, ки ҳар кас битавонад ҳар кореро анҷом диҳад, зеро ин на бо ақл созгорӣ дорад ва на ҳеҷ фард ва ҷомеа ё низоме ба он тан медиҳад.

Озодӣ дар чаҳорчӯби қонуни илоҳӣ ва ақлу фитрат саҳеҳ аст. Вагарна ҳараҷу мараҷ, бебандуборӣ ва мушкилоту

садҳо коршикании дигар пеш меояд.

Агар кӯдаконро озод мегузоштем, дар рӯи замин инсоне боқӣ намемонд, зеро ҳамаи онҳо худашонро ба гунае нобуд мекарданд ва дар маърази хатар қарор мегирифтанд. Агар озодӣ назорат нашавад, зиндагӣ номуназзам мешавад. Дар зиндагии иҷтимоӣ, озодӣ бояд бар асоси саломатии ҷомеа ва муқаррароти умумӣ маънидод шавад ва озодии шахсӣ набояд озодии дигаронро халалдор кунад ва агар касе аз ирода ва озодии худ сӯистифода кунад, бояд пеши роҳаш гирифта шавад.

**3 – Хиҷолат**

Гоҳе сукут ва тарки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, сарчашмаи рӯҳӣ ва равонӣ дорад. Инсон хиҷолат мекашад ва ҳаё мекунад. Ин навъ ҳаё дар ривоёти исломӣ мавриди интиқод аст ва бояд ин сифатро инсон аз худ дур кунад. ӯ бояд бидонад, ки ору хиҷолати лаҳзаӣ дар дунё оташи абадиро дар қиёмат ба бор меоварад.

**4 – Тарс**

Гоҳе инсон амру наҳйро ба хотири тарс, анҷом намедиҳад. Тарс аз чӣ?...

Метарсад муштарӣ ва харидори ҷинси ӯ кам шавад, вале бояд бидонад, ки ба фармудаи ҳазрати Алӣ (к) амру наҳй ризқи касеро қатъ намекунад.

Метарсад дӯстонашро аз даст диҳад. Бидонад, оқибат дӯстон ӯро тарк хоҳанд кард ва беҳтарин дӯсти ӯ Худост.

Метарсад ба суханаш эътино нашавад, вале бидонад, ки ба подоши бузурге мерасад, гарчӣ мардум ба сухани ӯ гӯш надиҳанд.

Метарсад мардум аз амали ӯ интиқод кунанд. Вале ин барои касоне, ки аҳли худсозӣ ҳастанд, камоле аст.

Дар ривоёти зиёде мехонем: «*Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунед*, *зеро на ризқи шумо кам мешавад ва на марги шумо наздик мешавад*».

**5 – Бо як гул баҳор намешавад**

Гоҳе сукути дигарон, инсонро ба сукут вомедорад. Тавре ки инсон бо худ мегӯяд, бо як гул баҳор намешавад. Дар ин ҷо низ бояд мусулмон рӯҳияи хатшиканӣ дошта бошад ва аз нешу нӯшҳо наҳаросад. Ӯ бояд бидонад, ки амр ба маъруф дар он фазои маргбор ва сокит подоши бештаре дорад. Ба ҳамин далел дар ҳадис мехонем: «*Беҳтарин ҷиҳод калимаи ҳаққе аст*, *ки инсон дар муқобили пешвои ситамгаре бигӯяд*», - зеро атрофи пешвоёни ситамгар ҳамеша инсонҳои тамаллуқкор ва чоплусе ҳастанд, ки ҳама корҳои золимонаи ӯро зебо нишон медиҳанд ва ӯ гумон мекунад, ки ҳамаи корҳояш дуруст аст. Дар он фазои сукуту чоплусӣ агар шердиле пайдо шавад ва сухани ҳақро баён кунад ва сукутро бишканад, аз худ бузургтарин шаҳоматро нишон додааст ва беҳтарин аҷру подошро дарёфт намудааст.

**6 – Инҳирофи фикрӣ**

Баъзеҳо гумроҳии фикрӣ доранд ва масоилро ҷабрӣ мепиндоранд ва мегӯянд: «Худо хостааст, ки ин тавр бошад. Ба мо чӣ рабте дорад, ки монеъ шавем?»

Ин мантиқ мисли сухани онҳое аст, ки ширки худро ба Худо нисбат медоданд ва мегуфтанд: «Агар Худо намехост мо бут намепарастидем, акнун ки бут мепарастем, фикр мекунем, ки Худо ба он розӣ аст».[1]

Ва ё мегӯянд: «Агар як коре хуб аст чаро Худо худаш анҷом намедиҳад? Масалан, агар сер кардани гуруснагон хуб аст, чаро Худованд онҳоро сер намекунад ва чаро мо

---

[1] Ҳамон гуна ки дар сураи Намл ояти 35 низ ба ҳамин маъно омадааст.

бояд харҷи онҳоро бипардозем?»[1]

Гӯё ин афрод аз ин ки Худованд инсонро озод офарида ва бо додану гирифтани неъматҳо озмоиш мекунад, ғофиланд. Худо ба инсон фикр додааст то ба сӯи бут наравад, раҳм додааст то ба фақирон инфоқ кунад ва аз ин роҳҳо ба камол расад. Мутаассифона дар маънои «интизор» низ баъзеҳо гирифтори гумроҳии фикрӣ шудаанд ва мегӯянд: «Мо мунтазири наҷотдиҳандаи олам, ҳазрати Маҳдӣ (а) ҳастем то худаш биёяд ва корҳоро дуруст кунад».

Инҳо интизорро ҳамчун эҳтизор[2] фаҳмидаанд, ки инсон дар дами марг пои худро рӯ ба қибла мегузорад ва мунтазири фариштаи қабзи рӯҳ мешавад. Ва аз он ғофиланд, ки маънои интизор омода бош аст, на бетафовутӣ. Касе, ки дар шаб мунтазири хуршеди субҳ аст, ҳаргиз дар торикӣ интизор намекашад, балки аввал чароғе равшан мекунад ва мунтазири равшании рӯз мемонад.

**7 – Хостаҳои беҷо**

Баъзеҳо мехоҳанд, ки ҳарчӣ гуфтанд бояд фавран амалӣ шавад. Онҳо ба хотири ин хоста ва интизоре, ки доранд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намекунанд ва мегӯянд: «Ба гуфтаи мо амал намешавад». Ин гуна афрод хостаҳои беҷо доранд, зеро магар мардум ҳамаи суханони анбиё ва имомонро гӯш доданд? Мо бояд масоилро нисбӣ баррасӣ кунем ва агар ба тамоми ҳадафҳоямон нарасидем, ба ҳамон миқдори кам қонеъ шавем. Ҳазрати Расули Акрам (с) ба ҳазрати Алӣ (к) фармуданд: «*Ба Худо савганд, агар ҳатто як нафар тавассути ту ҳидоят шавад, барои ту аз он чи хуршед бар он метобад, беҳтар аст*». Дар ин ҳадис Паёмбари

---

[1] Ба ҳамин маъно дар сураи Ёсин ояти 47 омадааст.

[2] Эҳтизор – ҳолати пеш аз ҷон доданро мегӯянд.

бузургвор ба ҳидоят ёфтани як нафар низ қонеъ аст.

Намунаи дигар аз таваққуи беҷо он аст, ки баъзеҳо мехоҳанд ҳамин имрӯз ва ҳамин ҳоло дар камоли осоиш ва бо як тазаккур кор анҷом шавад ва агар ба яке аз ин масоил зарбае ворид шавад, фикр мекунанд, ки вазифае надоранд.

**8 – Дигарон ҳастанд**

Гурӯҳе амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро анҷом намедиҳанд, ба гумони ин ки агар лозим бошад, фалон шахсияти бузург ва ё анҷумани исломӣ бояд анҷом диҳад. Вале ғофил аз онанд, ки амру наҳй ба мисли намоз вазифаи ҳама аст ва мумкин аст, ки он кори хилофе, ки шумо дидед, аз чашми дигарон пинҳон монда бошад. Ё мумкин аст он шахси масъул фикр мекунад, ки такягоҳи мардумӣ надорад ва агар афроде мисли шумо фарёд занад, дигарон низ ҳамроҳӣ намуда ва мегӯянд: Ҷоно, ки сухан аз дили мо мегӯӣ!

Оре, ғафлати дигарон наметавонад, баҳонае барои ғафлати мо бошад.

**9 – Имрӯз бигӯем фардо чӣ мешавад?**

Баъзе аз мардум амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро анҷом намедиҳанд ба гумони ин ки бар фарз мо имрӯз пеши роҳи фасодро гирифтем, боз фардо фасод мекунанд. Ин фикри ғалат аст, зеро мисли ин мемонад, ки мо бигӯем, агар мо ҳавлиямонро имрӯз ҷорӯб занем, боз фардо чиркин мешавад. Бинобар ин такрори гуноҳ фардо далеле барои сукути имрӯзаи мо намебошад ва набояд бо ин далел сукут кунем.

**10 – Бо як шикаст аз давра хориҷ мешавад**

Афроде амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд, вале муваффақ намешаванд ва ин шикаст ҳамеша дар рӯҳи онҳо асари манфӣ мегузорад. Тавре ки ҳамеша бо худ мегӯяд,

фоидае надорад, зеро дар фалон вақт гуфтем ва асар накард.

Ин афрод низ бояд бидонанд, ки аввалан, дар ҳамон дафъаи аввале, ки ба зоҳир шикаст хӯрданд, подоши бузурге аз тарафи Худованд дарёфт кардаанд. Сониян шояд дар баробари суханашон сарсахтӣ нишон диҳанд ва гӯш ба суханашон надиҳанд, вале сухан дар даруни ҳар инсоне дер ё зуд асар хоҳад гузошт.

Ба илова як бор ё чанд бор шикаст хӯрдан дар ин кор, далел бар тарки ин вазифаи илоҳӣ намешавад. Агар инсон ба табибе муроҷиат кунад ва натиҷае нагирад, оё барои ҳамеша аз баҳри табобати худ мегузарад ва бемориро таҳаммул мекунад? Ё ин қадар ба табибон муроҷиат мекунад то саломатиашро ба даст биёварад?

11 – **Тарки вазифа ба гумони худсозӣ**

Баъзеҳо ба гумони худсозӣ ба хайру шарри ҷомеа ва масоиле, ки дар он мегузарад, коре надоранд. Ин гуна афрод мисли ҳамон гурезагон аз ҷанги Табук ҳастанд, ки ба Паёмбари Акрам мегуфтанд: «Мо барои ҳифзи тақво дар ҷанг ба кӯмаки шумо намеоем. Зеро дар сафар, ба Табук ва ҷанг бо Рум, метарсем, ки чашмамон ба духтарони онҳо биафтад ва гуноҳ кунем. Барои ҳамин шуморо дар ин ҷанг танҳо мегузорем ва ҳамроҳӣ намекунем».

12 – **Кор аз кор гузаштааст**

Баъзе аз ашхос амру наҳй намекунанд ва гумон мекунанд, ки бояд фикри асосӣ кард ва кор аз амри маъруф ва мавъиза гузаштааст. Ин низ яке аз ҳилаҳои шайтонӣ аст. Монанди касе, ки ташнаеро мебинад ва бо ин ки метавонад ба ӯ об диҳад, вале ба ӯ об намедиҳад ва мегӯяд, бояд фикри обрасонии куллӣ намоем ва барои ҳама об биёварем.

Албатта, фикри асосӣ ва тасмими куллӣ сухани дуруст

аст, вале ин ақида набояд баҳонае барои тарки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар шавад.

**13 – Тамаъ**

Гоҳе барои тамаи мол, гирифтани ҷоиза ва ҳадя, ҷалби муштарӣ, хушояндӣ ба дигарон ва амсоли он, дар муқобили мункарот сукут мекунанд.

**14 – Осоишталабӣ**

Баъзе аз мардум худро ба бехабарӣ мезананд ва осоишу маишатталаб ҳастанд. Паёмбар ба ин гуна афрод фармуд: «*Шумо ба хотири алоқа ба зиндагии мураффаҳ*[1] *ва бехабарӣ аз масъулиятҳо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намекунед*».

## Осори бади гуноҳон

Агар аз аввал пеши роҳи гуноҳон гирифта нашавад ва мардум сокит монанд, пай дар пай хатаротеро ба бор хоҳад овард. Ба мароҳили зер диққкат намоед:

Қадами аввал – дидани гуноҳ ва бетафовутӣ ва наҳй накардан;

Қадами дуввум –оддӣ шудани гуноҳ дар назар;

Қадами севвум – родӣ будан ба анҷоми гуноҳ;

Қадами чаҳорум – кӯмак ба анҷоми гуноҳ;

Қадами панҷум – анҷом додани гуноҳ;

Қадами шашум – исрор ва давом додани гуноҳ, одат намудан ба он ва ҳатто лаззат бурдан аз анҷоми гуноҳ;

Қадами ҳафтум – даъвати дигарон ба анҷоми гуноҳ;

Қадами ҳаштум – сармоягузорӣ барои анҷом ва таблиғи гуноҳ;

Қадами нӯҳум – истодан дар муқобили касоне, ки аҳли

---

[1] Мураффаҳ – пурдабдаба, шоҳона.

гуноҳ нестанд ва дур шудан аз инсонҳои хуб;

Қадами даҳум – сангдил шудан ва қасовати қалб пайдо кардан, наузубиллоҳ.

Оре, агар Қуръон мефармояд, ки «*Аз қадамҳои шайтон пайравӣ накунед*»,[1] ба хотири он аст, ки ӯ инсонро қадам ба қадам ба фасод мекашонад. Яке аз ҳуқушиносон мегуфт: «Қотилеро дастгир кардем, ки ҳабдаҳ нафарро кушта буд. Аз ӯ пурсидем, ки дар ҳангоми куштани инсон нороҳат намешудӣ? Гуфт: Аввалин касеро, ки куштам, ларзидам, вале баъд ин кор бароям оддӣ шуд».

Наҳҷулбалоға нуфузи тадриҷӣ ва қадам ба қадами шайтонро ин гуна васф мекунад:

- Аввал шайтон дар руҳи инсон тухмгузорӣ мекунад.
- Баъд чӯҷа боз мекунад.
- Баъд ин чӯҷаҳои шайтон дар рӯҳи инсон ба ҳаракат медароянд.
- Сипас дар домани инсон ба роҳ медароянд.
- Сипас шайтон ба чашми онҳо менигарад ва ба ҷои чашми худоӣ, чашми шайтонӣ мешаванд.
- Шайтон сухани худро ба забони онҳо мезанад.
- Шайтон ба воситаи ин гуна инсонҳо, сабаби лағзиши дигаронро фароҳам мекунад.[2]

**Осори бад**

Ҳар гуноҳ воситае барои гуноҳи дигар мешавад. Агар инсон дар ҳаракату рафтори худ ва дигарон муроқиб набошад ва ба худ ва дигарон тазаккур надиҳад, мумкин аст

---

[1] Сураи Бақара 168 ва 208.

[2] «Наҳҷулбалоға», хутбаи 7.

як рӯҳия ё гуноҳ сарчашмаи анвои хилофкориҳои дигар шавад.

**Нигоҳе ба достони Юсуф**

Бародарони Юсуф ҳасодат доштанд ва ба ҳамин хотир гирифтори корҳои нодуруст шуданд, аз ҷумла:

1-Додани нисбати гумроҳӣ ба падар.

2-Тарҳрезӣ барои дуздидани бародар бо баҳонаи варзишу истироҳат ва дур намудани фарзанд аз падар.

3-Андохтани бародар дар чоҳ.

4-Гуфтани сухани дурӯғ, ки Юсуфро гург хӯрдааст.

5- Ба Юсуф нисбати дуздӣ додан.

Бинобар ин ҳар гуноҳ метавонад, заминаи гуноҳони дигар шавад ва бояд аз аввалин гуноҳ наҳй кард, то гуноҳони дигар рушд накунанд.

Ҳамчунин ошкор аст, ки гуноҳон осори баде дар ҷиҳатҳои мухталиф доранд, хоҳ мо он осорро бифаҳмем ё нафаҳмем.

**Достон**

Рӯзе савори ҳавопаймо шудам, аммо пеш аз парвоз эълон шуд, ки ҳамаи мусофирон аз ҳавопаймо берун раванд.

Сипас мусофирон ва тамоми борҳоро берун карданд. Ҳама ҳайрон буданд, ки моҷаро чист? Масъулони парвоз гуфтанд, ки як ҳашароти нонхӯрак вориди ҳавопаймо шудааст. Ман бо тааҷҷуб ва ханда пурсидам: Ба таъхир афтодани парвоз барои як ҳашарот? Масъулон гуфтанд: Ҳамин ҳайвони хурдакак мумкин аст, яке аз симҳои робитаро хоида ва робитаро қатъ кунад.

Бо худ фикр кардам: Барои мавриди назарногир,

инсонҳои зиёде талош мекунанд, вале ба хотири баъзе хислатҳои ҷузъӣ, ки метавонад тамоми умри онҳоро табоҳ кунад бепарво ҳастанд. Барои намуна мисоли гуноҳ дар ҷомеа монанди мисоли ҳамон як ҳайвони хурдҷусса аст, ки системаи такомулии инсонро гирифтори хатар мекунад. Ҷомеаҳое, ки мардумаш бештар гуноҳ анҷом медиҳанд, дар он ҷо изтироб, пучгароӣ, худкушӣ, истеъмоли зиёди доруҳои асаб, бемориҳои равонӣ ва ваҳшигарӣ ҳам бештар мушоҳида мешавад.

## Эҳтимоли зарар ва хатар…

Агарчи мувофиқи қонуни «аҳам ва муҳим»[1] бояд ҳар иқдоме ҳисобу китоб шавад ва ҳар ҳаракатеро санҷида анҷом дод ва ба хотири расидан ба манфиати кам, манобеи зиёдро масраф накард, вале ин ба он маъно нест, ки мо дар амру наҳй ҳифзи обрӯи касеро замонат кунем. Мо бояд барои анҷоми ин ду вазифаи бузург гоҳе ба истиқболи хатар равем. Ин ҳама супориш ва подош танҳо барои касоне нест, ки бе ҳеҷ дарди саре амр ба маъруф кунанд ва ҳатман ба натиҷа расанд.

Гоҳе инсон ба натиҷа намерасад, вале бояд амру наҳй кунад. Магар ҳазрати Нӯҳ ба натиҷаи дилхоҳ расид? Магар рӯзи ошуро, ки Имом Ҳусейн мавъиза кард ва мардумро аз бузургтарин гуноҳ (шаҳид кардани имом) боз дошт, асар намуд? Ҳамеша таъсир лозим нест, балки гоҳе лозим аст барои расонидани ҳуҷҷат, насиҳат кунем.

Ба ҳар ҳол, ба назар мерасад, ки тарки ин вазифаи бузург ба хотири ҳамин хостаи беҷое аст, ки тадриҷан пайдо шудааст, яъне сухани мо бояд ҳамин рӯз асар кунад ва ба мо ҳам ҳеҷ зарбае нарасад.

Дар аҳодис ин кор мазаммат шудааст: «Агар намоз зарбае ба ҷону моли мардум мезад, онро раҳо мекарданд, ҳамон гуна ки бузургтарин ва шарифтарин воҷиботро ба хотири латмае, ки мехӯранд, раҳо мекунанд».

Аз ин ҳадис чунин маълум мешавад, ки бояд ба истиқболи хатар рафт, агар Қуръон дар ситоиши афроде мефармояд: «*Онҳо аз ҳеч сарзаниш намеҳаросанд*»,[2] ба хотири

---

[1] Қоидаи аҳам ва муҳим - яъне кори муҳимро ба хотири кори муҳимтар тарк кардан.

[2] Сураи Моида.

он аст, ки амал ба вазифа, сарзаниш дорад ва мо бояд ба истиқболи он биравем. Агар Қуръон мефармояд: «*Гунаҳкорон ба аҳли имон механданд ва ҳар гоҳ аз канорашон бигзранд, ба чашми таънаву истеҳзо бингаранд. Ва ҳар гоҳ он гунаҳкорон да*в*ри ҳам ҷамъ шаванд, пушти сари аҳли имон бадгӯӣ мекунанд ва раҳгумзада медонанд ва таҳқир мекунанд*»,[1] ба хотири он аст, ки амал кардан ба вазифа мушкилиҳои зиёде дорад.

Ман намедонам дар дине, ки тамоми анбиё ва авлиёи он мавриди иҳонат ва шаҳодат қарор гирифтаанд, ин шарти рафоҳ ва бе дарди сар будан аз куҷо пайдо шуд, ки мегӯянд: «Шарти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар он аст, ки латмае ва зарбае ба инсон варид нашавад». Ба назари ман, ин тафаккури дини бе дарди сар ва осон, дине аст, ки ҳеҷ як анбиё ва авлиё наовардаанд. Магар таъсиси дин осон буд, ки ҳифзи он осон бошад? Зимни он ки медонем, гоҳе ҳифз ва нигаҳдории чизе мушкилтар аз таъсиси он аст.

Оёте, ки дар танқид аз гурӯҳе мефармояд: «*Худованд, сазовортар, ки аз ӯ битарсед то аз мардум мардум*»,[2] – ба мо мегӯяд, аз мардум натарсед.

Оёте, ки дар ситоиши гурӯҳе мефармояд: «*Онҳо аз касе наметарсанд*»,[3] – ба мо мефаҳмонад, ки шумо низ набояд тарсу бошед.

Оёте, ки мефармояд: «*Паёмбарон дар роҳи ҳадафи худ шаҳид шуданд*», - яъне шумо ҳам роҳи онҳоро биравед.

Оёте, ки мефармояд: «*Аз камии афрод боке надошта бошед ва аксариятро намуна қарор надиҳед*».

---

[1] Сураи Мутаффифин 29-31.

[2] Сураи Аҳзоб 137.

[3] Сураи Аҳзоб 39.

Ҳамчунин ривоёте, ки мефармояд: «*Бузургтарин ҷиҳод, каломи ҳаққе аст, ки назди шоҳи ситамгаре зада шавад*» ва «*Ҳақро бигӯед, гарчӣ бар алайҳи шумо бошад*», - ҳамаи ин оёту ривоёт илҳомбахши ҷуръат ва ҷасорат дар анҷоми таклифи илоҳӣ аст. Оёту ривоёте, ки аз сабри афрод дар баробари озору азияти мухолифон ситоиш мекунад ва ҳазрати Иброҳим ва Муҳаммадро усва қарор додаанд, ҳама далели он аст, ки гоҳе бояд инсон ба истиқболи хатар биравад. Бинобар ин ривоёте, ки мегӯянд: «*Амр ба маъруф, замоне аст, ки барои ҷони худ ва дӯстонаш натарсад*», - шояд махсуси мавриде бошад, ки қонуни аҳам ва муҳим матраҳ аст. Яъне мункар дар ҳадде нест, ки арзиши фидо кардани ҷонро дошта бошад.

Аммо агар дин ва хатти Ислом ва номусу иффати умумӣ ва низоми муқаддаси исломӣ ва раҳбарии ҳақ дар хатар бошад, ин ҷо бояд инсонҳои мӯъмин хатшиканӣ кунанд ва рафоҳу маишатро канор гузоранд.

Қуръон ишратталабони бедардро чунин муаррифӣ мекунанд:

1-«*Ҳар гоҳ фармони ҷиҳод содир шавад, мураффаҳони тарсу аз ту иҷозати мурахҳасӣ мегиранд*».[1]

2-«*Ҳар гоҳ дар тобистон фармони ҷиҳод дода шавад мегӯянд дар гармо ба майдони ҷанг наравед. Сабр кунед дар ҳавои муносибе биравед*».[2]

3-«*Агар роҳу масир наздик бошад, ҳаракат мекунанд, вале агар роҳ дур бошад, ҳаракат намекунанд*».[3]

Қуръон аз касоне ситоиш мекунад, ки дар сахтиҳо ёвари

---

[1] Сураи Тавба-86.

[2] Сураи Тавба 81.

[3] Сураи Тавба-42.

Ислом буданд.[1]

Албатта ногуфта намонад, ки инсон дучори лағзиш мешавад ва рафоҳро дӯст медорад, вале набояд рафоҳу осоиши ӯ дар ҳоле бошад, ки дигарон дар сахттарин шароит бошанд.

Яке аз ёрони Паёмбари Акрам ҳангоми ҷанг ба ҷои рафтан ба майдони ҷанг, дар канори ҳамсарон ба болишт такя зада ва дар оромиш буд. Ногаҳон ба ёди ҷабҳа ва ба ёди Расули Худо афтод, ки дар ин гармо дар майдон буданд. Фавран бархост ва ба сӯи Паёмбар шитофт. Ин моҷароро Қуръон чунин нақл мекунад: «*Наздик буд руҳияи рафоҳталабӣ баъзеҳоро аз хат мунҳариф кунад, вале Худованд лутфи худро ба ӯ баргардонд ва ӯ мутаваҷҷеҳ шуд ва худро барои ёрӣ ба мусулмонон расонд*».

На танҳо дар ҷабҳаҳо, балки ҳатто Қуръон, дил кандан аз рахти хоб ва хестан барои муноҷоти саҳар ва намози шабро ситоиш карда ва фармудааст: «*Касоне, ки аз лаззати хоб бигзаранд, аҳаде намедонад, ки чӣ подоши бузурге дар пеш доранд*».[2]

Аслан амр ба маъруф дарди сар дорад лизо Луқмон ба писараш мегӯяд: «Фарзандам! Намозатро хон ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намо! Дар анҷоми ин вазифа бар он чи ба ту расад, сабр ва таҳаммул кун, ки ин пуштикор ниёз ба як салобат ва азму иродаи қавӣ дорад».

Касоне, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намекунанд ба орзуи худ намерасанд.

Бисёре аз афроде, ки ин воҷиби илоҳиро раҳо карданд, ба гумони он ҳастанд, ки агар ин корро анҷом диҳанд,

---

[1] Сураи Тавба-147.

[2] Сураи Саҷда 16-17.

хатаре онҳоро таҳдид хоҳад кард, аз умрашон коста хоҳад шуд ва ё судеро аз даст хоҳанд дод. Ҳазрати Алӣ (к) мефармоянд: «Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар на маргро наздик мекунад ва на рӯзиро кам мекунад».[1]

Вале ин афрод ғофиланд, ки ҳаргиз ба орзуи худ намерасанд; зеро дар асари тарки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, ашрор бар онҳо тасаллут пайдо мекунад.[2] Дар он сурат, на ба моли мардум раҳм мекунанд ва на бар ҷони онҳо.

**Нишонаи беақлӣ**

Дар миёни мардум касоне ҳастанд, ки лақаби оқил ба афроде медиҳанд, ки аҳли назорат ва дахолат ва амру наҳӣ нестанд, вале дар фарҳанги Ислом, ба афроди бетафовут лақаби беақл, заиф ва мабғуз дода шудааст. Дар ҳадисе мехонем: «*Худованд, мусулмонони заиф ва беақлро мавриди ғазаби худ қарор медиҳад ва онҳо, ҳамон касоне ҳастанд, ки аз мункарот ҷилавгирӣ намекунанд*».

## Ҳимоят аз амри маъруфкунандагон

Абӯзари Ғифорӣ ба Муовия эътироз мекард ва бо рехту пошҳои Муовия мухолифат меварзид. Оқибат Муовия номае ба Усмон навишт, ки: «Агар мехоҳӣ ҳукумат дар дасти мо бошад, Абузарро аз саҳна хориҷ кун; зеро ифшогарии ӯ обрӯе барои мо нагузоштааст. Усмон дастури бадарға кардани Абузарро ба Рабаза содир кард ва гуфт: Ҳеҷ кас набояд Абузарро гусел кунад!»

Амиралмӯъминин Алӣ (к), Имом Ҳасан ва Имом Ҳусейн

---

[1] «Наҳҷулбалоға».

[2] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.97. саҳ.72.

сукутро шикаста ва бар ҳимояти ин амр ба маъруф ба по хестанд ва ӯро гусел карданд. Ба ҳангоми гусел, ҳар се бузургвор ба Абузар дилдорӣ доданд ва суханоне гуфтанд. Ҳазрати Алӣ фармуд: «Эй Абӯзар, ту барои Худо ғазаб кардӣ ва фарёд задӣ. Инҳо аз ифшогарии ту ва аз даст додани ҳукумат тарсиданд, вале ту ҳам аз гуноҳи сукут тарсидӣ ва фарёд задӣ. Фардои қиёмат маълум хоҳад шуд, кӣ баранда кист».

Абӯзар дар Рабаза ғарибона ва дар ҳоле ки сараш дар домани духтараш буд, васият кард ва ҷон супурд. Ӯ дар васияташ гуфт: «Духтарам то лаҳазоти дигар ман аз дунё меравам. Ту бар худат мусаллат бош! Баъд аз марги ман бар нуқтаи болои роҳ бирав, дар он ҷо гурӯҳе меоянд, ки дар миёнашон марде ба номи Молики Аштар аст. Ба ӯ бигӯ, ки Абузар ёри Паёмбар буд ва ба хотири наҳй аз мункар ба Усмон ва Муовия аз ватанаш берун шуда ва дар ғарибӣ аз дунё гузаштааст».

Молики Аштар бо эҳтиром ҷанозаи Абузарро қабул кард ва фармуд: «Худоё! Ин Абузар аз асҳоби Расулуллоҳ (с) ва бандаи холиси ту аст, ки дар роҳи ту барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар саъю талош кард ва даст аз динаш набардошт, то ҷое, ки бадарғааш карданд ва аз зиндагӣ маҳрум сохтанд ва саранҷом дар танҳоӣ даргузашт».

**Агар мушкилот пеш омад, чӣ кунем?**

Аз як сӯ дини Ислом дини осон ва мубораке аст ва Қуръон мефармояд: «Худованд барои шумо осонӣ хостааст, на сахтӣ».[1] Яке аз қоидаҳо ва усули ҷорӣ дар Ислом он аст,

[1] Сураи Бақара-185.

ки зарар ва мушкилот дар анҷоми вазоиф набошад. Аз сӯи дигар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ғайр аз намозу рӯза аст, зеро амру наҳй, назорат ва дахолат дар кори мардум ва мубориза бо ҳавасҳои онҳо аст. Ин ду вазифа сабаби нороҳатиҳо, даргириҳо ва зарарҳо мешавад. Дар ин ҷо бояд масъалаи амр ба маъруфро пайгирӣ кунем ё масъалаи зарару зиёнро?

**Посух**:

Аввалан, худи Қуръон ба мушкилоти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар таваҷҷуҳ дорад ва бинобар ин фармудааст: «*Бояд дар ин роҳ ҳар мушкиле ба ту расад*, *таҳаммул кунӣ!*»[1]

Сонияан, агар ба хотири эҳтимоли зарар ва сахтӣ вазифаи амру наҳй аз мардум бардошта шавад, барои ҳар ситамгаре роҳ боз мешавад.

Солисан, анбиё, авлиё ва инсонҳое мисли Абузар дар роҳи зинда кардани ҳақ ва аз байн бурдани ботил, он ҳама сахтиро кашиданд, аммо ҳамин ки навбат ба мо расид, бо эҳтимоли зарару зиён канор биншинем ва бо чашми худ шоҳиди густариши фасод бошем? Ин амали дуруст нест.

Бинобар ин мавриди қоидаи зарару зиён, дар масоили оддӣ аст; монанди касе, ки барои ӯ таҳорат кардан мушкил аст, ё об барои вай зарар дорад ва ба ӯ мегӯянд, ба хотири қонуни зарару зиён, шумо ба ҷои таҳорат таяммум анҷом диҳед.

Вале баъзе аз дастуроти Ислом бар асоси таҳаммули мушкилот поярезӣ шудааст; мисли ҷиҳод ва рӯза, ки инсон бояд сахтӣ бикашад ва ба истиқболи мушкилот биравад. Қуръон мефармояд: «*Агар шумо дарду ранҷ мекашед*,

[1] Сураи Луқмон 17.

*душманони шумо низ дар майдонҳои ҷанг дарду ранҷ доранд*».[1] Аслан ҷиҳод бе мушкилӣ ва рӯза гирифтан бидуни сабру муқовимат имкон надорад. Бинобар ин қонуни ҷарҳ марбут ба масоили оддӣ аст ва на вазифаҳое, ки сахтӣ ва мушкилот ҷузъи зоти кори онҳо қарор дорад. Мисли шӯрӣ, ки дар зоти намак нуҳуфта шудааст, ҷиҳоди бе дарди сар, яъне намаки бидуни шӯрӣ!

Бинобар ин дар масъалаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд муҳосиботи аҳамму муҳимро ба пеш кашем ва на дарди сару мушкилотро. Бояд бингарем, ки ҳар куҷо масъалаи муҳимтар буд, бояд ҳама чиз агарчӣ муҳим бошад, фидои он шавад, зеро он муҳимтар аст. Барои мисол чунки Ислом муҳимтар аз ҷони Имом Ҳусейн аст, Имом Ҳусейн (р) шаҳид мешавад то Ислом зинда бимонад. Ҳар куҷо мункаре рух дод, бояд наҳй кунем ва агар зарару хатаре дар миён бошад, бояд муҳосиба кунем ва бубинем мункар дар кадом ҳадде ва зарару хатар дар кадом ҳадде аст ва касе, ки ба истиқболи хатар меравад, чӣ касе аст? Гоҳе гуноҳе, ки анҷом мегирад як гуноҳи сағера аст, аммо агар бихоҳем наҳй кунем бояд товони зиёде барои он диҳем. Дар ин ҷо аз наҳйи он мегузарем. Аммо агар воҷиби муҳимме аз даст меравад ва ё мункари муҳимме анҷом мегирад ва сукуту чашмпӯшӣ дар ин ҷо сабаби ҷасорати ситамгарон, беэҳтиромӣ ба муқаддасот, заъфи ақидаи мардум ба дин ва олимон ва ё аз даст додани иззати исломӣ аст, дар ин гуна мавридҳо бояд ба истиқболи хатар рафт ва наҳй аз мункар кард.

---

[1] Сураи Нисо-104.

## Вазифаи мухотабон

### Амркунандагон ба маъруфро дӯст дорем

Касоне, ки мавриди амру наҳй қарор мегиранд бояд бидонанд, ки тазаккури дигарон ба онҳо нишонаи ишқу муҳаббат ва дилсӯзӣ нисбат ба онҳо аст ва мо бояд онҳоро дӯст дорем. Яке аз интиқодоте, ки анбиё ба мардум доштанд, ин буд, ки «Чаро шумо насиҳаткунандагонро дӯст намедоред?»[1]

Имом Содиқ (р) мефармояд: «*Беҳтарин дӯсти ман касе аст, ки айбҳои маро ба унвони ҳадя ба ман тазаккур диҳад*».[2]

Имом Содиқ интиқодро ҳадя ва интиқодкунандаро дӯсти худ медонад. Оре! Дӯсти воқеӣ касе аст, ки моро бигирёнад, вале аз ғафлат бираҳонад, на он ки моро бихандонад, вале дар ғафлат нигаҳ дорад. Қуръон мефармояд: «*Ғафлат чизе аст, ки душманон барои шумо орзу мекунанд*».

Имом Саҷҷод дар дуои Макорим-ул-ахлоқ аз Худованд мехоҳад: «*Парвардигоро, ба ман руҳияи интиқодпазирӣ ва пайравӣ аз касоне марҳамат фармо, ки маро иршод мекунанд*».

Як кӯдаки мактаби ибтидоӣ ба Имом Хумайнӣ номае навишт, ки: «Эй Имом мехостам ба шумо тазаккур диҳам. Бо худ фикр кардам, ки ман куҷову шумо куҷо. Аз тазаккур сарфи назар кардам».

Имом Хумайнӣ бо дастони муборакӣ худ посухи ин номаро чунин навишт: «Эй фарзанди азизам! Эй кош, он тазаккурро менавиштӣ. Зеро ҳамаи мо ниёз ба тазаккур дорем».

Касе, ки ба мо амру наҳй мекунад, дар ҳақиқат моро аз ғафлат берун меорад. Ӯ омили ҳушёрӣ ва бедории мо аст.

---

[1] Сураи Аъроф-79.

[2] «Биҳор-ул-анвор».

**Арзиши бедорӣ, ҳатто ба қимати ранҷҳо**

Қуръон мефармояд: «*Ҳодисаҳои талхе, ки барои шумо пеш меояд бо вуҷуди талхӣ ва нигаронӣ барои шумо баракоте дорад ва он ин аст, ки шумо аз хоби ғафлат бедор мешавед ва ба Худованд таваҷҷӯҳ мекунед. Ин василае барои таваҷҷӯҳ ва истиғфори шумост*».[1]

Ҳазрати Алӣ (к) фармуд: «*Дар байни он гурӯҳе, ки насиҳаткунандагонро дӯст намедоранд, хайре нест*».

Қуръон касонеро, ки ҳар гоҳ мавриди амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар қарор мегиранд, ғурури гуноҳ, онҳоро нуфузнопазир кардааст ба шиддат интиқод мекунад.[2] Ва мефармояд: «*Гурӯҳе ҳастанд, ки ҳар гоҳ мавриди тазаккур қарор мегиранд, мутазаккир намешаванд*».[3]

Баъзеҳо гумон мекунанд, ки агар даст аз кори хилофашон бардоранд, навъе ақибнишинӣ кардаанд ва заъф нишон додаанд. Ва ҳол он ки инсон ҳар куҷо мутаваҷҷеҳи хилоф шавад ва фавран даст бардорад, ин худ як арзиш аст. Ин хаёли воҳӣ замоне шадид мешавад, ки амр ба маъруф аз назари савод ва мавқеияти иҷтимоӣ дар мароҳили поёнтарин бошад. Дар ин ҳолат барои пазируфтани ҳақ ду аҳром лозим аст: яке ба хотири ҳақ будани инсон мепазирад ва дигаре ҳарфи ҳақро аз кӯчактар аз худ бипазирад.

Ҳазрати Алӣ (к) мефармоянд: «*Аз аломати суқут ва ақибгардӣ - мазнун шудан ба касоне аст, ки барои мо дилсӯзӣ мекунанд*».

Ва низ фармуданд: «*Ҳар кӣ туро мавъиза кард, ӯро ба*

---

[1] Сураи Анъом-42.
[2] Сураи Бақара-206.
[3] Сураи Соффот-31.

*ваҳшат наандоз*».

Касоне, ки хаёл мекунанд ҳидоятёфта ҳастанд ва ниёз ба иршоду роҳнамоӣ надоранд, ба ҷои Худованд шайтонро ба сарпарастии худ пазируфтаанд.[1]

Ин мунофиқон буданд, ки ҳар гоҳ мавриди наҳй аз мункар қарор мегирифтанд, бо ғурур мегуфтанд, дар ҷомеа танҳо мо муслеҳ ҳастем.[2]

Ва ин куффор буданд, ки ҳар гоҳ анбиё онҳоро иршод менамуданд ба ҷои пазириш мегуфтанд: *ҳадафи анбиё фахрфурӯшӣ бар мо аст*.[3]

Бародарон ва хоҳарон агар тазаккуре ба шумо диҳанд, сарсахтӣ накунед! Такаббур шайтонро аз даргоҳи Худо дур кард.

Гурӯҳи баҳонаҷӯёне ба Паёмбар мегуфтанд: «*Мо роҳи худамонро меравем, хоҳ моро мавъиза кунӣ ё накунӣ*».[4]

Онҳо ба қадре сангдил буданд, ки дигар ҳеҷ тазаккуреро намепазируфтанд. Худованд низ ба паёмбараш мефармояд: «*Хоҳ ҳушдор диҳӣ ва хоҳ ҳушдор надиҳӣ барои онҳо фарқе надорад*».[5]

Кайфари ин бетафовутии онҳо дар дунё, бетафовутӣ дар қиёмат аст ва он замоне аст, ки дар дӯзах барои наҷоти худ фарёд мекашанд ва сипас бо худ мегӯянд: «*Имрӯз фарёдрасе надорем, барои ҳамин хоҳ фарёд занем ва хоҳ назанем фарқе надорад*».[6] Оре, касоне, ки дар баробари мавъизаи анбиё мегӯянд: «*Фарқе надорад, ки бигӯед ё нагӯед*», *он ҷо* ҳам

---

[1] Сураи Аъроф-30.
[2] Сураи Бақара-110.
[3] Сураи Мӯъминун-24.
[4] Сураи Шуаро-136.
[5] Сураи Бақара-6 ва Ёсин-10.
[6] Сураи Иброҳим-21.

мегӯянд: «*Фарқе надорад, ки нола кунем ё накунем*».

Чаро инсонҳое, ки метавонанд дар сояи пандпазирӣ ва пайравӣ аз мантиқ ва раҳбарони маъсум, дар бандагии Худо аз фариштаҳо бартар шаванд, ба хотири ғурур ва баҳонаҷӯӣ корро ба ҷое мерасонанд, ки Қуръон дар бораи онҳо мефармояд: «*Онҳо гурӯҳи каррону гунгҳо ва кӯрон ҳастанд*».[1]

«*Онҳо ба хотири ғафлат аз чаҳорпоён бадтаранд*».[2] «*Қалби онҳо аз санг ҳам сахттар аст; зеро гоҳе аз канори санг чашмаҳое сарозер мешавад, вале ин сангдилон заррае такон намехӯранд*».[3]

**Авомили напазируфтани амру наҳй**

Сабабҳои напазируфтан зиёд аст, ки онҳоро метавон ба ду навъ тақсим кард. Яке сабабҳои дарунӣ ва дигарӣ асбоби берунӣ. Ибтидо бо чаҳор асбоби дарунӣ ошно мешавем.

**Авомили дарунӣ**:

**1-Ҷаҳл**

Кӯдаконе, ки аз суханони волидайн итоат намекунанд ба хотири он аст, ки асрореро, ки дар фармони волидайн аст намефаҳманд.

Имом Ризо (р) фармуд: «Агар мардум зебоиҳои суханони моро бидонанд, пайрави мо мешаванд».[4]

Анбиё ба афроди гумроҳ мефармуданд:

«Шумо ҷоҳил ҳастед, вагарна ин ҳама сарсахтӣ дар муқобили мо нишон намедодед».

---

[1] Сураи Бақара.

[2] Сураи Аъроф-179.

[3] Сураи Бақара-74.

[4] «Васоил», ҷ.18.саҳ.65.

Чи бисёранд касоне, ки пойбанд ба намоз нестанд, чунки аз асрори намоз огоҳӣ надоранд ва агар ошно шаванд, намоз хоҳанд  хонд.

Дар оёт ва ривоёт, ки он ҳама супориш ба илмҷӯӣ ва суол намудан аз уламо шудааст, ба хотири нақши илм дар итоат аст. Муроди мо аз илм, ҳуҷҷати донишгоҳ нест зеро, чӣ бисёранд касоне, ки ба хотири надоштани маълумоти лозим барои анҷоми баъзе аз корҳои маъруф ва тарки мункар бетафовутанд. Дар ривоёт мехонем:

«Худованд ҳамон гуна ки аз бесаводон паймони омӯзиш дидан гирифтааст (ва онҳоро ба омӯхтани илм ташвиқ намудааст), аз донишмандон низ паймони омӯзиш додан гирифтааст».

Ба ҳар ҳол вусъат додани илм ва мутолиаю китобхонаҳо ва мусобиқоти илмӣ, бахусус агар ҷиҳатдор, коромад ва муфиду созанда ва дар ростои ошноӣ бо асрори маъруфҳо ва хатароти мункарот бошад, қадами муҳимме дар пешгирӣ аз фасод аст.

**2-Таассуб**

Яке аз авомили напазируфтани амр маъруф ва наҳй аз мункар, таассуб аст. Таассуб гоҳе муфид ва мусбат аст ва он замоне аст, ки пофишорӣ бар аҳдоф ва ормонҳои муқаддас, бо  далел бошад. Вале аксари таассубҳо решаи миллӣ, қавмӣ, ҳизбӣ, нажодӣ, шуғлӣ ва ғайра доранд ва ё пофишорӣ ба расму пиндорҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ аст. Қуръон дар ин бора мефармояд:

*«Ҳар гурӯҳе бар он равише, ки ҳастанд хушҳоланд»*.[1] Таассуб дуду торикӣ аст, ки пеши чашмро мегирад ва ҳеҷ ҳақиқатеро ҷуз роҳу расми худ намепазирад. Пофишории

---

[1] Сураи Мӯъминун-53.

аксари бутпарастон дар муқобили паёмбарон аз рӯи бутпарастии ниёгон ва таассуб бар роҳи онҳо буд.

Он чӣ Иблисро ба сарнавишти шум гирифтор кард, таассуби ӯ буд, ки ба Худованд гуфт: «Нажоди ман аз нажоди одам бартар ва ман аз оташ ва ӯ аз хок офарида шудааст, пас чаро ман ба ӯ саҷда кунам».[1]

Ислом дар ҳамаи барномаҳои худ бар зидди таассуб мубориза кардааст, аз ҷумла:

1) Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) духтари аммаи худро, ки аз хонадони шариф ва озод буд, ба ақди як ғулом даровард.

2) Модари шаш нафар аз имомони маъсуми мо каниз буданд.

3) Имом Ризо (р) бо хидматгорҳои худ машварат мекарданд.

4) Ислом ҳамаи милокҳо, ҷуз илму тақво ва собиқаю ҷиҳод ва ҳиҷратро зери по гузошт.

5) Ислом ҳамаи мардумро дар баробари қонун баробар донист.

6) Робитаи худро бо ҳамаи миллатҳо ва макотибу идеологияҳо, танҳо бурҳон ва мантиқ қарор додааст.

7) Дар тақсими байтулмол ва ширкат дар майдони ҷанг, барои касе ҳисоби хоссе боз накард.

8) Роҳи расидан ба тамоми камолот, аз қабили имоми ҷумъа будан, қозӣ будан, фақеҳ ва марҷаи тақлид буданро барои ҳамаи афрод боз гузоштааст.

9) Ҳеҷ шахсе ва қавмеро аз назари шуғлӣ нисбат ба дигарон бартар надонист.

10) Дар барномаҳои амалӣ ҳамаро дар канори ҳам қарор

[1] Сураи Шуаро 198-199.

дод. Назири намози ҷамоат, ҷумъа, намози ид, ҳаҷ ва ҷиҳод; дар ҳазорон дастури Ислом, ҳатто як мавриде, ки нишоне аз бартарии араб бар аҷам ва ё сафед бар сиёҳ бошад, ба чашм намехӯрад.

**3-Такаббур**

Яке аз далоили напазируфтани интиқоди дигарон ва қабул накардани наҳй аз мункар, рӯҳияи истикбор аст. Сарчашмаи такаббур - син, илм, мол, шакл, қабилаву мақом, ҳизб, фарзанд ва амсоли инҳо аст, ки дар Қуръон барои анвои ин сарчашмаҳо оётеро мехонем:

Қуръон, таърихи Фиръавнро баён мекунад, ки ба хотири қудраташ такаббур варзид ва гӯш ба суханони Мӯсо надод. Таърихи Қорунро нақл мекунад, ки ба хотири сармояаш такаббур намуд ва зери пандҳои ҳазрати Мӯсо нарафт. Таърихи Яҳудро нақл мекунад, ки онҳо худро фарзандони маҳбубони Худо мепиндоштанд ва мегуфтанд, ҳаргиз дӯзах бо мо тамос нахоҳад гирифт, ба ҷуз чанд рузе, зеро мо азизи Худо ҳастем. Аз мустакбироне ном мебарад, ки ба хотири ҷамъ кардани мол, ҳама кас ва ҳама чизро ба масхара мегирифтанд. Аз мустакбироне ном мебарад, ки ба хотири надоштани фарзанди писар, Паёмбари Акрамро таҳқир мекарданд ва ӯро абтар медонистанд. Аз мустакбирони пуртаваққуе ном мебарад, ки ба анбиё пешниҳоди тарди фуқароро медоданд, вале паёмбарони азиз ҳаргиз ин пешниҳодро намепазируфтанд. Аз пулдорони бедарде ном мебарад, ки ҳангоми ҷанг, иҷозати мураххасӣ мегирифтанд.

**Нишонаи такаббур**

Шахсе ба назди Имом Алӣ омад ва гуфт:

Ман аз либоси фохир ва манзилу маркаби хуб истифода

мекунам. Оё ин нишонаи такаббури ман аст?

Имом фармуданд:

Нишонаи такаббур он аст, ки ҳарфи ҳақро напазирӣ.Чӣ бисёранд фақирони мутакаббир ва сарватмандони ботавозуъ.

**4-Луқмаи ҳаром**

Имом Ҳусейн (р) рӯзи Ошуро ба тарафдорони Язид фармуд:

«*Далели он ки наҳй аз мункари ман бар шумо асар намекунад, он аст, ки шикамҳои шумо аз ҳаром пур шудааст*».

Оре! Луқмаи ҳаром, монеи пазируфтани ҳақ мешавад, гарчӣ он сухан аз фарзанди Паёмбар (с) ва Имом (р) бошад.[1]

Луқмаи ҳаром, монеи мустаҷоб шудани дуоҳо мешавад.[2]

Луқмаи ҳаром монеъ аз қабул шудани ибодат мешавад.[3]

Луқмаи ҳаром, гароиши инсонро ба гуноҳ ва тоғутгароӣ зиёд мекунад.

Луқмаи ҳаром, дар насл асари манфӣ мегузорад.[4]

Хурдани моли ятим, луқмаи ҳаром аст, дар қиёмат оташе дар дарун барпо мекунад.[5]

Луқмаи ҳаром, боиси сангдилӣ мешавад.[6]

Луқмаи ҳаром, монеи тарбият ва ҳаракатҳои инқилобии саҳеҳ мешавад.

---

[1] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.45 ссаҳ.8.

[2] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.93саҳ.321.

[3] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.100 саҳ.16.

[4] «Фуруи кофӣ», ҷ.5 саҳ.125.

[5] Сураи Нисо-10.

[6] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.45 саҳ.8.

**Авомили берунӣ**:

1-Таблиғоти манфӣ:

Агар афрод ё гурӯҳҳое бар муқобили амри маъруфкунандагон даст ба таблиғот бизананд, метавонанд монеи таъсири каломи онҳо шаванд. Агар имрӯз таблиғот бар муқобили низоми исломӣ намешуд, мардум ба суроғи шинохти он меомаданд. Таблиғоти манфӣ корро ба ҷое мерасонад, ки мардум, анбиёву авлиёро маҷнун ва соҳир донанд; Юсуфро муттаҳам; ҳазрати Алиро воҷибулқатл; Имом Ҳусейнро хориҷӣ ва хидмат ба Язидро ибодат донистанд. Таблиғот, аз калисо, ки дар ҷиноёти абарқудратҳо, ба таври мустақим ё бо сукут ва ризоят, шарики ҷурми онҳо мегардад, чеҳраи инсондӯст ва отифие месозад.

2-Таорузот

Яке аз монеаҳои пазируфтани ҳақ ва амр ба маъруф таорузот аст; аз ҷумла:

- Таоруз байни манзил ва мадраса аст. Шогирд дар мадраса намоз ёд мегирад, вале дар хона бо падару модаре аст, ки аҳли намоз нестанд.

- Таоруз миёни дидани аломатҳое, ки хатароти сигорро нишон медиҳад, бо дидани боз шудани корхонаи сигорсозӣ аз телевизион.

- Таоруз байни супоришҳое, ки дар бораи сарфаҷӯӣ ва ҳифзи байтулмол мешавад ва харҷҳои беҳуда ва беҳисоби муассисаҳои марбут.

Ин гуна таорузҳо эътиқоди шунавандаро нисбат ба гӯянда кам мекунад.

3-Тоғутҳо - саркашон аз итоати Худо

Дар Қуръон борҳо ҷумлаи «*Дигаронро аз роҳи Худо бозмедоранд*», ба кор рафтааст. Касоне монеи роҳи Худо

мешаванд, ки одатан ё саркашоне аз итоати Худо ҳастанд, ё сармоядорон ва соҳибони мақом, ё дӯстони фосид ё падару модар ва устод ва мушовирони нобоб.

Барои мисол:

Ҷавоне, ки мехоҳад ба таҳсили худ идома диҳад, гаронии ҳаққи муаллим ва китобу маскан ва хароҷоти зиндагӣ, метавонад монеи ӯ шавад.

Покдиле, ки мехоҳад ба вазифаи худ амал кунад, лабхандҳои сард ва масхара кардани атрофиён, метавонад монеи ӯ шавад.

4-Рафтор ва собиқаи гӯянда

Яке аз мавонеи пазируфтани амр ба маъруф, собиқаи гӯяндааст. Дар ин бора, дар шароити амри маъруфкунандагон матолиберо ёдовар мешавем.

5-Ҳал нашудани мушкилоти иқтисодӣ

Агар мо мушкилоти иқтисодии мардумро ҳал кунем, мардум ҳам ба роҳатӣ ба суханони мо гӯш хоҳанд дод. Қуръон дар даъвати мардум ба ибодат, ба ин масъала таваҷҷӯҳ намудааст:

«*Бандагони Худо бояд* **(***ба шукронаи неъматҳо***)** *Худоро ибодат кунанд***;** *ӯст***,** *ки мардумро аз гуруснагӣ ва ноамнӣ наҷот додааст*». Дар ин ҷо сер кардани мардумро заминаи даъват ба ибодат қарор додааст.

Як савол:

Ба хотири тарс ва рафоҳталабӣ, ё каҷфаҳмӣ баъзеҳо оёти Қуръонро дастовез қарор медиҳанд ва мегӯянд: Оё касоне, ки дар роҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, молу ҷони худро доданд, шомили ояти: «*Бо дасти худ худро ба ҳалокат наандозед*», нестанд?

Чаро мо дар ҷое, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

сабаби таҳаммули сахтиҳо мешавад, худро фидо кунем? Қуръон мефармояд: «*Худкушӣ накунед*». Дар ҳадис мехонем: «Бо касоне, ки шамшер ба даст доранд, даргир нашавед!» Чунин ашхос бо баҳона овардани ин гуна паёмҳо, гардан аз зери бори амр ба маъруф холӣ мекунанд.

Ҷавоб:

Сураи Бақара аз ояти 190 то 195 марбут ба ҷанг аст ва дар ҳар оят ба нуктае ишора мешавад, ба ин гуна:

1-Ояти 190 мефармояд: «*Дар роҳи Худо биҷангед*». Ин оят асли ҷангро матраҳ мекунад.

2-Ояти 191 мефармояд: «*Ҳар куҷо куффорро дидед, биҷангед*»; ин ҷумла шиддати ҷангро матраҳ мекунад.

3-Ояти баъдӣ ҳадафи ҷанг ва муддати онро баён мекунад: «*Биҷангед, то фитна аз байн биравад!*»

4-Ояти дигар, масъалаи муқобила ба мислро баён мекунад, ки агар куффор эҳтироми Маккаро нигаҳ надоштанд ва ба шумо ҳамла карданд, шумо низ дар ҳамон макони муқаддас муқобилият нишон диҳед.

Хулоса ин ки ҳар яке аз ин оёт, пай дар пай ба гушае аз масоили ҷанг ишора мекунанд, то ин ки ба ин оят мерасад ва мефармояд: «*Ҷанг кардан, ниёз ба ҳимояти молӣ дорад*» ва мефармояд: «*Эй мардум! Бояд будҷаи ҷангро бипардозед ва инфоқ кунед!*» Ва сипас мефармояд: «*Бо дасти худатон, худро ба ҳалокат наандозед*», яъне агар размандаҳоро ҳимояти молӣ накунед ва онҳо шикаст бихӯранд, душман ба шумо юриш меоварад ва молу ҷони шуморо аз байн мебарад. Касе, ки молу ҷони худро барои эҳёи дини Худо ва пешгирӣ аз фасод, дар маърази хатар қарор медиҳад, бузургтарин тиҷорат ва муомиларо бо Худо мекунад. Ӯ ҷону мол медиҳад ва эҳёи дин ва бедории уммати исломиро

натиҷа мегирад. Ин доду гирифт, ҳадар додан нест, балки тиҷорати судбахше аст, ки Қуръон ба он ишора кардааст: «*Оё шуморо ба тиҷорате, ки аз азоби сахт наҷотатон медиҳад, роҳнамоӣ бикунам? Ба Худо имон оваред ва дар роҳи ӯ молу ҷонро фидо кунед! Бидонед, ки ин ҷиҳод бо молу ҷон барои шумо муфидтар аст. Зеро шумо бо нисори молу ҷон, коре мекунед, ки Худованд гуноҳонатонро мебахшад ва шуморо вориди он боғҳои биҳиштие мекунад, ки наҳрҳо аз пои он равон аст ва дар ҷойгоҳҳои дилписанд, дар боғҳои доимӣ қароратон медиҳад ва ин растгории бузурге аст*».[1]

Дар ин оят, ҷиҳод бо мол ва ҷон, ҳамчун як растагорӣ ва тиҷорати наҷотдиҳанда муаррифӣ шудааст.

Оре! Ҷону молро ба хотири дини Худо нисор кардан, ба ҳадар додан нест, балки муомила бо Худо аст ва Қуръон мефармояд: «*Баъзе аз мардум, ҷони худро ба ризои Худо мефурӯшанд*».[2]

Бо нигоҳе ба зиндагии бузургони таърихи Ислом мебинем, ки родмардоне мисли Ҳуҷр ибни Удай, Рушайди Ҳиҷрӣ, Майсами Таммор, Абӯзари Ғифорӣ, Аммори Ёсир ва Молик ибни Аштар ба хотири фарёд алайҳи зулми ҳокимон, ҷон доданд ва имомони мо аз онҳо таҷлил карданд.

Барои мисол Имом Ҳасан ва Имом Ҳусейн ҳамроҳ бо падари азизашон ҳазрати Алӣ (алайҳис–салом) ҳангоми табъиди Абӯзар (ба ҷурми наҳй аз мункар) ӯро гусел карданд ва аз ӯ ситоиш намуданд.[3]

Имом Ҳасан дар сулҳномае, ки аз тарафи Муовия ба он

---

[1] Сураи Саф-12.

[2] Сураи Бақара-207.

[3] «Наҳҷулбалоға», хутбаи 130.

ҳазрат таҳмил шуд, шарт гузошт, ки бояд Ҳуҷр ибни Удай, ки ба ҷурми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дастгир ва ҳукми қатлаш содир шуда буд, озод гардад.

Тамоми Аҳли Байти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба шаҳидони роҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар эҳтироми махсусе мегузоштанд. Оё ин ҳимоятҳои имомони маъсум, ҳимояти ба ҳадардиҳандагони ҷон аст, ё эҳтиром ба шаҳидони фазилату каромат? Дар Қуръон, ки мефармояд: «*Худованд муҷоҳидонро бар дигарон бартарӣ додааст*»,[1] мурод ҳамин гуна афрод ҳастанд.

**Собиқаи каҷфаҳмӣ аз ояти «Ло тулқу»**

Дар минтақаи Қустантания (Истамбул) миёни лашкари Ислом ва лашкари Рум сафоройӣ шуд. Дар ин миён яке аз мусулмонон худро ба қалби лашкари душман зад ва ба онҳо ҳамлавар шуд. Баъзе аз мусулмонони каҷфаҳм гуфтанд: «Ин шахс худро ба ҳалокат андохт».

Абӯайюби Ансорӣ, ки мизбони Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар Мадина буд, фарёд зад:

«Чаро оятро каҷ маъно мекунед? Ин оят моҷарое дорад ва он ин аст, ки баъзе аз мусулмонон махфиёна бо ҳам замзама мекарданд, ки агар мо амволамонро инфоқ намекардем, акнун ҷузъи сарватмандон будем. Оят нозил шуд, ки инфоқ кунед ва худро ба ҳалокат наандозед, яъне агар инфоқ накунед, нобуд мешавед. Диндорӣ харҷ дорад. Пирузии Ислом бар куфр будҷа мехоҳад. Фикр накунед, ки агар харҷ накарда будед, имрӯз амволатон зиёд шуда буд».[2]

---

[1] Сураи Нисо 95.

[2] Тафсири «Дурр-ул-мансур» ба нақл аз «Ал-Мизон» ҷ2.саҳ.74.

Пас, ҳадафи ин оят дар канори оёти ҷиҳод, кӯмаки молӣ ба разманда аст, на манъи қиём бар зидди мункарот.

Оре! Касоне, ки мегӯянд: Мо ба хотири ояти «*Ло тулқу*», ки супориш кардааст: «Худатонро ба ҳалокат наандозед!», дар ҳар куҷо эҳсоси хатар кардем, аз амри ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, бояд лаб фурӯ бандем ва сулҳу созиш кунем ва пеши хунрезиро бигирем, бояд аз онҳо бипурсем: «Ҷангҳои Паёмбари Акрам ва ҳазрати Алӣ ва Имом Ҳасану Имом Ҳусейн (алайҳим-ус-салоту вассалом)-ро, ки дар онҳо ҷони мусулмонон дар хатар буд, чӣ гуна тафсир мекунед?!

Чаро ҳазрати Алӣ (к) дар ҷанги Сиффин, қабл аз он, ки Аммори Ёсир ва Увайси Қаранӣ шаҳид шаванд, сулҳ накард?» Ростӣ! Агар ҷонфишонӣ дар роҳи Ислом худкушӣ аст, бояд масъалаи ҷиҳод аз дин бардошта шавад?!

**Дастовези дигар**

Худованд дар сураи Моида мефармояд: «*Муроқиби худатон бошед! Агар шумо ҳидоят ёфтед, гумроҳии дигарон зараре бар шумо намерасонад*».[1]

Оё маънои ин оят ин аст, ки мо коре ба кори дигарон надошта бошем ва аз амру наҳйи дигарон худдорӣ кунем?

**Посух**:

Ояти 105 сураи Моида дар посух ба ояти 104 қарор гирифтааст, зеро дар ояти қабл сухан аз мушрикон ва бутпарастон аст, ки ҳар гоҳ ба онҳо гуфта шавад: Ба суроғи роҳи Худо ва Расул биёед! Мегӯянд: Ҳамон роҳе, ки ниёгони бутпарасти мо рафтанд, хоҳем рафт ва коре ба ваҳй ва нубувват надорем.

Худованд мефармояд: «*Акнун, ки онҳо ин гуна сарсахтӣ*

---

[1] Сураи Моида 105.

*нишон медиҳанд*, *муроқиби худатон бошед ва гумроҳии онҳо зараре ба шумо намерасонад*». Бинобар ин, ин оят дар бораи афроди баҳонаҷӯ аст ва дар робита ба амри маъруф ва наҳй аз мункар нест. Он чи аз оёти Қуръон ва ривоёт ва роҳи анбиё ва пешвоёни дини мо маълум мешавад, ин аст, ки бояд дар анҷоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар камари ҳиммат бандем, то маъсияти Худованд анҷом нагирад ва дар ин роҳ аз маломат ва неш ва нӯш ва табъиду озор ва таҳқиру мушкилот наҳаросем. Ба ғайр аз мавриди ҳифзи ҷон ва ё мавориде, ки анҷоми маъруф ва ё пешгирӣ аз мункар дар он дараҷа аз аҳамият нест, ки мо ҷону мол ва обрӯ нисор кунем, ташхиси ин маворид низ, ниёз ба мурочиа ба исломшиносони шуҷоъ дорад.

# Боби сеюм

## Вазифаи онҳое, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекунанд

## Вазоифи амримаъруфкунандагон

Аз оёти Қуръон мавориди зерро метавон дарёфт:

1-Касоне дар амри маъруф муваффақтаранд, ки худашон сифатҳои барҷастае дошта бошанд ва аҳли тавбаву саҷда ва рукӯу қиём бошанд.[1]

2-Ин афрод ҳаргиз набояд аз мардум интизори моддӣ дошта бошанд.[2]

3-Набояд ба хотири ҷазби бегонагон ёрони худро аз даст диҳанд.[3]

4-Дар гуфтору баён, матонат дошта бошанд.

Дар Қуръон барои баён таъбирҳое ба кор рафтааст, аз ҷумла:

Калимот ҳақ ва дилписанд бошад, **«***Калимоти хуб ба сӯи ӯ боло меравад***».**[4]

Дар Қуръон калимаи «таййиба» - сухани некӯ - ба дарахте ташбеҳ шудааст, ки решаи он собит ва шохаҳои он дар фазо пахш ва меваҳои он доимӣ аст.[5]

Яке аз сифатҳои Қуръон «Аҳсан-ул-ҳадис» (сухани хуб ва некӯ) аст.[6]

Қуръон ба мо дастур додааст, ки бо беҳтарин баён бо мардум сухан бигӯем.[7]

Ҷолиб он аст, ки сухани некӯро бояд нисбат ба ҳамаи мардум риоят намуд, хоҳ мусулмон бошаду хоҳ ғайри

---

[1] Сураи Тавба 122.
[2] Сураи Ҳуд 29.
[3] Сураи Ҳуд 30.
[4] Сураи Фотир 10.
[5] Сураи Иброҳим 24.
[6] Сураи Зумар 23.
[7] Сураи Исро 53.

мусулмон.[1]

Дар Қуръон носазо гуфтан ҳатто ба мушрикон наҳй шудааст, чунки мумкин аст, онҳо низ ба муқаддасоти мо носазо бигӯянд[2].

5-Сухан мантиқӣ бошад; дар саросари Қуръон бурҳон ва баййина борҳо ба чашм мехӯрад, ҳатто аз куффор мехоҳад то агар сухани мантиқӣ доранд баён кунанд.[3]

Сухан агар мантиқӣ бошад, тарафдорони худро дар таърих ва дар саросари ҷаҳон пайдо мекунад. Ҳатто агар замоне ба хотири фишор ва таҳдиди абарқудратҳо, хуршеди мантиқ пушти абрҳо бимонад, дер ё зуд абрҳои таассуб ва баҳонаю таҳдид канор меравад ва ҳақ худро нишон хоҳад дод.

Зулайхо бо тӯҳмат, таҳдид, тардастӣ ва қудрат, Юсуфи покдоманро ноҳақ ба зиндон андохт, аммо пас аз чанд сол ночор шуд бо сароҳат эълон кунад, ки ҳақ бо Юсуф аст.[4]

6-Баёни содда.

7-Парҳез аз шухӣ ва таҳқир.

8-Мухтасар ва муфидгӯӣ.

9-Истифода аз калимоти отифӣ, нарм ва муҳаббатомез.

Қуръон анбиёро бародари мардум муаррифӣ мекунад[5] ва ин таъбир беҳтарин роҳ барои ҷазби мардум аст. Мо агар касеро, ки хилофе анҷом медиҳад, бо калимоти бародарам! Хоҳарам! Садо бизанем, тавфиқи бештаре хоҳем дошт.

Худованд ба Мӯсо ва Ҳорун (а) мефармояд: «*Ҳангоме ки ба*

---

[1] Сураи Бақара-83.

[2] Сураи Анъом-108.

[3] Сураи Бақара-11, Анбиё-24, Намл-64, Қасас-75 ва ғайра.

[4] Сураи Юсуф-51.

[5] Сураи Шуаро-142.

*назди Фиръавн рафтед, бо ӯ ба нармӣ суҳбат кунед».*[1]

Ва касоне, ки дар баёнашон навъе сангинӣ аст беҳтар ин аст, ки сухангӯе ҳамроҳи худ бибаранд.[2]

Дар ояти 43-и сураи Аҳзоб мехонем: «*Худованд ва фариштагон барои ин ки шуморо аз зулумот ба нур даъват кунанд, бар шумо дуруд мефиристанд*».

Оре! Роҳи нуфуз дар дилҳо, таъсир дар калом ва омӯзишу роҳнамоии мардум бояд аз тариқи раҳмат ва мулотифат бошад. Дар Қуръон дар ин замина оёти зиёде ба чашм мехӯрад.[3]

Агар нигоҳе ба ояти рӯза бикунем, дарк хоҳем кард, ки чӣ гуна барои ташвиқи мардум ба ин маъруфи бузург, ба латофат заминасозӣ мекунад. Фарз кунед, кӯдаке аз сӯзандору тарсон аст; табиби ҳозиқ бояд ӯро омода кунад, бинобар ин ба ӯ мегӯяд, ман туро дӯст медорам. Нотарс набош! Агар ба ту сӯзандору мезанам аз рӯи дилсӯзӣ аст.

Худованд низ барои фармони рӯза мефармояд: «*Эй касоне, ки ба ман имон овардаед ва маро мехоҳед!*»; табиб сӯзандоруро, ки дарди мухтасаре дорад, мезанад ва Худованд, низ мефармояд: «*Рӯза барои шумо воҷиб гардид*».

Табиб ба кӯдак мегӯяд: Чанд дақиқа бештар дард надорад, Худованд низ мефармояд: «*Рӯза чанд рӯзе бештар нест*».

Табиб мегӯяд: Ҳамаи мардум сӯзандору задаанд ва сӯзандору задан кори муҳимме нест. Худованд низ мефармояд: «*Ба инсонҳое, ки қабл аз шумо буданд низ рӯза воҷиб буд*».

---

[1] Сураи Тоҳо-44.

[2] Сураи Қасас-34.

[3] Сураи Баййина-17, Ар-Раҳмон-2.

Табиб мегӯяд: Агар сӯзандору бар шумо созгорӣ надорад, ба ҷои он дору масраф кунед. Худованд ҳам мефармояд: *«Агар мусофир ё бемор будӣ, рӯза нагир ва ба ҷои он дар дигар моҳ рӯза бигир».*[1]

Лаҳни фармон барои рӯза, монанди суханони як табиби дилсӯз аст, ки кӯдакро бо ҷумалоте омодаи сӯзандору задан мекунад. Оре! Ин гуна амр ба маъруф куҷо ва равише, ки мо онро ба кор гирифтаем куҷо? Дар зимн, аз ташбеҳи оёти Қуръон ба рафтори табиби дилсӯз узрхоҳӣ мекунам.

10-Наҳй аз мункар баҳонае ба дасти душман набошад.

Наҳй аз мункар набояд ба гунае бошад, ки барои душманони қасамхӯрдаи мо дастовезе қарор гирад. Мутаассифона баъзеҳо дар қолиби тазаккур ва наҳй аз мункар масоилро ба гунае дар гуфтор ва навиштор матраҳ мекунанд, ки барои душманони мусулмонон, матни хубе дар минбарҳояшон аст.

**Як намуна аз Қуръон**:

Замоне, ки Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) суҳбат мекарданд, баъзеҳо ба хотири он, ки ҳазрат дар ҳангоми суҳбат нигоҳе ба онҳо кунанд, ё оромтар сухан бигӯяд, мегуфтанд: «Роино», яъне мурооти моро бикун. Калимаи «роино» дар назди яҳудиён маънои баде дошт ва лизо онҳо, ҳамин ҷумлаи мусулмононро дастовез қарор доданд, ки мусулмонон ба паёмбарашон мегӯянд, «роино» (ба таъбири яҳудиён моро аҳмақ кун), пас ин оят нозил шуд: *«Эй касоне, ки имон овардаед! Ин калимаро ба кор набаред, балки бигӯед: Эй Паёмбар ба мо назар кун!»*[2].

---

[1] Сураи Бақара-184.

[2] Сураи Бақара-104.

Аз ин оят чунин маълум мешавад, ки дар калимот ва истилоҳот ва адабиёт, хушгумонӣ ва покии дил танҳо кофӣ нест, балки ба сӯистифода ва дастовез қарор додани душманон низ бояд таваҷҷӯҳ дошт. Барои мисол, гоҳе имоми ҷумъа ё олиме, бо интиқоди дӯстона ихтилофи миёни масъулонро баён мекунад ва гоҳе матни ҳамон суханронӣ аз даҳони ашхоси боғараз пахш мешавад. Бинобар ин дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар танҳо сафои ботин ва қасди қурбат кофӣ нест ва бояд ба гунае амал кунем, ки душмани худ ва душмани ҷомеаи худро шод накунем.

**Муқаддимоти таъсири каломро бояд ба вуҷуд оварем**

Барои ин ки дар ҷомеа битавон хубиҳоро густариш дод ва аз фасод пешгирӣ кард, бояд нахуст муқаддимоти нуфузи калом ва қудрати амалро ба вуҷуд овард. Чун ҳар сухане аз ҳар касе, дар ҳар замон ва бо ҳар шароити илмӣ, фикрӣ ва иҷтимоӣ пазируфта намешавад, балки:

Ин касе мисли Абӯзар - нури чашми Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) аст, ки фарёдаш бисоти Муовияро мутазалзил мекунад.

Ин Имом Хумайнӣ аст, ки ҳукми эъдоми Салмон Рушдиро содир мекунад ва ба Америко мегӯяд: Ҳеҷ коре наметавонад бикунад.

Оре, мусулмонон бояд дар баробари мухолифон муҷаҳҳаз бошанд. Агар аз назари илмӣ, технологӣ, ташкилотӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва сиёсӣ худкифо ва мустақил ва азиз бошанд, метавонанд дар баробари мункароти байналмилалӣ қиём кунанд, ба мусаввaботи Созмони Милал (ҳар куҷо, ки бар хилофи ҳақ аст) эътироз

кунанд ва дигаронро ба мухолифат водор кунанд. Дар амру наҳйҳои фардӣ низ инсон бояд ворастагиҳое дошта бошад то суханаш дар ҷомеа харидор дошта бошад.

Ба ҳар ҳол амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар сурате воҷиб аст, ки амру наҳйи мо бар мухотаб асар гузорад. Ин мо ҳастем, ки бояд аз ҳар ҷиҳат шароити таъсири каломро ба вуҷуд оварем. Аммо чӣ гуна? Шароити отифиро бо муҳаббат ва ҳадя ва диду боздид ва шароити илмӣ ва иқтисодиро бо таҳсилоти боло ва худкифоӣ метавонем ба вуҷуд оварем.

Ба илова мардум бояд бидонанд, ки ҳадафи мо аз наҳй ва интиқод кардан бар дигарон, гирифтани мақом ва вазифаи онҳо нест.

Оре! Агар мардум ба гӯянда хушбин бошанд, суханашро бо ҷону дил гӯш медиҳанд, вагарна талошҳо беасар хоҳад буд.

**Қазовати боаҷала ва шитоб мамнӯъ**!

Имом Содиқ (р) ба меҳмони худ хурмои олие овард. Меҳмон ояте аз Қуръон хонд, ки мафҳумаш чунин буд: аз ин неъматҳо дар қиёмат мавриди бозхост қарор хоҳед гирифт. Гӯё ба назараш омад, ки хурмое ба ин хубӣ чаро дар хонаи Имом Содиқ аст. Имом (р) фармуд: Мурод аз неъмате, ки дар қиёмат аз он бозхост мешавад, неъмати раҳбарӣ ва вилоят аст ва на хурмо.[1]

Ин меҳмон ба хаёли худ, хурмои олиро хилофи зуҳд ва мақоми имомат донист ва хост ба Имом тазаккуре диҳад. Ғофил аз ин ки амру наҳй ниёз ба шинохти маъруф ва мункар дорад ва бо қазовати шитобкорона наметавон ҳар

---

[1] Ин ривоят дар зайли тафсири сураи Такосур-8, омадааст.

каломеро гуфт. Дар ҳадис мехонем: Худованд поку муназзаҳ аст аз он, ки аз нематҳои моддӣ савол кунад, зеро инсонҳои оддӣ аз обу ноне, ки ба касе медиҳанд, бозхост намекунанд, то чӣ расад ба Худои Раҳмон.

**Миёнаравӣ**

Дар ривояте омадааст:

«Мусулмон бояд дар амру наҳй миёнарав бошад ва аз ҳар гуна худкамбинӣ ва заъф ва ё дағалӣ ва тундравӣ бипарҳезад».

**Маҳбубият ва нуфузи калом**

Аз Имом Содиқ (р) суол шуд: Оё амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ба ҳама воҷиб аст?

Имом (р) фармуд:

Ин кор ба касе воҷиб аст, ки мавриди эҳтиром ва итоати дигарон бошад ва нисбат ба маъруф илм ва басират дошта бошад ва барои касоне, ки худашон дар интихоби роҳ ҳайронанд, воҷиб нест.[1]

Бинобар ин агар касе хост пеши роҳи фасодеро бигирад, ҳатман бояд мӯ ба мӯ аз олими ботақво пайравӣ кунад, то гирифтори ҳаракатҳои ношиёна ва худсаронае, ки сабаби баҳрабардории душман ва ё сӯистифодаи афроди боғараз ва ё монеи ҳаракатҳои асосӣ мешаванд, қарор нагирад. Дар ин ҷо ҳадиси ҷолиберо нақл мекунем, то бидонем, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кори соддае нест ва ҳар кас наметавонад бо ҳар шинохте, ки дорад ва бо ҳар шевае, ки railмеписандад, ин корро анҷом диҳад. Дар ҳадиси Ҳусейнӣ мехонем: «Касе, ки амр ба маъруф мекунад, бояд диншинос

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.97.саҳ.93.

бошад ва ҳалолу ҳаромро бидонад, ӯ бояд гирифтори нафси худ набошад. Агар сухане мегӯяд ё қадаме мебардорад, бароиислоҳи ҷомеа ва ризояти Худо бошад, на барои сахтии дигарон ва ё матраҳ кардани худ. Ӯ бояд хайрхоҳи мардум бошад ва ангезаи ӯ, сӯзи дарунӣ ва ғайрати динӣ бошад. Ӯ бояд бо мардум меҳрубон ва рафиқ бошад ва то зарурат пеш наояд, дағалӣ накунад. Ӯ бояд бо латофат ва муҳаббат мардумро ба сӯи хайр даъват кунад.

Гуфтораш некӯ бошад. Бояд бидонад, ки ҳар касе хулқу хӯе дорад ва бо ҳар кас бояд ба тарзи хоссе сухан гуфт. Ӯ бояд аз ҳилаҳои нафсонӣ огоҳ бошад, то мабодо ҳангоми иҷрои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ба аҳдофи шуме кашида шавад. Агар дар роҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар зарбае дид, ноумед нашавад ва сабр дошта бошад.

Агар аз мардум озоре дид, интиқом нагирад ва шикояте накунад.

Дар кори худ таассуби қавмӣ ва қабилаӣ надошта бошад.

Чашмпӯшии ӯ аз иштибоҳи дигарон, барои нафс набошад», балки барои Худо бошад, на ба хотири эҳтироми худ.[1]

**Огоҳӣ шарти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Шахси олиме бо Имом Содиқ (р) ҳамтабақ шуданд. Имом ҳангоми хӯрдан фармуданд:

Худовандо! Ин неъматҳо аз ту ва аз Паёмбарат мебошад. Он олим гуфт:

Неъматҳо танҳо аз Худост. Чаро шумо Паёмбарро изофа мекунед? Оё ин навъе аз ширк нест?

Имом Содиқ (р) дар посух фармуданд:

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.97.саҳ.83.

Худованд дар Қуръон номи Паёмбарро дар канори номи худаш, дар неъматҳое, ки ба мардум додааст, оварда ва фармудааст: Худованд ва Паёмбараш мардумро бениёз карданд.[1]

Рӯзе як сӯфии зоҳиднамо ба Имом Содиқ (р) гуфт: Чаро шумо либосҳои нарм ва зебо пӯшидаед? Ба Худо савганд, ки Паёмбар ин гуна либосҳоро намепӯшид.

Имом (р) либоси худро канор зад ва фармуд: Ман зери ин либос либоси кӯҳна пӯшидаам. Либоси кӯҳнаи зерро барои Худо ва ин ки нафси ман роҳатталаб набошад пӯшидаам ва либоси рӯйиро барои оростагии миёни мардум пӯшидаам.

Оре! Кори амр ба маъруф бояд огоҳона бошад ва маъруф бо таваҷҷӯҳ ба ҳама ҷониб дарк шавад. Кор набояд бар асоси хаёл ва ноогоҳиҳо бошад.

Имом Содиқ (р) фармуд:

Танҳо касоне ҳаққи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро доранд, ки чанд хусусиятро дошта бошанд:

Ба он чи фармон медиҳад, огоҳ бошад.

Огоҳӣ шарти лозим дар ҳамаи аркони дин аст. Барои мисол, ба тоҷирон мефармояд:

Аввал омӯзиш, сипас тиҷорат.

Дар ҳадис мехонем:

Ҳеҷ ҳаракте нест, магар ин ки инсон дар он мӯҳтоҷ ба шинохт бошад.[2]

Имон низ замоне арзиш дорад, ки бар асоси тафаккур ва тааққул бошад, на тақлидӣ ва ё сатҳӣ. Қуръон дар ситоиши чунин афроде мефармояд:

«Онҳо ибтидо дар офариниши осмонҳо ва замин фикр

---

[1] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.47.саҳ.240. Тавба 74. ва Тавба 59.

[2] «Ал-Ҳаёт», ҷ.1. саҳ.37.

мекунанд ва сипас имони худро изҳор менамоянд».[1]

Дар мавриди намоз низ Қуръон иҷозат намедиҳад, ки инсон дар ҳоли мастӣ намоз бихонад ва мефармояд:

«Намозро тавре бихонед, ки бидонед чӣ мегӯед».[2]

Бинобар ин огоҳӣ аз аҳком ва масоили амр ба маъруф аввалин шарт аст.

**Наҳй аз мункар бо мункари шадидтар мамнӯъ**

Гоҳе инсон кори хилоферо мушоҳида мекунад ва бо лаҳни тунде наҳй мекунад. Ин лаҳни тунд мункари болотар аст. Барои мисол, мардеро мебинед, ки истода пешоб мекунад. Ҳангоми наҳй аз мункар бо калимоти зишт ӯро наҳй мекунед. Қатъан ба кор бурдани он калимоти зишту қабеҳ, аз истода пешоб кардан бадтар аст.

Наметавон ба ҳар гунаҳкоре лақаби бединӣ дод. Қуръон дар васфи тақводорон мефармояд:

***«****Онҳо касоне ҳастанд****,*** *ки ҳар гоҳ амали зиште анҷом доданд ва ё ба худ зулм карданд****,*** *ба ёди Худо биафтанд ва барои гуноҳони худ истигфор кунанд****».[3]***

Бинобар ин сирфи анҷоми кори зишт ва зулм ба худ, албатта, агар аз паяш таваҷҷӯҳ ва истиғфор бошад, инсонро аз доираи дин берун намекунад ва низ ба шарти он ки исрор ба такрори гуноҳ надошта бошад.

**Бо амали худ, мардумро даъват кунед.**

Дар Қуръон, борҳо аз касоне, ки мардумро ба ҳақ даъват мекунанд, вале худро фаромӯш мекунанд, интиқоди шадид

---

[1] Сураи Оли Имрон-191.

[2] Сураи Нисо-43.

[3] Сураи Оли Имрон-135.

шудааст.[1] Касе, ки ин гуна бошад, гирифтори қаҳри бузурги илоҳӣ мешавад.[2] Ҳазрати Шуайб ба мардум мефармояд: Ман дар тарки он чизе, ки шуморо аз он боз медорам, пешқадам ҳастам.[3] Дар ҳадисе мехонем:

«Дар ҷаҳлу инҳирофи инсон ҳамин бас, ки мардумро аз коре наҳй мекунад, ки худаш ба он кор гирифтор аст».

Дар ҳадиси дигар мехонем:

«Худованд лаъна т кунад касонеро, ки амр ба маъруф мекунанд, вале худашон ба он чи мегӯянд, амал намекунанд. Мардумро наҳй аз мункар мекунанд, вале худашон муртакиби он гуноҳ мешаванд».[4]

Дар ҳадиси дигар мехонем:

«Ин гуна афродро дар дӯзах мегардонанд ва вақте аз ӯ мепурсанд: Ту чаро омадӣ? Ту, ки моро аз мункарот наҳй мекардӣ?

ӯ мегӯяд: Чун худам муртакиби гуноҳ мешудам».[5]

Дар ривоёт мехонем:

«Бо амали худатон, мардумро ба роҳи ҳақ даъват кунед». Барои мисол агар падар ё муаллим дар кӯча пӯсти мевае дид ва онро канор зад то касе ба замин наафтад, шогирдон бо дидани ин амал, аз он баъд пӯсти мева дар кӯча ва хиёбон намепартоянд. Ё агар мудири идора ҳангоми вуруд чароғҳои изофиро хомӯш кунад, дигар кормандон вазифаи худро мефаҳманд.

Ҳамчунин агар масъулони мамлакат дар сафи аввали

---

[1] Сураи Саф-2.
[2] Сураи Саф-2.
[3] Сураи Ҳуд-88.
[4] «Наҳҷулбалоға», хутбаи 129.
[5] «Мизон-ул-ҳикма», ҷ.6.саҳ.37.

намози ҷумъа ва ҷамоат бошанд, намозхонаҳо ва масоҷид пур мешавад. Ва баръакс, агар чеҳраҳои саршинос хилофе анҷом диҳанд, роҳи гуноҳро ба рӯи дигарон боз мекунанд.

Қуръон ба занони Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), ки аз мавқеияти иҷтимоӣ ва мазҳабии болое бархурдоранд, мефармояд:

**«***Эй занони Паёмбар***!** *Ҳисоби шумо аз соири занон ҷудост***.** *Агар ҳар яке аз шумо хилофе анҷом диҳед***,** *ду баробар дигарон кайфар хоҳед дид***».**[1]

Дар ҳадис мехонем:

«Ҳафтод гуноҳ аз ҷоҳил бахшида мешавад, қабл аз он ки як гуноҳ аз олим бахшида шавад, чунки олим бо гуноҳи худ роҳро барои дигарон осон мекунад».

Дар таърих мехонем ҳазрати Алӣ (к) бо як масеҳӣ ҳамсафар шуданд. Ба дуроҳа расиданд ва ҳар як бояд аз роҳе мерафт, аммо ҳазрати Алӣ (к) аз масири масеҳӣ ҳаракат кард. Масеҳӣ аз он ҳазрат пурсид:

Роҳи шумо он ҷо аст?

Имом (к) фармуд:

Медонам, вале Ислом супориш кардааст, ки ҳар гоҳ ду нафар ҳамсафар шуданд, нисбат ба якдигар ҳаққе пайдо мекунанд ва ман хостам миқдоре шуморо гусел кунам.

Масеҳӣ ба хотири ин бархӯрди ҳазрат, мафтуни паёмҳои Ислом гардид ва дини Исломро пазируфт.[2]

Ҳорунаррашид канизи зебоеро ба зиндон назди Имом Козим (р) фиристод, то заминаи туҳматеро фароҳам кунад. Рафтори Имом ба гунае буд, ки канизро дигаргун кард ва ӯ низ машғули ибодат шуд.[3]

---

[1] Сураи Аҳзоб 30, 32.

[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.71.саҳ.157.

[3] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.47.саҳ.239.

Оре! Бо ин гуна рафторҳо дигарон ба роҳи мо даъват мешаванд.

**Савол**:

Дар фатвои фуқаҳо мехонем: Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар воҷиб аст, агарчӣ инсон ба он чӣ мегӯяд, амал накунад.

Вале дар оёт ва ривоёт аз касоне, ки ба гуфтори худ амал накунанд ба шиддат интиқод шудааст ва онҳо аз бузургтарин ғазабшудагон муаррифӣ шудаанд. Кадом як аз ин ду гуфторро бипазирем.

**Посух**:

Интиқоди Қуръон ва ривоёт аз касоне аст, ки куллан миёни гуфтор ва кирдорашон фарқ аст, яъне барномаи зиндагӣ ва рафтори онҳо хилоф аст. Вале дар ҷомеа қиёфаи муслеҳ ва омири ба маъруфро доранд. Фатвои фуқаҳо ин аст, ки лозим нест, ба тамоми фармонҳои илоҳӣ амал кунед, то дорои шароити амр ба маъруф бошед. Ин ҳақиқатро дар ҳадис низ мехонем, ки мегӯяд:

Гурӯҳе назди Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) омаданд ва гуфтанд: То вақте, ки мо ба ҳамаи аҳком амал накунем, амр ба маъруф намекунем.

Ҳазрат фармуданд: Амр ба маъруф кунед, агарчӣ ба ҳамаи он чи, ки мегӯед амал намекунед ва наҳй аз мункар кунед, агарчи аз ҳамаи мункарот дурӣ намекунед.

Таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки Паёмбари азизи Ислом мефармояд: амал кардани иҷмолӣ кофист ва интиқоди Қуръон ва ривоёт нисбат ба касоне аст, ки аслан аҳли амал нестанд.

**Муҳосиботи ақлӣ**

Мақсуд аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, рушди хубиҳо ва пешгирӣ аз гуноҳон дар ҷомеа аст ва Ислом ба таври куллӣ онро воҷиб гардонидааст. Аммо ҷузъиёт ва наҳваи онро ба ақл вогузор кардааст ва меҳварро натиҷа гирифтани беҳтар ва бештар донистааст, бинобар ин бояд дар иҷрои ин фармони илоҳӣ муҳосиботи ақлиро дар назар бигирем; аз ҷумла:

1-Кадом маъруф ва кадом мункарро дар назар бигирем?

2-Ба чӣ қимат ва бо чӣ миқдор талош анҷом дода шавад?

3-Аз кадом шахс?

4-Дар кадом замон ва кадом макон?

5-Бо чӣ васила?

6-Нисбат ба кадом гунаҳкор?

7-Дар чӣ низом ва ҳукумате? Ва амсоли ин масоил бояд риоят шавад.

Баъди аз байн рафтани режими шоҳаншоҳӣ ва ташкили Ҷумҳурии Исломӣ ба раҳбарии Имом Хумайнӣ аз радио ва телевизион мусиқии дилнавозе пахш мешуд. Аз Имом пурсиданд:

Ин оҳанг ҳалол аст ё ҳаром?

Ишон фармуданд:

Ин оҳанг агар аз садо ва симои Ҷумҳурии Исломӣ бошад монеае надорад, вале агар аз садо ва симои кишвари дигар бошад, ҳаром аст.

Аз ин калом маълум мешавад, ки агар оҳанге мардумро ба низоми фосид дилгарм ва саргарм кунад, ҳаром, вале агар уммати мусулмонро шод кунад, ҳалол аст.

Дақиқан, мисли ҷосусӣ, ки барои ҳифзи манофеи куффор ҳаром, вале барои ҳифзи манфиати мусулмонон,

ҳалол аст. Ё мисли шикори ҳайвон, ки агар барои масрафи гӯшти онҳо бошад, ҳалол, вале агар барои ҳавасбозӣ ҳайвонро шикор кунанд, ҳаром аст.

Гоҳе ихтироъ ва технология дар иҷтиҳод (фатво додан) асар мегузорад, барои мисол, фақеҳ ба хотири ҳадиси шарифи, *ҳар кас заминеро обод кунад*, *он замин аз они ӯст*, ё *ҳар кас чизеро ҳиёзат ва ё ҳайвонеро шикор кунад*, *молики он мешавад*, ба мардум супориши кишоварзӣ ё моҳигирӣ мекунад. Баъд васоили нав ихтироъ мешавад, мисли трактор, ки тоҷире метавонад бо хариди чанд трактор, садҳо километр заминро обод кунад.

Дар ин ҷо фақеҳ ба худаш ҷуръат намедиҳад, ки бигӯяд ин ҳадис ва қонун, ки ҳар кас ҳар куҷоро обод кунад, аз они ӯст, густариш дорад ва инсон метавонад садҳо километрро молик шавад.

Ё фардо василае ихтироъ шуд, ки дар уқёнус ва зери дарё ҳаракат кард ва тамоми моҳиёни дарёро ҷамъоварӣ кард, ин ихтироъ, муҷтаҳид ва фақеҳро ба савол во медорад, ки оё қонуни ҳиёзат то инҷоро дарбар мегирад ё на?

Ба ҳар ҳол қонуни куллии дини ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), собит аст, вале дар мисдоқ ва мавриди қонун, фақеҳро водор ба таҷдиди назар мекунад. Ба таври куллӣ ба аҳкоми илоҳӣ аз се дидгоҳ метавон нигоҳ кард:

1-Диди воқеӣ. Яъне бигӯем, ки ҳар чӣ Худованд фармуда бидуни каму зиёд мавриди қабул аст ва заррае тағйир дар он нест.

2-Диди фақоҳатӣ. Яъне мо аз воқеъ хабар надорем, вале аз калимоти оёт ва ривоёт ин гуна мефаҳмем.

3-Диди ҳукуматӣ. Яне мо яқин дорем, ки мардум ҳукумат мехоҳанд ва медонанд, ки ҳукуматро бояд, имоми маъсум ё

фақеҳи одиле ба даст гирад. Ва фақеҳи одил қонунеро дар чаҳорчӯбаи ихтиёроти кулли, ки аз тарафи Ислом дорад ва бо абзори иҷтиҳод, вазъ мекунад. Барои мисол ҳаҷро барои як сол мамнӯъ мекунад; фармони ҷанг медиҳад; пешниҳоди сулҳро қабул ё рад мекунад.

Ду унсури замон ва макон дар шароити иқтисодӣ ва сиёсию низомӣ дар диди дуввум ва севвум муассир аст.

Бинобар ин мумкин аст, амре дар замоне мункар ва дар шароити замони дигар маъруф бошад ва ё баръакс ва бидуни ташхиси замон наметавон амру наҳй кард.

Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд муҳосиба кунем, ки кадом шахсият мехоҳад қиём кунад ва ё тазаккур диҳад? Он ҳам ба кадом хилофкор ва нисбат ба кадом гуноҳ?

Гоҳе мункар, тағйири қонуни илоҳӣ ва пайдо шудани бидъатҳо ва нобудии Ислом ва истилои куффор бар мусулмонон аст, ки дар чунин сурат шахсе чун Имом Хумайнӣ бояд қиём кунад ва даҳҳо ҳазор шаҳид бояд ҷони худро дар роҳи Ислом таслим кунанд.

Аз он болотар Имом Ҳусейн (р) бояд қиём кунад ва моҷарои Карбалоро ба роҳ андозад, ба ҳамин хотир Паёмбари азизи Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) мефармуд: «Ҳусейн аз ман аст ва ман аз Ҳусейн ҳастам».

Шояд мурод ин бошад, ки дин ва мактаби ман ба қиёми Ҳусейн зиндааст. Ба ҳар ҳол, дар амр ба маъруф, бояд тамоми ин шароит, авлавиятҳо ва муҳосиботро дар назар гирифт.

**Агар мухолифате ба амал омад, чӣ кунем?**

Гоҳе инсон амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад,

вале мардум эътиное намекунанд, дар ин сурат чӣ бояд кард?

Аввалан: Бояд бидонем, ки расидан ба аҳдоф, ба таври куллӣ ниёз ба иҷбор дорад. Аммо Худованд чунин нахостааст ва дар Қуръон оёти зиёде дорем, ки мефармояд:

*«Агар бихоҳем, ҳамаи мардумро бо иҷбор, дар роҳи ҳақ қарор медиҳем».*[1] Вале суннат ва барномаи Худованд бар озод гузоштани мардум аст.[2] Бинобар ин Паёбар низ мефармояд:

*«Вакили шумо нестам».*[3] Ва Худо ба ӯ мефармояд: *«Ҳаққи сайтара ва иҷбор надорӣ».*[4]

Мардум озод офарида шудаанд ва низоми тарбиятии исломӣ бар асоси озодии онҳост. Бинобар ин, маънои тазаккури шумо, яъне қабул кардани ҳатмии мардум нест.

Сонияи: Касоне, ки муддатҳо дар роҳе сайр кардаанд, якдафъа наметавонанд аз роҳи худ даст бардоранд ва бояд ба мардум фурсат дод.

Солисан: Гоҳе тазаккур дар замон ва шароите қарор мегирад, ки шахс ҳассосият дорад ва бояд сабр кунем, то ҳассосияти ӯ аз байн биравад, дақиқан мисли духтури дандон, ки агар дандон дард кунад онро намекашад.

Ба илова мумкин аст ба як равише сухани ҳақро нашнавад, вале агар равишро иваз кунем, ӯ мепазирад.

Дар ривоёти тиҷорат мехонем, ки агар дар хариду фурӯши ҷинсе муваффақ нашудед, навъи тиҷоратро тағйир диҳед, шояд муваффақ шавед. Ин тағйир дар риштаҳои

---

[1] Сураи Анъом-35.

[2] Сураи Даҳр-2.

[3] Сураи Анъом-66.

[4] Сураи Ғошия-22.

таҳсилӣ низ ҳаст, ки гоҳе инсон дар риштае муваффақ нест, бо тағйир додани ришта, муваффақ мешавад. Мегӯянд Дарвин дар ду риштаи илмӣ, табибӣ ва илми динии масеҳият, шикаст хӯрд, аммо дар риштаи табиатшиносӣ муваффақ шуд. Бигзарем, ки назароти ӯ рад шудааст, вале ба ҳар ҳол соҳиби назарияе шуд.

Аз ҳама гузашта ошноӣ бо Қуръон ва ахлоқи анбиё ва супоришҳое, ки Ислом ба мо кардааст, коркуш аст.

Гоҳе мефармояд: «*Дар баробари ҷоҳил бо салом ва меҳрубонӣ бархӯрд кунед*».[1]

Гоҳе мефармояд: «*Бадиҳои мардумро бо хубӣ посух диҳед, ки ин ҳаракат душманро дӯст мегардонад*». [2]

Гоҳе мефармояд: «*Ҳатто агар (душман) бархӯрд кард, ором бош*».[3]

Гоҳе бояд мунтазири посухи қиёмат буд. Қуръон мефармояд: «*Муҷримон ба мӯъминон механданд ва масхара мекунанд ва нисбати гумроҳ будан медиҳанд, вале мӯъминон бидонанд, ки рӯзи қиёмат ҳам мӯъминон ба онҳо хоҳанд хандид*».[4]

Фаромӯш накунем, ки натиҷаи амри маъруф ва наҳй аз мункар танҳо таваҷҷӯҳи мардум нест, мумкин аст, мардум эътиное накунанд ва гӯш надиҳанд, вале подоши мо дар назди Худованд маҳфуз аст. Худованд моро мебинад ва заррае аз аҷри мо кам намешавад.

Ба илова магар мо аз анбиё беҳтарем? Он бузургворон чӣ мушкилотеро таҳаммул карданд ва захми забонҳо

---

[1] Сураи Фурқон-63.
[2] Сураи Фуссилат-34.
[3] Сураи Моида-28.
[4] Сураи Мутаффифин.

шуниданд, вале дар бархӯрдашон ҳамчунон бовиқор буданд. Ба паёмбарон мегуфтанд: «Мо шуморо сафиҳ (нодон ва сабукмағз) мебинем»,[1] вале он азизон мефармуданд: «Мо сафиҳ нестем».[2] Мегуфтанд: «Мо шуморо гумроҳ мебинем» ва паёмбарон мефармуданд: «Мо гумроҳ нестем».

Кори анбиё ҳамчун кори табибе аст, ки машғули муоличаи бемор аст, ӯ дод мезанад, вале табиб тамоми диққаташ ба озмоиш ва муоина аст ва коре ба ҳаракат ва фарёдҳои бемор надорад.

**Аз амал интиқод кунем, на аз шахс**

Мо набояд нисбат ба хилофкор кинадил бошем, балки бояд кори хилофи ӯро барояш тазаккур диҳем. Ба ибораи дигар, бо ҷаҳл мубориза кунем, на бо ҷоҳил. Бо гуноҳ мубориза кунем, на бо гунаҳкор.

Дар ривоёт мехонем: Чӣ басо Худованд афродеро дӯст дорад, агарчи аз амали онҳо хушнуд нест.[3]

Дар Қуръон мехонем, ки паёмбарон ба мардум мегуфтанд: **«***Ман бо амали шумо мухолиф ҳастам***,** *на бо худи шумо***».**[4]

Агар хилофкор эҳсос кунад, ки шахсият дорад ва маҳбуб аст ва танҳо нуқтаи заъфаш кори хилофаш аст, ба роҳатӣ онро тарк мекунад. Аммо агар эҳсос кунад, ки инсони радшудае аст, рӯз ба рӯз ба табоҳии худ меафзояд. Шахсе аз Имом Козим (р) пурсид:

---

[1] Сураи Аъроф-66.

[2] Сураи Аъроф-66.

[3] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.36.саҳ.233.

[4] Сураи Шуаро-167.

Яке аз ёрони шумо шароб хӯрдааст. Оё аз ӯ безорӣ биҷӯем?

Имом фармуд: Аз кораш безорӣ ҷӯед на аз худаш. [1]

Дар ҳадис мехонем: «Сазовор аст, ки афроди солеҳ ва ислоҳкунанда нисбат ба хилофкор раҳм кунанд».[2]

Ин қонун дар масоили хонаводагӣ ва тарбияти фарзанд низ нақши муҳимме дорад. Волидайни хуб касоне, нестанд, ки фарзандон аз онҳо битарсанд, балки касоне ҳастанд, ки шахсияти фарзандони худро ҳифз мекунанд ва фарзандон ҳатто агар мавриди хашму қаҳри падару модар қарор гирифтанд, боз ҳам аз лутфи онҳо ноумед намешаванд. Агар шумо фарзандатонро таҳқир ва ӯро бо писари аммааш муқоиса кунед ва ба ӯ гӯед:

Ту фарзанди бадбахте ҳастӣ ва писари аммаат беҳтар аст! ӯ ҳам дар ҷавоб мегӯяд: Аммаам ҳам аз ту беҳтар аст. ӯ ба истилоҳ, муқобила ба мисл мекунад ва кинаи падар ва писараммаро ба дил мегирад. Аммо агар ба ӯ гӯед, фарзандам ту аз соли қабл имсол беҳтар ҳастӣ ва ӯро бо худаш муқоиса кунед, на бо дигарон ва ё ба ӯ гӯед: Инсон бояд ҳар рӯз аз рӯзи қаблаш беҳтар бошад ва ҳарчӣ беҳтар бошӣ назди Худо ва халқи Худо ва волидайн маҳбубтар хоҳӣ буд, дар ислоҳи фарзанди худ нақши мусбате хоҳед дошт. Бинобар ин дар амри ба маъруф ва наҳй аз мункар барои хилофкор рақиб натарошем, то ӯро ҳасуд ва ҳассос ва интиқомҷӯ кунем, балки хубиҳои ӯро ба ӯ бигӯем, гузаштаи дурахшони ӯро ба ӯ ёдоварӣ кунем, бузургвории қавмӣ ва қабилавии ӯро барояш гӯшзад кунем ва аз тавон ва истеъдодҳои ӯ сухан ба миён оварем то ӯ эҳсос кунад, ки аз кор афтода нест, балки ҳам маҳбуб ва ҳам тавонманд аст.

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.27.саҳ.137.

[2] «Наҳҷулбалоға» хутбаи-141.

## Сифот ва шароити амркунандагон ба маъруф

Амри ба маъруф ва наҳй аз мункар илова ба имон ва илму қудрат ва равиш, ниёз ба як сӯзу гудоз ва таассуб ва ғайрати динии хоссе дорад. Дар ҳадисе мехонем:

Имом Саҷҷод (р) фармуд, ки ҳазрати Мӯсо аз Худованд пурсид:

Чӣ касонеро дар сояи арши худ мепазирӣ?

Хитоб расид: Афроди дасту дилпокеро, ки ҳар гоҳ диданд, ҳаромҳои илоҳӣ ба сурати ҳалол даромад, ҳамчун бабри захмхӯрда ғазаб мекунанд.[1]

**Хотира**

Ҳамин ки Салмон Рушдии муздур дар китобаш ба Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) иҳонат намуд, Имом Хумайнӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) фатвои қатли ӯро содир кард. Гурӯҳе аз сиёсатмадорон ва ҳуқуқдонони байналмилалӣ ба Имом гуфтанд: Ин фатво бо қонуни байналмилалӣ созгор нест.

Имом бо асабоният фармуд: Ӯ обрӯи Паёмбари азизро бурдааст ва бояд кушта шавад. Ҳатто агар обиди даҳр шавад, фоидае надорад ва тавбаи ӯ пазируфта нест.

Бори дигар фармуд: Эй кош ҷавон будам ва ба Британия мерафтам, то худам ӯро ҳалок кунам, - ин аст ғайрати динӣ. Оре! Амру наҳй ниёз ба қалби пурсӯз ва тасмим ва иродаи ҷиддӣ дорад.

Ҳатто агар сухани мо муассир воқеъ нашуд, ҳамин амр ва наҳй василаи наҷоти мо хоҳад шуд. Қуръон мефармояд: *«Замоне, ки қаҳри Худо омад, мо ноҳиён аз мункарро наҷот додем».*[2] Ба ҳар ҳол, агар инсон аҳли дард ва сӯз бошад, амр

---

[1] «Лаоли-ул-ахбор» ҷ.5.саҳ.269.

[2] Сураи Аъроф ояти-165.

ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад. Бедардӣ, бузургтарин дард аст. Қадимиҳо ҳар гоҳ мехостанд, касеро таҳқир кунанд, мегуфтанд: Фалонӣ бедард аст.

Имом Хумайнӣ (ризвонуллоҳи таоло алайҳ) дар бисёре аз суханон ва номаҳои худ, баъзеҳоро ба унвони мураффаҳони бедард мавриди интиқод қарор медод. Қуръон мефармояд: Паёмбар вақте мушкилоти мардумро медид, месӯхт.[1]

Дар ҳадис мехонем: Худованд ба Мӯсо (алайҳис-салом) фармуд: Оё медонӣ, ки чаро туро барои паёмбарӣ интихоб кардам? Мӯсо гуфт на! Худованд фармуд: Дар ту сӯзе буд, ки дар дигарон набуд. Қуръон мефармояд: Паёмбари Акрам (саллаллоҳи алайҳи ва олиҳи ва саллам) барои иршоди мардум ҳирс мезад[2] ва гӯё худашро мехӯрд. Бедардӣ ва сангдилӣ аз бузургтарин бемориҳои рӯҳӣ аст. Худованд мефармояд: «*Баъзе дилҳо аз санг сахттар аст*, *зеро аз канори баъзе сангҳо чашмаи обе берун меояд*, *вале дилҳое пайдо мешавад*, *ки бо ҳеҷ мавъизае такон намехӯрад*». [3]

Ба ҳар ҳол, касе тавфиқи амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро пайдо мекунад, ки рӯҳи шод ва қалби пурсӯз дошта бошад.

Нишонаи сӯз он аст, ки агар сухани норавое дар бораи худаш шунид, асабонӣ шуда ва аксуламал нишон медиҳад, ҳар гоҳ ғайбати дигаронро низ шунид, нороҳат шавад. Ё агар дар манзили худаш обе беҳуда рехта мешавад, онро мебандад, ҳамин ки дид обе дар ҷои дигар боз мондааст, онро низ бубандад.

Ростӣ, агар ин ҳассосиятҳои шахсӣ ба ҳассосияҳои умумӣ

---

[1] Сураи Тавба -128.

[2] Сураи Тавба-128.

[3] Сураи Бақара-74.

табдил шавад, дунё биҳишт мешавад. Чаро барфи хонаи худро пок мекунем, вале онро дар кӯча меандозем? Чаро обҳои олудаи манзилро ба сӯи ҷӯйҳои хиёбон равона мекунем? Чаро партовҳои мағозаро дар хиёбон мерезем? Ва чаро...? Ҳамаи инҳо нишонаи он аст, ки мо ҳанӯз мо нашудаем, балки ман ҳастем. Бояд дигаронро аз худ ва худро аз дигарон бидонем ва ба гуфтаи Қуръон, ҳама аз якдигар бошем, ҳамчун ҳадисе, ки шоир онро ин гуна ба шеър даровардааст:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Дилсӯзӣ ва ҳусни ният ба қадре арзиш дорад, ки дар китобҳои фиқҳӣ мехонем: Ҳар гоҳ шахсе ба қасди хизмат коре анҷом дод, вале дар ин кор зараре пеш омад, он шахс ҷарима намешавад. Барои мисол, агар шахсе аз рӯи дилсӯзи кӯдакеро, ки дар мобайни хиёбон ва дар миёни мошинҳост, ба канори девор бубарад, вале аз сӯрохи девор море кӯдакро бигазад он шахс масъул нест, чун кораш ба қасди хайр буд. Ё агар шахсе дар ҳангоми хизмат бидуни кӯтоҳӣ кардан, зарбае ба ҷинс ё мол зад, ҷаримааш намекунанд. Қуръон дар ин маврид мефармояд: Касе, ки ба қасди эҳсон қадаме бардошт, вале тасодуфан хатар ва ё зараре пеш овард, роҳе барои ҷарима кардани ӯ нест.[1]

### Амр ба маъруф нишонаи ишқ ба мактаб[2] аст

Агар ба шиорҳо ва суханони Имом Ҳусейн (р) ва ёрони бовафои он ҳазрат дар Ошуро нигоҳ кунем, мебинем, ки

[1] Сураи Тавба-91.
[2] Инҷо ба маънои идеология.

ҳама ҷо сухан аз ишқ ба Ислом ва ақида аст. Имом Ҳусейн (р) мефармояд: Оё намебинед, ки ба ҳақ амал намешавад ва пеши ботил гирифта намешавад.[1]

Дар ҷои дигар мефармояд: Ман ҷуз барои ислоҳ дар дини ҷаддам қиём намекунам.[2]

Ва мефармояд: Ҳадаф аз қиёми ман амри маъруф ва наҳй аз мункар аст.[3]

Ва боз он ҳазрат мефармояд: Агар дини ҷаддам ҷуз бо шаҳодати ман устувор нашавад, пас эй шамшерҳо маро дарбар гиред.

Касе, ки ишқ ба идеология дорад, ҳозир аст барои ҳифзи он ҷонашро дар хатар андозад. Дар зиндагии Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), мехонем, ки он ҳазрат бо масеҳиёни Наҷрон қарор гузоштанд, ки мусулмонон ба масеҳиён ва масеҳиён ба мусулмонон нафрин кунанд ва ҳар нафрине, ки амалӣ шуд ва қабул гашт, гурӯҳи нафринкунанда барҳақ ва гурӯҳи нафриншаванда бар ботил аст. Ин моҷаро, ки ба достони мубоҳила маъруф аст, дар Қуръон низ матраҳ шудааст.[4] Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ҳозир шуд ҷони худ ва Фотима ва Алӣ ва Ҳасану Ҳусейн салавотуллоҳи алайҳимро дар маърази бузургтарин хатар қарор диҳад ва ин ҷуз имон ва ишқ ба идеология чизе нест.

**Ба ҳадди ақалл басанда кунем**

Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ба ҳадди ақал басанда кунем ва агар пазируфта шуд, қадами баъдиро

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.44.саҳ.381. ҷ.78.саҳ.116.
[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.44.саҳ.339.
[3] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.44.саҳ.339.
[4] Сураи Оли Имрон-61.

бардорем.

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар рӯзҳои аввал мардумро ба як ҷумла даъват намуд: Бигӯед ҷуз Худои Якто маъбуде нест, то растагор шавед.

Аммо қавонини сахте, ҳамчун қавонини рӯза, закот ва ҷиҳод баъд аз гузашти понздаҳ сол аз беъсат нозил шуд.

Агар хостем касеро ба намоз даъват кунем, бояд танҳо ба омӯзиши воҷибот басанда кунем ва пас аз муддате мустаҳабботро барои ӯ кам-кам бигӯем.

Ислом супориш кардааст, ки имоми ҷамоат ҳоли заифтарин афродро риоят кунад ва намозро тулонӣ накунад. Дар Қуръон мехонем: **«***Чун Худованд мардумро заиф дид***,** *қонуни худро тахфиф* **(***осонӣ***)** *дод***».**[1]

Дар Қуръон, дар қавонине, ки дар он сахтӣ вуҷуд дорад, сабукӣ дода шудааст.

**Хотира**

Дар ривоят аст, ки як нафар масеҳӣ мусулмон шуд. Рафиқи мусулмонаш саҳаргоҳ ба хонаи ӯ рафт ва гуфт: Ҳозир шав, вақти намози шаб аст. Ӯро аз хоб бедор намуд ва ба намози шаб во дошт. Ҳамин ки азони субҳ шуд гуфт: Акнун вақти намози субҳ аст. Ва баъд намози зуҳр ва асрро монданд дар ҳоле ки мегуфт: Набояд аз намозҳо ва дуои нофила ва мустаҳаббот ғофил шуд - ва намегузошт ӯ аз масҷид ба хонааш баргардад. Ин мусулмон чунон бо намоз ва дуо, вақти ин масеҳии нав мусулмоншударо пур кард, ки рӯзи баъд гуфт: Агар Ислом ин аст, ҳамон беҳтар, ки масеҳӣ бошам.

Яке аз сабабҳои рукуди Ислом, бад муаррифӣ кардан ва таблиғи он тавассути афроди бетаҷриба ва ноогоҳ аст.

---

[1] Сураи Анфол-66.

Агар Паёмбари Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) аз рӯзи аввал мефармуд: Ҳар кас мусулмон шуд, худро омодаи ҷиҳод ва шаҳодат кунад, рӯза бигирад, хумсу закот бидиҳад. Касе дини ӯро намепазируфт. Барои даъвати афроди беҳиҷоб, ҳамон бас, ки ба миқдори воҷиб иктифо кунем. Агар дар масоҷид намозҳои воҷиб бидуни суханронӣ ва мустаҳаббот баргузор шавад, ба таври қатъӣ масҷидҳо пурҷамъият хоҳанд шуд.

**Ба суроғи кашфи мункар наравем**

Баъзеҳо бо таҷассус ба суроғи кашфи айбҳо ва гуноҳони мардум мераванд то ӯро наҳй кунанд, дар ҳоле ки Қуръон бо камоли сароҳат, таҷассусро ҳаром кардааст.[1]

Имом Содиқ (р) дар номае ба Наҷҷошӣ навишт: Лағзишҳои мӯъминонро пайгирӣ накунед, ки ҳар кас ин гуна бошад, Худованд илова бар охират, дар ҳамин дунё ӯро расво хоҳад кард.[2]

**Наҳй аз мункар на ҳасодат**!

Касе, ки амр ба маъруф ё наҳй аз мункар ё интиқод мекунад, бояд бар асоси иршоду роҳнамоӣ бошад, на ҳасодат. Чӣ бисёр заноне, ки чун зеваролот надоранд, дар қиёфаи наҳй аз мункар мегӯянд: Чаро фалон хонум барои худнамоӣ ин ҳама тилло ба худ овехтааст? Ё касе, ки аҳли мутолиа нест, мегӯяд: Фалонӣ дар асари мутолиа оқибат девона хоҳад шуд.

Ё афроди ба дин бепарво дигаронро ба васвос муттаҳам мекунанд. Ба ҳар ҳол, решаи баъзе аз интиқодҳо - ақидаҳо

[1] Сураи Ҳуҷурот-12.

[2] «Мустадраки сафия» ҷ.7.с81.

ва ҳасодатҳо ва камбудиҳост. Қуръон мефармояд: «*Баъзе аз мардум дар мавриди тақсими закот ба ту интиқод мекунанд, вале агар миқдоре аз закотро ба худи онҳо бидиҳӣ, розӣ мешаванд ва эрод намегиранд, аммо дар сурате, ки барояшон надиҳӣ, асабонӣ мешаванд*».[1]

Ин оят ба мо мегӯяд: Гоҳе сарчашмаи интиқодҳо масоили шахсӣ ва иқтисодӣ ва руҳӣ аст, на идеологӣ ва ақидатӣ.

**Интиқод на интиқом**!

Гоҳе аз шахсе интиқоде мешавад ва ӯ ба фикри интиқом меафтад. Бинобар ин ҳамин ки кори нодурустеро мушоҳида кард, ба баҳонаи наҳй аз мункар интиқом мегирад.

**Наҳй аз мункар на мухолифатхонӣ**!

Интиқод ва наҳй аз мункар набояд ба сурати шуғл дарояд. Мутаассифона ҳар рӯз мо шоҳиди рушанфикрнамоёне ҳастем, ки шуғли онҳо мухолифатхонӣ дар суханрониҳо ва рузномаҳост ва устувории гурӯҳ ва ҳизби онҳо бо ҳамин мухолифатҳост, гӯё чашми онҳо корҳои хубро намебинад.

## Тазаккуроте ба амри маъруфкунандагон ва наҳйимункаркунандагон

### 1-Басират ва огоҳӣ

Касе, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад, бояд

[1] Сураи Тавба-58.

маъруф ва мункарро бишносад ва шеваро ҳам бидонад.[1]

**2-Боирода бошад**

Касе, ки тасмим дорад ба вазифаи муҳимми амр ба маъруф амал кунад, набояд кори худро бар асоси қаҳр ва сулҳи мардум танзим кунад. Қуръон мефармояд: «*Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ниёз ба иродаи қавӣ дорад*».[2]

**Хотира**

Дар Қуръон мехонем: Ҳазрати Мӯсо ва Хизр (алайҳимо салом) гурусна вориди минтақае шуданд ва бо ин ки мардуми он диёр аз ин ду паёмбар бо каме нон ҳам пазирой накарданд, вале он ду бузургвор ҳамин ки девореро дар остонаи вайронӣ диданд, тасмим ба таъмир кардани девор гирифтанд, дар воқеъ бевафоии мардум дар он ду бузургвор асаре нагузошт.[3]

**3-Амал барои Худованд бошад**

Агар амримаъруфкунанда интиқоде кунад, бар асоси салиқаи шахсӣ, ҳизбию сиёсӣ ва уқдаи дарунӣ ва кинаю интиқом набошад. Қуръон мефармояд: «*Решаи баъзе аз интиқодҳо, масоили шахсӣ аст*».[4]

Агар амр ва наҳй барои Худо бошад ва масоили салиқаӣ ва маҳаллию синфӣ ва ҳизбию нажодӣ ва забонӣ дар он набошад, муассиртар аст, сухани соф бар дили соф менишинад, вале агар сухан ҳамроҳ бо ғаразҳои дигаре бошад ва ё шунаванда руҳи солиме надошта бошад, амр ба маъруф асаре нахоҳад дошт.

**Хотира**

---

[1] Сураи Юсуф-108.
[2] Сураи Луқмон-17.
[3] Сураи Каҳф-77.
[4] Сураи Тавба-58.

Шахсе ба номи Ҳаммом аз ҳазрати Алӣ (к) нишона ва сифатҳои инсонҳои ботақворо савол кард. Имом каме тааммул фармуд, аммо Ҳаммом исрор кард ва Имом (к) нишонаҳоеро баён фармуд. Ногаҳон Ҳаммом фарёде кашиду... аз дунё рафт. Имом (к) фармуд: Мавъизаи холисона дар дили омода ин гуна асар мегузорад.[1]

Қуръон борҳо супориш мекунад ки ҳуб ва буғзҳо шуморо аз марзи ҳақ хориҷ накунад! Марзи ихлос бисёр дақиқу зариф аст ва бо андаке лағзиш аз мадори ихлос ба мадори ширк кашида мешавем.

Нишонаи ихлос он аст, ки интизори подош ва ташаккур аз касе надошта бошем.[2]

Аломати ихлос он аст, ки нахоҳем дар баробари кор аз мо ситоиш шавад. Аломати ихлос он аст, ки барои мо, навъи кор, замони кор ва амсоли он муҳим набошад. Дар водии ихлос тамоми милокҳо ва равобит маҳв мешавад ва танҳо арзишҳои илоҳӣ ба кор меояд. Бинобар ин, Қуръон ба Нӯҳ мефармояд: Писари кофири ту бояд ғарқ шавад! Ба Лут мегӯяд: Ҳамсари ту бояд ҳалок шавад! Ба Паёмбари Акрам саллалоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам мегӯяд: Бурида бод дасти Абулаҳаб - амаки ту! Ба Иброҳим мегӯяд: Ҳаққи дуо кардан барои амаки бутпарасти худ надорӣ!

**4-Сиаи садр ва руҳияи қавӣ доштан**

Ҳамин ки ҳазрати Мӯсо маъмури таблиғ шуд, аз Худованд руҳи бузург ва сиаи садр хост. Худованд дуои ӯро мустаҷоб кард, лизо Мӯсо бо руҳияи қавӣ ба суроғи Фиръавн рафт. Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бидуни руҳия, имкон надорад.

---

[1] «Наҳҷулбалоға», хутбаи Ҳаммом.

[2] Сураи Инсон-9.

Касе, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад, дар муқобили тамоюлоти мардум меистад ва ҳатман аз тарафи баъзе аз мардум, мавриди номеҳрубонӣ қарор хоҳад гирифт. Ӯ агар сиаи садр надошта бошад, бо дучор шудани як-ду бархӯрди тунд аз тарафи мардум аз анҷоми вазифа даст хоҳад кашид. Қуръон дар мавриди нишонаи бандагони хуби Худованд мефармояд: «*Онон касоне ҳастанд*, *ки ҳар гоҳ бо афроди ноогоҳ бархӯрд кунанд*, *бо салом ва масолимат рад мешаванд*».[1]

Магар ба анбиё нисбати ҷунун,[2] сеҳр,[3] нодонию бехирадӣ,[4] гумроҳӣ,[5] ва бартарихоҳӣ намедонанд?

Даъват ба ҳақ ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, кори анбиёст ва мушкилоти анбиёро низ хоҳад дошт. Анбиё тӯҳматҳоро бо сабр ва сиаи садр пушти сар мегузоштанд. Барои мисол дар бораи касоне, ки мегуфтанд: Мо туро бехирад мебинем, мефармуданд: Ман бехирад нестам.[6] Дар ман сафоҳате нест. Ё ҳангоме ки нисбати гумроҳӣ медоданд, мефармуданд: Банда гумроҳ нестам.[7] Дар ман сифати гумроҳӣ нест.

Сабр ва пойдорӣ супорише аст, ки Худованд ба анбиё мекунад.[8]

Гузашт аз чизҳои беҳуда, аз сифоти барҷастаи мӯъминон аст.[9]

---

[1] Сураи Фурқон-63.
[2] Ҳиҷр-6.
[3] Сураи Муддассир-24.
[4] Сураи Аъроф-66.
[5] Сураи Аъроф-60.
[6] Сураи Аъроф-66.
[7] Сураи Аъроф-61.
[8] Сураи Шуро-15.
[9] Фурқон-72.

Анбиёи бузургвор на танҳо бо камолоти нораво, балки бо таҳдид ва шиканҷа ва қатли мардум рӯ ба рӯ мешуданд,[1] вале таваҷҷӯҳ ба ин ки:

1-Мо зери назари Худованд ҳастем ва Худованд ҳар лаҳза аъмоли моро назорат мекунад ва ба мо таваҷҷӯҳ ва лутф дорад.[2]

2- Пирӯзӣ бо тарафдорони ҳақ аст.[3]

3- Ҳар чӣ кор сахттар бошад, подошаш бештар аст.[4]

4-Ин роҳе аст, ки ҳамаи анбиё ва авлиё рафтаанд.[5] - Роҳро барои инсон осон мекунад, то ин ки аз ҳеҷ таҳдид ва сарзанише наҳаросад.[6]

**5-Ҳусни хулқ ва нармхӯӣ**

Дар амру наҳй ба мардум нармхӯ бошем. Худованд ба паёмбараш мефармояд: Ту вакили мардум нестӣ;[7] ту бар мардум сайтара надорӣ;[8] ту нисбат ба имони мардум, ҳаққи иҷбор ва икроҳ надорӣ.[9]

Касе, ки амру наҳй мекунад, бадиҳоро бо хубӣ дафъ мекунад[10] ва аҳли интиқом намебошад;[11] мардум аз афроди бадахлоқ мегурезанд.[12] Бояд бо мункарот ва кори бади

---

[1] Сураи Ёсин-18.
[2] Сураи Тур-48.
[3] Сураи Аъроф-128.
[4] Сураи Нисо-95.
[5] Сураи Аҳқоф-35.
[6] Сураи Моида-54.
[7] Сураи Анъом-107.
[8] Сураи Ғошия-22.
[9] Сураи Қоф-45.Сураи Юнус-99.
[10] Сураи Раъд-22.
[11] Сураи Оли Имрон-134.
[12] Сураи Оли Имрон-159.

мардум мухолиф бошем, на бо худи онҳо.[1]

Бо ҷаҳл мухолиф бошем, на бо ҷоҳил. Нигоҳи мо бо гунаҳкор, нигоҳи табиб бошад ба бемор, на нигоҳи инсон ба душман. Бояд хубиҳои ӯро низ дар назар бигирем. Мумкин аст инсон гуноҳе анҷом диҳад, вале хубиҳое низ дошта бошад. Агар ибтидо хубиҳои ӯро баён кунем ва ӯ эҳсос кунад, ки мо дӯсти ӯ ва қадрдони камолоти ӯ ҳастем, ба тавре ки тазаккури мо ба ӯ барои такмили хубиҳои ӯст, ҳатман ба натиҷа хоҳем расид. Дар бархӯрд набояд қиёфаи мутакаббирона бигирем, зеро аз нишонаҳои мардони Худо, тавозӯъ ва хоксорӣ дар ҳаракат аст.[2]

Оре! Бояд нисбат ба мардум ботавозӯъ бошем. Дар Қуръон мехонем, ки Худованд ба паёмбараш мефармояд: *«Ту боли тавозӯи худро нисбат ба мӯъминон боз кун ва онҳоро зери бол бигир!»*[3]

Бояд аз лағзиши мардум дар ҳангоми узрхоҳӣ бигзарем, ки ин нишонаи ҷавонмардони таърих аст. Ҳамин ки бародарони Юсуф аз ӯ узрхоҳӣ карданд, фармуд: Имрӯз маломате бар шумо нест.[4]

Ҳамин бузургвориро Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ҳангоми фатҳи Макка нисбат ба ҳамаи касоне, ки ӯ ва ёронашро солҳо озор доданд, аз худ нишон дод ва ҳамаро якбора бахшид. Мо бояд дар мавориде, ҳатто аз зердастони худ узрхоҳӣ кунем. Боз ҳам намунае аз рафтори Паёмбари азиз нақл мекунем. Назди Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) чизҳоеро барои дар байни мусулмонон тақсим кардан оварданд. Ҳазрат ба

---

[1] Сураи Шуаро-168.
[2] Сураи Фурқон-63.
[3] Сураи Шуаро-215.
[4] Сураи Юсуф-92.

ҳангоми тақсим мулоҳиза фармуд, ки ба ҳама намерасад. Пас ба афроде дод, ки мӯҳтоҷтар буданд, вале барои дилнавозии дигарон аз онҳо узрхоҳӣ кард.[1]

Мумкин аст афроде, ки мавриди амру наҳй қарор мегиранд, дар худ эҳсоси шармандагӣ ё шикаст кунанд. Дар ин ҷо, барои ҷуброни ин эҳсос метавонем бо калимоти латиф ё дуо, дили ӯро ба даст оварем.

**Таваҷҷӯҳ ба ҳама ҷониб**

Дар ривоёт мехонем: Касе метавонад дини Худоро ёрӣ кунад, ки ба ҳамаи ҷонибҳо иҳота дошта бошад, вагарна гоҳе зарари ӯ беш аз манфиат аст.

**Хотира**

Дар китоби Алғадир мехонем: Шахсе аз девори хонаи мардум боло рафт, то бубинад, ки афроди он хона чӣ кор мекунанд. Ҳамин ки дид, машғули шароб хӯрдан ҳастанд, аз болои бом наҳй аз мункар кард. Соҳибхона ба ӯ гуфт: Ман як мункар анҷом додам ва он ин ки шароб хӯрдам, вале ту гирифтори чанд мункар шудӣ, таҷассус ва вуруд ба ҳарими хонаи мардум ва эҷоди ваҳшат, мункарҳое буд, ки ту муртакиб шудӣ.[2]

**Хотира**

Шахсе гуфт: Имом Боқирро дидам, ки дар атрофи Мадина машғули кишоварзӣ аст. Бо худ гуфтам: Чаро фарзанди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар ин ҳавои гарм ба фикри дунёталабӣ аст?

Ба сӯи ӯ рафтам, то ба хаёли худ ӯро наҳй аз мункар кунам. Аммо Имом Боқир (р) фармуд: Касби ҳалол ва

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» 16 саҳ.269.

[2] «Ал-ғадир» ҷ.6 саҳ.121.

кишоварзӣ, беҳтарин ибодат аст ва агар марги ман дар ин ҳолат бирасад, дар беҳтарин ҳолат мурдаам.[1]

Гоҳе акси бузургонро дар ҷои номуносиб насб мекунанд, ё бо хатти бад рӯи деворҳои зебо шиор менависанд, ё рӯи билетҳои автобус, ки маъмулан пора мешаванд, оёту ривоёт менависанд. Ё ба унвони тозагӣ гирифтори васвос мешаванд, ё ба хаёли тарбият кӯдаки худро мезананд, ё ба хаёли обрӯдорӣ исроф мекунанд, ё ба хаёли саховат гирифтори исроф мешаванд, ё ба гумони наҳй аз мункар гунаҳкорро таҳқир мекунанд ва обрӯи ӯро мерезанд. Агар каме дар рафтори худ диққат кунем, ҳазорон аз ин намунаҳоро мебинем, ки нишондиҳандаи ошно набудани мо бо шеваи кор аст.

**Хотира**

Ҳазрати Алӣ (к) миқдори зиёде хурмои хуб ба касе фиристод. Шахсе ба хаёли наҳй аз мункар гуфт: Ин миқдор аз хурмо барои ӯ зиёд аст. Иловабар ин, ӯ аз шумо хурмо дархост накардааст, пас беҳтар он аст, ки ё ба ӯ хурмо надиҳем ва ё ақаллан миқдори каме бидиҳем.

Ҳазрат бо тундӣ фармуд: Худо инсонҳои монанди туро зиёд накунад. Чӣ гуна барои мӯъминон биҳиштро аз Худо дархост мекунем, аммо ҳозир нестем, миқдоре хурмо ба онҳо бидиҳем? Ман мебахшам, вале ту таҳаммули диданашро надорӣ.

Агар сабр кунам, то ӯ дархост кунад ва он гоҳ ба ӯ бахшам, бахшиши ман, пули обрӯи ӯст, ки назди ман рехтааст.[2]

**Хотира**

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.46 саҳ. 287.

[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.41 саҳ. 36.

Манзили пирамарде, ки се фарзанди ҷавонаш яке пас аз дигарӣ дар ҷабҳаи Ислом шаҳид шуда буданд, меҳмон будам. Барои таҳорат кардан бархостам. Ин падари пир сачоқе бароям овард. Гуфтам: Ҳадис дорем, ки агар оби таҳоратро хушк накунед, савоби таҳорат се баробар аст.

Пирамард гуфт: Оё ҳадис надорем, ки агар пирамарде падари се шаҳид, барои касе сачоқ оварад, дили ӯро нашиканед?

Ман таконе хурдам ва дидам хақ бо ӯст ва ман дар амал ба ин ҳадис, бояд шароити дигареро ҳам риоят кунам. Оре! Яктарафа фикр кардан ва тамоми ҷонибҳо ва атрофи масъаларо дар назар нагирифтан, офате дар пай хоҳад дошт.

**Ҳаргиз худро беҳтар надонем**

Касе, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад, худашро беҳтар мепиндорад. Имом Содиқ (р) фармуд: Ҳар кас худашро беҳтар аз дигарон бидонад, мутакаббир аст. Шунаванда бо тааҷҷуб далели ин каломро аз Имом пурсид. Имом фармуд: Шояд имрӯз мо аз касе, ки хилофе мекунад, беҳтар ҳастем, вале хабар аз оянда надорем.

Сипас Имом барои равшан кардани афкори умумӣ, намунае аз Қуръон оварда ва фармудааст: Соҳиронеро, ки Фиръавн барои мубориза бо Мӯсо бо ташвиқу таҳдид аз тамоми шаҳрҳо ҷамъ карда буд, ҳамин ки муъҷизаи Мӯсоро диданд, яксара имон оварданд ва таҳдидоти Фиръавнро нодида гирифтанд. Ин соҳирон ҳангоми субҳ кофир ва аз тарафдорони Фиръавн буданд, вале ғуруби ҳамон рӯз ба Худои Мӯсо имон оварданд ва ба дастури Фиръавн қатл гардида ба шаҳодат расиданд. Оре, мумкин аст афроде роҳи хилоф раванд ва ё кори хилофе анҷом

диҳанд, ки дар ин сурат, вазифаи мо амри маъруф ва наҳй аз мункар аст, вале мо чун аз оқибати кори худ ва онҳо хабар надорем, зимни он ба вазифа амал мекунем, набояд хилофкорро барои ҳамеша фосид ва худро ҳамеша мӯъмин бидонем. Дар таърих мехонем: Имом Ҳусейн (р) пеш аз сафари Карбало, ба шахсе нома навишт: «Ту аз ёрони ҷаддам Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) будӣ ва дар ҷангҳо фидокориҳои зиёде кардаӣ. Баъд аз Паёмбар, аз ёрони падарам Алӣ (к) ва баъд аз ӯ ҳам аз ёрони бародарам Имом Ҳасан (р) будӣ. Собиқаи размандагии ту дар ҷангҳо дурахшон аст. Акнун ман ба Карбало меравам. Чӣ хуб аст, барои ҳимоят аз ман ба Карбало биёӣ».

ӯ дар посух навишт: «Ман хаста шудаам. Дигар ҳоли майдону ҷангро надорам» - ва дар поёни умр, Имомро танҳо гузошт. Баъд аз шаҳодати Имом гиряҳо мекард, ки чӣ гуна касе, ки умре дар майдонҳои ҷанг буд, дар имтиҳони охирини илоҳӣ қабул нашуд?!

Ҳазрати Алӣ (к) дар Наҳҷулбалоға мефармояд:

«Эй бандаи Худо! Дар айбҷӯии касе ба хотири гуноҳонаш, шитоб макун! Зеро мумкин аст, он гуноҳ бахшида шавад. Ва дар бораи худ, ҳатто аз гуноҳи камтаре, ки анҷом додаӣ, худро дар амон надон, зеро мумкин аст, ба хотири он азоб шавӣ».[1]

**Хотира**

Шаҳиди меҳроб оятуллоҳ Маданӣ ҷавонеро аз хонаводаи ғайримусулмон ҳидоят кард. ӯ мусулмон шуд. Сипас бо ӯ кор кард, то руҳонӣ шуд ва дар мадрасаҳои Қум ва Наҷаф таҳсилоташро идома дод. Он гоҳ ба Эрон омад ва дар ҷанги таҳмилӣ ва дифоъ аз ватан ширкат кард ва шаҳид шуд. Аз

---

[1] «Наҳҷулбалоға» хутбаи 140.

ин намунаҳо дар таърих кам нест. Касонеро ҳам суроғ дорем, ки як умр худро мазҳабӣ мепиндоранд, вале дар асари пешомади баъзе аз ҳодисаҳо, роҳи худро иваз мекунанд ва инсони бетафовут ва зидди дин мешаванд.

**Як мисоли ҷолиб**

Касе, ки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар мекунад монанди табибе аст, ки ба табобати бемор мепардозад. Масалан, мумкин аст ин бемор беҳбуд ёбад ва солҳо умр кунад, вале худи табиб дар ҳодисае ҷон диҳад. Бинобар ин анҷоми вазифаи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ба маънои худро бартар дидан ва ҳусни оқибати яке ва рӯсиёҳии дигаре нест.

**Наҳӣ аз мункар бояд зуд анҷом гирад**

Дар ҳадис мехонем: Чашми инсони боимон ҳангоми дидани ҳаром ба ҳам намехӯрад, магар ин ки онро тағйир диҳад.

**Усулеро, ки бояд онро риоят кард**!

1-Дар шинохти мункар таҷассус накунем! Агар хилофе равшан шуд, наҳӣ кунем, аммо ҳақ надорем ба суроғи ҷутуҷӯ кардани хилоф биравем.

2-Ба гунае амру наҳӣ накунем, ки дигарон ба мухотаби мо захми забон бизананд.

3-Эҳтироми афродро дар назар бигирем. Барои мисол, касеро, ки махфиёна гуноҳ кардааст, ошкоро наҳӣ накунем.

4-Агар эҳтимол диҳем, ки хилофкор дар назди худ узре дорад ва хилофи ӯ барои мо собит нашудааст, иқдом барои амру наҳӣ накунем.

5-Эҳтироми худамонро низ дар назар бигирем.

6-Бо гуноҳ мухолифат кунем на бо гунаҳкор.

7-Худро бартар аз дигарон надонем.

8-Рафтори дигаронро бар дурустӣ эҳтимол диҳем.

9-Шароити замонӣ ва макониро дар назар бигирем, ҳазрати Алӣ (к) фармуданд: Агар мусулмоне хилофе кард ва шумо ӯро дар сарзамини куффор ёфтед, дар он ҷо ҳаддро анҷом надиҳед. Шояд ба ин кори шумо ӯ ба куффор вобаста шавад.[1]

**Ҳушдорҳо**

Аз он ҷо, ки шайтони маккор ба андозаи умр таҷриба ва шайтанат дорад, гоҳе барои водор кардан ба мункар аз роҳи маъруф ворид мешавад, барои мисол:

1-Рӯҳи инсонро ба корҳои ҷузъӣ гароиш медиҳад, то зарфи рӯҳро пур кунад ва дигар фурсате барои анҷоми корҳои муҳимтар намонад.

2-Шахсро ба корҳои хубе водор мекунад, ки осебпазиртар аст ва бештар дар маърази ғурур ва ҳайрат аст.

3-Чунон инсонро ба ибодат водор мекунад, то рӯҳро аз ибодат мутанаффир созад ва рӯҳ барои ҳамеша тарки ибодат кунад.

4-Инсонро ба тарафе равона мекунад, ки дар қолиби баёни ҳақ, шахси худро матраҳ кунад.

5-Гоҳе чеҳраи ибодиро пурранг мекунад, то чеҳраи сиёсӣ камранг шавад.

Ҳазрати Алӣ (к) ба Кумайл фармуд: «Эй Кумайл ба Худо савганд, аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) шунидам, ки шайтон афродеро ба анҷоми гуноҳони бузург ва зишт водор мекунад, мисли зино, шаробхӯрӣ, рибо ва

---

[1] «Васоил» ҷ.18.саҳ.318.

қимор ва назири он. Сипас барои ором кардани виҷдони динӣ, ибодати вазнин ва сахтеро барои онҳо дӯстдоштанӣ мекунад, монанди рукӯъ ва саҷдаҳои бо хузӯъ ва хушӯъ. Сипас онҳоро ба пазируфтани раҳбарони гумроҳ вомедорад».[1]

6-Таваҷҷӯҳ ба замон: Яке аз ёрони ҳазрати Алиро мор газид. Ҳазрат ба ӯ фармуд: Оё медонӣ чаро туро мор газид? Гуфт: На. Фармуд: Оё ёдат ҳаст, ки Қанбар ба назди фалон ситамгар рафт ва ту ба эҳтироми ман ба Қанбар эҳтиром гузоштӣ ва барои ӯ қиём ва аз ӯ ситоиш кардӣ? Ситамгар аз ту пурсид: Оё дар ҳузури ман ба ғуломи Алӣ эҳтиром мекунӣ?! Гуфтӣ: Чаро барнахезам, дар ҳоле ки фариштагони илоҳӣ пару болҳои худро ба эҳтироми ӯ боз мекунанд. Ситамгар ҳамин ки ин ҳама мадҳу ситоишро барои ходими Алӣ (к) шунид, кинааш барафрӯхт ва Қанбарро зери шиканҷа ва озори худ қарор дод. Кайфари замоннашиносии ту ҳамин мор буд.[2]

Дар ин моҷаро шахси моргазида ба хаёли худ маъруф анҷом медод, вале маъруфе, ки дар дарунаш мункар нуҳуфта буд. Чӣ бисёр ҳаракоте аз мо сар мезанад, ки мо хаёл мекунем маъруф аст, вале бедиққатӣ ба шароити замонӣ ва маконӣ, дар воқеъ ғайри маъруф аст. Ҳамин имрӯз, ки ин сафҳаро менавиштам, гурӯҳе аз мӯъминони бозор ба наздам омаданд ва аз имоми ҷамоати пешину аср, ки намозашро дурудароз мехонад ва ба ҳамин хотир гурӯҳи зиёде дар намоз ширкат намекунанд шикоятҳо доштанд. Ин имоми ҷамоати мӯҳтарам ба хаёли худ, намозҳои нофила мехонад, вале ин маъруфе аст, ки мардумро аз

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.77.с274.
[2] «Сафинат-ул-баҳор» ҷ.1.саҳ.188.

ширкати бештар дар намози воҷиб боз медорад.

## Аз куҷо шурӯъ кунем?

**1-Аз худамон**!

Ногуфта пайдост, ки таъсири каломи мо замоне аст, ки худ гирифтори мункар набошем ва ба он чи супориш мекунем ибтидо худамон амал карда бошем то шомили интиқодҳои шадиди Қуръон набошем. Қуръон мефармояд: **«***Эй касоне***,** *ки имон овардаед***!** *Чаро чизҳоеро мегӯед***,** *ки худ ба он амал намекунед***?»**[1]

Ва дар ҷои дигар мефармояд: **«***Оё мардумро ба некӣ супориш мекунед***,** *дар ҳоле ки худатонро фаромӯш мекунед***?»**[2]

Ҳазрати Алӣ (к) мефармояд: «То худам кореро анҷом надиҳам, супориши онро намекунам ва то худам аз коре дурӣ накунам шуморо аз он боз намедорам».[3]

Оре! Оина замоне метавонад зиштӣ ва зебоиро нишон диҳад, ки худаш гарду ғубор надошта бошад. Албатта амал рамзи муваффақият аст, на рамзи вуҷуб, яъне касе ба баҳонаи ин ки худ солеҳ нестам наметавонад, дӯши худро аз амру наҳй холӣ кунад

**2-Аз хонавода**

Ногуфта пайдост, ки ислоҳи худ ва хонавода, пеш аз ислоҳи ҷомеа аст. Қуръон мефармояд: **«***Эй паёмбар***!** *Аввал ба духтарон ва ҳамсаронат супориш кун ва он гоҳ ба занони дигар***».**[4]

Дар ҷои дигар мехонем: **«***Эй мӯъминон***!** *Худ ва хонаводаи*

---

[1] Сураи Саф-3.

[2] Сураи Бақара-44.

[3] «Наҳҷулбалоға» хутбаи-175.

[4] Сураи Аҳзоб-59.

*худро аз оташ ҳифз кунед!».*[1]

Қуръон дар бораи яке аз анбиё мефармояд: «*ӯ хонавода ва бастагони худро ба намоз супориш мефармуд*».[2]

Ҳазрати Имом Ҳусейн (р) дар рӯзи Ошуро аввал писари худ Алиакбарро ба майдони ҷанг фиристод ва баъд ҷавонони дигарро.

Имом Саҷҷод (р) дар «Рисолаи ҳуқуқ» барои фарзандон ҳаққи хоссе баён фармудааст. Қуръон аз касоне, ки нисбат ба хонаводаи худ сӯзу гудозе доранд ситоиш кардааст.[3]

Албатта ин ба он маъно нест, ки то бастагон ислоҳ нашудаанд, инсон ба суроғи дигарон наравад, чун гоҳе ҳамсар ва фарзанд қобилияти ҳидоятро надоранд, вале дигарон сухани ҳақро мепазиранд. Намунаи он, писари Нӯҳ (алайҳис-салом) ва ҳамсари Лут (алайҳис-салом) аст.[4]

Ислоҳи хонавода зербинои ислоҳи ҷомеа аст, чун ҷомеа чизе ҷуз хонаводаҳое дар канори ҳам нест. Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) низ дар ибтидои беъсат маъмур мешавад, ки хешовандони наздикашро ҳушдор диҳад.[5]

Бахши муҳимме аз тавфиқи мардони бузург, маҳсули ҳамфикрию ҳамкорӣ ва ҳамёрии ҳамсар ва бастагони онҳост. Дар ривоят мехонем: «Агар фарзанди инсон бозу ва ҳамкори ӯ бошад, нишонаи саодат аст».[6]

Албатта ислоҳи насл бо амру наҳйи танҳо намешавад. Касоне, ки ба фикри насли солеҳе ҳастанд, бояд аз ибтидо

---

[1] Сураи Таҳрим-6.
[2] Сураи Марям-55.
[3] Сураи Тур-26.
[4] Сураи Ҳуд-46.
[5] Сураи Шуаро-214.
[6] «Фурӯи кофӣ»ҷ.6.саҳ.2.

дар интихоби ҳамсари солеҳ барои худ ва сипас дар таҳияи луқмаи ҳалол ва интихоби устод барои фарзандонашон қадамҳои амиқ ва зербиноӣ бардоранд.

Амиралмӯъминин Алӣ (к) фармуд: «Шунидаам дар бозор мардҳои номаҳрам ба занҳои шумо таъна мезананд. Оё ҳаё намекунед? Худованд лаънат кунад касеро, ки аз худ ғайрат нишон намедиҳад».[1]

**3-Аз насли ҷавон**

Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, агар ба суроғи насли ҷавон биравем, муваффақияти бештаре хоҳем дошт. Ин ҳақиқат ниёз ба таҷриба надорад ва оёту ривоёти расида аз маъсумин гӯёи он аст.

Инак мо ба чанд намуна аз он ишора мекунем:

1) Дар замони Фиръавн танҳо насли нав ба дини Мӯсо гаравиданд.[2]

2) Нороҳатии куффор аз Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ин буд, ки ҳазрат, ҷавононро ҷазб карда буд.[3]

3) Ҳазрати Алӣ (к) мефармояд: «Рӯҳи навҷавонон ба монанди замини холӣ аст ва омӯзиши навҷавон ҳамчун нақш бар санг аст».[4]

4) Дар ривоёт мехонем: Ба суроғи насли нав биравед, чун ки онҳо зудтар аз дигарон ба сӯи хайр гароиш пайдо мекунанд.

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуданд: «Ҷавонон бо ман мувофиқат ва пирон бо ман

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ-100.саҳ.249.
[2] Сураи Юнус-83.
[3] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.18 саҳ.182.
[4] «Наҳҷулбалоға» номаи-31.

мухолифат карданд».[1]

**4-Ҳамсоягон**

Баъд аз ислоҳи худ ва хешовандон, навбат ба ҳамсоягон мерасад. Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуданд: «Чаро мардум ҳамсоягони худро омӯзиш намедиҳанд? Мавъиза намекунанд? Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намекунанд? Ва чаро ҳамсоягон ҳозир намешаванд омӯзиш бинанд?» Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуданд: «Ман ин ҳамсоягони бетафовутро таҳти таъқиб ва уқубат қарор хоҳам дод».[2]

Аз офоти шаҳрҳои калон, зиндагии мошинӣ ва эҷоди марокизи умумӣ, камаҳамият шудан ва ё беаҳамият шудани низоми ҳамсоядорӣ аст. Ғофил аз он ки агар ҳамсоягон ба фикри якдигар бошанд, садҳо мушкили якдигарро ҳал мекунанд. Агар ҳамсояи бесавод рӯзе ним соат назди ҳамсояи босавод дарс бихонад, аз будҷае, ки давлатҳо барои саводомузӣ мегузоранд, метавон сарфа намуд ва бо он ҳазорон хона барои мискинҳо таҳия кард.

Оре! Агар ҳамсоягон дар азо ва шодӣ ва мусофират бо дилсӯзӣ ёри якдигар бошанд бисёре аз мушкилот ҳал мешавад. Ба як мисол таваҷҷӯҳ фармоед: Дар як маҳаллае зане, ки маҳалли кораш бемористон ё мактаб аст, ба хотири кӯдакаш, бояд мушкилотро таҳаммул кунад, аз ҷумла, бедор кардани кӯдаки хоболуд дар аввали субҳ; бағал кардани он дар сармо ва гармо ва нигаронихоҳои барфу борон; таъхире, ки дар маҳалли кор дорад; будҷае, ки сарфи ҳазинаи боғчаи кӯдакон мекунад.

Дар ҳоле ки дар ҳамсоягии ҳамин зан мумкин аст занҳои

---

[1] «Ҷавон» ҷ.2.саҳ.246.

[2] «Канз-ул-уммол» ҷ.3.саҳ.684.

калонсол ва бебачае бошанд, ки ҳозиранд кӯдаки ҳамсояро нигаҳдорӣ кунанд, то модар битавонад бо хаёли роҳат ва сари вақт ба ҷои кораш биравад, бемореро аз марг наҷот диҳад, ё ба мактаб равад ва бидуни нигаронӣ дарси беҳтаре диҳад. Ҳамин баракот дар дигар шуғлҳо низ аст. Барои мисол, табибе, ки ҳар ҳафта як соат ба масҷиди маҳалла меояд, то беморҳои камдаромади маҳалларо дармон кунад. Ин табиб бо ин кори худ, ба масҷид равнақ мебахшад, рӯҳияи мардуми худро тақвият мекунад, ба фақирон кӯмак мекунад, маҳбубият пайдо мекунад. Дар ин сурат, агар табиб ҳам коре дошт, мардум ҳам бо ҷону дил барояш анҷом медиҳанд ва агар сафаре дошт хонаи ӯро нигаҳдорӣ мекунанд.

Агар ин робитаҳо барои Худо ва бо барномарезии дуруст ва бо дар назар гирифтани марказияти масҷид анҷом шавад лаззатбахш аст ва коми ҳамаро аз ширинӣ пур хоҳад кард.

Оре! Бо кӯмаки рӯҳонӣ шахси ноошное ба дин пайдо нахоҳад шуд. Бо амонат додани китоб, фишори хариди китоб аз дӯши мардум бардошта хоҳад шуд. Бо дар ихтиёр гузоштани хонаҳои калон ва васоили лозим, иҷораи толор ва зарф барои маросимҳо аз дӯши мардум бардошта хоҳад шуд. Ҳайф аст, ки мо ба хотири канор гузоштани баъзе аз дастуроти Ислом миллиардҳо пул ва миллионҳо соат умрро талаф мекунем. Вазири тандурустӣ мегуфт: Мо бо таблиғи дуруст дар мавриди шири модар ва таваҷҷӯҳ додани модарони ширдеҳ ба ривоёт ва сипоришҳои Ислом нисбат ба аҳамияти шири модар, тавонистем садҳо миллион доллар дар хариди шири хушк аз кишварҳои бегона сарфаҷӯӣ кунем ва дар вусъати бемористонҳои муҷаҳҳаз дар нуқоти маҳрум, қадамҳои муҳимме бардорем.

## Он ҷо, ки ҳукумат бояд қиём кунад

Мункароти фардеро афроде наҳй мекунанд ва мункароти қабилаеро қабилаҳо, аммо гоҳе мункарот дар сатҳи васеъ матраҳ аст, ки ҷуз бо ҳаракати давлат, имкони наҳй аз он нест. Барои мисол, ҳукумате бар мардум таҷовуз мекунад. Ва шӯълаи ҷанг дар миёни ҳукумат ва мардум боло мегирад. Дар ин ҷо, агар ислоҳ ва мавъиза ва нома ва тазаккур корсоз шавад, бояд кишварҳои дигар бапо хезанд ва даст ба ислоҳ бизананд. Агар таҷовузгар тан ба ислоҳ ва маъруф надод, бар ӯ бишӯранд ва бо қиёми мусаллаҳона ӯро саркӯб кунанд. Ин саркӯб бояд ба қадре маҳкам ва тӯлонӣ бошад, ки мутаҷовиз, ба амри Худо баргардад ва ба ҳаракатҳои дафъӣ ва сатҳӣ басанда накунанд.[1]

Вазифаи ҳукумат танҳо дар ин маворид нест, балки бояд аз амркунандагони ба маъруф ва наҳйкунандагони аз мункар, ки тибқи вазифаи фардӣ низ тазаккур медиҳанд, ҳимоят кунад, чун агар хилофкор бидонад, ки давлат ҳомии амр ба маъруфкунандагон аст, зудтар ва беҳтар даст аз хилоф мебардорад.

Ҳамкории мардум ва давлат ҳамеша корсоз аст ва ҳеҷ як ба танҳоӣ муваффақияти комилро ба даст нахоҳанд овард.

### Солимсозии муҳит

Аз ҷумла мавориде, ки дар анҷоми маъруф ва раҳо кардан аз мункарот нақши муҳиме дорад вазифаи давлат, шаҳрдорӣ, созмонҳо дар солимсозии муҳит аст. Муҳит ва ҷомеа дар гароишҳои фикрӣ ва ахлоқии афрод асар мекунад. Намунаҳое аз Қуръонро нақл кунем.

---

[1] Сураи Ҳуҷурот 9.

1-Дар таърихи Бани Исроил мехонем: «*Ҳамин ки бо мӯъҷизаи Мӯсо* (*алайҳис-салом*) *аз рӯди Нил гузаштанд*, *гурӯҳи бутпарастеро диданд*. *Фавран таҳти таъсир қарор гирифтанд ва аз Мӯсо хостанд*, *ки он ҳазрат барои онҳо буте қарор диҳад*, *то онҳо гирдаш ибодат кунанд*».[1]

Агар дар ҷомеа бут бошад, бутпараст ҳам пайдо мешавад, бинобар ин бояд ҷомеаро поксозӣ кард.

2-Мӯсо ба Сомирӣ гуфт: «*Ба Худо савганд*, *ки гӯсолаи тиллоии туро оташ мезанам ва хокистарашро ба дарё мерезам*».[2]

3-Ҳазрати Иброҳим ба танҳоӣ, табар ба даст гирифт, вориди буткада шуд ва ҳамаи бутҳоро шикаст, сипас табарро ба гардани бути бузург овехт.[3]

4-Моҷарои масҷиди Зирор: Мунофиқон дар Мадина бо вуҷуди масҷиди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) масҷиди дигаре сохтанд, то дар сояи номи масҷид неруҳои худро ҷамъ кунанд ва бо душманони хориҷӣ робита барқарор кунанд. Онҳо барои ба расмият шинохта шудани масҷидашон аз Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) даъват карданд ба имоматии худ намози ҷамоате дар он ҷо баргузор кунад. Ҳазрат, ки дар остонаи ҷанги Табук буданд, посухи мусбате надоданд. Пас аз он ки рафтанд ва баргаштанд, мардумро барои хароб кардани масҷиде, ки маркази ҷамъомади мунофиқон буд, омода карданд. Аз ин моҷаро дар Қуръон ба ишора зикр шудааст.

Аз чаҳор намунае, ки аз Қуръон нақл шуд, метавон чунин натиҷа гирифт, ки барои иҷрои амр ба маъруф бояд аввал,

---

[1] Сураи Аъроф-138.

[2] Сураи Тоҳо-97.

[3] Сураи Анбиё-58.

марказҳо ва инсонҳои фитнаангезро аз ҷомеа дур кард, зеро бидуни нобуд кардани онҳо наҳй аз мункар, мубориза бо маълул ва раҳо кардани иллатҳост. Низом ва ҳукумате, ки мехоҳад амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро зинда кунад, бояд барои солимсозии муҳит қадам бардорад, аз ҷумла:

1-Таблиғ дар бораи издивоҷи осон ва додани қарзи издивоҷ барои ҷавонҳо.

2-Ҷудо кардани марказҳои духтарон ва писарон дар ҳамаи мақтаъҳои таҳсилӣ, дар паркҳо, маконҳои умумӣ, бемористонҳо ва ҳатто марказҳои хадамотӣ, то занон битавонанд бо либоси содда машғул ба кор шаванд ва мардон низ музоҳимате надошта бошанд.

3-Пешгирӣ аз тавлиди филмҳо,  наворҳо ва китобҳое, ки инсонро ба сӯи гумроҳӣ ва фасод мебаранд, бахусус бастани баъзе аз ширкатҳо ва марказҳои фасод ва ё пешгирӣ аз ривоҷи либосҳои зиддиахлоқӣ.

4-Диққат дар гузиниши афрод то унсурҳои вобаста ва фитнагар, майдоне барои рушди афкори худ надошта бошанд.

5-Аз он ҷо, ки ҳаё монеаи бисёре аз гуноҳон ва надоштани ҳаё заминасози анвои мункарот аст, масъулон бояд асли ҳаёро дар тору пуди ҷомеа риоят кунанд, то майдоне барои рушди хилофкорон пайдо нашавад.

Аз ҷумла, давлат иҷозати сохтани сохтмонҳоеро, ки сокинони он ба таври табиӣ ҳаёро аз даст медиҳанд, ба касе надиҳад. Оре! Дар сохтмонҳое, ки шахс дар даруни хонаи худ ҳама ҷои хонаи ҳамсояро мебинад, ҳаёе намемонад.

6-Диққат ба замонбандӣ барои вуруду хуруҷи духтарон ва писарон дар боздид аз музейҳо ва озмоишгоҳҳо яке аз усули мудирияти касоне аст, ки мехоҳанд мудирияти онҳо бар асоси тақво бошад.

7-Барномарезӣ барои пур кардани айёми фароғати ҷавонон, аз масоили дигаре аст, ки дар солимсозии муҳит ва тарки мункар нақш дорад.

8-Либоси шиноро метавон ба тарзе дуруст кард, ки зимни соддагӣ ва сабукӣ, кутоҳ набошад, ин ҷо ҳадисеро нақл мекунем:

«Имом Ҳасану Имом Ҳусейн замоне, ки кӯдак буданд, бо шалвори дароз вориди рӯди Фурот шуданд. Шахсе ба он ду азиз гуфт:

Либоси шумо тар шуд. Ин ду азиз дар посух фармуданд:

Тар шудани либос беҳтар аст то аз байн рафтани ҳаё».[1]

9-Ислом барои солимсозии муҳит, ҳунарҳои дастӣ, тарбияти кӯдакон ва мудирияти дохилиро ба занон супоридааст ва то ҳадди имкон бо супоридани корҳои муфид дар маҳалли ороми хона, занро аз хориҷ шудан бидуни далел ва дур аз чашми шавҳар наҳй фармудааст. Албатта ҳар куҷо, ки ниёз бошад ба зан иҷозати баромадан додааст, аз ҷумла рафтан ба Макка бидуни шавҳар.

Он чи муҳитро фосид мекунад, бебанду борӣ, беҳудагардӣ, беҳадафӣ аст. Ислом ба зан иҷозати роҳпаймоӣ, ширкат дар интихобот, доштани истиқлоли иқтисодӣ ва сиёсӣ ва ширкат дар олитарин кунгураҳои илмӣ, навиштани анвои мақолоти тахассусӣ ва тарбиятӣ ва илмиро додааст. Қуръон ба ошноӣ бо таърихи занони намуна ҳамчун ошноӣ бо таърихи мардони намуна супориш кардааст.

Қуръон ҳамон гуна ки аз баъзе мардон ном бурда, аз онҳо ситоиш карда ва онҳоро намунаи дигарон қарор додааст, ҳамсари Фиръавнро ҳам намунаи ҳамаи аҳли имон дар

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.43.саҳ.320.

тӯли таърих қарор додааст. Қуръон бо намуна қарор додани ҳамсари Фиръавн ба дунё собит кардааст, ки зан таҳти таъсири мард нест, балки метавонад бар хилофи инҳирофоту гумроҳии шавҳар, истиқлоли фикрӣ дошта бошад. Зан бо ин ки дар хонаи шавҳар ва сари суфраи ӯст, вале ниёзи иқтисодӣ, дар шахсияти ӯ асар намегузорад. Нони Фиръавнро мехӯрад, вале бар зидди ӯ қиём мекунад. Инсон метавонад ҷабри муҳит ва иқтисод ва фишори сиёсиро аз байн барад, ҳатто агар дар хонаи Фиръавн бошад, вале бо ҳамаи ин матолиб, ҳарчӣ ихтилоти зану мард камтар бошад, муҳит ба саломатӣ наздиктар ва майдон барои рушди мункарот тангтар мегардад.

10-Дафъи монеаҳо: мутаассифона барои анҷоми маъруфҳо он қадар монеа сари роҳ аст, ки анҷоми маъруфро барои умуми мардум мушкил ва гоҳе ғайри мумкин мекунад. Ба ин чанд мисол диққат фармоед:

а) Агар дар айёми имтиҳоноти насли ҷавон филмҳои пурҷозиба фикри онҳоро ба худ ҷалб кунад, натиҷае ҷуз шикаст дар имтиҳон, нахоҳанд дошт. Дар ин ҷо филмҳо монеъ аз анҷоми маъруф ва таҳсил аст, ки давлат бояд бо барномарезӣ ва замонбандии саҳеҳ, заминаи муносибро фароҳам кунад.

б) Агар шартҳои издивоҷро ба қадре боло барем, ки ҷавонон натавонанд домод шаванд, ин шартҳо монеи маъруф хоҳад буд ва ин низ аз вазоифи ҳукумат аст.

в) Агар ҳангоми намози аввали вақт, устодон барномаи дарсӣ дошта бошанд, ошпазхонаҳо хӯрок бидиҳанд, телевизион филм нишон диҳад, харидор ба фурӯшанда муроҷиат кунад, ҳатман ҳамаи ин барномаҳо метавонанд барои бузургтарин маъруфҳо (мисли намоз) монеъ бошанд.

г) Агар либосҳои зиддиахлоқӣ фаровон ва арзон, вале

либосҳои оддӣ қимат ё ноёб бошад, монеи маъруф аст.

д) Бисёре аз қавонин, дасту погир ва қоғазбозии идорот ва ғайра аз монеаҳо ҳастанд.

е) Агар аз идомаи таҳсили духтаре, ки арусӣ кардааст, дар мактаб пешгирӣ кунем, монеи маъруф шудаем.

з) Агар ронандае, ки афтодаеро ба бемористон мерасонад, боздошт кунем, монеи маъруф аст.

к) Агар барои судури китобҳои муфид ба хориҷ аз кишвар кироҳои вазнине муқаррар кунем, монеи маъруф шудаем.

л) Агар бедалел ба зердастон туршрӯӣ кунем, ба тавре ки аз мо битарсанд ва ба ҷои ҳақиқат дурӯғ бигӯянд, монеи маъруф шудаем.

м) Агар ба хотири тӯлони шудани замони намози ҷамоат, иддае ба масҷид наоянд, монеи маъруф шудаем.

н) Агар бо хостаҳои ноҷо пеши роҳи издивоҷи арусу домодро бигирем ва ё онҳоро ба риёкорӣ, қарзгирӣ барои маросими пурдабдаба, таъхир дар издивоҷ водор кунем, назири он ки бигӯем: Чун фалонӣ аз хешовандон аз дунё рафтааст, маросими арӯси то фалон замон ақаб афтад, ҳамаи инҳо монеаҳои маъруф ҳастанд.

## Тадбирҳои амалӣ барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Зиндагии мошинӣ ва барқӣ ба бисёре аз корҳо суръат бахшидааст ва инсонҳо маъмулан вақти зиёде доранд. Бинбар ин агар барои аёми фароғат тадбирҳои дурусте андешида нашавад, заминаи хилофкориҳои зиёде пеш меояд. Ба чанд тадбири хубу созанда, ки метавон вақти истироҳати мардумро бо он пур кард, диққкат намоед:

1-Эҷоди намоишгоҳи амалӣ ва ҳунарию санъатӣ ва боздидҳои созанда.

2-Эҷоди мусобиқоти варзишӣ ва илмӣ.

3-Эҷоди танаввӯъ дар омӯзишҳои забонҳои хориҷӣ, омӯзиши компютер, шино, хушнависӣ, мақоланависӣ.

4-Эҷоди коргоҳҳое, ки дар он битавон аз нируҳои корӣ ба сурати нимавақт истифода намуд то суде ба ҷомеа низ бирасад.

5-Чопи китобҳо барои синнҳои мухталиф ва вусъат бахшидан ба китобхонаҳо.

6-Равнақ додан ба масоҷид бо барномаҳои муфид, намози аввали вақт, таъмини назофату покизагӣ.

7-Намоиш додани филмҳои муфид.

8-Ҳунаромӯзӣ ва таблиғи шиорҳо дар бораи ҳунар.

9-Вусъат додани фарҳанги қисса ва қиссахонӣ.

10-Хулосанависӣ ва равоннависии китобҳои муфассал ва чопи онҳо бо нархҳои мутафовит ва муносиб.

11-Ошноӣ бо шахсиятҳои машҳур, бахусус ошноии ҷавонони ҳар минтақа бо шахсиятҳои ҳамон минтақа.

12-Ширкат ва тамошои мусобиқаҳои размӣ.

13-Таблиғ дар мавриди пиёдаравӣ, ки беҳтарин, умумитарин ва арзонтарин варзиш аст, ки бидуни васила ва

барои ҳар кас ва дар ҳар ҷое мумкин аст...

Шумо ҳам метавонед назариёте изофа кунед. Барои тадбири амалӣ, ҳар вазоратхонае метавонад барои фарзандони кормандони худ будҷае дар назар бигирад ва аз имконоти вазоратхона бо таваҷҷӯҳ ба масоли шаръӣ ва қонунӣ, барои пур кардани айёми фароғати фарзандони кормандони худ барномарезӣ кунад.

Вазоифи ҳукумат дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар маҳдуд ба чанд намуна нест. Ҳукумат вазифа дорад маъруфҳо – корҳои муфиди сиёсӣ ва иҷтимоиро эҳё ва аз мункарот – умури зиёнбори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пешгирӣ кунад. Ба намунае аз амри ба маъруф ва наҳйи аз мункарҳое, ки ҳукумат бояд онҳоро анҷом диҳад, диққат кунед:

- Назорат бар нархҳо ва пешгирӣ аз беназмӣ дар бозор[1].

- Гирифтани пеши роҳи даллолҳои дурӯғин, ки сабаби гарон шудани нарх мешаванд.

- Назорат бар шартномаҳо ва пешгирӣ аз сӯистифода ҳангоми навиштани шартномаҳо.

- Диққат дар тақсими одилона, ҳифзи байтулмол[2] ва шиносоии аминтарин афрод барои супурдани байтулмол ба онҳо.

- Назорати комил бар пухтани нон ва пешгирӣ намудан аз исрофи он.

- Истифодаи дуруст ва босарфа аз манбаъҳои табиӣ.

- Эҷоди шуғли муфид барои бекорон ва омӯзиш додани коргарони содда барои беҳтар натиҷа гирифтан аз манобеи табиӣ ва фаннӣ, зеро иштиғол, бузургтарин маъруф ва

---

[1] Манзур аз бозор ҳамаи умури иқтисодӣ мебошад.(т).

[2] Байтулмол – хазинаи ҷамъиятӣ.

бекорӣ заминаи анвои мункарот аст.

- Омода кардан ва дар ихтиёри мардум гузоштани воситаи нақлиёт барои рафтуомад ба ҷойҳое, ки инсонро ба рушду камол мерасонад.

- Номгузории майдонҳо ва хиёбонҳо ба номи ашхосе, ки бояд номашон дар таърих зинда монад.

- Пешгирӣ аз гадоҳои танпарвар ва танбал.

- Эҷоди маҳалли муносиб барои иқомаи намоз дар тамоми муассисаҳо ва марказҳои пурҷамъият.

- Пахш намудани садои азон аз тамоми муассисаҳои давлатӣ.

- Баргузории маҳфилҳои панду мавъиза барои кормандон, ҳушдор ва назорати комил барои анҷоми беҳтари корҳо, таваҷҷӯҳ ба ҳолоти руҳӣ, пешгирии оморҳои хилоф, пешгирӣ аз рақобатҳои манфӣ ва ғурурҳои бемӯҳтаво ва ё бондҳою мафияҳои вайронкор.

- Таҳқир ва тазъифи ашхоси хилофкор ва ривоҷ додани афкор ва одатҳои солим, боло бурдани сатҳи огоҳии умумӣ аз роҳҳои гуногун.

- Ранги илоҳӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ додан ба тамоми талошҳо, тарҳҳо ва барномаҳои ободии кишвар, барномаҳои тандурустӣ ва хидматӣ ва ғофил нашудан аз усул (принсипҳо) ва арзишҳо.

- Кӯтоҳ кардани дасти золимон ва таҷовузкорон аз обу хок ва номуси миллат ва мубориза шадид бо онҳо.

- Қарор додани маъмурон дар тору пуди низом, барои пешгирӣ аз ҳар гуна фитнаи сиёсӣ ё сӯиқасдҳо.

- Ширкати масъулони баландмартаба дар сафи аввали намози ҷамоат, худ аз вазоифи масъулони ҳукуматӣ аст, ки василаи эҳёи маъруф аст.

- Насби навиштаҳои зебо ҳамроҳ бо тазаккуроти кӯтоҳ ва муфид дар ҳар ҷои кишвар.

Ташвиқи афрод ва аносири барҷаста ва танбеҳи афроди фосид.

Супурдани вазифаҳои ҳассос ба мӯъминони кордон ва аз вазифа дур намудани унсурҳои ноаҳл. Ва садҳо намунаи дигар, ки метавон ба унвони вазоифи давлат дар мавриди амр ба маъруф ва наҳй аз мункар онҳоро зикр кард.

**Гурӯҳҳои хос**

Гарчӣ амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бар ҳамаи мардон ва занони мӯъмин воҷиб аст, вале аз баъзе гурӯҳҳо бештар хоста шудааст.

1 - Анбиё

Аз ҷумла вазоифи анбиё, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст; «...*Ва ба некиҳо даъват намо*...»[1]

Қуръон аввалин вазифаи анбиёро амр ба маъруф ва наҳй аз мункар донистааст; «...*онҳоро ба маъруф дастур медиҳад ва аз мункар боз медорад*...»[2] Баъд, масоили дигарро баён кардааст. Чун аввалин маъруф, яктопарастӣ ва аввалин мункар, тоғутпарастӣ аст, Худованд мефармояд: «...*Худои якторо бипарастед ва аз тоғут дурӣ кунед*...»[3]

2-Имомони маъсум

Имом Ҳусейн (р) дар баробари суханони бародараш Муҳаммади Ҳанафия, ки мегуфт: ба тарафи Ироқ наравед! - фармуд: Мехоҳам амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам

---

[1] Сураи Аъроф-199.

[2] Сураи Аъроф-157.

[3] Сураи Наҳл-36.

то ба равиши ҷаддам Расули Худо амал карда бошам.[1]

3 - Уламо ва донишмандон

Қуръон мефармояд: «*Чаро уламо, мардумро аз ҳаромхӯрӣ ва ҳаромгӯӣ боз намедоранд*?»[2]

Ҳазрати Алӣ (к) фармуд: «*Далели ҳалокати қавмҳои гузашта ин буд, ки гурӯҳе гуноҳ мекарданд ва уламо сокит буданд*».[3]

Қуръон мефармояд: «*Чаро хирадмандон ва барҷастагони ҷомеа, мардумро аз фасод боз намедоранд*?»[4]

Ҳазрати Алӣ (к) дар суханони худ фармуд: Худованд аз уламо хост, ки дар баробари бархурди золим ва гурснагии мазлум ғайрат ба харҷ диҳанд.[5]

Ҳар гоҳ бидъат (ва мункарот) пайдо шуд, бар донишмандон воҷиб аст, ки илми худро изҳор кунанд, вагарна лаънати Худо бар онҳо бод.

Амири муъминон мефармояд: Худованд афроди бехирадро ба хотири гуноҳ ва афроди оқил ва доноро ба хотири тарки наҳй аз мункар аз раҳмати худ дур мекунад![6]

4 - Масъулони ҳукуматӣ

Қуръон мефармояд: «*Нишонаи ҳукумати солеҳон ва касоне,ки ба онҳо қудрат ва имконот додем он аст, ки дар замин, иқомаи намоз мекунанд, закот мепардозанд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд...*»[7]

Оре! Ҳукумати исломӣ бояд аз ҳар гуна ҳимоят аз

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.44 саҳ. 339.

[2] Сураи Моида-63.

[3] «Наҳҷулбалоға».

[4] Сураи Ҳуд-116.

[5] «Наҳҷулбалоға» хутбаи 3.

[6] «Наҳҷулбалоға» 192.

[7] Сураи Ҳаҷ-41.

омирон ба маъруф дареғ накунад. Бояд бо дар даст доштани имконоти таблиғотию фарҳангӣ ва ҳунарию иқтисодӣ ва низомӣ пеши роҳи мункаротро бигирад ва марказҳои фоҳишагию зиноро бандад, ба ҳисоби фосидон бирасад ва маконҳои гуноҳхезро аз байн барад.

5 - Волидайн

Қуръон мефармояд: «...*Худ ва хонаводаи хешро аз оташи дӯзахе, ки ҳезуми он инсон ва санг аст нигаҳ доред*...»[1]

Аз Имом Алӣ (к) суол шуд: Чӣ гуна онҳоро аз оташ ҳифз кунем? Фармуд: Онҳоро амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кун![2]

6 - Бузургони ҷомеа

Имом Содиқ (р) дар номае ба ёрони худ навишт: «*Ҳатман бузургон ва пирамардон ва қудратмандони шумо нисбат ба ҷоҳилони раёсатталаб аз худ утуфат ва меҳрубонӣ нишон диҳанд ва дасти касонеро, ки таҷриба надоранд бигиранд, вагарна нафрин ва лаънат ба ҳамаи онҳо хоҳад расид*».[3]

Имом Содиқ (р) ба яке аз ёрони худ фармуд:

Яқинан гуноҳи бехирадони шумо бар ӯҳдаи олимони шумост. Чаро вақте яке аз шумо кори хилофе мекунад, ки ба хотири он ба мо озор мерасад ва моро дар пеши мардум маъюб мекунад, ба суроғаш намеравед ва бо нармӣ ӯро мухотаб қарор намедиҳед ва мавъизааш намекунед? Ва ӯ ҳамчунон ба ёвасароии худ идома медиҳад ва моро дар ҷомеа таҳқир мекунад ва шумо ҳам сокит мемонед.

Ёри Имом гуфт: Мардум сухани моро намешунаванд ва

---

[1] Сураи Таҳрим-6.

[2] «Биҳор-ул-анвор» 97 саҳ. 74, тафсири Алӣ ибни Иброҳим, зери ояти мазкур.

[3] «Фурӯи Кофӣ»,ҷ 8,с 158, ба нақл аз «Мизон-ул-ҳикма».

аз мо пайравӣ намекунанд.

Имом (р) фармуд: Агар шумо гуфтед ва онҳо гӯш надоданд, вазифаи дигаре доред ва он ин ки бо онҳо робитаатонро қатъ кунед ва ба маҳофилашон наравед![1]

Пас, вазифаи аввали олимон рафтан ба суроғи бехирадону раҳгумзадагон ва мавъиза кардани онҳост. Ва агар напазируфтанд ҷудо шудан аз онҳост. Норозигии Имом аз ин буд, ки чаро олимон ба марҳалаи аввалии вазифаи худ амал намекунанд?

Дар ҳадис мехонем: *Худованд ба Ҷабраил ваҳй кард: Фалон минтақаро ба хотири ҷиноёте, ки карданд ҳалок кун! Ҷабраил аз Худованд бахшиши як зоҳидро дархост кард, вале хитоб расид: ӯро низ ҳалок кун! Ҷабраил иллати ҳалоки обидро пурсид. Худованд фармуд: Ман ба ӯ имконот додам ва ӯро бар мардум қудрат додам, вале ӯ дар роҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз имконоти худ истифода накард.*

Гарчӣ амр ба маъруф ва наҳй аз мункар вазифаи умумӣ аст, аммо гурӯҳи махсусе низ лозим аст то бо доштани имконот ва қудрат ба ин вазифа амал намуда аз умуми мардум низ ҳимоят кунад.

Дар сураи Оли Имрон мехонем: «*Аз шумо мусулмонон гурӯҳе бояд бошанд, ки ба сӯи хайр мардумро бихонанд ва амр ба маъруф кунанд...*»[2]

Дуруст монанди мошине, ки хато меравад, ҳам вазифаи ҳамаи мошинҳост, ки аз тариқи садо ва чароғ задан ба ӯ бифаҳмонанд, ки иштибоҳӣ меравӣ ва ҳам вазифаи нозир аст, ки бояд ҳушдор дода ва бо ҷарима кардан ронандаро танбеҳ кунад.

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.2.саҳ.22.

[2] Сураи Оли Имрон-104.

## Мароҳили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чанд марҳала дорад:

1-Марҳалаи қалбӣ, ки ҳар мусулмоне аз кори хилоф дар дил мутанаффир бошад ва аз корҳои хуб ташвиқ ва ҳимоят кунад. Ин ҳимояти қалбӣ дар ҳар шароите лозим аст.

2-Марҳалаи гуфторӣ, ки вазифаи умуми мардум ва дар шароити оддӣ аст.

3-Марҳалаи бархӯрди инқилобӣ, ки дар оят мехонем: «*Мӯъминон дар замин ҳамин ки қудрат ба даст гирифтанд*, *намоз ба по медоранд*, *закот мепардозанд ва амри маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд*».[1]

Дар ин оят амр ва наҳй ҳамроҳ бо қудрат ва имконот аст.

---

[1] Сураи Ҳаҷ-41.

# Боби чаҳорум

## Роҳҳои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

## Аҳамияти шеваҳо

Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуданд: «Ҳар кас, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад, бояд роҳаш низ маъруф бошад».[1]

Ҳар гуноҳе, ки аз шахсе сар мезанад, мумкин аст ба далеле бошад. Ҳамон гуна ки як дарди сар аз чанд реша сарчашма мегирад. Барои мисол, зане ҳиҷоби худро риоят намекунад. Мумкин аст, ки ин кори ӯ далел дошта бошад, аз ҷумла:

1-Масъалаи ҳиҷобро намедонад ва фикр мекунад, ки аҳамият надорад.

2-Фалсафаи ҳиҷоб ва осори шуми бебандубориро намедонад.

3-Камбудӣ дорад, ки мехоҳад худро матраҳ кунад.

4-Аз рӯи ҳавою ҳавас ва майл амал мекунад.

5-Мехоҳад аз дигар бадҳиҷобҳо ақиб намонад.

6-Модар, хоҳар ва дӯстонаш бадҳиҷобанд.

7-Мехоҳад бо низоме, ки тарафдори ҳиҷоб аст мухолифат кунад.

8-Таблиғоти бад бар ӯ асар гузоштааст.

9-Фикр мекунад беҳиҷобӣ нишонаи тараққӣ ва равшанфикрист.

10-Мехоҳад аз дигарон фарқе дошта бошад.

11-Фикр мекунад, ки бадҳиҷобӣ гуноҳи соддае аст ва латмае ба касе намезанад.

Касоне, ки мехоҳанд, мункари бадҳиҷобиро наҳй кунанд бояд ҳамаи ин решаҳоро баррасӣ кунанд ва барои ҳар як аз ин иллатҳо равиши хоссеро ба амал оваранд. Дар ин ҷо

[1] «Канз-ул-уммол».

маълум мешавад, ки наҳй аз мункар илова бар вазифаи умумӣ як кори тахассусӣ аст ва ниёз ба коршиносии илмӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва таблиғию ҳунарӣ дорад. Амркунандагони ба маъруф ва наҳйкунандагон аз мункар бояд аз донишмандон, мутафаккирон, муслеҳон ва дилсӯзони ҷомеа бошанд. Агар мушоҳида мекунед, ки гоҳе амри маъруфҳо беасаранд, гуноҳро танҳо ба гардани хилофкор наандозед, чун огоҳии шеваҳои воҳид барои дардҳои гуногун мисли давои воҳид барои дардҳои гуногун аст ва шифобахш нахоҳад буд.

Бад нест дар бораи гуногун будани бархӯрд низ ҳадиси ҷолибе нақл бикунем:

Қуръон дар сураи Бақара ояти 189 мефармояд: «*Хубӣ дар ин нест, ки аз бероҳа ба хонаҳо ворид шавед, хубӣ дар тақво ва дар ин аст, ки аз дар вориди хонаҳо шавед*». Ин оят зимни ин ки ин ақидаи хурофиро, ки дар ҳоли эҳром дар сафари ҳаҷ аз пушти хонаҳо ворид мешаванд рад мекунад, дар зимн мегӯяд, ки ҳар коре роҳе дорад, замоне дорад, макone дорад, раҳбаре дорад, шевае дорад ва дар анҷоми корҳо бояд шароитро дар назар гирифт. Акнун биравем суроғи ривоёти ҷолиб:

1-Имом Боқир (р) дар зайли ин оят мефармояд: Хонаҳоро аз роҳаш ворид шавед, яъне ҳар кореро аз роҳаш анҷом диҳед! (Барои ҳар дарде давои хоссе лозим аст. Барои ҳар мункаре шеваи махсус ва бархӯрди махсус лозим аст).

2-Имом Ризо (р) фармуд: Ҳар кас кореро аз роҳи худаш ворид шавад, лағзише пайдо нахоҳад кард ва агар лағзише пеш ояд ҳилаҳо ва шайтанатҳо ӯро хор нахоҳад кард.[1]

3-Имом Ҷавод (р) фармуд: Касе, ки роҳи корро надонад,

---

[1] «Ал-Ҳаёт» ҷ.1.саҳ.349.

решаҳои ношинохтаи кор ӯро дар анҷом фалаҷ хоҳад кард.

Нитиҷаи ин ривоёт дар баҳси мо ин аст, ки барои ҳар маъруф ва мункаре, аз ҳар шахсе дар ҳар маконе ва ҳар замоне шеваи хоссе лозим аст, ки агар риоят нашавад имкон дорад асари бад диҳад.

Ҳамон гуна ки барои ҳар коре роҳе аст, имкон дорад барои як коре роҳҳои зиёде бошад. Барои мисол, яке аз маъруфҳое, ки рӯи он дар Қуръон ва ривоёт зиёд таъкид шудааст, кӯмак ба мардум ва инфоқ аст. Қуръон барои ин ки ин маъруфро байни мардум зинда кунад, роҳҳои гуногуне ба кор бурдааст, аз ҷумла:

1-«*Моли дунё ночиз аст*[1] *ва ту инсон ҷонишини Худо ҳастӣ.*[2] *Ҳайф аст, ки ту асири дунё шавӣ*».[3] Дар ин шева Қуръон ба муаррифии ҷойгоҳи инсон, ки халифаи Худост ва ҷойгоҳи дунё, ки молу матои ночиз аст, инсонро омодаи инфоқ мекунад.

2-Агар молеро дар роҳи Худо бидиҳӣ, боқимондаи амволат бима хоҳад шуд. Бинобар ин зарар намекунӣ.

3-Агар ба фақирон кӯмак накунӣ, амволи ту нобуд хоҳад шуд; зеро оҳи фақирон ё юриши маҳрумон дороии туро мутазалзил хоҳад кард.[4]

4-Агар чизеро дар роҳи Худо бидиҳӣ, Худованд ҷои онро пур хоҳад кард. Ин ваъда дар Қуръон омадааст.[5]

5-Касоне, ки кӯмак накарданд, дар обу хок ғарқ шуданд. Нигоҳе ба таърихи Фиръавн ва Қорун онро собит мекунад.[6]

---

[1] Сураи Нисо-77.
[2] Сураи Бақара-30.
[3] Сураи Тавба-28.
[4] Сураи Бақара-195.
[5] Сураи Сабо-39.
[6] Сураи Қасас-81.

6-Афроде ба роҳатӣ дар роҳи Худо исор карданд.[1] Ту чаро ақиб мондӣ. Инсон дар камолот бояд дар ҳоли мусобиқа ва рақобат бошад.

7-Мисоли моле, ки инфоқ мешавад, мисоли донае аст, ки дар замин кошта мешавад ва аз он ҳафт хӯша берун ояд, ки дар ҳар хуша сад дона аст.[2]

8-Амволе, ки дар дунё захира мешаванд ва ба фақирон дода намешаванд, дар қиёмат доғ мекунанд ва бар пешонӣ ва паҳлӯи сармоядорон мегузоранд ва ба онҳо хитоб мешавад: Ин ҳамон чизе аст, ки дар дунё захира карда будед.[3]

Тамоми таъбироти боло бархоста аз оёти Қуръон аст, ки роҳи ба тамкин даровардани мардум барои инфоқ ба фақирон аст.

**Таваҷҷӯҳ намудан ба каромат ва арзиши инсон**

Аз аҳромҳое, ки дар роҳи амри ба маъруф ва наҳй аз мункар корсоз аст, таваҷҷӯҳ накардани инсон ба мақом ва мавқеияти худаш аст.

Агар инсон бидонад, ки ҷонишини Худо аст, ҳаргиз кори хилоф намекунад, яъне қоиммақом (ҷонишин) ҳеҷ гоҳ кори хилофи соҳиби мақомро намекунад.

Агар инсон бидонад, ки фариштагон бар ӯ саҷда карданд[4] ва ӯ мавҷуде аст, ки руҳи Худо дар ӯ дамида шудааст,[5] танҳо мавҷуде аст, ки Худованд дар офариниши ӯ худро

---

[1] Сураи Ҳашр-9.
[2] Сураи Бақара-261.
[3] Сураи Тавба-35.
[4] Сураи Ҳиҷр-30.
[5] Сураи Ҳиҷр-29.

сутудааст.[1] Ҳама чизро ба тасхири ӯ даровarда,[2] дар офариниш беҳтарин шаклро бар ӯ додааст,[3] ӯро барои итоати худ офаридааст,[4] барои ӯ анбиё ва китобҳои осмонӣ фиристодааст,[5] ӯро мавҷуде фанонопазир қарор додааст;[6] арзиши ӯ биҳишт аст, на камтар; Худованд анвои фазилатҳо ва кароматҳоро ба ӯ марҳамат кардааст.[7] Зиндагӣ дар ҳадди хӯрок ва пӯшок ва маскан як зиндагии ҳайвонӣ аст ва ин ҳама истеъдод ва ақл набояд фидои масоили моддӣ бишавад, фитрати бениҳоятталабе, ки дар инсон аст, нишони он аст, ки метавонад то бениҳоят рушд кунад. Оре! Агар инсон ба ин кароматҳо ва мақомот таваҷҷӯҳ кунад, ҳаргиз худро ба корҳои зишт олуда нахоҳад кард.

- Инсоне, ки метавонад ҳар лаҳза бо Худо бидуни восита тамос бигирад.[8]
- Инсоне, ки Худованд ӯро вазифадор кардааст ва бо ӯ сӯҳбат мекунад.[9]
- Инсоне, ки зарфияти илмии ӯ фариштагонро ба ҳайрат овардааст.[10]
- Инсоне, ки метавонад ҳатто бо нияти худ ба тамоми арзишҳо даст ёбад.[11]
- Инсоне, ки метавонад ба ҷое бирасад, ки Худованд ба

---

[1] Сураи Мӯъминун-14.
[2] Сураи Луқмон-20.
[3] Сураи Тин-4.
[4] Сураи Зориёт-56.
[5] Сураи Муззаммил-15.
[6] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.6.саҳ.249.
[7] Сураи Исро-70.
[8] Муноҷоти Абӯҳамзаи Сумолии Имом Саҷҷод.
[9] «Эй мардум. Эй касоне, ки имон овардед».
[10] Сураи Бақара-31.
[11] Сураи Бақара-31.

хотири ӯ ба фариштагон мубоҳот кунад.[1]

- Инсоне, ки метавонад бо қасди қурбати худ ба тамоми моддиёт ранги маънавӣ ва ба фано ранги бақо диҳад.
- Инсоне, ки метавонад бо чиҳил рӯз ширкат дар донишкадаи ихлос аз худ фориғуттаҳсиле бисозад, ки чашмаҳои ҳикмат аз қалб ба забонаш сарозер шавад.[2]
- Инсоне, ки метавонад дар асари бандагӣ, нишонаи «чи хуб бандаест»-ро аз Худованд бигирад.[3]
- Инсоне, ки метавонад бо ибодат дар ҳастӣ тасарруф кунад.[4]
- Инсон агар бидонад, ҳар рӯзе, ки ба умраш изофа мешавад, калон намешавад, балки хурд мешавад, чунки аз сармояи умраш кам мешавад.[5]
- Инсон агар бидонад, ки марги ногаҳонӣ ӯро мегирад ва қабр сандуқи амали ӯст.[6]
- Инсон агар бидонад, ки вурудаш ба дӯзах ҳатмист вале хориҷ шуданаш машкук аст.[7]

Оре! Ҳарчӣ инсон ба арзиши болои худ бештар воқиф шавад, камтар худро дар маърази хилоф қарор медиҳад. Агар шумо навори гаронеро харидорӣ кунед, ҳар садоеро рӯи он наменависед. Агар гилеми қиматбаҳоеро бубинед, ҳаргиз бо пояфзол рӯи он қадам намегузоред.

Ростӣ! Чаро умри мо чарогоҳи шайтон ва дӯсти мо иблис

---

[1] Ривоёти зиёде вуҷуд дорад.
[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.70.саҳ.249.
[3] Сураи Сод-30.
[4] Сураи Оли Имрон-49.
[5] Сураи Аср-2.
[6] Сураи Анбиё-40.
[7] Сураи Марям-71-72.

бошад? Мо, ки ҷонишини Худо ҳастем, чаро бо душмани Худо бошем?

Арзиши инсон ба мақоми маънавии ӯст; вагарна боло рафтан муҳим бошад, боло рафтани зоҳирӣ - кори дуд аст, доштани симу зар, ки кори кӯҳ аст ва шӯҳратро кӯҳи Ҳимолой низ дорад.

Ба ҳар ҳол, касе гирди мункарот мегардад, ки арзиши худро фаромӯш карда бошад. Дар Қуръон мехонем: «*Ҳар кас Худоро фаромӯш кунад, Худованд кайфаришро худфаромӯшӣ қарор медиҳад*». Аз он ҷо, ки фаромӯш кардани Худо бузургтарин гуноҳи инсон аст, бояд сахттарин кайфарро дошта бошад. Ҳамин ки мебинем Худованд кайфарро худфаромӯшӣ қарор додааст, мефаҳмем, ки ғафлат аз мақоми инсоният сахттарин кайфарҳои Худост.

Ҳазрати Алӣ (к) фармуд: «*Ҳар касе, ки каромат ва арзиши худро шинохт, дунё ва ҳавасҳо назди ӯ ночиз мешавад*», - яъне ба роҳатӣ метавонад ба хотири рӯҳи баландаш аз мавҷҳо ва ҳавасҳо бигзарад. Оре! Дучарха, ки дорои чархҳои нозук аст, аз мавҷҳои роҳ мутаассир мешавад ва ранги он тоб мебардорад, вале чархҳои трактор, ки калон аст, аз мавҷҳо ба роҳатӣ мегузарад ва ҷоддаро пушти сар мегузорад ва тоб ҳам намебардорад. Ҳарчӣ рӯҳ бузургтар ва иттисоли ӯ бо бениҳоят бештар бошад, амвоҷи бало ва шаҳват дар ӯ беасартар аст.

Оре! Таваҷҷӯҳ ба мақом ва мавқеияти илмӣ, иҷтимоӣ ва қабилаӣ инсонро аз хилофкорӣ боз медорад, лизо Қуръон ба ҳамсарони Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) мефармояд: «*Подоши хилофи (хатои) шумо, ду баробари дигар занҳост, чунки шумо ҳамсари Паёмбар ҳастед*».[1]

[1] Сураи Аҳзоб-30.

**Хотира**

Шахсе ба номи Шақронӣ дар замони Имом Содиқ (р) муртакиби хилофи шаробхӯрӣ шуд. Имом Содиқ (р) ба ӯ фармуд: Эй Шақронӣ! Кори бад аз ҳар касе, ки сар занад бад аст, вале агар аз ту сар занад, зишттар аст, ҳамон гуна ки кори некӯ аз ҳар кас некӯст, вале агар аз ту сар занад, некӯтар аст. Ин ба хотири ҷойгоҳи мазҳабӣ ва иҷтимоии ту аст. Ту аз бастагони мо ҳастӣ. Пас, қадри худро бидон![1]

Гоҳе куффор бо ҳамроҳии раҳбарашон мусулмон мешуданд. Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) раҳбари онҳоро ба унвони сарпарасти ҳамон гурӯҳи мусулмоншуда интихоб мекард ва иҷозат намедод касе, ки то дирӯз маҳбуби мардум буд, имрӯз ба хотири мусулмон шудан фарди оддӣ бошад.

Бисёр дида шудааст, ки афроде ба хотири як сурфа, ё атса дар пушти дурбини телевизион аз бинандагон узрхоҳӣ мекунанд, дар ҳоле ки ин шахс агар пушти дастгоҳи филмбардорӣ намебуд узрхоҳӣ намекард. Ин ба хотири таваҷҷӯҳ ба мавқеияте аст, ки эҳсос мекунад.

Оре! Таваҷҷӯҳ ба мақом ва мавқеият ва шахсияти афрод, яке аз сабабҳои боздоранда аз мункарот ва корҳои баду нописанд аст. Бинобар ин супориш шудааст: Ҳатто дар пеши наздикони худ, одобро риоят кунед, чунки худӣ шудан ва шухӣ, пардаи ҳаёро пора ва роҳро барои иртикоби гуноҳ боз мекунад.

Ин дастур ҳатто нисбат ба кӯдакон бояд риоят шавад.

Агар мехоҳем фарзандамон ба фармони мо амал кунад, бояд онҳоро ба номи некӯ садо кунем ва ба онҳо шахсият диҳем.[2]

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.47.саҳ.349.

[2] Сухане аз Имом Алӣ дар китоби «Кӯдаки фалсафӣ», саҳ.119.

Дар ҳадис мехонем: Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) номи кӯдаконро бо эҳтиром мебурд.

Ислом мегӯяд: Бардагонро бо калимаи «фато» (ҷавонмард) садо бизанед.

Аз ибтикороти Ислом, тағйири номҳои бад ба некӯ ва маънодор буд. Дар Қуръон оёте омадааст, ки бо номҳои бад садо кардани ашхосро найҳ мекунад.[1]

Ба ҳар ҳол, номи нек, эҳтиром, таваҷҷӯҳ ба камолот, муҳаббат ва ташвиқ, ресмонҳо ва роҳравҳои муваффақият дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ҳастанд. Ҳатто агар шахсе ҳеҷ камоле надорад, вале ниёгон ва бастагони ӯ ё минтақаи маскунии ӯ, ё муаллимон ва дӯстони ӯ аз мақом ва муваффақияте бархурдоранд, барои даъват ба хайр метавон аз ин аҳромҳо истифода кард, барои мисол, метавон гуфт: Ту, ки фарзанди фалонӣ ҳастӣ! Ту, ки аҳли фалон минтақа ҳастӣ! Ту, ки аз дӯстон ва ёрони фалонӣ ҳастӣ! Оё шоиста аст, ки ин гуна бошӣ?

**Заминасозӣ барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Дар мадрасаҳои исломӣ, истилоҳе ҳаст, ки мегӯянд: «муқаддимаи воҷиб, воҷиб аст», яъне ҳамон гуна ки намоз воҷиб аст, таҳорат кардан, ки аз муқаддимоти он аст воҷиб мебошад. Барои таҳорат кардан, таҳияи об воҷиб аст. Барои таҳияи об ҳам харидани об ва ё ория гирифтани ресмон, сатил ва гоҳе кандани чоҳ воҷиб мешавад. Касе, ки мехоҳад ба маъруфе амр ва ё аз мункарот наҳй кунад, бояд заминаҳоеро фароҳам кунад. Касоне, ки мехоҳанд худро номзади раёсати ҷумҳурӣ ё намояндаи маҷлис кунанд, аз муддатҳо қабл дар маҷлисҳои пурсишу посух ширкат

---

[1] Сураи Ҳуҷурот-11.

мекунанд, дар маҳофили донишгоҳӣ ҳузур меёбанд, дар рӯзномаҳо мақола менависанд, бо афроде тамос мегиранд, будҷа муҳайё мекунанд ва воситаҳои таблиғотӣ ва марокизи таблиғотӣ дар назар мегиранд. Оре! Ҳар касе барои ҳадафи худ, бояд заминаҳоро фароҳам оварад. Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ҳам ниёз ба заминасозӣ дорад. Як мисоли содда меорам: Агар имомони ҷумъа ва имомони ҷамоат, руҳониён ва фузалои ҷавон дар ҳар минтақа, ҷавононро шиносоӣ кунанд ва барои онҳо нишастҳои илмӣ ва ширин баргузор кунанд ва ба мушкилоташон гӯш диҳанд, дар азо ва шодии онҳо шарик шаванд, ба гунае, ки дар дафтари телефони ҳар шахсе, шумораи телефони як исломшиноси вораста ва ботақво бошад ва ҳамаи насли нав беҳтарин ва азизтарин дӯсти худашонро уламои ҷавон ва ботақво бидонанд, ин кори кишварро дар муқобили ҳар хатаре бима мекунад, зеро ҳар фасоде пайдо шавад, ҷавонони мӯъмин, ба раҳбарии олими ботақво, пеши фасодро мегиранд. Аз ҳифзи кӯча то хатти марзҳо ҳама бо ҳам якдил ва якдаст мешаванд.

Вале мутаассифона дар бисёре аз маворид, робитаи миёни руҳониёни ҷавон ва насли нав бисёр камранг аст. Бинобар ин як рӯз видео, рӯзи дигар моҳвора, рӯзи сеюм номзадҳои ноаҳл, рӯзи чаҳорум як шубҳа ва гоҳе як навор ва суханронӣ, насли ҷавонро аз Ислом дур мекунад. Ин гуноҳ ба гардани мост, ки дар вақташ ғафлат кардем.

### Роҳҳои пешгирӣ аз заминаҳои гуноҳ

Ҳамон гуна ки куштани мурғ заминасози куштани гӯсфанд ва куштани шутур аст, гуноҳони хурду ночиз заминасози гуноҳони калон ҳастанд. Нигоҳи нораво заминаи пайдоиши алоқамандӣ ва алоқаманд шудан

заминаи сӯиқасд ва анҷом додани гуноҳони дигар аст.

Хилват кардан бо номаҳрам, заминаи гуноҳ аст. Дӯсти бад, китоби бад, филми бад заминаи ғарқ шудан дар дарёи гуноҳ аст. Бинобар ин Ислом аз заминаҳо ва муқаддимаи гуноҳ низ пешгирӣ кардааст, лизо барои наҳй аз мункар бояд як силсила барномаҳои ҷудосозӣ анҷом шавад:

1-Ҷудосозии василаи гуноҳ аз инсон, ҳамон гуна ки шумо кордро аз дастрасии бача дур мекунед.

2-Ҷудосозии ду нафаре, ки агар бо ҳам бошанд, гуноҳ мекунанд. Ривояте низ дар ин бора ворид шудааст.

3-Ҷудосозии инсон ва маҳалли гуноҳ. (Ширкат ва нишастан дар баъзе маҳфилҳои ҳаром).

4-Ҷудосозии инсон ва замони гуноҳ. (Ин кор ниёз ба барномарезии саҳеҳ дорад).

5-Ҷудосозии инсон ва даллоли гуноҳ.

**Пур кардани рӯзҳои фароғат**

Яке аз роҳҳои пешгирӣ аз гуноҳ пур кардани рӯзҳои фароғат аст. Ба ҳамсари Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) Умми Салама гуфтанд: Шумо, ки пир шудаед, чаро кор мекунед? Гуфт: Агар инсон бекор бошад, даст ба фитна мезанад.

а) **Шеваи оинавор**

Ҳадисе аз Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) нақл шудааст, ки фармуданд: «*Мӯъмин оинаи мӯъмин аст*».

Агар дар ин ҳадиси кӯтоҳ диққат кунем, нукоте дар бораи шеваи амр ба маъруф дарк мекунем, аз ҷумла:

1- Оина аз рӯи сафо ҳақро мегӯяд на аз рӯи интиқом ва ғараз.

2- Оина замоне айбро нишон медиҳад, ки худаш гарду ғуборзада набошад.

3- Оина риояти мақом ва ҷойгоҳро намекунад.

4- Оина айбро бузургтар аз он, ки ҳаст нишон намедиҳад.

5- Оина ҳамроҳ бо нишон додани айб нуқоти қувватро низ нишон медиҳад.

6- Оина айбро рӯ ба рӯ мегӯяд на аз пушти сар.

7- Оина айбро бе сару садо мегӯяд.

8- Оина дар ҳоли шикастагӣ низ аз кораш дастбардор нест ва вазифаи худро иҷро мекунад. Мӯъминро агар таҳқир кардӣ ва ӯро шикастӣ, боз даст аз суханаш намебардорад.

9- Оина айбро дар дили худ нигаҳ намедорад ва ҳамин ки аз канораш рад шудӣ, айб аз сафҳаи ӯ пок мешавад.

10- Оинаро ҳангоми айбгӯӣ набояд шикаст, балки мебоист, ба ислоҳи худ пардохт. Оре! Агар мусулмоне наҳй аз мункар кард, шумо гуноҳро аз худатон дур намоед ва ба гӯянда эътироз накунед.

Ёдам ҳаст, ки дар ҳангоми ҷавонӣ, дар мавриди ин ҳадис 26-нукта ёддошт кардаам, вале акнун бештар аз ҳамин миқдор дар зеҳнам боқӣ намондааст.

* * *

Гар насиҳат кунӣ, ба хилват кун,
Ки ҷуз ин шеваи насиҳат нест.
Ҳар насиҳат, ки бармало бошад,
Он насиҳат ба ҷуз фазиҳат нест.

* * *

Эй ғазолӣ гурезам аз ёре,
Ки агар бад кунам накӯ гӯяд.
Мухлиси он шавам, ки айбамро,

Ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд.
На, ки чун шона бо ҳазор забон,
Пушти сар рафтаву мӯ ба мӯ гӯяд.

* * *

Аз сӯҳбати дӯсте биранҷам,
К-ахлоқи бадам хуб намояд.
Айбам ҳунару камол бинад,
Хорам гулу ёсуман намояд.
Ку душмани шӯхи чашмнопок,
То айби маро ба ман намояд.

**Омодасозӣ**

Калимоти ҳақ, ҳамчун шакар аст, вале ҳамин шакарро агар дар гулӯи бача бирезем, мумкин аст ӯро бемор кунад. Бояд шакар табдил ба шарбат шавад то барои ҳамаи афрод қобили истифода ва таҳаммул шавад. Гоҳе баёни ҳақ ниёз ба муқаддимот ва наҳй аз мункар ниёз ба заминасозӣ дорад.

**Хотира**

Инҷониб аз лутфи Худо, тақрибан беш аз ду ҳазор соат дар радио ва телевизиони Ҷумҳурии Исломии Эрон суханронӣ кардаам. Барои баёни баъзе баҳсҳо, пешакӣ заминасозӣ мекунам. Аз хотирам намеравад замоне, ки мехостам дар бораи ривоёти кафан сӯҳбат кунам, фикр кардам, ки баъзе аз мардум, ҳавсалаи шунидани ин гуна суханҳоро надоранд. Пас, заминаро ин гуна омода кардам, ки аз ниёзҳои умумӣ ва ҳамагонӣ, ниёз ба либос аст. Ислом барои ҳар фаслу замон ва ҳар коре либос дар назар гирифта ва дастуроте додааст, мисли либоси кӯдак, либоси кор, либоси ҷанг, либоси намози ид, либоси намози борон,

либоси эҳром ва ҳаҷ, либоси арӯс, либос додан ба бараҳнаҳо, покизагии либос, дарбеҳ кардани либос, ранги либос, дӯхти либос, ҷинси либос.

Барои ҳар як аз унвонҳо ҳам ҳадис ва нуктае гуфтам. Кам-кам мардумро барои шунидани баҳси охирин либос – кафан ва ривоёти кафан перомуни баҳси либос омода кардам. Вале агар аз ибтидо мегуфтам: Мавзуи баҳси имрӯз кафан аст, шояд миллионҳо нафар телевизионро хомӯш мекарданд.

**Хотираи дигар**

Барои суханронӣ ба семинаре даъват шуда будам. Дар байни роҳ, масъули семинар ба ман хотиррасон кард, ки ширкаткунандагони нишаст, устодони донишгоҳ ва шахсиятҳои илмӣ ҳастанд; лозим аст баҳсе дар шаъни таҳсилоти онҳо гуфта шавад.

Ва аз ман хост, ки аз гуфтани суханони содда худдорӣ кунам. Аз ӯ пурсидам: Сухани содда чист? Магар бузургон тазаккур ба масоили содда надоранд? Фақат бояд дар шеваи гуфтан диққат кунем ва салиқа ба харҷ диҳем, на ин ки аз асли матлаб даст кашем. Сипас ба ӯ гуфтам: Соддатарин матолибро метавон бо муқаддима ва заминачинӣ барои бузургтарин афрод гуфт, ҳатто масоиле аз қабили одоби ҳоҷатхона рафтан. ӯ бо шунидани ин сухан бисёр нигарон шуд, ки мабодо суханронии ман дар семинари донишгоҳ муваффақият надошта бошад. Ба ҳар ҳол вориди семинар шадам ва баҳсро ин гуна оғоз кардам, ки беҳтарин табиб касе аст, ки вақте барои узве ва дарде даво менависад, бояд бо таваҷҷӯҳ ба тамоми аъзо ва иртибототи онҳо бинависад. Барои мисол, доруи гурда ба дил ва асаб зараре нарасонад. Доруи дил, зараре ба аъзои дигар назанад.

Сипас гуфтам: беҳтарин табиб Ислом аст, ки барои ҳар

масъалае даво медиҳад, ки бо таваҷҷӯҳ бо низоми офариниш ва ҳамаи абъоди тарбиятӣ аст.

Гуфтам: Ҳамин масъалаи пешоб кардан, дар Ислом одобе дорад, ки бо таваҷҷӯҳ ба низоми табиат баён шудааст. Ислом ба мо фармудааст:

1-Рӯ ба офтоб набошад; 2-Рӯ ба қибла ва пушт ба қибла набошад; 3-Рӯ ба ҷониби шамол набошад; 4-Дар ҷӯи об набошад; 5-Зери дарахти мева набошад; 6-Маҳалли истироҳат ва рафтуомади мардум набошад; 7-Дар пеши назари мардум набошад; 8-Истода набошад, 9-Рӯи замини сахт набошад; 10-Дар замини ғасбӣ набошад; 11-Дар сӯрохи ҳашарот набошад; 12-Бидуни пок кардан бо об набошад.

Шумо дар ин масъалаи ҷузъӣ ва содда ҷомеияти Исломро мебинед. Дидед, ки чӣ гуна дар давое, ки барои пешоб кардан додааст, ҳама чизро дар назар гирифтааст, ҳам масоили табиӣ ва ҳам масоили иҷтимоӣ, ҳам тиббӣ, ҳам ахлоқӣ ва ҳам динӣ.

Сипас баҳси худро идома додам. Ҳангоми бозгашт аз масъули семинар пурсидам: Оё мушоҳида кардӣ, ки чӣ гуна одоби пешоб карданро гуфтам, ҳарчанд, ки шунавандаҳо аз таҳсилкардаҳо буданд? ӯ гуфт: Ту бо заминасозӣ онҳоро омодаи шунидан кардӣ.

Оре! Бисёре аз калимот бо заминасозӣ зебо мешаванд ва бидуни заминасозӣ мавриди танаффур қарор мегиранд.

**Мисоли дигар**

Агар дар сари суфра бубинем, ки кабутиҳо доруст пок нашудааст ва бигӯем: Чаро кабутиҳо тоза нашудааст? Мумкин аст, он касе, ки кабутиро пок кардааст, нороҳат шавад ва аз худ аксуламал нишон диҳад. Вале агар аз заҳматҳои соҳибхона ва лазиз будани таом ва назофати суфра ташакур кардем ва баъд гуфтем: Агар каме дар

шустани кабутиҳо ҳам диққат мешуд, беҳтар буд, на танҳо суханамон асар мегузорад, балки бозтоби манфӣ ҳам нахоҳад дошт.

Интиқод замоне таъсир мегузорад, ки мо аз нуқоти мусбат ва ташаккур аз арзишҳо ва хидматҳо ғофил набошем.

а) **Шеваи талқин**

Чӣ бисёранд ашхосе, ки аз анҷоми амри маъруф ҳарос доранд ва метавон онҳоро бо талқин ба кори хайр водор намуд. Чӣ бисёранд касоне, ки ҷудо шудан аз баъзе мункаротро барои худ маҳол мепиндоранд ва фикр мекунанд, чун бар кори хилофе одат намудаанд, дигар наметавонанд онро тағйир диҳанд. Дар сурате, ки талқини саҳеҳ ва баёни намунаҳо, дар ин замина коркушо хоҳад буд.

б) **Шеваи истифода аз ҳунарҳои мухталиф, қисса, суруд ва шеър**

Аз ҳар як аз унвонҳои боло, метавон дар даъват ба ҳақ ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар истифода кард. Ҷаззобияти Қуръон, мавзун будани шиорҳои азон, тарҳи ҷумъа, ҷамоат ва намози ид, тарҳи ҳаҷ, тағйири либос, назми сафҳои ҷамоат, супориш ба зебоии садои муаззин, покизагии либоси намозгузор, зебоии масҷид, истифода аз беҳтарин либос ва атр нишонаи таваҷҷӯҳ ба ҳунар ва зебоиҳо дар гароиши мардум ба маъруф аст.

Нақши ҳунар дар даъват ба фасод ва гумроҳӣ, бар касе пушида нест, Сомирӣ бо ҳунари маҷассамасозии худ тавонист мардумро гумроҳ кунад.

Зебогӯӣ ва фасоҳату балоғат беҳтарин роҳ барои ҷазби мардум аст, ҳамон тавре ки қиёфаи зебо ва мавзун нақши муҳимме дар таъсири калом дорад. Ҳеҷ як аз паёмбарон, бадқиёфа набудаанд ва шарти нубувват он аст, ки анбиё аз

маразҳое, ки сабаби танаффури мардум аст, дур бошанд.

Инсон ба таври фитрӣ зебоиро дӯст медорад. Худованд, офаринишро зебо офаридааст. Савти зебо дар хондани Қуръон борҳо дар Ислом супориш шудааст. Ислом барои ороиши инсон дастуроте додааст.

Дар Қуръон амр шудааст, ки ҳангоми рафтан ба масҷид зинатҳои худро бо худ баред. Сухани зебо ва муҷодилаи некӯ аз супоришоти Қуръони Карим аст.

Яке аз номҳои Қуръон «Беҳтарин қиссаҳо» аст. Қиссагӯӣ як ҳунар аст ва дар Қуръон ҳудуди 250 қиссаи воқеӣ вуҷуд дорад.

Имомони Аҳли Байт (алайҳимус-салом) ба фарзандони худ супориш мекарданд, ки: Шеърҳои Абутолибро ҳамчун Қуръон ҳифз кунед.

Шоирон бо шеърҳои худ беҳтарин нақшро метавонанд дошта бошанд. Дар суруд ва ҷамъхонӣ ҷозибае аст, ки дар танҳохонӣ нест. Аз нақши хатти зебо низ набояд ғофил шавем.

Паёмбари Акрам ҳафдаҳ муншӣ барои корҳои мухталиф дошт, ки зеботарини онҳо, масъули иртибототи Паёбари Акрам бо меҳмонҳои хориҷӣ буд.

Имрӯз, дунёи истеъмор аз тариқи суратҳои зебо ва фиребандаи урён ва нимаурёне, ки мардумро ба фасод мекашонад, ба аҳдофи худ мерасад. Ҷосусони байналмилалӣ аз тариқи занони зебо ахбори махфиро бо ҷосусӣ кашф мекунанд. Дар дунё, бештарин китобе, ки ба фурӯш меравад, китобҳои роман аст. Қиссагӯӣ кори соддае нест, кори худоӣ аст. Худованд мефармояд: «М*о барои шумо қисса мегӯем*». Муҳимтарин ва вазнинтарин масоили илмӣ, фикрӣ ва фарҳангиро метавон аз тариқи достон ба афрод мунтақил кард. Ба ҳар ҳол, дунёи санъат ва шеър ва филму

сурат ва тарҳу хат ва қисса, дунёе аст, ки мунҳарифон вориди он шуда ва аз он ба аҳдофи шуми худ расидаанд. Ин мо ҳастем, ки бояд бо ҷиҳатгирии саҳеҳ, беҳтар ва бештар ба суроғи ин дунё биравем.

**Аз хубиҳо ҳам бигӯед**

Дар интиқод ва наҳй аз мункар, танҳо нуқтаи заъфро матраҳ накунед. Аз хубиҳо низ бигӯед. Қуръони Карим дар наҳй аз шароб, аввал аз фоидаҳои он сухан гуфтааст ва баъд мефармояд: «*Зарараш аз нафъаш бештар аст*». Зеро дуруст аст, ки барои сохтани он афроди зиёде суд мебаранд; аз ҷумла, кишоварзон, коргароне, ки дар корхонаҷоти шаробсозӣ машғуланд, мошинҳои ҳамлу нақл, корхонаҷоти шишасозӣ, фурӯшандагони ҷузъӣ ва калон ва миёнаравҳо ва даллолон ва онҳое, ки хидмат менамоянд. Аммо оё метавон осори шуми шаробро, ки бар мағзу аъсоб, дастгоҳи ҳазми таом ва осоре, ки бар насли инсон мегузорад, тасодуфоти ронандагӣ, худкушиҳо ва тасмимоти бехирадонае, ки афроди маст мегиранд, бо фоидаҳои он муқоиса кард? Он чи муҳим аст ин ки Қуръон бо таваҷҷӯҳ ба фоидаҳое, ки шароб дорад, онро ҳаром намудааст.

Шумо ҳам метавонед ҳангоми наҳй аз мункар, ибтидо нуқоти қувватро бигӯед ва сипас тазаккур диҳед: Касе, ки ин камолотро дорад, чаро ин мункарро анҷом медиҳад?

г) **Шеваи бозсозии руҳӣ ва умед додан**

Гоҳе инсони гунаҳгор худро бадбахт ва маҳрум мепиндорад ва бо худ мегӯяд:

Чун қомати мо барои ғарқ аст,
Дар каму зиёди ӯ чӣ фарқ аст.

Ин гуна афрод ҳар рӯз ба гуноҳи бештаре гирифтор

мешаванд. Касоне, ки наҳй аз мункар мекунанд, бояд ин афродро ислоҳ кунанд. Ба онҳо аз бахшиши илоҳӣ ва аз пазируфтани тавба ва лутфе, ки Худованд ба тавбакунандагон дорад, бигӯянд хотироте аз тавбакунандагон бигӯянд то гуноҳ ӯро ба ноумедӣ накашад. Бояд ба ӯ тазаккур дод, ки ноумедӣ аз гуноҳони кабира аст. Бояд ба ӯ шахсият дод, корҳои гузаштаи ӯро фаромӯш кард. Бояд ба ёд дошта бошем, ки худи мо низ амсоли ин хилофҳоро доштаем ва Худованд онҳоро пинҳон кардааст. Бояд ба ӯ гуфт: Соҳироне, ки ба даъвати Фиръавн барои шикаст додани Мӯсо дар дарбори Фиръавн ҷамъ омада ва ба ҳадяи ӯ чашм духта буданд ва ба иззати ӯ қасам мехӯрданд, чӣ гуна бо дидани мӯъҷизаи Мӯсо тағйири ҷаҳонбинӣ ва идеологӣ доданд, ба Фиръавн ва қудрат ва моли ӯ пушти по заданд ва ба истиқболи ҳар гуна таҳдиду хатар рафтанд ва дар ниҳоят ҳам шаҳид шуданд.

Оре! Метавонем аз роҳи як меҳмонӣ, ё сафар ё ҳадя, ё мулоқот, ё нома, ё китоб ва ё истидлол ва ё бо эҷоди як робитаи мантиқӣ ва отифӣ, бар афроди зиёде таъсир гузорем ва ҷурмҳои онҳоро нодида бигирем. Метавонем бо иззату эҳтиром шахсияти мутазалзилшудаи шахсро бозсозӣ кунем ва ӯро ба роҳи ҳақ роҳнамоӣ кунем.

д) **Шеваи «худро ба ғафлат задан»**

Яке аз заминаҳои анҷом додани корҳои хилоф ин аст, ки инсон эҳсос кунад, дар ҷомеа обрӯю эътибор надорад, узраш пазируфта намешавад ва касе ба сухани ӯ эътино намекунад. Дар ин сурат эҳсоси пастӣ ва беобрӯӣ ӯро ба анҷоми ҳар гуноҳе мекашонад. Ислом мефармояд: Гоҳе бояд инсон худро ба ғафлат бизанад. Ва зоҳиран чунон нишон бидиҳад, ки: Ман кори хатои туро надидам, то аз ин тариқ эҳтиром ва шахсияти афрод шикаста нашавад.

Қуръон мефармояд: Бародарони Юсуф, ки пас аз даҳҳо сол ӯро диданд ва нашинохтанд, ба Юсуф гуфтанд: Мо қаблан бародаре доштем ба номи Юсуф, ки дузд буд. Юсуф худро ба нодонӣ зад ва ҳеҷ нагуфт, ки: Он бародар ман ҳастам ва чаро ба ман нисбати дуздӣ медиҳед.[1]

Агар касе гуфт: Ман шароб нахӯрдаам! Узрашро бипазир (гарчӣ дурӯғ мегӯяд) ва ҳаргиз даҳонашро бӯ накун!

Агар фарзанд гуфт: Ман аз кисаи шумо пул гирифтам. Ба гуфтаи ӯ эътимод кун. Албатта худро ба нодонӣ задан дар мавриди хатоҳои шахсӣ, ҷузъӣ ва фардӣ аст, вагарна дар корҳои муҳим, ки душманон барои нобудии Ислом нақша мекашанд, худро ба нодонӣ задан бузургтарин хостаи душман аст.[2]

**Дар назар гирифтани тавоноӣ ва зарфияти ашхос**

Имом Содиқ (р) шахсеро барои маъмурияте ба минтақае фиристод. Ӯ дар гузорише ба Имом аз мардуми минтақа интиқоди сахт кард. Имом (р) фармуд: Эй Сироҷ! Имон даҳ дараҷа дорад. Баъзе як дараҷаи имонро доранд ва баъзе ду дараҷа ва баъзе ҳафт то даҳ дараҷа. Набояд касоне, ки имони комилтаре доранд, аз дигарон интизори беш аз зарфият дошта бошанд.

Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, диққат намудан ба зарфияти ашхос бисёр зарурӣ аст. Барои мисол, ҳисоби ҷавоне, ки тоза сигоркаш шуда аз пирамарде, ки аз солҳо пеш одатӣ шуда ҷудо аст. Нисбат ба ин ҷавон метавон сахтгирии бештаре кард.

Имом Содиқ (р) фармуд: Эй кош шаллоқ бар сари

---

[1] Сураи Юсуф-77.
[2] Сураи Нисо-102.

ҷавонони пайрави мо зада мешуд то дар диншиносӣ талош мекарданд.[1]

Дар ҳоле ки ҳаргиз Имом Содиқ (р) ин таъбирро дар бораи пирамардон ба кор намебарад. Имомони маъсум ҳамаи матолиб ва маорифро ба ҳамаи афрод намегуфтанд.

Барои мисол, Ҷобири Ҷуъфӣ, ки аз ёрони Имоми Боқир (р) буд, ҳазорон ҳадис медонист, ки ҳаққи бозгӯ кардани онро надошт. Салмони Форсӣ матолиберо медонист, ки Абӯзар намедонист. Дар шеваи таблиғи анбиё мехонем, ки онҳо фармуданд: Мо маъмурем, ки ба миқдори зарфияти мардум бо онҳо суҳбат кунем.[2]

Таваҷҷӯҳ ба ҳолот ва зарфияти афрод, ҳатто дар корҳои шахсӣ ва рӯзмарра ҳам бояд мавриди диққат қарор гирад. Дар ҳадис мехонем: Рӯҳи инсон гоҳе алоқаманд ва гоҳе мутанаффир аст.

Ҳангоме ки омодагии рӯҳӣ дорӣ ба суроғи коре бирав. Танбалӣ дар ибодат аз чизҳое аст, ки дар дуоҳо аз он ба Худо паноҳ бурда шудааст. Ва ҳамчунин нишот ва шодобӣ дар ибодат аз бахшишҳои илоҳӣ аст, ки имомони мо дар дуо аз Худованд хостаанд. Дар ривоят мехонем: Ҳар кӣ кӯдак дорад, (дар рафтор бо ӯ) худро ба кӯдакӣ занад. Ин ба ин хотир аст, ки битавонед худатонро ба кӯдак татбиқ диҳед ва зарфияти ӯро дар назар бигиред.

### Ҳамаи айбҳоро якҷо нагӯем

Дар наҳй аз мункар ва интиқод, саъй кунем, ки шахсро зери тозиёнаҳои танқид нагирем. Агар модаре аз таҳсили духтараш нороҳат аст, ҳангоми тазаккур нагӯяд: Дар

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.1.саҳ.213.

[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.2.саҳ.69.

дарсхонӣ ақиб мондӣ, дар дӯзандагӣ бад духтӣ, таомро шӯр кардӣ, либосро нашустӣ ва ғайра.

Ин гуна наҳй аз мункар барои бисёре аз афрод қобили таҳаммул нест, балки айбу эроди шахсро кам-кам ба ӯ ёдовар шавем. Ислом дар муддати 23-сол дастуроти худашро ба мардум эълон кард.

**Хотира**

Мегӯянд: Ҳазрати Исо (а) бо гурӯҳе аз канори саги мурдае мегузаштанд. Яке гуфт: Ин лоша чӣ қадар бадбӯ аст. Дигарӣ гуфт: Бадбӯ ва бадқиёфа аст.

Аммо ҳазрати Исо (а) фармуд: Чӣ дандонҳои сафеди зебое дорад.

Ин шева ба мо меомӯзад, ки дар наҳй аз мункар, ба ҳамаи ҷиҳатҳо бояд диққат кунем.

Хулоса, дар шеваи гуфтан, диққати фаровон лозим аст. Гоҳе метавон ба донишомӯзе гуфт: Агар саъй кунӣ баҳои беҳтаре мегирӣ. Гоҳе ҳам метавон гуфт: Ту истеъдод надорӣ ва беҳуда дарс мехонӣ. Ҳар як аз ин калимот ба рӯҳи донишомӯз асари хоссе дорад.

Дар даъвати мардум беҳтар аст аз худи онҳо бипусем, ки оё омодагӣ доранд ё на? Ҳазрати Мӯсо ба Фиръавн мегӯяд: Оё мехоҳӣ, ки қадаме ба сӯи тазкия (покизагии рух) бардорӣ?

Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар айёми ҳаҷ аз мардум мепурсиданд: Оё мехоҳед, ки бароятон сӯҳбат кунам? Ҳамин ки омодагии мардумро эҳсос мекарданд, он гоҳ барои онҳо оёти Қуръонро тиловат намуда онҳоро таҳти таъсир қарор медоданд.

Гоҳе мардум дар шароите ҳастанд, ки омодагии пазириши ҳақро доранд. Дар ҳадис мехонем: Рӯҳи инсон гоҳе алақаманд ва гоҳе мутанаффир аст. Дар омодагиҳо низ

шароит яксон нест. Гоҳе омодагии шунидани калимоти кӯтоҳ аст ва гоҳе омодагии шунидани истидлолҳои муфассал. Касоне дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар муваффақ ҳастанд, ки тамоми шароити замонӣ, макониӣ, равонӣ ва иҷтимоиро дар назар бигиранд то каломашон таъсири бештаре дошта бошад.

**Хотира**

Яке аз уламо ҳангоме ки намози ҷанозаи мардумро мехонд, мегуфт: Агар майит мард аст, рӯи кафанро боз кунед ва сурати мурдаро ба мардум нишон диҳед.

Вақте кафанро боз мекарданд, он олим ба ҳамроҳон мефармуд: Мушоҳида кунед, ки чашми ин марҳум баста шудааст. То вақте ки чашми шумо боз аст, нигоҳ ба бад накунед! Пои ӯ такон намехӯрад. То қадами шумо ҳаракате дорад, ҷои бад наравед. Забони ӯ дигар сухан намегӯяд. Шумо, ки қудрати сухан гуфтан доред, сухани бад нагӯед.

Дар он шароити отифӣ, чанд дақиқа мавъиза ба хусус рӯи наздикон осори муфиде дорад, ки дар ғайри он шароит он осорро надорад.

**Ба дар бигӯ то девор бишнавад**

Қуръон ба ҳазрати Исо (алайҳис-салом) мефармояд: Оё ту ба мардум гуфтӣ, ки ман ва модарамро ду Худо бигиред?![1]

Дар ин ҷо дугонапарастӣ ба шиддат наҳй шудааст, аммо дар қолибе, ки дар воқеъ мухотаб дигаронанд.

Дар ҷои дигар Худованд ба Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) хитоб намуда мефармояд: *Агар падар ё модарат назди ту ба пирӣ расиданд, ту ба онҳо тундхӯӣ накун!*[2]

---

[1] Сураи Моида-116.

[2] Сураи Асро-23.

Ин дар ҳоле аст, ки ҳама медонем Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар кӯдакӣ падар ва модари худро аз даст дода буданд. Ба ҳар ҳол гоҳе ғайри мустақим ва ба истилоҳ: Ба дар бигӯ то девор бишнавад, аз шеваҳое аст, ки натиҷаи хуб дорад.

**Шеваи эҷоди муҳаббат**

Ишқу муҳаббат, беҳтарин замина ва ангеза барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Дар бахши муҳиме аз Қуръон Худованд неъматҳои худро мешуморад то ишқи инсонро нисбат ба худ зиёд кунад. Ин заминае аст барои ин ки ҳарчиро, ки ӯ дӯст медорад анҷом диҳем ва ҳарчиро, ки дӯст намедорад, анҷом надиҳем. Агар волидайн лутфу хидматҳои худро ба фарзандон шумориш кунанд, ишқи фарзандон нисбат ба онҳо зиёд мешавад ва фармонҳояшонро итоат мекунанд. Барои шиносоии неъматҳои Худованд ҳам беҳтар аст фарз кунем, ки агар неъматҳо вуҷуд надошта бошад чӣ мешавад?

Агар об талх буд;

Агар ҳакарати замин суст буд ва шабу рӯз тӯл мекашид;

Агар ҳарчӣ заминро мекандем, ба об намерасидем;

Агар офтоб ба замин наздик буд;

Агар баргҳо барои мо оксигенсозӣ намекарданд;

Агар ҳайвонот зери дасти инсон набуданд;

Агар борон наборад;

Агар замин баракоти худро аз мо боз дорад, ва ҳазорон агари дигарро ба назар оваред! Агар танҳо ангушти шастро намедоштем, оё метавонистем қалам ё сӯзанро ба даст гирем.

Агар ҳолати оддии пилки чашми мо аз байн равад ва пилкҳо рӯи чашмҳо биафтад, тамоми фаъолиятҳои мо боз

намеистад? Агар ашки мо шӯр набошад, оё чашми мо, ки аз пиҳ[1] сохта шудааст, бо чизи дигаре муҳофизат мешавад?

Дар ин ҷо миллионҳо ва миллиардҳо «агар» матраҳ аст, ки шояд инсон дар тамоми умр ҳатто як лаҳза ба фикри он набошад.

Касе, ки мехоҳад дигареро ба маъруф ва кори нек супориш кунад ва ё аз кори баде боздорад, беҳтарин роҳ он аст, ки бо баён ва ёди неъматҳо ва лутфи илоҳӣ ибтидо ӯро ошиқ гардонад. Дар он сурат, ошиқ ҳам таслими анҷоми фармон аст ва ҳам аз кори хилофе, ки маъшуқ дуст намедорад, парҳез мекунад.

Касоне, ки мехоҳанд фарзандони худро ба намоз водор кунанд, бояд неъматҳои илоҳиро барои онҳо бишморанд.

**Аввал баёни лутфу муҳаббат, баъд амру наҳй**

Қуръон, ки мардумро ба ибодат амр мекунад, мефармояд: «*Парвардигори ин Каъбаро парастиш кунед*, *зеро ӯ шуморо аз гуруснагӣ ва тарс наҷот дод*».[2]

Ҳарчӣ гуянда маҳбубтар бошад, каломаш ботаъсиртар аст. Рӯзе, ки Ҳазрати Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) вориди Мадина шуд, ҳар қабилае барои касби ифтихори худ мехост ҳазрат вориди қабилаи онҳо шавад, вале ҳазрат мехост бетарафии худро нисбат ба ҳамаи қабилаҳо нишон диҳад ва бигӯяд, ки ҳамаро бо як чашм мебинад. Зеро гоҳе як мавзъегирӣ ва ҳимоят аз фард ё ҳизб, маҳбубияти инсонро барои ҳамеша халалдор ва таъсири сухани ӯро кам мекунад. Дар он рӯз, ҳазрат фармуд: ман лаҷоми шутурро раҳо мекунам ва ҳар куҷо, ки ӯ хобид,

[1] Пиҳ - ҳолати хосси равған.

[2] Сураи Қурайш-3,4.

меҳмони ҳамон хона мешавам.

Ин тарҳро ҳама писандиданд. Пас ҳайвонро раҳо карданд ва шутур дари хонаи Абуаюби Ансорӣ хобид, ки дар он замон, дар Мадина фақиртар аз ӯ касе набуд.

Ба ҳар ҳол, касе, ки амр ба маъруф мекунад, бояд маҳбуб бошад. Шарти маҳбубият он аст, ки дар ибтидо ҳамаро бо як чашм бинад. Албатта баъд аз таблиғ ҳар кас ҳақро беҳтар ва зудтар пазируфт, бояд бо диди хоссе ба ӯ нигарист, ки Қуръон мефармояд: «*Эй Паёмбар! Боли раҳмати худро барои касоне, ки ба ту имон оварданд, боз кун*».[1] «*Ва нисбат ба мунофиқон хашмгин бош*».[2]

Бад нест намунае аз сираи Паёмбари Акрамро дар бораи ҷазби дилҳо баён кунем:

1. Ҳар гоҳ се рӯз яке аз ёрони худро намедид, ба суроғаш мерафт.[3]

2. Аз беморҳо дар дуртарин нуқтаи шаҳр аёдат мекард.[4]

3. Ҳар гоҳ бо мусофире хайрухуш мекард, дасти ӯро мегирифт ва барои ӯ дуо мекард.[5]

4. Ҷанг, ки тамом мешуд, ба суроғи заифону маҷрӯҳон мерафт ва ба онҳо кӯмак мекард.[6]

5. Ҳамин, ки садақа ва закот барои ҳазрат меоварданд, бар хонадони ӯ салавот мефиристод.[7]

6. Мардумро бо беҳтарин ном садо мезад. Ҳатто номи

---

[1] Сураи Шуаро-215.
[2] Сураи Тавба-73, Таҳрим-9.
[3] «Биҳор-ул-анвор» 16 с 151.
[4] «Биҳор-ул-анвор» 16 с 225.
[5] «Сунани Набӣ» саҳ. 116.
[6] «Сунани Набӣ» саҳ. 71.
[7] «Сунани Набӣ» саҳ. 78.

занон ва кӯдаконро бо эҳтиром мебурд.[1]

7. Агар чизи куҳнаеро ба унвони қарз мегирифт, ҳангоми пас додан, чизи нав пас медод.[2]

8. Итъом мекард ва ба мардум таом медод.

Камолоти Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба қадре зиёд аст, ки наметавон шумурд, вале ҳамин чанд намуна кофист. Ба ҳар ҳол касе, ки мехоҳад мардумро ба маъруф даъват кунад ва аз мункар боз дорад, бояд сар то по ҷозиба бошад ва маҳбубият дошта бошад, ҳамаи вуҷудаш рӯҳи бузург ва сиаи садр ва тамоми корҳояш сарчашма гирифта аз бахшиш ва раъфат бошад.

**Намунаи дигар**

Шахсе ба номи Шақронӣ шароб хӯрда буд, ба назди Имом Содиқ (р) омад. Имом (р) аввал корашро анҷом дод ва ӯро шод кард, сипас бо баёни латифе ӯро наҳй аз мункар кард, аммо ду нуктаро дар назар дошт:

Авалан, масъалаи шаробхӯриро ба рӯхи ӯ накашид. Сониян бо ӯ бо эҳтиром сухан гуфт ва фармуд: Эй Шақронӣ! Кори хуб аз ҳар касе зебост, вале кори хуб аз ту зеботар аст, чун ту бо мо нисбат дорӣ. Кори зишт аз ҳар касе зишт аст, вале кори зишт аз ту зишттар аст, чун ба мо вобаста ҳастӣ.[3]

Барои равнақи масоҷид, ки яке аз маъруфҳост бояд барномае дошта бошем, ки ҳамаи мардум аз масоҷид хотираи хубе дошта бошанд. Масалан:

Агар гувоҳиномаи табибонро дар маросимҳои масҷид

---

[1] «Сунани Набӣ» саҳ. 152.

[2] «Сунани Набӣ» саҳ. 88.

[3] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.47.саҳ.350.

барояшон тақдим кунем.

Агар ақди духтаронро ба дур аз таҷаммулот дар масҷид бигирем.

Агар ҷоизаи мусобиқаҳоро дар масҷид бидиҳем.

Агар ҳар инсоне аз масҷид хотираи шоде дошта бошад, масҷидҳо аз ғамкада берун омада ва мавриди истиқбол қарор мегирифт.

Оре агар шабе, ки барои духтарамон гӯшвора мехарем, ӯро насиҳат кунем. Ва агар канори ҳадяҳо, савғотиҳо, табрикномаи ид ва амсоли он ҷумлае аз супориш ба маъруфҳо ё панде нисбат ба раҳо кардани мункарҳо бинависем зудтар ва беҳтар натиҷа хоҳем гирифт; оре аввал бояд мардумро ҷазб кард, сипас ба онҳо амру наҳй намуд.

### з) **Шеваи муҳаббат**

Дар таърихи зиндагии Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ва аҳли байти маъсуми ӯ, ҳазорон хотира дар бораи бархӯрдҳои амалии он бузургворон ва наҳваи амр ба маъруф ва наҳй аз мункари онҳо ба чашм мехӯрад, ки мо чанд намуна аз онро дар ин ҷо нақл мекунем:

1-Марди шомӣ ба Имом Ҳусейн (р) ҷасорат кард. Ҳазрат ӯро ба манзили худ бурданд ва чунон иззату икром карданд, ки ӯ аз суханони худаш хиҷолат кашид.[1]

2-Шахсе нисбат ба Имом Саҷҷод (р) суханони норавое гуфт. Ҳазрат ба ӯ фармуд: Оё ту мушкил ва ҳоҷате дорӣ? Сипас ҳазор дирҳам ва либоси нав ба ӯ дод. Вақте ӯ аз хидмати он ҳазрат бармегашт, мегуфт: Ман гувоҳӣ медиҳам, ки ту фарзанди Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва

---

[1] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.43, саҳ.344.

олиҳи ва саллам) ҳастӣ.[1]

3-Як нафар ба Имом Козим (р) беэҳтиромӣ кард. Мардум хостанд ӯро бикушанд. Имом иҷозат надод. Рӯзе Имом Козим вориди киштзори он шахс шуд ва пурсид: Умеди суди ту аз ин кишоварзӣ чӣ қадар аст? Гуфт: Фалон миқдор. Имом (р) сесад динор ба ӯ дод ва фармуд: Инро бигир ва даромади киштзорат низ моли худат бошад. Имом ба ин шакл он шахсро ба худ меҳрубон кард. [2]

4-Дар ривоёт мехонем: Бо ҳар касе, ки бо ту қатъи робита мекунад, иртибот барқарор кун ва ҳар касе, ки ба ту бадӣ мекунад, ту ба ӯ хубӣ кун.[3]

5-Фарзанди яҳудие мусулмон шуд. Имом Содиқ (р) ба ӯ фармуд: Акнун, ки мусулмон шудаӣ, эҳтироми бештаре нисбат ба модарат дошта бош. Ҳамин ки модар меҳрубонии бештари ӯро дар сояи исломи ӯ дид, модар ҳам мусулмон шуд.[4]

6-Ҳазрати Алӣ (к) мефармояд:Ислоҳи баъзеҳо аз тариқи эҳтиром гузоштан ба онҳо аст, ҳамон гуна ки роҳи ислоҳи гурӯҳи дигаре аз тариқи адаб кардан аст.[5]

7-Имом Саҷҷод (р) дар дуои «Макорим-ул-ахлоқ» аз Худованд мехоҳад: *Худовандо! Тавфиқе бар ман марҳамат кун, ки ҳар кас нисбат ба ман норавое кард, ман хайрхоҳи ӯ бошам.*

*Ҳар кас сухани баде ба ман гуфт, ман ӯро ситоиш кунам.*

*Ҳар кас ба ман бадӣ кард ман аз ӯ чашмпушӣ кунам.*

*Ҳар кас маро маҳрум кард, ман ба ӯ бахшиш кунам.*

---

[1] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.46.саҳ.96-99.

[2] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.48.саҳ.102.

[3] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.71.саҳ.157.

[4] «Усули кофӣ» ҷ.2.

[5] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.75.саҳ.82.

*Ҳар кас маро аз худ дур кард, ман ба ӯ некӣ кунам.*

8-Шахсе абои[1] Паёмбарро аз ақиб чунон кашид, ки лабаи або гардани мубораки ҳазратро харошид. Мардум асабонӣ шуданд ва хостанд ӯро адаб кунанд, вале Паёмбари азиз бо муҳаббат назари мардумро нисбат ба ӯ тағйир доданд. Монанди ин бархӯрдҳои отифӣ дар шогирдон ва асҳоби имомон низ бисёр аст, ки мо ду намуна аз онҳоро дар ин ҷо нақл мекунем:

1- Дар яке аз солҳо қаҳтии шадиде рӯй дод. Як нафар яҳудӣ барои таҳияи хӯрок ба маҷлиси дарси яке аз олимони Ислом - Сайид Муртазо омад ва аз ӯ иҷозат гирифт то қисмате аз илми нуҷумро дар назди ӯ биёмузад. Сайид Муртазо дархости ӯро қабул кард ва дастур дод то барои гузаштани маоши ӯ рӯзона маблағи пуле муқаррар карданд. Марди яҳудӣ муддате аз дарс истифода кард ва баъд аз чанд моҳ ба дасти Сайид Муртазо мусулмон шуд.[2]

2- Рӯзе Молики Аштар, ки пироҳане аз карбос дар бар ва саллае аз карбос бар сар дошт, аз бозори Кӯфа мегузашт. Шахсе, ки ӯро намешинохт бо дидани он либоси камарзиш, Моликро ҳақир ва хор шумурд ва санге ба ӯ зад. Молики Аштар бидуни хашм ва нороҳатӣ ба роҳи худ давом дод. Баъзеҳо, ки нозири ин моҷаро буданд, ба он мард гуфтанд: Вой бар ту! Оё медонӣ, ба кӣ беҳурматӣ кардӣ? Мард ҷавоб дод: Не!

Гуфтанд: Ин Молики Аштар, дӯсти самимии Алӣ (к) аст. Мард аз шунидани номи Молик ба худ ларзид ва аз кардаи худ хеле пушаймон шуд ва хост узрхоҳӣ кунад. Аз паи Молик роҳ афтод то ӯро дар масҷид дар ҳоли намоз дид.

---

[1] Або - либоси махсуси арабӣ.

[2] «Ал-Ғадир» ҷ.8.саҳ.81.

Сабр кард то намозаш тамом шуд. Сипас худро рӯи поҳои Молик андохт ва дар ҳоле ки пойҳои ӯро мебӯсид, бахшиш мехост. Молик бо кушодарӯӣ ва муҳаббат ба ӯ фармуд: Тарсе надошта бош! Ба Худо қасам ба масҷид наомадам, магар он ки барои ту талаби омӯрзиш кунам.

**Кӯмак аз виҷдон**

Шахсе назди Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) омад ва гуфт: Ман шахси зинокор ҳастам. Ҳазрат фармуданд: Оё мехоҳӣ, ки касе бо номуси ту ин корро бикунад? Гуфт на! Паёмбари азиз фармуданд: Пас ту низ ин корро накун!

Номи яке аз ёрони бовафои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), ки дар Уҳуд ба дараҷаи шаҳодат расид, Амр ибни Ҷумуҳ буд. ӯ дар аввал бутпараст буд ва аз чӯб буте тарошида буд ва дар хона нигаҳдорӣ ва онро парастиш мекард. Чанд нафар аз ҷавонони мӯъмин бо ҳамкории фарзандаш борҳо бути ӯро олуда карданд. Вале ӯ бути худро тоза карда ҳамчунон ибодат мекард. Рӯзе дармонда шуд ва ба бут гуфт: Чаро аз худат дифоъ намекунӣ? Сипас шамшере ба ӯ овехт ва гуфт: Ин дафъа аз худат дифоъ кун! Баъд, ки ба назди бут омад дид, ки шамшер нест ва бутро ба хонаи саги мурдае бастаанд ва дар зуболаҳо андохтаанд. Бо дидани ин саҳна, виҷдонаш бедор шуд ва шеъре дар васфи беҳунарии бут хонд ва имон овард.[1]

**Бедор намудани эҳсосоти инсонӣ ва миллӣ**

Барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ба ҳаракат даровардани эҳсосот ва отифаҳо яке аз роҳҳои бисёр қавӣ

---

[1] «Усд-ул-ғоба», ҷ.4.

аст. Қуръон мефармояд: Касе ғайбати дигариро накунад, чун дигарӣ ҳам бародари туст ва обрӯи ӯ муҳтарам аст. ӯ ҳузур надорад, ки аз худ дифоъ кунад. Оё касе дӯст медорад, ки гӯшти мурдаи бародари худро бихӯрад?

Ғайбат, ҳамчун хӯрдани гӯшти бародар аст, он ҳам бародаре, ки аз дунё рафтааст.[1]

Паёмбари Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) бо байъат ва эҳоди бародарӣ, нақли достони вафодории пайравони дигар анбиё, машварат аз мардум, аёдати беморони ғайримусулмон, муҳаббат кардан ба касоне, ки ба ӯ дашном медоданд, озод кардани аҳли Макка дар рӯзи фатҳи Макка, эъломи бахшиши умумӣ ва сиаи садр, дуо барои касоне, ки онҳоро намедид, дар воқеъ аз тамоми отифаҳои мардум барои даъват ба хайр ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар истифода менамуд.

Гарчӣ ватанпарастӣ монанди бутпарастӣ ширк аст, вале ватандӯстӣ ва алоқа ба диёр ва маскан ҳаққи табиии инсон аст. Яке аз корҳои ситамгарон, гирифтани ин ҳаққи табиӣ ва хориҷ кардани мардум аз диёр ва кошонаҳои худашон аст.[2]

Дар амр ба маъруф метавон аз ҳисси ватандӯстии мардум истифода кард ва гуфт: Барои иззати кишвар ва истиқлоли миллӣ ин гуна бояд амал кард, ё ин гуна амал накунед!

Кишварҳои бедин, миллионҳо сарбозро бо ҳамин ҳисси ватандӯстӣ ва миллиятхоҳӣ ба майдонҳои ҷанг мефиристанд.

Дар супориш ба мутолиаи таърих ва ҷуғрофиё низ

---

[1] Сураи Ҳуҷурот-12.

[2] Сураи Бақара-246.

метавон аз ин ҳисси ватандӯстӣ истифода кард. Барои мисол, агар таърихи мардону занони намунаи ҳар минтақаро дар дастраси ҷавонони он минтақа қарор диҳанд, ҷозибаи мутолиа бештар мешавад. Вале шарҳи таърихи куллӣ ва ҷуғрофиёи куллӣ барои ҳама, он ҷозибаи лозимро надорад ба ҳар ҳол, густариши хубиҳо ва пешгирӣ аз фасодҳо ниёз ба қасди қурбат надорад. Аз ҳар эҳсос ва виҷдони миллӣ ва миҳанӣ, ки битавон баҳраманд шуд набояд кӯтоҳӣ кард.

Шахсе ба модараш тундӣ кард. Рӯзи баъд Имом Содиқ (р) ӯро дид ва ба ӯ фармуд: Чаро ба модарат тундӣ кардӣ? Магар намедонӣ, ки шиками модарат хонаи ту буд? Домани модарат гаҳвораи ту буд? Пистони модарат таоми ту буд? Сипас фармуд: Пас бо модарат бадрафторӣ накун.[1]

### Амру наҳй махфиёна бошад

Дар ҳадис мехонем: Ҳар кас бародари динии худро махфиёна мавъиза кунад, ӯро оростааст, вале ҳар кас ӯро ошкоро мавъиза кунад, шармандааш кардааст.[2]

Ногуфта пайдост, ки агар хилофкор ҳанӯз худро азизу мӯҳтарам донад, панди моро зудтар ва роҳаттар хоҳад пазируфт, вале агар худро расвои мардум эҳсос кунад, ислоҳи ӯ бисёр сахт хоҳад шуд.

### Мухтасар бошад

Дар ҳадис мехонем: Ҳар гоҳ касеро мавъиза мекунӣ, хулоса бигӯ! Гоҳе осори ҷумлаҳо ва калимоти кӯтоҳ беш аз баҳсҳои тӯлонӣ аст ва дар зеҳн беҳтар мемонад ва барои ҳифз кардан ва навиштан ҳам осонтар аст.

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.71.саҳ.76.

[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.75.саҳ.374.

**Ваъдаву ваидҳо**

Яке аз роҳҳои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, баёни ваъдаҳои авлиёи Худост. Аз он ҷо, ки инсон барои анҷоми ҳар кори маъруф ва ё тарки ҳар кори мункаре ниёз ба ангеза дорад, ин ваъдаҳо метавонад яке аз беҳтарин ангезаҳо бошад. Анбиё ба мардум мегуфтанд: Шумо аз гумроҳии худ даст бардоред ва истиғфор кунед, Худованд шуморо ба наҳви хубе комёб мекунад.[1]

Имом Козим (р) фармуданд: Ман биҳишт ва шафоатро барои Алӣ ибни Яқтин замонат мекунам.

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба касе, ки ба баҳонаи хабаргирӣ ба дарахташ боиси заҳмати соҳиби боғ ва зану бачаи ӯ мешуд фармуданд: Агар ин як дарахти худро барои соҳиби хона бифурӯшӣ ман барои ту биҳиштро замонат мекунам. Вале ӯ напазируфт.

Имом Содиқ (р) ба касе, ки дар ҳукумати Бани Умайя мавқеияте дошт ва амволе ҷамъ карда буд, фармуд: Агар тавба ва истиғфор кунӣ ман барои ту биҳиштро замонат мекунам.

Ваидҳо низ дар тарки мункар нақши муҳимме доранд. Қуръон мефармояд: «*Касоне, ки аз ситамгарон пайравӣ мекунанд, ҳам дар дунё ба қаҳру лаънати Худованд гирифтор мешаванд ва ҳам дар охират*».[2]

Кӯтоҳи сухан он ки инсон шомили дуои авлиёи Худо ё нафрини он бузургворон бошад, дар корҳояш бисёр муассир аст.

Ҳазрати Алӣ (к) дар хутбаи 24-и «Наҳҷулбалоға» мефармояд: Агар шумо дар роҳи Худо бошед ва ба вазифаи

---

[1] Сураи Ҳуд-3.

[2] Сураи Ҳуд-59-60.

илоҳии худ амал кунед ва дар дунё ҳам ба комёбӣ нарасед, ман дар қиёмат зомини растагории шумо ҳастам.

**Шеваи омӯзишӣ**

Касе, ки амру наҳй мекунад, агар рамзу рози амру наҳйи худро бигӯяд, муваффақияти бештаре хоҳад дошт. Албатта гоҳе далел ва асрори амру наҳйҳои Худованд пӯшидааст, гоҳе амру наҳй ба хотири озмоиш аст, гоҳе фаҳми далел ниёз ба гузашти замон дорад, гоҳе ҳам таслими фармон будан худ як далел аст.[1]

Аммо бисёре аз амру наҳй бар асоси мантиқ ва далеле аст, ки агар мо онҳоро барои мардум баён кунем, зудтар ба натиҷа мерасем, бинбар ин дар оёт ва ривоёт ба бисёре аз далелҳо ишораҳое шудааст. Аз ҷумла:

Далели фармон ба намоз, ба ёди Худо будан аст. Ёди Худо, танҳо воситаи оромиши дилҳост.[2]

Далели дигари намоз, ташаккур аз Худованд аст.[3]

Далели сеюми намоз ин аст, ки намоз шуморо аз фаҳшо ва мункарот боз медорад.[4]

Асари рӯза гирифтан пайдо шудани тақвост.[5]

Аз баракоти ҷиҳод пешгирӣ аз фасод дар замин аст, ки агар гурӯҳе бо қиёми худ пеши ситмгаронро нагиранд, замин ба фасод кашида мешавад.[6]

Ҳикмати хумсу закот, аз байн бурдани маҳрумиятҳо, ҳимоят аз таблиғоти динӣ, озод кардани асирон, расидагӣ

---

[1] Сураи Каҳф-64-84.

[2] Сураи Раъд-28.

[3] Сураи Бақара-21.

[4] Сураи Анкабут-45.

[5] Сураи Бақара-183.

[6] Сураи Бақара-251.

ба варшикастагон ва маъмурони закот ва дарроҳмондагон, ҷазби дилҳои дигарон ва монанди онҳост.

Далели ҳаҷ, ҳузур дар саҳна ва бархурдорӣ аз манфиатҳои зиёде аст, ки дар Қуръон ба он ишора шудааст.[1] Оре! Ошноӣ бо розу рамзҳои ҳар коре беҳтарин васила барои анҷом гирифтани он кор аст.

**Огоҳӣ додан**

Бисёранд касоне, ки аз осор ва хатароти хатои худ огоҳии лозимро надоранд ва ҳамин ки масалан бо хатарҳои сигор ошно шаванд, онро раҳо мекунанд. Агар мардум далели баъзе бемориҳо ва ё ноҳинҷориҳо ва ё кӯдакони ноқисро бидонанд ва аз аввал муроқибатҳои лозимро дошта бошанд, гирифтори офатҳо, ҳодисаҳо ва ногувориҳо намешаванд. Барои мисол, агар арӯсу домод дар ҳангоми омезиши ҷинсӣ баъзе аз дастуротро риоят накунанд, мумкин аст дар фарзанди онҳо айбе ба вуҷуд биёяд, ки то охири умр фарзанд ва падару модарро озор диҳад. Ҷолиб ин ки ин дастурот дар ривоёти исломӣ омадааст. Эй кош тамоми арӯсу домодҳо қабл аз ташкили зиндагӣ бо ширкат дар дарсҳое, иттилооти лозимро фаро мегирифтанд.

Як ошпази доно аз пӯсти афлесун беҳтарин мурабборо мепазад, вале ошпази ноогоҳ беҳтарин маҳсулотро вайрон мекунад.

Як ронандаи ҳунарманд бо мошини оддӣ ба сафарҳои пурхатар меравад, вале ронандаи ноошно беҳтарин мошинҳоро ба дара суқут медиҳад.

Имом Ризо (р) фармуд: Масъалаи муҳимми мардум, огоҳӣ аст. Агар мардум зебоии суханони мо Аҳли байти

[1] Сураи Ҳаҷ-28.

Паёмбарро бидонанд, ҳатман пайрави мо мешаванд.[1]

Бинобар ин дар ҳадис мехонем, ки Худованд аз олимон тааҳҳуд гирифтааст, ки ҷоҳилонро омӯзиш диҳанд.[2]

Ростӣ, агар омӯзиши шино ва ронандагӣ ва ҳунар ва фан набуд, хатарҳо ва талаф шудани сармояҳо ва ҷонҳо ба куҷо мерасид?

**Хотира**

Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) бо зане гуфтугӯ мекарданд. Шахсе аз канори он ҳазрат гузашт. Ҳазрат фармуданд: Ин ҳамсари ман аст. Беҳтар он аст, ки ман туро огоҳ кунам то фикри дигаре туро водор ба гуноҳ накунад.

Ин шеваи Паёмбари Акрам беҳтарин ва соддатарин роҳ барои пешгирӣ аз бадгумонист.

**Хотира**

Меҳмоне ба хонаи Имом Боқир (р) ворид шуд ва бо худ фикр кард, ки чаро хонаи Имом ин қадар зебост? Имом (р) фикри ӯро фаҳмид. Ҳангоми хориҷ шудан аз хона фармуд: Фардо низ ба назди мо биёед. Фардои он рӯз Имом (р) меҳмонро ба хонаи оддии дигаре бурд ва фармуд: Утоқи дирӯзи ман аз сармояи ҳамсарам аст. ӯ молик ва озод аст ва мехоҳад, ки утоқаш зебо бошад, аммо утоқи ман, ҳамин аст, ки соддагӣ аз ҳама ҷои он пайдост. Ин ҳаракати Имом (р) барои огоҳсозии афроди ноогоҳ, яке аз роҳҳои пешгирӣ аз мункароте аз қабили бадгумонӣ, туҳмат, ғайбат ва зебоигароӣ аст.

**Омӯзишро содда нанигарем!**

Дар бемористоне шахсеро дидам, ки тамоми баданаш

[1] «Васоил» ҷ.18.саҳ.65.р-52.

[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.2.саҳ.78.

сӯхта буд. Сабабашро пурсидам. Гуфтанд: Ин зан дид, ки сузишвории чароғ дар ҳоли тамом шудан аст ва дар ҳоли равшан будан ба чароғ карасин рехт. Чароғ шӯълавар шуд ва либосҳои ин зан, ки аз моддаи нафтӣ буд, ин ҳодисаро пеш овард. Дар ҳоле ки агар радио ва телевизион ба ӯ омӯзиш дода буд, ки дар ҳоли равшан будани чароғ ба он нафт нарезед, чунин ҳодисае рӯй намедод.

Роҳи дур наравем. Мо барои як кило сабзавот, ки истифода мекунем, чанд бор пули ҳамлу нақли хоку гили онро медиҳем, зеро як бор мошин, сабзавотро ҳамроҳ бо гил ба шаҳр меорад ва пул мегирад. Бори дигар сабзавотфурӯшҳо онро аз майдон ба мғозаи худ меоваранд ва пул медиҳанд. Бори сеюм мо ду кило хоку гили онро дар сатили поруб мерезем. Бори чаҳорум мошини порӯб бо харҷи зиёд ҳамон гил ва хокро ба беруни шаҳр мебарад. Диққат кунед, ки дар як кило сабзавот, мо чаҳор бор пули ҳамлу нақли хоку гили онро медиҳем. Вале бо як омӯзиш, метавон сабзавотро дар ҳамон маҳалли рӯиш ва дар русто тоза кард ва дар нойлун гузошт ва он чиро, ки масрафӣ аст ба марокизи фурӯш интиқол дод. Ба ин шакл, иддаи зиёде аз афроди бекор атрофи шаҳрҳо машғули пок кардани сабзавот мешаванд ва даромаде ба даст меоваранд. Ин худ хидмате ба ҳамватанон аст. Фикр мекунам, ки об хӯрдан ва роҳ рафтан ва нохун гирифтан ва тамоми масоили содда ва ҷузъӣ низ ниёз ба омӯзиш дорад то ҳам будҷаи камтаре масраф шавад ва ҳам манфиатҳои дигаре дошта бошад.

Имрӯз дар донишгоҳҳо семинарҳои баҳраварӣ ва беҳбудсозӣ ташкил мешавад. Ҳадафи ҳамаи онҳо ин аст, ки ба мардум огоҳӣ дода шавад, ки метавон аз имконоти кам, баҳраҳои зиёде бурд. Дар наҳй аз мункар, муҳимтарин қадам, огоҳ кардани мардум аз хатарот аст.

**Осонсозӣ**

Гоҳе афроди гунаҳкор хаёл мекунанд, ки тарки гуноҳ ва ё анҷоми фалон маъруф барояшон мушкил аст. Яке аз роҳҳои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар он аст, ки мо корро имконпазир ва шуданӣ қаламдод кунем ва ба мардум бигӯем: анҷом додани маъруф, кори осоне аст. Ҳатто метавонем намунаҳое биёварем, барои мисол:

1-Магар фалонӣ дар калонсолӣ ба суроғи омӯзиш нарафт? ӯ ҳоло хондаву нависта метавонад.

2-Магар фалонӣ аз ту нотавонтар набуд? Аммо ба ҳаҷ рафт ва баргашт.

3-Магар фалонӣ, ки сигорӣ ё тарёкӣ буд, оқибат тарки эътиёд накард.

4-Магар фалонӣ, ки духтар ё писарашро зуд ба издивоҷ даровард, хайр надид?

5-Магар фалонӣ, ки ҳамсари худро аз хешовандони гумном ва фақир баргузид, зиндагии хуше надорад.

6-Магар фалонӣ, ки издивоҷи осон ва камхарҷ кард, зарар дид?

Ба ҳар ҳол, афроде гирифтори мункарот ҳастанд ва хаёл мекунанд, ки наметавонанд аз он мункарот даст бикашанд, масалан мегӯянд: мо муддатҳост, ки ин гуна ришамонро метарошем.

Ё як умр бо фалонӣ рафиқ будаем.

Ё мо бо фалон гунаҳкор ширкат дорем, байъат кардаем, ҳамқасам шудаем.

Ё ба ҳама гуфтаем, ки қасдам чунину чунон аст. Ҳоло баръакс бигӯем, ки ин кор нописанд аст?

Дар Қуръон ва ривоёт, намунаҳое ба чашм мехӯрад, ки инсон агар ирода дошта бошад, ҳама чиз барояш осон

мешавад. Ҳамсари Фиръавн дар кохи Фиръавн ҳомии Мӯсо буд. Соҳироне, ки ба муборизаи Мӯсо омада буданд, якбора аз тарафдорони Мӯсо шуданд. Баёни улгуҳо ва намунаҳо, осонсозии тарки мункарот ва анҷоми маъруфҳо аз роҳи нақли таърих ва филмҳое, ки сохта мешавад, яке аз шеваҳост.

**Шеваи улгусозӣ**

Шиносондани инсонҳои муваффақ, таҷлил аз онҳо, ташвиқи онҳо, гароиш додани мардум ба роҳи ҳақ, таҳқири чеҳраҳои мунҳариф ва ҳамчунин нафрин бар онҳо дар водор кардани мардум ба маъруф ва наҳй аз мункар нақши муассире дорад. Ҳамин ки ҳар сол мардум дар Ошуро фарёди ё Ҳусейн сар медиҳанд, ҳимояти худро аз имомат ва исмат ва мазлумият эълон мекунанд.[1] Ҳамин ки ин ҳама супориш дар бораи бароат ва танаффур ва лаънат ба душманони Худо ва авлиёи Худо шудааст, мардумро аз гароиш ба он хат боз медорад. Қуръон мефармояд: Ҳамаи мардуми дунё аз ҳамсари Фиръавн дарс бигиранд, ки чӣ гуна ӯ ҷазби молу мақом ва қудрати Фиръавн нашуд.[2]

Худованд бо таҷлил аз ҳамсари Фиръавн, ӯро барои ҳамаи мардум ба унвони намуна муаррифӣ кардааст.

---

[1] Ҳар сол дар бисёре аз кишварҳои исломӣ мисли Эрон, Ироқ, Сурия, Лубнон, Арабистони Саудӣ, Миср, мусалмонони Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Тоҷикистон, Узбекистон ва ғайра дар айёми шаҳодати солори шаҳидон ҳазрати Имом Ҳусейн (р), ки аз якум то даҳуми Муҳаррам буда маъруф ба Ошурои Ҳусейнӣ ё Ашӯрӣ мебошад, мардуми мусулмон азодорӣ ва ёди Имом Ҳусейн ва ҳафтоду ду тан аз ёрони бовафои ӯро менамоянд. Ва ба мазлумияти эшон, ки ба дасти баъзе мусалмонҳо дар дашти Карбало ба шаҳодат расиданд, андӯҳгин мешаванд.

[2] Сураи Таҳрим-11.

Ҳамон гуна ки дар ҷои дигар мефармояд: Мардум бояд аз Иброҳим (алайҳис-салом) ва Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дарс бигиранд, чун ин ду бузургвор намуна ва усва ҳастанд.[1]

Дар бисёре аз корҳо ниёз ба муаррифии афроди намуна ва хатшикан вуҷуд дорад, ба чанд мисол диққат кунед:

1- Ҳамин ки як нафар азон гуфт ва сукутро шикаст, роҳи азон гуфтан барои дигарон боз мешавад.

2- Дар ҳавопаймо ҳамин ки як нафар бархост ва ба намоз истод, замина барои алоқамандон ба намоз боз мешавад.

3- Ҳамин ки як нафар мӯътод[2] одаташро тарк кард, метавонад барои дигар мӯътодон намунаи ибрат шавад.

4- Ҳамин ки як нафар донишҷӯи улуми динӣ ё дунявӣ шавад, бар наздикони худ асар мегузорад.

**Наҳй аз мункар дар қолиби шӯхӣ**

Рӯзе Баҳлул коргаронеро дид, ки ба масҷидсозӣ машғуланд. Аз онҳо пурсид: Бонии (созандаи) масҷид кист? Гуфтанд: Ҳорунаррашид. Баҳлул ба сангтарош дастур дод, ки рӯи санг ин ҷумларо бинависад: Бонии масҷид Баҳлул!

Сангтарош сангро тарошид ва ба Баҳлул таҳвил дод. Баҳлул шабона аз нардбон боло рафт ва он сангро бар сари дари масҷид насб кард. Рӯзи баъд, вақте коргарон он навиштаро диданд, ба Ҳорун хабар доданд. Ҳорун Баҳлулро ҳозир кард ва пурсид, бонии масҷид ман ҳастам ту чаро ин сангро насб кардаӣ ва худатро бонии ин масҷид муаррифӣ кардаӣ?

Баҳлул гуфт: Ту агар барои Худо масҷид месозӣ, бигзор

---

[1] Сураи Аҳзоб-21.

[2] Мӯътод – ба маънои нашъаманд, одатӣ.

номи ман бошад. Худо медонад, ки бонӣ кист.

Ӯ бо ин шӯхӣ ба Ҳорун фаҳмонд, ки: Ту ихлос надорӣ.

Рӯзи дигар Баҳлул вориди масҷиди Ҳорун шуд. Чун Ҳорун дар масҷид ҳузур надошт, Баҳлул ҷои Ҳорун нишаст. Ходимон ӯро аз он ҷо хезонданд ва озору шиканҷа карданд. Ҳамин ки Ҳорун вориди масҷид шуд, ба ӯ гуфт: Ман чанд дақиқа ҷои ту нишастам, маро заданд. Вой ба ҳоли ту, ки умре дар ҷои Аҳли Байти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) нишастаӣ.

Ва бо ин шӯхӣ, ба Ҳорун гуфт: роҳи ту ботил ва ҳукумати ту ғасбӣ аст.

**Баёни савобу ҷазо**

Яке аз роҳҳое, ки метавон ба василаи он ангезаи анҷоми маъруфҳо ва тарки мункаротро дар мардум зиёд кард, баёни подошҳои корҳои маъруф ва азобҳои мункар аст. Дар Қуръон ва ривоёт садҳо ҷумла дар ин бора ба чашм мехӯрад. Олимони мо китобҳое ба номи савоб ва иқоб навиштаанд.

Ошноӣ бо кайфари гуноҳон, чигунагии суқут ва ҳалокати умматҳо, таърихи иззат ва зиллати қавмҳо ва ҳамчунин ошноӣ бо лутфи илоҳӣ нисбат ба касоне, ки худро аз гуноҳ дур медоранд, бисёр созанда аст. Ҳазрати Юсуф рамзи иззати худашро ба бародаронаш дар як калима баён кард: «*Эй бародарон! Бидонед, ки инсон тақво пеша кунад, Худованд подоши ӯро зоеъ намекунад*».[1]

Ба ҳар ҳол, баёни савоби маъруфҳо ва кайфари мункарот, яке аз шеваҳои анҷоми маъруф ва дурӣ аз мункар аст.

[1] Сураи Юсуф-90.

**Шеваи тадриҷ**

Ҳамон гуна ки шайтон инсонро қадам ба қадам ба фасод мекашонад,[1] роҳи ислоҳ ва амр ба маъруф низ бояд қадам ба қадам бошад. Дар мавриди таҳрими шароб ин шеваро мушоҳида мекунем. Шаробхӯрӣ дар чанд марҳала манъ шуд:

Марҳалаи аввал: Қуръон мефармояд: *Аз ангур ҳам ризқи некӯ сохта мешавад ва ҳам моеи масткунанда*. Ва ин матлаб ишора ба он аст, ки моеи масткунанда некӯ нест.[2]

Марҳалаи дуввум: Қуръон фармуд: *Гарчӣ дар қимор ва шароб фоидаҳое ба чашм мерасад, вале зарари онҳо бештар аст*. Бо ин баён мункар будани шаробро эълон мекунад.[3]

Марҳалаи сеюм: Қуръон фармуд: *ҳангоми намоз, маст набошед*.[4]

Марҳалаи чаҳорум: Қуръон фармуд: Шароб ба куллӣ ҳаром аст, хоҳ маст бишавед ё нашавед, хоҳ кам бошад ё зиёд, ҳангоми намоз бошад ё дар ғайри намоз.[5]

Ин шеваи марҳалаӣ, дорои замонбандӣ ва бо таърихи муайян нест дар тавсиаи ҷуғрофиёи низ як масъалаи маъқул аст. Ҳамон гуна ки Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) аввал ба худсозӣ фаро хонда мешавад[6] баъд ба бастагон ҳушдор медиҳад,[7] сипас ба аҳли Макка ва атрофи Макка[8] ва дар поён, ҳама мардуми кураи

---

[1] Сураи Бақара-198.
[2] Сураи Наҳл-67.
[3] Сураи Бақара-219.
[4] Сураи Нисо-43.
[5] Сураи Моида-95.
[6] Сураи Мудассир-4-5.
[7] Сураи Шуаро-214.
[8] Сураи Анъом-92.

заминро мухотаб қарор медиҳад.[1]

Дар мавриди рибо низ ин мароҳил ба чашм мехӯрад. Рибо дар чанд марҳала манъ шуд:

Марҳалаи аввал: Қуръон мефармояд: фоидае, ки ба моли шумо аз тариқи рибо изофа мешавад, назди Худо афзоиш нест.[2]

Марҳалаи дуввум: Қуръон рибохӯриро аз одатҳои бади яҳудиён мешуморад.[3]

Марҳалаи сеюм: Қуръон инсонро аз зиёд гирифтан наҳй мекунад.[4]

Марҳалаи чаҳорум: Қуръон рибо гирифтанро ба монанди эълони ҷанг бо Худо медонад.[5]

Масъалаи тадриҷ ва ҳаракати қадам ба қадам, яке аз усули тарбиятӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз эътирозоти куффор ин буд, ки мегуфтанд: Чаро Қуръон якбора ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) нозил нашуд. Қуръон мефармояд: *Нузули тадриҷӣ барои оромиши рӯҳ муассир аст*.[6]

## Шеваи такрор

Миёни тарбият ва таълим фарқи зиёде аст. Яке аз онҳо ин аст, ки дар тарбият такрори як масъалаи аслӣ зарурӣ аст, вале дар таълим ва омӯзиш ҳамин ки шогирд масъаларо фаҳмид, такрор кардан лозим нест.

---

[1] Сураи Сабо-28.
[2] Сураи Рум-39.
[3] Сураи Нисо-161.
[4] Сураи Оли Имрон-130.
[5] Сураи Бақара-279.
[6] Сураи Ал-Ҳоққа-33.

Чун барномаҳои Ислом танҳо омӯзишӣ нест, балки тарбиятӣ ҳам ҳаст, бинобар ин бояд такрор шавад, мо дар ҳар шабонарӯз чанд бор намоз мехонем. Ҳисоби имон ба Худо аз ҳисоби ёди Худо ҷудост. Қуръон нисбат ба баъзеҳо мефармояд: *ӯ ба Худо имон надорад*.[1]

Вале дар бораи баъзеи дигар мефармояд: *Худоро фаромӯш кардаанд*.[2]

Мо ба Худо имон дорем, аммо ӯро фаромӯш мекунем. Ба ин хотир бояд бо зикри ӯ имони худро шукуфо кунем. Дар бораи қиёмат низ ин маъно ҳаст, яъне баъзеҳо ба қиёмат имон надоранд,[3] вале баъзеи дигар имон доранд, аммо ӯро фаромӯш мекунанд.

Ба ҳар ҳол инсон ба қадре фаромӯшкор аст, ки тазаккури гоҳ ба гоҳ низ барои ӯ кофӣ нест. Бинобар ин Қуръон мефармояд: *Худоро бисёр ёд кунед!*[4]

Фаромӯшии инсон ба қадре аст, ки дар Ислом супориш шудааст, ки дар ҳар шабонарӯз панҷ маротиба дар баландие қарор бигирад ва бо расотарин ва зеботарин садо фарёд бизанад: «Бишитобед ба намоз» албатта ҳар рӯз ҷумлаҳое ба монанди ин фарёд бояд ҳафтод бор дар фазо такрор шавад.

Такрори сураи Ҳамд дар ҳар намоз як зарурате аст, то он ҷо, ки агар ин сура набошад намоз нест.[5]

Дар худи сураи «Ҳамд» калимаҳои *ийёка*, *сирот*, *раҳмон*,

---

[1] Сураи Фурқон-32.

[2] Сураи Тавба-67.

[3] Сураи Наҷм-27.

[4] Сураи Анфол-45.

[5] «Мустадрак» ҷ.4.саҳ.158.

*раҳим* такрор шудааст. Ба гуфтаи баъзеҳо, худи сураи Ҳамд ду маротиба нозил шудааст. Дар Қуръон достони саҷдаи фариштагон ба Одам ва такаббури Иблис, достони Мӯсо ва Фиръавн, достони Нӯҳ ва қавми баҳонаҷӯи ӯ ва бисёре аз достонҳои дигар борҳо такрор шудааст. Фахри Розӣ барои осор ва фоидаҳо ва асрори такрор дар Қуръон, дар тафсири худ нуктае зикр кардааст.

Дар сураи «Ар-Раҳмон» як оят беш аз сӣ бор такрор шудааст.

Ба ҳар ҳол, барои ҳар лаҳза ғафлат ва фаромӯшӣ як тазаккур лозим аст. Шумо дар як намоз даҳҳо бор ҷумлаи Аллоҳу Акбарро ҳангоми рукӯъ, саҷда ва қиём такрор мекунед.

Ёди Худо ғизои рӯҳ аст, ки бояд монанди ғизои ҷисм такрор шавад. Ояти шарифаи «Бисмиллоҳир–раҳмонир-раҳим» 114 маротиба дар Қуръон такрор шудааст. Ислом ба мо супориш кардааст, ки агар сари суфра чанд хел таом буд, барои хӯрдани ҳар кадом як бор «бисмиллоҳ» бигӯед. Дар мактаби тарбиятии Ислом барои тамоми соатҳои рӯз дуои махсусе ворид шудааст, ки агар касе дар соати аввал ва дуввум вақт накард, барои соати сеюм метавонад дуои хосси он соатро бихонад, мисли фурудгоҳҳое, ки барои ҳар соат як парвоз доранд ва ҳар мусофире барои ҳар соате, ки бихоҳад, метавонад парвоз кунад.

Бисёре аз касоне, ки гирифтори гуноҳ шудаанд бо як тазаккур аз кори худ даст намебардоранд, бинобар ин бояд ба ҳар инсоне тазаккур дод ва ҳатто бояд ба баъзеҳо чанд бор тазаккур дод. Шумо дар мурочиат ба табиб вақте беморӣ доред, он қадар ба табибҳо мурочиат мекунед то

солим мешавед. Ҳеҷ беморе намегӯяд: Чун ба як табибе муроҷиат кардам ва фоидае нарасонд пас дигар ба суроғи ҳеҷ табибе намеравам ва доруе намехӯрам.

**Ҳамоҳангӣ**

Ҳазрати Иброҳим ҳамин ки ситорапарастонро дид, гуфт: Ин ситора парвардигори ман аст. Ҳамин ки ситора ғуруб кард, гуфт: Ман ғурубкунандаро дӯст намедорам.

Бо дидани Моҳ гуфт: Ин парвардигори ман аст. Вақте Моҳ нопадид шуд, гуфт: Агар парвардигори воқеӣ маро ҳидоят накунад, қатъан аз гумроҳон мешавам.

Бори сеюм Офтобро дид ва гуфт: Ин аз Ситора ва Моҳ бузургтар аст. Пас ин парвардигори ман аст. Офтоб, ки ғуруб кард, рӯ ба мардум карду гуфт: Ман аз ҳар чизе ки шумо шарики Худо мепиндоред безорам. Шакке нест, ки ҳазрати Иброҳим Худопараст буд, чун дар поёни гуфтугӯ бо ситора ва моҳ ва хуршедпарастон гуфт: Ман аз ширки шумо безорам. Ва нафармуд: Ман аз ширки худам безорам.

Далели он ки чанд бор ба моҳ ва ситора ва хуршед гуфт: Ин парвардигори ман аст барои ин буд, ки ӯ барои наҳй аз бузургтарин мункарот (ширк) аз роҳи мудоро ва ҳамоҳангӣ ворид шуд ва қадам ба қадам ба интиқодоти худ изофа кард.

Яъне бори аввал фармуд: Ман ғурубшуданиро дӯст намедорам.

Бори дуввум фармуд: Моҳпарастӣ гумроҳӣ аст ва Худо маро гирифтори он накунад.

Бори сеюм фармуд: Ман безорам аз ҳар чизе, ки шумо шарики Худо медонед.

Ҳазрати Иброҳим бо ин ҳаракати ҳамоҳанги худ ба мардум фаҳмонд: Вуҷуде, ки дар маърази нобудӣ ва тағйир

аст, наметавонад Худо бошад, хоҳ ситораи хурд ва хоҳ хуршеди бузург. Ӯ ба мардум фаҳмонд: Ҳамин ки дидед роҳ гумроҳӣ аст, зуд ва бо шаҳомат баргардед ва баҳонаҷӯӣ накунед.

Ӯ аз мардум безорӣ надошт. Аз ширки мардум безорӣ дошт.

**Ҳикмат, мавъиза, ҷидоли некӯ**

Қуръони Карим ба Паёмбари азизи Ислом мефармояд: *Аз тариқи ҳикмат ва мантиқ ё мавъиза ва насиҳат ва ё ҷидоли некӯ мардумро ба роҳи Худо даъват кун!*[1]

Ногуфта пайдост, ки зарфияти фикрӣ, рӯҳӣ ва илмии мардум гуногун аст. Гурӯҳеро бо истидлол гурӯҳеро бо мавъиза ва гурӯҳеро бо муҷодила бояд даъват кард.

Калимаи ҳикмат дар ҷойҳое ба кор меравад, ки гуфтаҳо ва пешниҳодҳо бинои мустаҳкаме дар ақл ва фитрати ҳамаи инсонҳо дошта бошад, барои мисол, дар сураи Исро инсон аз фарзандкушӣ ба хотири факр, зино, қатл, тасарруф дар моли ятим, анҷоми корҳое, ки нисбат ба он илм надорад, роҳ рафтани мутакаббирона ва камфурӯшӣ наҳй шудааст. Қуръон сипас мефармояд: Ин наҳйҳо ҳикмат аст, чун касе дар бадии он шак надорад. Бинобар ин ҳикмат ба маънои сухани маҳкам ва қатъӣ аст. Барои мисол, аз санъати филмсозӣ ва моҳвора бадгӯӣ накунед, чун интиқоди шумо маҳкам нест ва дар воқеъ ҷиҳатгирӣ ва муқобила дар баробари пешрафтҳои илмӣ аст. Вале филми бадро танқид кунед, ки дӯсту душман онро сухани маҳкам медонанд.

**Хотира**

---

[1] Сураи Наҳл-125.

Имом Саҷҷод (р) вақте хост дар Шом ҳукумати Бани Умайяро расво кунад, фармуд: Падарам Имом Ҳусейнро ба наҳви сабр шаҳид карданд, ҳамчун паррандаи дар қафас, ӯро бо нӯги корд сӯрох-сӯрох карданд то шаҳид шуд.

Инҷо агар Имом Саҷҷод (р) мефармуд: Падарамро шаҳид карданд. Дар чашми мардуми Шом, ки шинохти амиқе нисбат ба Аҳли Байт надоштанд, хеле муҳим набуд, чун мегуфтанд: Дар ҷанг афроде кушта мешаванд ва яке аз онҳо ҳам Имом Ҳусейн будааст.

Имом Саҷҷод (р) фармуд: Бар фарз, ки қасди куштан доред, аммо чаро ин гуна куштед? Чаро мисли парранда баданашро сӯрох-сӯрох кардед? Чаро канори наҳри об ӯро ташна куштед? Чаро ӯро дафн накардед? Чаро ба хаймаҳои ӯ ҳамла кардед? Чаро кӯдаки ӯро шаҳид кардед? Ин калимот ба қадре дар назди дигарон дилхарош буд, ки Шомро туфонӣ кард ва як инқилоби фикрӣ ва фарҳангӣ бар зидди ҳукумати умавӣ ба роҳ андохт.

Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд рӯи масъалаҳое такя кард, ки мавриди қабули ҳама бошад. Ба суханони маҳкаме, ки мавриди қабули ҳама аст, ҳикмат гуфта мешавад.

Аммо мурод аз мавъизаи ҳасана насиҳатест, ки бар асоси муҳаббат ва бо баёни некӯ бошад ва дар замон ва макони муносиб бо шеваҳои дуруст анҷом дода шавад.

Мурод аз муҷодилаи некӯ низ ҳифзи ахлоқи муҷодила, пазируфтани нуқоти қуввати дигарон ва истидлол ва муқобила ба мисл дар шеваҳост.

**Ақоидро ислоҳ кунем, мафосид кам мешавад**

Баъзе гуноҳон ва фасодҳои ахлоқӣ аз ақоид ва хаёлҳои ботил бармехезад, ки агар шеваи мо ислоҳи ақоид бошад,

беҳтар ба натиҷа мерасем. Ба чанд намуна таваҷҷӯҳ фармоед:

1-Афроде бар хилофи наҳйи Қуръон, барои зиндагии худ ба тоғутҳо ва ситамгарон такя мекунанд ва ба дасти зулм табдил мешаванд. Ҳадафи онҳо касби қудрат аз тариқи ситамгарон аст. Худованд мефармояд: Тамоми қудрат ва қувват аз они Худост.

Агар инсон боварӣ дошта бошад, ки тамоми қудратҳо аз они ӯст, барои расидан ба қудрат ин ҳама риёкорӣ, худнамоӣ, тамаллуқ ва айбпушӣ намекунад.

Гурӯҳи дигар, ки садҳо ва ҳазорҳо кори хилоф анҷом медиҳанд, ҳадафе ҷуз расидан ба иззат надоранд. Онҳо хаёл мекунанд, ки сармоя, мақом ва вобастигӣ ба шарқу ғарб, издивоҷ бо духтари фалон шахс, иштиғол ба фалон кор ва монанди инҳо иззатофарин аст, мисли писари Нӯҳ, ки дар баробари таҳдид ба ғарқи куффор, ба падар мегуфт: Ман ба кӯҳ паноҳанда мешавам. Ғофил аз он ки рӯзи қаҳри илоҳӣ, кӯҳ низ наҷот намеёбад. Агар ин афрод бовар кунанд, ки Қуръон тамоми иззатҳоро аз Худованд донистa он ҷо, ки мефармояд: *Зиёдӣ ва камии иззати мардум танҳо ба дасти ӯст ва на дигарон*,[1] ин ҳама худро ба обу оташ намезананд то Қуръон онҳоро маломат кунад ва бигӯяд: Оё иззатро аз дигарон мехоҳӣ?! Оре! Бовар ва имони мо ба ин ки қудрат ва иззат танҳо аз они ӯст, моро аз иртикоби бисёре аз гуноҳон боз хоҳад дошт.

**Решаи фасодҳоро бихушконем**

Қуръон мефармояд: *Гумони бад набаред ва ҷосусӣ накунед*.[2]

---

[1] Сураи Нисо-139.

[2] Сураи Ҳуҷурот-12.

Чун бадгумонӣ сарчашмаи ҷосусӣ ва ҷосусӣ сарчашмаи ғайбат мешавад.

Барои пешгирӣ аз гуноҳони ҷисмӣ, Қуръон аз нигоҳи заҳролуд – нигоҳ ба номаҳрам, наҳй фармудааст, ба гуфтаи ҳазрати Исо (алайҳис-салом), нигоҳ сарчашмаи алоқа ва кашида шудан ба фасод мешавад.[1] Агар Қуръон занонро аз пойкубӣ ба замин манъ мекунад[2] ва ё аз гуфтори бо нозу карашма наҳй макунад[3] ба хотири хушкондани сарчашмаи гуноҳ аст.

Хилват бо номаҳрам дар хона, ё маҳалли кор, сохтани хонаҳо рӯ ба рӯи якдигар, (ба сурате, ки аз хонаи ман даруни хонаи ҳамсоя намоён бошад.т.), пушти бомҳои бидуни девор, ба иҷора додани хонаи касоне, ки духтарони калон доранд ба хонаводае, ки писар дорад, озод гузоштани беш аз ҳадди касоне, ки осебпазир ҳастанд, дар ихтиёр гузоштани филмҳои видеоӣ, роҳат гузоштани иртиботи духтару писар дар боғҳои истироҳатӣ, донишгоҳҳо, надоштани барномаи даромади бароммади духтарон ва писарони мактабҳо, ки ҳамзамон набошанд ва монанди инҳо аз сабабҳои ба вуҷуд омадани гуноҳ аст. Масъалаи ҷудосозӣ ба маънои таҳқири зан ё мард нест, балки навъе солимсозӣ аст. Кист, ки надонад ҷудо будани духтар ва писар дар донишгоҳ, сабаби тамаркузи фикр ва рушди илмии бештаре мешавад.

Ислом ва Ҷумҳурии Исломӣ собит кард, ки ҳузури зан дар саҳнаҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва сиёсӣ рабте бо бебандубориҳо ва фасодҳои ғарбӣ надорад. Зан мавҷуде аст

---

[1] «Мизон-ул-ҳикма» ҷ.4.саҳ.242.

[2] Сураи Нур-31.

[3] Сураи Аҳзоб-32.

комил, ки дар тамоми камолот дӯш бо дӯши мард қадам мебардорад ва нақши ӯ дар рушди ҷомеа ва сарнавишти миллат, мисли мард ва дар баъзе аз масоили тарбиятӣ ва санъатӣ ҳатто аз мард болотар аст. Таърихи Ислом занонеро суроғ дорад, ки сарчашмаи баракот будаанд.

**Ривоят**

Аз ҳазрати Алӣ (к) пурсиданд: Бо ин ки Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) бо занҳо салом мекарданд, чаро шумо салом намекунед? Фармуд: Расули Худо сӣ сол аз ман бузургтар буд. Вале ман ҷавон ҳастам. Метарсам, ки посухи баъзе аз занҳо дар ман асари баде (беш аз подоше, ки аз салом кардан интизор дорам) бигузорад.[1]

Имом Боқир (р) ба марде, ки ба зане Қуръон ёд медод ва дар зимни омӯзиш, шӯхие карда буд, фармуд: Ин омӯзишро таътил кун.

Ногуфта намонад, ки мубориза бо решаҳо, махсуси гуноҳони ҷинсӣ нест. Дар масоили сиёси низ бояд ба суроғи решаҳо рафт. Қуръон мефармояд: Ба сӯи Фиръавн бирав, ки ӯ туғён кардааст,[2] шабоҳати мардум ба фармонравоён, беш аз шабоҳати онҳо ба падарон аст. Барои ислоҳи давлатҳо бояд давлатмардон ислоҳ шаванд ва барои ислоҳи насли нав, бояд хонавода ислоҳ шавад.

Дар ҳадис мехонем: Агар фақеҳон ва амирон ислоҳ шаванд, ҷомеа ислоҳ мегардад.

Дар ҳадиси дигаре мехонем: Агар султон тағйир кунад, таърих ва замон тағйир мекунад.

Ислоҳи низом бо ислоҳи масъулон ва мудирон сурат

---

[1] «Муҳаҷҷат-ул- байзо» ҷ.3.саҳ.385.

[2] Сураи Тоҳо-24.

мегирад. Қуръон мефармояд: *Бо раҳбарони куфр мубориза кунед.*[1]

**Ривоят**

Аз ҳазрати Алӣ (к) пурсиданд: Шумо ба гурезаҳои ҷанги Сиффин ҳамла мекунед, дар ҳоле ки ба гурезаҳои ҷанги Ҷамал коре надоштед. Далелаш чист?

Фармуд: Мухолифони фирорӣ дар Сиффайн, пас аз фирор даври раҳбарашон Муовия ҷамъ мешаванд ва қудрати тозае пайдо мекунанд, вале дар ҷанги Ҷамал, чун раҳбаронашон аз по афтода буданд, гурезагон паноҳгоҳе надоштанд ва ман онҳоро озод гузоштам.

Оре! он ҷо, ки меҳварҳо ва қудратҳо ва сиёсатгузориҳои низомӣ ва иқтисодӣ мутамаркизанд, дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд суроғи он меҳварҳо рафт.

**Суннатшиканӣ**

Гоҳе мункароте дар миёни мардум ба сурати як ҷараён ва одат ва русум медарояд, ки шикастани он суннатҳо кори ҳар касе нест. Вале ба ҳар ҳол, афроде бо салобат ва бо таваккул ба Худованд бояд бо сиаи садр вориди майдон шаванд ва он одатҳоро дигаргун кунанд ва тилисмро бишкананд.

Ба як намуна таваҷҷӯҳ фармоед:

Ислом мегӯяд: Падар наметавонад бо ҳамсари писараш издивоҷ кунад, вале ақидаи ҷоҳилият ин буд, ки бо ҳамсари фарзандхонда низ набояд издивоҷ кард. Қуръон ба Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) мефармояд: Бо ҳамсари талоқ додашудаи Зайд, ки фарзандхондаи туст, издивоҷ кун то суннати ҷоҳилӣ

[1] Сураи Тавба-12.

шикаста ва роҳ барои дигарон боз шавад.[1]

Албатта ин гуна ҳаракат кори ҳар касе нест. Касоне бояд даст ба ин кор бизананд, ки ба ҷои суннатшиканӣ худшиканӣ накунанд, чун гоҳе мавҷи мухолифат чунон шурӯъ мешавад, ки муқовимати инсон сабаб мешавад ба дигар ҳадафҳои баланди худ нарасад. Дар бораи ин масъала низ намунае нақл мекунем:

Дар замони Хулафои Рошидин намозҳои мустаҳаббиро бо ҷамоат мехонданд. Ҳамин ки ҳазрати Алӣ (к) ҳукуматро ба даст гирифт, дастур дод, ки фақат намозҳои воҷибро бо ҷамоат бихонанд. Ногаҳон чунон мавҷи мухолифат шурӯъ шуд, ки ҳазрат фармуданд: Ҳар коре мехоҳед анҷом диҳед.

Чун муқовимати Имом (к) дар бораи намози мустаҳаббӣ ва он ҳама мухолифат, ҳамаи истеъдодҳои мардум ва ҳадафҳои баланди Имомро таҳти таъсир қарор медод, лизо Имом онҳоро ба ҳоли худ раҳо кард.

**Эҳтиром ба арзишҳои дигарон**

Яке аз роҳҳои ҷазб, эҳтиром ба усул ва арзишҳои дигарон аст. Агар нуқоти мусбати фард ё гурӯҳеро пазируфтем ва ситоиш ва эҳтиром кардем ва сипас аз нуқтаи манфии вай наҳй ва интиқод кардем, муваффақ хоҳем буд.

Ҳамин ки мусулмонони Садри Ислом ба хотири фишори куффори Макка ба Ҳабаша ҳиҷрат карданд, куффор ҳайъатеро ҳамроҳ бо ҳадя барои подшоҳи Ҳабаша фиристонданд то мусулмононро аз кишвараш берун кунад. Наҷҷошӣ подшоҳи Ҳабаша гуфт: Ман худам бояд сухани мусулмононро бишнавам. Сипас аз сухангӯи мусулмонон,

[1] Сураи Аҳзоб-37.

Ҷаъфари Тайёр пурсид: Сухани шумо чист? ӯ ҳадафҳои Исломро матраҳ кард. Куффор барои таҳрики шоҳ, ки масеҳӣ буд, гуфтанд: Мусулмонон ба ҳазрати Исо бетаваҷҷӯҳӣ мекунанд.

Ҷаъфар сураи Марямро, ки дар он симои зебои ҳазрати Исо омада буд, тиловат кард. Наҷҷошии масеҳӣ, ки дид Ислом ба муқаддасоти онҳо ин ҳама эҳтиром гузоштааст, ашки шавқ дар чашмонаш ҳалқа зад ва мусулмононро дар паноҳи худ ҳифз кард. Куффор ҳам бо ноумедӣ ба Макка баргаштанд. Ҳусни салиқа ва балоғат ва равоншиносии таблиғотии Ҷаъфари Тайёр сабаби пайдоиши мактаби Ислом дар Ҳабаша шуд. Дар супоришҳои Ислом омадааст: Бузургони ҳар қавмро эҳтиром кунед![1]

Қуръони Карим ба Тавроту Инҷил ва анбиёи гузашта эҳтироми комил мегузорад ва марказҳои ибодии дигар адёнро мӯҳтарам мешуморад, ҳатто барои ҳифзи он дифоъро лозим донистааст.[2]

### Бо анҷоми маъруф, майдонро барои мункар танг кунем

Бидуни муқаддима чанд намуна зикр мекунем:

1-Гурӯҳи фосид барои анҷоми хилоф ба суроғи меҳмонони зеборӯи ҳазрати Лут омаданд, Ҳазрати Лут, ба онҳо гуфт: Ман ҳозирам духтаронамро ба ақди шумо дароварам то шумо аз фикри баде, ки нисбат ба меҳмонони ман доред, берун оед.[3] Вале он хилофкорон ҳамчунон барои анҷоми корҳои бади худ исрор доштанд. Дар ин моҷаро,

---

[1] «Мустадрак» ҷ.8.саҳ.395.

[2] Сураи Ҳаҷ-40.

[3] Сураи Ҳуд-78.

ҳазрати Лут (алайҳис-салом) аз тариқи пешниҳоди маъруф пеши роҳи мункарро мегирад, яъне бо ироаи тарҳи издивоҷи духтаронаш ба ҷанг бо ливот меравад.

2-Ҳамин ки Худованд мехоҳад ҳазрати Одамро аз хӯрдани таоме манъ кунад, аввал иҷозати баҳрабардорӣ аз таомҳои дигарро ба ӯ медиҳад ва мефармояд: Аз ҳар гуна хӯрок дар биҳишт истифода кун, вале ба суроғи ин як хӯрокӣ нарав.[1]

3-Ҳазрати Алӣ (к) фармуд: Агар халифаи дуввум издивоҷи муваққатро ҳаром намекард, ҳеҷ касе ҷуз афроди шақӣ муртакиби зино намешуд.[2]

4-Худованд, мардумро аз омезиши ҷинсӣ бо ҳамсарони худ дар рӯзҳои моҳи Рамазон манъ мекунад, вале дар иваз иҷозати ин омезишро дар шабҳои ин моҳ содир мекунад. Яъне аввал инсонро аз тариқи ҳалол таъмин мекунад ва баъд, аз омезиш дар рӯзи хос манъ мекунад.[3]

Шояд ба ҳамин далел аст, ки ҳамвора калимаи амр ба маъруф қабл аз наҳй аз мункар ба кор меравад, яъне чунон ҷомеаро бо маъруф пур кунед, ки роҳе барои мункар набошад.

Дар Ислом супориш шудааст, ки волидайн худро ба кӯдакӣ бизананд то фарзанд эҳсос кунад, ки ҳамбозие дорад ва ин ғариза дар ӯ таъмин шавад.[4]

Агар издивоҷро дар ҷомеа осон кунем, нисфи гуноҳон кам мешавад. Имом Содиқ (р) фармуд: Касе, ки издивоҷ кунад, нисфи дини худро ҳифз кардааст.[5]

---

[1] Сураи Бақара-35.
[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.53.саҳ.31.
[3] Сураи Бақара-187.
[4] «Кӯдаки фалсафӣ» ҷ.2.саҳ.130.
[5] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.103.саҳ.219.

Қуръон мефармояд: Роҳи пешгирӣ аз фаҳшо ва мункар, анҷоми маъруфе ҳамчун намоз аст.[1]

Агар масоҷиди мо ҷомеияти лозимро доштанд, аз равнақи марказҳои фасод коста мешуд.

Агар волидайн ба миқдори лозим ба фарзандони худ муҳаббат мекарданд, фарзандони онҳо дучори дӯстони ноаҳл намешуданд.

Агар сарватмандон ҳаққи маҳрумонро адо мекарданд, ҳаракате бар зидди онҳо сурат намегирифт.[2]

Истироҳит ва варзиш аз маъруфҳое аст, ки пеши бисёре аз фасодҳо, бемориҳо, уқдаҳо ва мункаротро мегирад.

Зӯҳд ва адолати масъулони давлатӣ аз маъруфҳое аст, ки метавонад пеши бузургтарин мункарро, ки бадбинӣ ба ҳукумат аст, бигирад.

Кӯтоҳи сухан он, ки беҳтарин роҳи мубориза бо мункар, пур кардани рӯзҳои бекорӣ ва фароғат, таъмини ниёзҳои табиӣ ва боз гузоштани роҳҳои ҳалол аст.

Худованд ҳамон гуна ки дӯст медорад аз муҳаррамот парҳез шавад, дӯст медорад, ки аз ҳалолҳо истифода шавад. Дар Қуръон аз касоне, ки ҳалолҳоро ба худ ҳаром кардаанд, ба шиддат интиқод шудааст.[3]

Дар сураи Таҳрим Худованд ба паёмбараш мефармояд: Чаро ба хотири ризояти баъзе аз ҳамсаронат, ҳалоли Худоро ба худ ҳаром кардаӣ.[4]

Таҳияи филмҳои муфид, сурудҳои зебо, китобҳои пурҷозиба, диду боздидҳои солим, саргармӣ бо табиат,

---

[1] Сураи Анкабут-45.
[2] Сураи Бақара-195.
[3] Сураи Юнус-59.
[4] Сураи Таҳрим-1.

эҷоди ҷои кор ва пур кардани рӯзҳои истироҳат бо корҳои илмӣ, ҳунарӣ ва фаннӣ ва дастӣ, заминаро барои эҷоди мункар танг мекунад.

**Ошкор кардани хубиҳо**

Бо ин ки корҳои хайр ҳар чи махфитар бошад, подошаш бештар аст, вале гоҳе бояд барои ризояти Худо корҳои хайрро ошкоро анҷом дод, албатта ҳисоби ошкоро анҷом додани хубиҳо барои Худо, аз риё ва худнамоӣ ҷудост.

Агар мебинем, гуноҳи ошкор кайфари бештар дорад, барои он аст, ки ҷомеаро барои фасод омода мекунад.

Агар мебинем, ки ширкат намудан дар намози ҷамоат ва ошкоро анҷом додани корҳои хайр савоби бештаре дорад, ба хотири ҳамин заминасозиҳост.

Рӯза гирифтан дар моҳи Рамазон аз дигар моҳҳо осонтар аст ва ин ба хотири фазо ва шароите аст, ки дар моҳи Рамазон ба вуҷуд меояд.

Дар Қуръон аз размҳои ҷамъӣ, ки артиши Ислом анҷом медиҳад ва аз ин тариқ бо зоҳир кардани қудрат, душманро метарсонад, ба амали солеҳ таъбир шудааст.[1]

Акнун, ки афроди фосид гуноҳи худро ошкоро анҷом медиҳанд, чаро аҳли имон корҳои худро махфӣ мекунанд? Занони беҳиҷоб худро дар кӯчаҳо ба намоиш мегузоранд, аммо занони боҳиҷоб дар масҷидҳои бузург канори хиёбон, пушти деворҳои захим ва дур аз чашми мардум ба ибодат меистанд. Бояд хубиҳо дар маъразі дид қарор гирад то фазои ҷомеа фазои маъруф шавад.

**Ифшогарӣ**

Дар таърих мехонем: Шахсе аз ҳамсояи худ озор медид.

---

[1] Сураи Тавба-120.

Ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) омад ва шикоят кард. Ҳазрат ӯро ба сабр амр фармуд. Он шахс муддате сабр кард, аммо ҳамсоя даст аз озор набардошт. Боз шикоят кард. Ҳазрат фармуданд: Боз ҳам сабр кун. Муддатҳо бо сабр гузашт ва ҳамсоя бо панду андарзҳо даст аз озор набардошт. Саранҷом дар охирин марҳала Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба ӯ фармуданд: Рӯзи ҷумъа ҳамаи асбобу анҷоми хонаи худро дар канори хиёбон ва дар диди мардум қарор бидеҳ ва ҳар кас аз ту пурсид, ки чаро канори роҳ нишастаӣ? Бигӯ: Ҳамсояам маро дармонда кард. Ӯ ин шеваро амалӣ кард ва ҳамсояи мардумозор, ки обрӯи худро дар ҷомеа дар маърази хатар дид, даст аз кораш бардошт ва хоҳиш кард, ки он шахс ба хонааш баргардад.[1]

**Ифшогарии чеҳраҳои мунҳариф**

Сарчашмаи бисёре аз мункарот ва инҳирофот, чеҳраҳои мармузе ҳастанд, ки бо худфурӯшӣ ба абарқудратҳо мардумро ғофил, ҳақиқатро вожгун ва барои анҷоми маъруф монеътарошӣ мекунанд. Абзори кори ин афрод иборат аст аз:

1-Динтарошӣ: Матолиберо бо дасти худ менависанд ва мегӯянд: Қонуни Худо ин аст,[2] ҳамон гуна ки Сомирӣ гусолае сохт ва ба мардум гуфт: Худои шумо ин аст.[3]

2-Дуруст ҷилва додани корҳои бад: Ин чеҳраҳои мармуз барои ин ки мункароти тоғутҳоро маъруф ҷилва диҳанд, корҳои бади онҳоро дуруст ҷилва медиҳанд, то ба ин васила

[1] «Усули Кофӣ», ҷ.2.саҳ.668.

[2] Сураи Бақара-79.

[3] Сураи Тоҳо-88.

мардумро ором кунанд. Ин афроди худфурухта маъмулан шахсони соҳибунвон ва соҳибноме ҳастанд;  барои мисол Муовия бо пул додан ба Самара ибни Ҷундаб, ки унвони Саҳобаи Расулулоҳро дошт, ҳадиссозӣ мекард. Имрӯз ҳам муллоҳое, ки калимаи муқаддаси «Улул-амр»-ро ба ситамкорони таърих татбиқ медиҳанд, кам нестанд.

3-Тазъиф: Чеҳраҳои худфурӯхта мардумро аз қиём бар зидди ситамгар ё наҳй аз мункар бозмедоранд ва мегӯянд: Шумо ҳариф нашавед, ки молу ҷон ва номуси шумо дар хатар меафтад. Беҳтар аст шумо машғули кори худ бошед.

4-Эҷоди тафриқа: Чеҳраҳои мармуз гоҳе барои ин ки иттиҳоди мардум хатаре барои истикбор набошад, сози ҷудоӣ мезананд, ҳизби ҷадиде ташкил медиҳанд ва бо эҷоди тафриқа, ба арбобони худ хушхидматӣ мекунанд.

Ба ҳар ҳол касоне, ки мехоҳанд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунанд, аввал бояд бо ифшогарӣ ин чеҳраҳои мармузро, ки монеъ аз қиём ба маъруф ва пешгирӣ аз мункарот мешаванд, аз сари роҳи худ бардоранд.

**Наҷво дар амр ба маъруф**

Дар Қуръон мехонем: Дар бисёре аз гуфтугӯҳои гӯшакӣ хайре нест ҷуз он суханони махфӣ, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва ё ислоҳи байни мардум бошад.[1]

Аз ин оят маълум мешавад: Сазовор аст, ки кӯмак ба маҳрумон, супориш ба корҳои нек ва оштӣ додан миёни мардум махфиёна бошад.

Комилан ҳам равшан аст, ки дар ин гуна корҳои маҳрамона, обрӯи мардум ҳифз мешавад. Дар ҳадис мехонем: Агар фақире дархосте кард ва шумо ба ӯ кӯмак

[1] Сураи Нисо-114.

кардед, кӯмаки шумо, подоши обрӯи ӯст, ки рехтааст. Сазовор аст қабл аз суол ба ӯ кӯмак кунед.

Дар ҳадисе мехонем Имом Содиқ (р) нигоҳе ба Каъба кард ва фармуд: Эй Каъба ту хеле азиз ҳастӣ, аммо обрӯи мӯъмин аз ту азизтар аст.

Имомони маъсуми мо – пешвоёни дини Ислом, дар торикии шаб бо пӯшонидани чеҳраи худ ба фақирон кӯмак мекарданд то зимни сер кардани афрод обрӯи онҳо маҳфуз бимонад. Масъалаи амри маъруф ва ислоҳи байни ду нафар низ бояд махфиёна бошад.

Мушовирони хонавода ва касоне, ки парвандаи афродро нигаҳ медоранд, бояд роздор бошанд. Дар бораи роздорӣ дар манобеи исломӣ, оёт ва ривоёти зиёде дорем, ки аз нақли он сарфи назар мекунем.

**Ҳаракати ҷамъӣ**

Дар даъват ба ҳақ ва пешгирӣ аз мункарот ва мафосид, гоҳе бояд ҳаракати ҷамъӣ кард. Ва тазаккуроти фардӣ асар надорад. Бояд ҳайъат фиристода шавад. Гоҳе лозим мешавад, ки эътирознома навишта шавад ва афроди зиёде онро имзо кунанд.

Баъзе аз роҳпаймоиҳо ҳамон амр ба маъруф ва наҳй аз мункари амалӣ аст, ки ба сурати дастаҷамъӣ сурат мегирад. Агар тазоҳуроти миллионии мардуми Эрон набуд, ҳаргиз тоғут нобуд намешуд.

Қуръон дар асрори ҳаҷ мефармояд: Мардум ба ҳаҷ раванд то шоҳиди манфиатҳое бошанд. Дар калимаи манфиат вусъате ҳаст, ки дар дигар асрор нест. Бо нигоҳе ба ҳаҷ, он чи аз ҳама бештар диққатҳоро ба худ ҷалб мекунад ҳаракатҳои ҷамъии он аст, соддагӣ, якрангӣ, қадосат ва ваҳдат, ҳаракатҳо ва кӯч карданҳои дастаҷамъӣ ва пай дар

пай аз миқот ба Макка ва аз Макка ба Арафот ва аз Арафот ба Машъар ва аз Машъар ба Мино ва аз Мино ба Макка... симои ҳаҷ дар ин ҳаракат ҷилва мекунад, ки инсон шоҳиди манофеи он аст.

**Нуфуз дар дастгоҳи зулм**

Имом Козим (р) дар пешгирӣ аз зулми ҳокимони Бани Аббос ба афроде мисли Муҳаммад ибни Исмоил ва Алӣ ибни Яқтин дастури нуфуз дар дастгоҳи зулмро дод то дар ҳадди имкон аз ёрони Аҳли Байти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ҳимоят кунанд ва аз ситам нисбат ба онҳо бикоҳанд. Ҳазрат ба ин афрод, ки дар он шароити буғикунанда ҳомиёни маъруф ва ноҳиёни аз мункар буданд фармуд: Шумо ситорагони Худованд дар замин ҳастед.[1]

Имом Козим (р) фармуд: Аз саодати Алӣ ибни Яқтин он аст, ки ман дар ҳаҷ барои ӯ дуо мекунам.[2] Ва фармуд: Биҳиштро барои ӯ зомин шудаам ва ҳаргиз оташ ба ӯ нахоҳад расид.[3]

Қуръон аз ҳамсари Фиръавн нақл мекунад, ки пеши бузургтарин мункар - қатли Мӯсоро гирифт, вале ин зани боимон намегузошт, ки Фиръавн аз тафаккур ва эътиқоди ӯ огоҳ шавад ва ба истилоҳ тақия[4] мекард.

Абӯтолиб амаки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), ки аз бузургтарин ҳомиёни Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) буд, шеърҳои зиёде дар васфи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), ки

---

[1] «Ҳаёти Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар», ҷ.2.саҳ.287.

[2] Китоби қаблӣ ҷ.2.саҳ.288.

[3] Ҳамон китоб ҷ.2.с287.

[4] Тақия – пинҳон доштани ақида аз тарси ҷон.

нишонаи имони қалбии ӯ ба он ҳазрат аст, суруд. ӯ дар миёни сели куффор ва мушрикони Макка дар қолиби бетарафӣ аз ҳазрат тарафдорӣ мекард.

Қарор додани омилҳои нуфузӣ барои пешгирӣ аз мункарот ва хатарҳое, ки уммати исломро таҳдид мекунад, воҷиб аст. Ин корро тақия мегӯянд. Тақия, яъне: Ҳифзи ақаллияти солеҳ барои пешбурди ҳадафҳои созанда:

Пешгирӣ аз ҳадар додани нерӯҳо, нишон додани нармиш ва эҷоди муҳаббат, гирифтани иттилооти саҳеҳ аз душман, шиносоии сарчашмаҳо, пайдо кардани замони муносиб, тағйири шакл додани кор на таътил кардани он, пайдо кардани роҳ на тағйири ақида додан.

**Як муҳосиба**

Баъд аз он, ки Имом Ҳусейн (р) дар Карбало шаҳид шуданд, иддаи каме буданд, ки Имом Саҷҷодро ба имомат қабул доштанд, дар ҳоле ки Имом Содиқ (р) чаҳор ҳазор шогирд дошт. Акнун ҳисоб кунем, ки агар дар он замон аз ҳар сад нафар, як нафар толиби илм ва шогирди Имом бошад, бояд шумораи касоне, ки имомати Имом Содиқро пазируфта буданд, ба чаҳорсад ҳазор нафар бирасад. Ҳоло коршиносон таҳлил кунанд, ки чӣ гуна дар фосилаи байни имомати Имом Зайнулобидин(р) ва имомати Имоми Содиқ(р) теъдоди ашхоси пайрав ба ин миқдор расид.

Оё барои ин рушди пайравон, роҳе ҷуз рафтори некӯ, истидлоли қавӣ, тақия ва равшангарии бамавқеъ буд?

Дар Қуръон, мавориде ба чашм мехӯрад, ки мардони Худо барои расидан ба ҳадафҳои маъруфи худ ва ё барои мубориза бо мункарот, аз шеваҳо ва равишҳои хоссе истифода мекарданд. Аз ҷумла:

1-Дар замони ҳукумати фосиди Дақёнус, чанд

худопараст, ки дар фишор буданд, тасмим бар ҳиҷрат гирифтанд ва аз шаҳр хориҷ шуданд ва ба ғоре паноҳ бурданд. Ба фармони Худованд хоби тулонӣ онҳоро фаро гирифт, ҳамин ки аз хоб бедор шуданд, якеро барои таҳияи ғизо ба шаҳр фиристоданд. Дар ин маъмурият ба ӯ тазаккур доданд, ки ба ҳангоми харид бо тезҳушии тамом амал кун! Ба гунае ки касе аз сарнавишт ва муборизаи махфии мо бар зидди ҳукумат огоҳ нашавад.[1]

Бинобар ин гоҳе дар роҳи ҳақ бояд инсон ҳаракат ва корашро махфиёна анҷом диҳад то ҳаракат ва ҳадафи худро ба анҷом расонад ва аз газанди мухолифон маҳфуз бимонад.

2-Коҳинон ба Фиръавн хабар доданд, ки ба зудӣ писаре ба дунё меояд, ки вақте калон шуд, кохи туро сарнагун хоҳад кард. Фиръавн дастур дод ҳар зани ҳомилае, ки писар оварад, навзодашро бикушед.

Модари Мӯсо ҳамин ки Мӯсоро ба дунё овард, аз тарси маъмурони Фиръавн ба ваҳшат афтод. Худованд ба модари Мӯсо илҳом кард, ки навзоди худро шир бидиҳад ва дар сандуқчае бигзорад то маълум шавад, ки сарнавишти ин навзод чӣ мешавад?[2]

Ин гуна ҳаракатҳо ба зоҳир табиӣ, вале дар воқеъ ҳадафдор ва барои расидан ба ҳадафҳои бузурге мисли амри маъруф ва мубориза бо мункар аст.

**Шеваи иҷтимоӣ**

**Ваҳдат шарти тавфиқ дар амр ба маъруф аст**

Алломаи шаҳид Мутаҳҳарӣ дар ояти 101-и сураи Оли

---

[1] Сураи Каҳф-19.

[2] Сураи Қасас-7.

Имрон, ки дар бораи амри ба маъруф аст, ба нуктае таваҷҷӯҳ фармудаанд, ки дигарон аз он ғофил мондаанд. Он нукта ин аст, ки ояти амр ба маъруф дар миёни ду оят қарор гирифтааст, ки ҳар ду марбут ба иттиҳод ва ваҳдати муслимин аст. Гӯё мефармояд: Рамзи муваффақият ва нуфузи калом дар ваҳдати калима аст, яъне агар шумо пароканда бошед, амр ба маъруфи шумо таъсир нахоҳад дошт. Ба чанд намуна ишора мекунем:

Таоруз байни рафтори волидайн бо супоришоти мактаб, таоруз байни супориш ба сарфаҷуӣ аз як сӯ ва рехту поши афрод ё муассисаҳо ва созмонҳои давлатӣ аз сӯи дигар, таоруз байни рафтори падар бо модар, таоруз байни дастури пӯшидани фалон либос ва набуди он дар бозор аз яксӯ ва супориш ба ҳиҷоб ва ҷӯроби комил аз сӯи дигар, истеҳсол намудани ҷӯробҳои нозук ва баданнамо аз як сӯ ва супориш ба напӯшидани чунин ҷӯробҳо аз сӯи дигар, таблиғ алайҳи сигор аз як сӯ ва ворид кардани муҷаҳҳазтарин дастгоҳҳои сигорсозӣ аз сӯи дигар; агар бихоҳем мардумро ба ҳақ даъват кунем, бояд ин таорузотро ба ҳади ақал бирасонем.

Ҷомеа бояд аз як ваҳдати нисбатан хубе бархӯрдор бошад, зеро тафриқа худ бузургтарин мункар ва азоби илоҳӣ аст. Дар Қуръон, се навъ азоб баён шудааст:

1-Азоб аз осмон ва боло;

2-Азоби заминӣ;

3-Азоби тафриқа ва парокандагии байни инсонҳо.

Имрӯз, бузургтарин мункарот истикбори ҷаҳонӣ - кишварҳои зӯргӯ ва мустакбир аст. Оё мусулмонон бо он ҳама тафриқа метавонанд дӯши худро аз бори таслими истикбор холӣ кунанд?

Оё ангуштони даст бидуни ҷамъ шудан ва ба сурати

мушт даромадан, метавонанд путке ба мағзи мухолиф бошанд.

Оё қатраҳои борон бидуни ҷамъ шудан дар обанбор, метавонанд барқ тавлид кунанд?

Оё ҳамаи мусибатҳое, ки мо дорем, ба хотири тафриқа нест?

Оё далели ҳаром шумурдани гумони бад, таҷассусу ғайбат ва иҳонату таҳқир ва қатъи раҳму инзивоталабӣ, он нест, ки ин қабил корҳо алоқаҳои миёни афродро қатъ мекунад ва боиси ҷудоӣ миёни афрод мешавад?

Оё рамзу рози супоришҳое, ки Ислом барои салом кардан, ҳадя додан, савғотӣ бурдан, диду боздид кардан, ба аёдати бемор рафтан, дар намози ҷанозаи мӯъмин ширкат кардан, қарз додан, айбпушӣ кардан, ба ҳар навъе инфоқу кӯмак намудан, ширкат дар намози ҷумъа ва ҷамоату ид, афв, чашмпӯшӣ аз айбу хатои дигарон, ороишу покизагӣ, даст додан ба ҳамдигар, бархӯрдҳои некӯ ва интихоби калимот, меҳмонӣ додан, пазируфтани даъвати дигарон, қабули узрхоҳӣ аз хилофкор, дидори дӯст, дифоъ аз мазлумон, пардохтани саҳме аз закот ба афроди заиф ва садҳо дастури дигар барои мустаҳкам намудани решаҳои маваддат ва муҳаббат нест?

Ба ҳар ҳол, мо дар анҷоми ҳар кори хайр ва пешгирӣ аз ҳар кори шар ниёз ба ваҳдат ва иттиҳод дорем. Бо ваҳдати афроди як маҳалла метавон пеши роҳи афроди фосидро дар маҳалла гирифт. Бо иттиҳоди калима метавон дар муқобили ҳамаи абарқудратҳо истод. Ягона ресмоне, ки метавонад ҳамаи инсонҳоро даври ҳамдигар ҷамъ кунад, имон ба Худо ва пазируфтани раҳбарон ва қавонини Илоҳӣ аст, зеро инсон барои дигарон бояд аз бисёре аз манфиатҳои шахсии худаш бигзарад. Инсон замоне

метавонад аз манфиатҳои шахсии худ барои муддати тулонӣ бигзарад, ки қудрати мофавқе ба ӯ дастур диҳад ва чашм ба ҷуброн дошта бошад. Худованд ва раҳбарон ва қавонини ӯ аз қадосате бархурдоранд, ки арзиши онро дорад, ки афрод, даст аз хостаҳои шахсии худ бардорад. Ба илова, ин танҳо Худованд аст, ки бо ёддоштҳои абадии худ, ин пешгирӣ аз тамоюлотро дар дунё ё охират ҷуброн мекунад, вале ваҳдати шиорӣ, нажодӣ, миллӣ, қавмӣ ва минтақавӣ дар умқи ақоиди инсон реша надорад, бинобар ин инсон бо як силсила ҳарорат ва таблиғоти кунд, даст аз он мебардорад.

**Пешниҳоди кори саҳеҳ**

Хилофкоре, ки бидуни ғараз ба роҳи каҷ меравад, бояд ба таври ғайри мустақим роҳи саҳеҳро ба ӯ нишон дод.

**Хотира**

Пирамарде машғули таҳорат кардан буд, вале онро саҳеҳ анҷом намедод. Имом Ҳасан (р) ва Имом Ҳусейн (р), ки дар он замон кӯдак буданд, таҳорати нодурусти нодурусти пирамардро диданд. Барои роҳнамоии ин пир, ӯро ба доварӣ хонданд ва гуфтанд: Эй падар! Мо ҳар кадом таҳорат мекунем ва шумо довар шавед, ки таҳорати кадоме аз мо дурусттар ва беҳтар аст.

Пирамард ки таҳорати ҳарду тифли маъсумро дид, фармуд: Таҳорати ҳардуи шумо саҳеҳ аст, таҳорати ман нодуруст буд.

Ин намоиши он ду кӯдак, як омӯзиши ҳунармандона ва ғайри мустақим ҳамроҳ бо ҳифзи обруи пирамард ва беҳтарин шеваи амр ба маъруф аст.

**Таваҷҷӯҳ ба замон**

Гоҳе амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар замоне беасар, вале дар замони дигар муассир аст. Бинобар ин бояд дар замони муносиб кори худро анҷом дод.

Дар ривоёт мехонем: Ҳангоми мусофират, ҳамсари худро ба тақво супориш кунед, зеро дар остонаи ҷудоӣ, алоқаҳо авҷ мегирад ва заминаи пазириши суханҳои пандомез зиёд мешавад.

Дар ҳадиси дигар мехонем: Дар замоне, ки ғазабнок ҳастед, касеро адаб накунед, заро дар маърази ифрот ҳастед.[1]

Шояд яке аз далоиле, ки дар маросимҳои азодорӣ Қуръон тиловат мешавад, илова бар ин ки ҳадя кардани савоби тиловати Қуръон ба руҳи майит як арзиш аст, ин аст, ки ширкаткунандагони ҷаласаи хатм, барои шунидани мавъиза омодагии рӯҳии хубе дошта бошанд.

Дар сураи Қалам, достони чанд бародарро мехонем, ки ворисн боғи падар шуданд ва бар хилофи шеваи падар, ки ба фуқаро расидагӣ мекард, тасмим гирифтанд, ки аз маҳсулоти боғ чизе ба фуқаро надиҳанд, дар ин миён, яке аз панҷ бародар мухолифи тасмими дигар бародарон буд, вале сухани ин як нафар дар миёни ин чаҳор бародар, нақше надошт. Онҳо аввали шаб хобиданд то саҳаргоҳ ба боғ раванд ва дур аз чашми фуқаро ва пеш аз рӯшан шудани рӯз, ки маҳрумон огоҳ мешаванд тамоми меваро аз боғ ба ҷои дигар бибаранд. Ҳамин ки вориди боғ шуданд, диданд, ки қаҳри Худованд аз тариқи раъду барқ боғро сӯзондааст ва ба сурати биёбони беобу алафе даровардааст. Бародаре, ки равиши падарро меписандид, гуфт: Оё ман

---

[1] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.76 саҳ. 102.

дирӯз тазаккур надодам, ки маҳрум кардани фуқаро боиси маҳрум мондани худатон мешавад?!

Дар ин достон, нукоти ҷолибе вуҷуд дорад: яке он ки тасмим ва нияти гуноҳ гарчӣ кайфари ухравӣ надорад, вале таъсири дунявӣ дорад.

Дигар он ки: Агар дар замоне наҳй аз мункари шумо асар надошт, худро барои замони дигар омода кунед, вале даст аз наҳй аз мункар ва амр ба маъруф набардоред.

Замоне, ки муаллим ба шогирд баҳои хуб медиҳад, агар ӯро амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунад, асари бештар дорад. Замоне, ки инсон ҳадяе барои касе мефиристад маҳбубияти бештаре дар дили ӯ дорад, суханаш муассиртар аст. Қуръон ва ривоёт руи замон иноят доранд, барои мисол, нисбат ба истиғфор дар саҳарӣ мукаррар супориш шудааст.[1]

Барои дуо кардан баъд аз намози воҷиб, баъд аз хутбаҳои намози ҷумъа, шаби ҷумъа, ғуруби ҷумъа, моҳи рамазон, дар саҳрои Арафот ва ҳангоми нузули борон, ривоёти махсусе омадааст.[2]

Ҳазрати Юсуф (алайҳис-салом) дар зиндон фаҳмиданд, ки дигар зиндониҳо мушрик ҳастанд. Ибтидо ба онҳо чизе нагуфт, аммо баъзе аз онҳо хобе диданд, ниёз ба тафсир ва таъбир дошт ва аз рафтори Юсуф ҳам осори бузургвориро дида буданд, назди ӯ омаданд то хобашонро таъбир кунад. Юсуф он замонро барои наҳй аз мункар муносиб дид ва пурсид: Оё чанд арбоб ва чанд Худо доштан беҳтар аст ё имон ба Худои яктои қаҳҳор![3]

---

[1] Сураи Зориёт-18.

[2] «Биҳор-ул-анвор» 85 с 321.

[3] Сураи Юсуф-39.

Юсуф бо ин савол, онҳоро аз ширк, ки бузургтарин мункар аст, наҳй фармуд. Юсуф барои даъват ба тақво таври дигар амал кард. Ҳангоме ки баъд аз солҳо бародарони Юсуф ӯро шинохтанд ва аз ӯ пурсиданд: Оё ту Юсуф ҳастӣ? Гуфт: Бале! Ман Юсуф ҳастам ва ин бародарам аст, ки Худованд бар мо миннат гузошт ва баъд аз чанд сол ва он ҳама ҳаводис ва паймудани мароҳил аз бардагӣ то ҳукумат, ҳамаи моро якҷо ҷамъ кард.

Дар ин ҷо, фалсафаи ин иззат чунин баён шуда аст: Ҳар кас тақво ва сабру ҳавсала дошта бошад, Худованд подоши некӯкоронро зоеъ намекунад.[1]

Вақте Фираъвн барои мубориза бо Ҳазрати Мӯсо (алайҳис-салом) тамоми соҳирони ботаҷрибаро аз саросари кишвар гирд овард ва ба онҳо ваъдаи подош ва мақом дод, қарор шуд рӯзеро барои ба намоиш гузоштани сеҳри худ бо муъҷизаи Мӯсо таъин кунанд. Ҳазрати Мӯсо фармуд: беҳтар аст, ваъдаи мо рӯзи ид бошад то ҳамаи мардум ҳозир бошанд.[2] Дар зимн, маҳалли намоиш бояд муносиб бошад, яъне ҳам бузург ва васеъ бошад ва ҳам масофати он барои умуми мардум ба он маҳал, яксон ва маҳҳали марказӣ бошад.[3]

Дар интихоби рӯзи ид нукоте аст, аз ҷумла:

1-Иди зоҳирии мардумро, ки бо тағйири либосу кафш ва кулоҳ дилшоданд, ба иди маънавӣ табдил кунад, балки бо тағйири фикру ақида шод бошанд.

2-Замон чошти рӯзи ид, интихоб шуд то ҳузури мардум беҳтар ва фароғати зеҳнии онҳо бештар бошад, зеро ҳарчӣ

---

[1] Сураи Юсуф-90.

[2] Сураи Тоҳо-59.

[3] Сураи Тоҳо-58.

афроди бештаре муъҷизаро мушоҳида мекарданд, тавфиқи Мӯсо бештар мешуд.

**Ғайриҳузурӣ ва аз роҳи навиштан**

Қалам яке аз неъматҳои илоҳӣ аст, ки Худованд ба он сатрҳо ва навиштаҳое, ки тавассути он падид меояд, савганд ёд намудааст. Дар миёни ҳамаи садоҳо, се навъ садоро Худованд дӯст медорад:

1-Садои қалами донишмандон.

2-Садои пои сарбозон.

3-Садои чархи занони хонадор, ки машғули ресандагӣ ва бофандагӣ ҳастанд.

Оре! Уммати худопараст бояд дар абъоди илмӣ, размӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодӣ дар ҳоли рушд бошад. Қалам таърихи гузаштаро ба оянда гиреҳ мезанад. Шояд битавон гуфт: баъд аз неъмати ҳидоят ва ақл, ҳеҷ неъмате боарзиштар аз қалам нест. Қалам ҳукуматҳоро тағйир медиҳад, фикрҳоро дигаргун мекунад, фитнаҳоро эҷод мекунад ё хомӯш мекунад.

Имом Содиқ (р) қалами худро пушти гӯши муборакашон мегузоштанд. Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба подшоҳони замони худ, номаҳое барои даъват ба Ислом навиштанд.

Бахше аз Наҳҷулбалоға номаҳое аст, ки ҳазрати Алӣ (к) навиштаанд ва ҳар як имомони маъсум ва пешвоёни дин низ ба муносибате номаҳое менавиштанд.

Номаи таърихии Имом Хумайнӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ба бузургтарин раҳбарони коммунист ва даъвати эшон ба мутолиа дар бораи Мактаби Ислом, аз масоили фаромӯшнашуданӣ аст. Ба ҳар ҳол, ҳамон гуна ки нақши

қалам дар дунёи илм, таърих ва интиқоли таҷриба ва тахассусу ихтироот бар касе пӯшида нест, нақши он дар даъват ба хайр ва амр ба маъруф ё наҳй аз мункар низ набояд мавриди ғафлат қарор гирад.

Аз тариқи плакатҳои сари хиёбон, шиорҳои созанда, деворнависиҳои зебо, аксҳои таблиғотӣ, нишонаю аломатҳо, шаклҳо ва тарроҳиҳо метавон масири ҷомеаро ба сӯи ҳақ қарор дод. Баръакс агар рӯи маҳсулоти корхонаҳо аксҳое аз ҳайвоноти ваҳшӣ ва тарҳҳои номафҳум пур шуда бошад, масири ҷомеа ба пучӣ ва бемуҳтавоӣ хоҳад рафт. Дар ин ҷо, рисолати нависандагон, рӯзномаҳо ва маҷаллот бар касе пӯшида нест. Онҳо ҳастанд, ки бо интихоби калимот ва доман задан ба масоил ва ё ҳазфи онҳо метавонанд афкор ва ҳаракати мардумро тағйир диҳанд. Агар дар фиқҳи Ислом мутолиаи китобҳои гумроҳкунанда ҳаром аст, ба хотири ҳамон нақши қалам дар гумроҳии мардум аст.

Агар дар ҳадис қалами уламо ҳамвазн ё бартар аз хуни шуҳадо баён шудааст, ба хотири доро будани нақши созандаи он аст.

**Сукут**

Дар мавориде, бояд бо нигоҳ ва сукути маънодоре наҳй аз мункар кард, зеро ҳазрати Алӣ (к) мефармояд: Чӣ басо сукуте, ки расотар аз сухан бошад.[1]

Шахсе барои талаби пули худ назди қарздор мерафт ва ба ӯ мегуфт: қарзи худро бипардоз!

Қарздор ҳар рӯз баҳонае меовард. Саранҷом соҳиби пул асабонӣ шуд ва моҷароро ба Имом Алӣ (к) гуфт. Имом

---

[1] «Феҳрасти ғурар» саҳ. 162.

фармуд: Роҳи расидан ба пулат он аст, ки назди ӯ биравӣ ва муддати тулонӣ биншинӣ, вале ҳарфназанӣ. Ин сукут, аз тақозои ту, муассиртар хоҳад буд.[1]

Дар масоили тарбияти низ сукут ё нигоҳи маънодори падару модар ва устод нақши муҳимме дорад.

**Ахм кардан**

Гоҳе дар баробари мункарот бояд чеҳра дарҳам кашид ва ахм[2] кард. Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дастур доданд: Гунаҳкоронро бо чеҳраи гирифта мулоқот кунед![3]

Дар ҳадис мехонем:

Фариштагоне, ки маъмури азоби минтақае буданд, обидеро дар ҳоли гиряву зорӣ диданд. Ба Худованд гуфтанд: Бо ин ҳама нола ва гиря ба даргоҳи ту, ӯро ҳам азоб кунем?

Хитоб омад, ки: Ҳамаро азоб кунед! Зеро дар миёни ин мардум ҳатто як нафар нест, ки барои ризои ман дар баробари гуноҳон, чеҳрааш тағйир кунад.[4]

Рӯзе Исҳоқ ибни Аммор хидмати Имом Содиқ (р) расид. Ҳазрат, ки ӯро диданд, ахм карданд. Аз Имом суол шуд: Чаро ба ӯ ахм кардед? Фармуд: ӯ барои мурочиаткунандагон дарбон гузошта буд то фуқаро ва пайравони мо натавонанд ба роҳатӣ ба ӯ дастрасӣ пайдо кунанд.[5]

---

[1] «Васоил» 13 саҳ. 100.

[2] Ахм кардан - чеҳраи гирифта нишон додан, қавоқ гирифтан.

[3] «Васоил» 11 с413.

[4] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.97 саҳ. 75,77.

[5] «Усули кофӣ» ҷ.3, Боб-ул-мусофаҳа, Ҳадиси 14.

**Тарк кардан**

Мунофиқон дар Мадина масҷиде дар баробари масҷиди Паёмбар (а) сохтанд ва аз он ҳазрат барои кушодани масҷид даъват карданд. Оят нозил шуд: *Дар он масҷид, намоз иқома накун!*[1]

Албатта, баъд аз онки мардумро аз марокизи фасод (гарчӣ ба номҳои муқаддас номгузорӣ шавад) боз доштем, бояд онҳоро ба марокизи солим роҳнамоӣ кунем, ҳамон гуна ки Қуръон дар канори ҳаром эълон кардани масҷиди «Зирор»-и мунофиқон, мардумро ба намоз хондан дар масҷиди Қубо, ки мусулмонони воқеӣ сохта буданд, супориш намудааст.[2]

**Рӯйгардонӣ**

Гоҳе наҳй аз мункар аз тариқи рӯйгардонӣ аст. Қуръон мефармояд: Ҳар гоҳ касонеро дидӣ, ки дар оятҳои мо ба ёвасаройӣ нишастаанд, пас ба унвони эътироз, онҳоро тарк кун, ё масири сӯҳбатро тағйир деҳ! Агар шайтон туро ба фаромӯшӣ андохт, ҳамин ки ба ёдат расид он маҷлисро тарк кун ва бо ситамгарон манишин.[3]

Оре! Беэътиноӣ ва қаҳр гоҳе метавонад таъсиргузор бошад. Худованд борҳо ба Паёмбар (с) мефармояд: Аз фалон гурӯҳ рӯй баргардон.[4] Онҳоро тарк кун.[5]

Имом Содиқ (р) дар бораи афроде, ки бо мухолифон менишинанд ва ёваҳои онҳоро гӯш медиҳанд, фармудааст:

---

[1] Сураи Тавба-18.

[2] Сураи Тавба-108.

[3] Сураи Анъом-68.

[4] Сураи Нисо-63, Аъроф-199.

[5] Сураи Анъом-91.

Ҳатман онҳоро муохиза хоҳад кард.[1]

Дар тарбияти фарзанд низ, дар баъзе мароҳил қаҳр ва рӯйгардонии муваққатии волидайн лозим аст, вале онҳоро задан наҳй шудааст.[2]

Қуръон дар бораи зане, ки нисбат ба мард тамкин[3] надорад, мефармояд: ӯро мавъиза кунед ва агар асар накард, бо ҷудохобӣ ӯро танбеҳ кунед.

Аз ҳар хилофкоре, ки наҳй аз мункарро напазируфт, бояд дурӣ кард.[4]

Дар ҳадис мехонем: Сазовор нест, ки мӯъмин дар маҷлиси гуноҳе, ки наметавонад онро тағйир диҳад, биншинад.[5]

Дар Қуръон мехонем: Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) маъмур шуд, ки дар баробари пешниҳоди куффор (мабнӣ бар сукути ҳазрат нисбат ба куфри онҳо ва дар эҳтироми онҳо ба мусулмонон) бо сароҳат бигӯяд: ***(****Ҳоло ки чунин аст****)****, дини шумо барои шумо ва дини ман барои ман.***

Дар ин мавзӯъ оёти зиёде аст, ки мо ба ин миқдор иктифо мекунем.

**Рӯйгардонии дӯстона**

Рӯйгардонӣ гоҳе нисбат ба гуноҳ ва гунаҳкор аст, вале гоҳе рӯйгардониҳо бар асоси гуноҳ нест, балки дӯстона аст, монанди ду нафар, ки ҳар ду дар кори маъруф хидмат мекунанд, вале аз назари равиши кор бо ҳам ихтилоф доранд, ба наҳве, ки идомаи кор барои ҳар ду ранҷовар аст. Дар ин ҷо низ ҷудо шудан монеъ надорад. Барои мисол,

---

[1] «Васоил» 11 саҳ. 414.

[2] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.101 саҳ. 99.

[3] Бо марди худ тамкин надорад – ҳамхобагӣ надорад.

[4] «Биҳор-ул-анвор», ҷ.100 саҳ.86.

[5] «Васоил», ҷ.11, саҳ. 503.

ҳатман лозим нест, ки зан ё шавҳар хилофкор бошанд то талоқ бигиранд, балки гоҳе ба далоили дигар кор ба талоқ кашида мешавад ва агар талоқ сурат нагирад, зану шавҳар то охири умр дар оташи якдигар месӯзанд. Ҳазрати Мӯсо ва Хизр, ду паёмбари маъсум ба хотири ду уфуқи фикрӣ ва ду шева ва ду навъ маъмурият корашон ба ҷое расид, ки аз якдигар бо ҷумлаи «Ин ҷудоии байни ман ва байни ту» ҷудо шуданд.

Гоҳе инсон завқи шеър ё фиқҳ ё таърих ё таҳсил ё кор надорад ва агар роҳи худро иваз накунад ва бар хилофи гароишҳои дарунии худ ҳаракат кунад, илова ба як ранҷи доим ба хотири таҳсил дар он риштае, ки алоқа надорад, муваффақ низ намешавад.

Бинобар ин дар интихоби ҳамсар, ҳамсафар, шарик, шогирд, навъи кор ва минтақае, ки мехоҳад дар он сукунат кунад ва ҳар кори дигар, асли аввал барои мо бояд ризояти Худованд ва асли дуввум истеъдод ва гароишҳои дарунӣ бошад. Оре! Ронанда вақте дид яке аз чархҳои мошин ҳамоҳанг бо чархҳои дигар нест, барои наҷоти ҷони мусофирон бояд онро иваз кунад. Ин канор гузоштан ба маънои айбу нуқсон нест, балки ба хотири ҳамоҳангӣ ва суръатбахшӣ ба ҳадафе аст, ки барои худ дар назар гирифтаем.

**Танбеҳ**

Дар ривоёт ва таърихи зиндагии Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ва имомон мехонем, ки гоҳе ин азизон барои наҳй аз мункар даст ба танбеҳи гунаҳгор мезаданд. Дар ин ҷо ба намунае ишора мекунем:

Дар замони Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам), шахсе ба номи Самара дар боғи яке аз ҳамсоягони

худ дарахте дошт. ӯ бо баҳонаи нигоҳубини дарахти худ, вориди боғ мешуд. Як рӯз соҳиби боғ ба ӯ гуфт: Ту танҳо як дарахт дорӣ, аммо ҳамаи боғ моли ман аст ва зану фарзандони ман дар он ҷо зиндагӣ мекунанд. Ту ҳангоми вуруд бесару садо ворид нашав, балки пеш аз даромаданат ба мо хабар бидеҳ!

Аммо ӯ гӯш накард. Соҳиби боғ шикояти ӯро назди Паёбари Акрам бурд. Ҳазрат ӯро ҳозир кард ва фармуд: Дарахти худро ба ӯ фурӯш! Мард гуфт: намефурушам. Паёмбар фармуд: Аз ин дарахт сарфи назар кун то дар ҷои дигар ба ту мисли ҳамон дарахте диҳам.

Аммо мард боз ҳам напазируфт. Ҳазрат ба соҳиби боғ дастур дод: Ин мард як фосиқи озоррасон аст. Дарахтро аз реша баркан ва дар кӯча биандоз! Зеро дар Ислом, касе ҳақ надорад ин гуна зараррасон бошад.[1]

Дар ин моҷаро, Паёмбар барои наҳй аз мункар, фардро танбеҳ кард.

**Намунаҳое аз иқдомоти инқилобӣ**

1-Ҳазрати Алӣ (к) ҳангоми тавоф дид, ки марде нигоҳи нораво ба зане дӯхтааст. Ибдидо ӯро наҳй фармуд, аммо он мард эътиное накард. Имом зарбаи маҳкаме ба рӯи он ҷавони нохалаф зад. Ҷавон назди халифа Умар (р) шикоят кард. Ӯ гуфт: Чашми Худо туро дида ва дасти Худо туро задааст.

2-Мардум машғули таҳорат кардан буданд. Шахси зӯргӯе ворид шуд ва дигаронро тела медод то зудтар таҳорат кунад. Ҳазрати Алиро низ бидуни он ки мақоми ӯро

[1] «Васоил» ҷ. 11, саҳ. 342.

бишносад, чунон тела дод, ки низдик буд Имом ба замин афтад. Вақте Имом таҳорати худро тамом кард ва аз маҳҳали таҳорат хориҷ шуд. Се зарба шаллоқ ба он шахс зад.

3-Зӯргӯе мазлумеро зад ва ҳамин ки шикояташро назди Ҳазрати Алӣ (к) бурданд, Имом дастури задани он зӯргӯро содир кард. Шахси зарбахӯрда гуфт: Ман ӯро бахшидам. Вале Имом бо дасти худ ҷавони зӯргӯро зарбате зад. Ҷавони зӯргӯ пурсид: Шахси зарбахӯрда маро бахшид, шумо чаро задед? Ҳазрат фармуданд: Ман ҳаққи вилоят ва сарпарастии ҷомеаро дорам ва туро танбеҳ кардам барои ин ки дар байни ҷомеа инсонҳое монанди ту пайдо нашаванд.

4-Хурмофурӯше дар сари роҳи мардум соябоне зада буд. Чанд бор ба ӯ тазаккур доданд, ки роҳро бар мардум танг кардаӣ, вале ӯ гӯш намекард. Ҳазрати Алӣ (к) дастур дод, ки соябони ӯро оташ зананд.

**Таҳрими иқтисодӣ ва муҳосираи иҷтимоӣ**

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба Ибни Масъуд мефармояд: Эй фарзанди Масъуд! Ту нисбат ба гунаҳкорон ин нукотро дар назар бигир:

1-Бо онҳо ҳамнишинии ошкор надошта бош![1] Зеро ҳамнишинии пинҳонӣ бо онҳо сабаби ҷуръат бар гуноҳ намешавад, вале омаду рафти ошкори ту ба назди онҳо мӯҳри тасдиқе бар кори гунаҳкорон мешавад.

2-Дар бозор бо гунаҳкорон муомила накун![2]

3-Аз расондани хидмат ба гунаҳкорон худдорӣ кун![1]

---

[1] «Мустадраки васоил», чопи ҷадид, ҷ. 12, саҳ. 313.

[2] «Мустадраки васоил», чопи ҷадид, ҷ. 12, саҳ. 313.

Оре! Бо ҳамин шеваҳо чӣ корҳое, ки наметавон анҷом дод. Агар дар гузиниш, афроди бепарворо аз истихдом мамнӯъ кунем ва агар дар пазириш, шарте қарор диҳем, ҳамаи маъруфҳо анҷом мешавад.

**Азият**

Дар наҳй аз мункар, агар мавъиза ва тазаккур ва тарк кардан асар накард, метавон аз тариқи озор додан ворид шуд. Имом Содиқ (р) ба баъзе аз ёрони худ фармуд: Шумо, ки гунаҳкорро мебинед, чаро корашро маҳкум намекунед? Чаро ӯро аз худ намеронед? Чаро ӯро озор намедиҳед? То даст аз кораш бардорад. Бар ман лозим аст, ки ба хотири ин бетавофутӣ шуморо муохиза кунам.[2]

Ҳазрати Алӣ (к) ба яке аз волиёнаш мефармояд: Касе, ки ризқи мардумро ҷаллобӣ намудааст, ҳозир кун ва ба ӯ ҳушдор бидеҳ! Агар напазируфт, бо хушунат рафтор кун.[3] (Албатта баъзе аз маворид озору азият намудани гунаҳкор бояд зери назари ҳокими шаръӣ бошад).

Муроди мо аз азият танҳо ҷанбаи ҷисмӣ надорад. Гоҳе рӯйгардонӣ аз гунаҳкор ва беэътиноиҳои кӯбандаро низ шомил мешавад. Барои мисол, Алӣ ибни Яқтин, шахси мӯъмине аз пайравони Аҳли Байт (а) буд, ба дастури Имом Козим (р) дар дарбори Бани Аббос нуфуз карда ба мақоми вазорат расида буд. ӯ барои сафари ҳаҷ ба Мадина омад ва аз Имом Козим (р) иҷозати мулоқот хост, вале Имом ба ӯ иҷозат надод. ӯ бисёр нороҳат шуд, ки ман намояндаи худи Имом ва аз авомили нуфузи Ҳазрат дар дастгоҳи

---

[1] «Мустадраки васоил», чопи ҷадид, ҷ. 12, саҳ. 313.

[2] «Васоил»11, саҳ.415.

[3] «Наҳҷулбалоға», номаи 53, 100.

золимонаи Бани Аббос ҳастам, мақому вазорат дорам. Чаро Имом ба ман иҷозати мулоқот намедиҳад?!

Имом Козим (р) ба ӯ хабар дод: Шахсе ба номи Иброҳими шутурбон, ки чӯпони фақире буд, ба маҳалли кори ту муроҷиат кард ва ту ба хотири онки чӯпон буд, иҷозати даромадан ба ӯ надодӣ. Ин кори ту хилоф буд. Ман низ ба ту роҳ намедиҳам. Ҳаҷҷи ту низ пазирифта нахоҳад шуд.

Вазир аз кори худ пушаймон шуд. Ӯ ба Кӯфа баргашт ва ба суроғи чӯпон рафт. Вақте ӯро дид, рӯи худро ба хок гузошт ва аз чӯпон хост, ки бо лагад ба рӯяш занад то ӯ розӣ шавад... Вақте чӯпонро розӣ кард ба Мадина баргашт. Имом Козим (р) ҳам ба ӯ роҳ дод. Ин шеваҳо низ дар зиндагии имомон будааст.

**Бархӯрди инқилобӣ**

Бо нигоҳи иҷмолӣ ба оёт шояд битавон фаҳмид, ки ибтидо роҳи иршод ва таълим ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ахлоқи некӯ ва сиаи садр ва нармию муҳаббат ва имсоли онҳост, вале дар шароите, ки нармӣ беасар аст, бояд бо бархӯрди инқилобӣ пеши роҳи фасодро гирифт. Мо дар ин ҷо чанд намуна баён мекунем:

1-Ҳазрати Алӣ (к) афродеро, ки мормоҳӣ мефурӯхтанд, бо шаллоқ аз ин кор наҳй фармуд.[1]

2-Ҳазрати Алӣ (к) қиссагӯеро, ки дар масҷид мардумро машғул карда буд, бо шаллоқ берун кард.[2]

3-Шахсе мехост гушти хук хӯрад. Ҳазрат фармуд: Агар мехӯрдӣ, ҳаддро бар ту ҷорӣ мекардам: Вале акнун, ки нахӯрдаӣ, ба хотири қасде, ки бар хӯрдани гӯшти хук

---

[1] «Васоил» 16,саҳ.332.

[2] «Васоил» 18, саҳ. 58.

доштӣ, туро як шаллоқ мезанам.[1]

Шикастани бут ба дасти мубораки Ҳазрати Иброҳим ва сӯзондани гӯсолаи тиллоии Сомирӣ ба дасти мубораки Ҳазрати Мӯсо ва шикастани бутҳои Макка ба дасти мубораки Ҳазрати Алиро низ метавон аз ин намунаҳо донист.

**Нигоҳе ба чанд масъала**

Имом Хумайнӣ мефармояд: Агар бартараф кардани хилофҳо ва ё барқарории маъруфҳо дар замоне муассир аст, ки инсон шиддати амал аз худ нишон диҳад, пас воҷиб аст, ки инсон бархӯрди тунд дошта бошад. Ва ҳар куҷо ахм кардан ва ё гуфтан корсоз нест, бояд бо қудрат амал кард.[2]

Агар пешгирӣ аз мункар ниёз ба тасарруф дар мол ё ҷони хилофкор дорад, бояд тасарруф кард, барои мисол, кордро бояд аз дасти кордкаш бо зӯр гирифт. Ё зарфи шаробро бояд бо қудрат аз шаробхӯр гирифт. Ҳатто гоҳе лозим аст, ки инсон барои пешгирӣ аз баъзе мункароти муҳим, вориди иқоматгоҳи мардум шавад ва дар амволи ӯ тасарруф кунад (аз қатъи барқу об ва телефон гирифта то корҳои дигар). Агар пешгирӣ аз хилофҳои муҳим ниёз ба шикастани чизе ва ё зарар задан ба моли хилофкор дорад, метавон чунин кард ва замонат ҳам ниёз надорад, вале агар хилофкор латмае ба омирин ба маъруф зад, зомин аст. Ногуфта пайдост, ки ин қабил ҳаракот танҳо дар хилофҳои муҳиме аст, ки бо гуфтугӯ ва мавъиза қобили ҳал нест ва амри маъруфкунанда набояд беш аз ҳад тунд равад. Барои мисол, агар лозим шуд, ки корди хилофкорро бишкананд,

---

[1] «Васоил» 18, саҳ. 578.

[2] «Тавзеҳ-ул-масоил», масъалаи 2818.

зарфҳои хонаро набояд бишкананд, балки ба ҳамон шикастани корд иктифо кунанд. Амркунанда ҳарчи беш аз миқдори лозим латма ворид кунад, зомин хоҳад буд. Дар мавориде, ки танҳо аз тариқи ҳабс метавон монеи гуноҳ шуд, ҳабс ё пешгирӣ аз хориҷ шудани фард аз хонааш лозим аст. Агар ҷуз бо задан даст аз хилофаш намебардорад, бо иҷозаи фақеҳ метавон ӯро зад. Ва қавонини ҳудуд, қисос ва дия дар фиқҳи исломӣ нақши муассире дар пешгирӣ аз ҷурмҳо дорад.

**Шеваи танбеҳи муҷрим аз тариқи ташвиқи некӯкор**

Ҳазрати Алӣ (к) мефармоянд: Ҳамин ки некӯкорро подош додӣ, бадкор танбеҳ ва аз кирдори худ пушаймон мешавад.

Дар ташвиқи некӯкор ду асар нуҳуфтааст, яке ин ки некӯкор нисбат ба кори худ ҷиддӣ ва дилгарм мешавад, дигар ин ки бадкор ба фикри ислоҳи худ меафтад.

Ташвиқи як донишманд, ихтироъкор, ҳунарманд, шоир, исоргар, разманда ва нависанда ҳам метавонад масири афкори умумиро ба сӯи ҳақ равона кунад ва ҳам барои маҳрумон ҳушдори хубе бошад. Албатта лозим нест, ки ташвиқ ҳамеша ҷанбаи моддӣ дошта бошад. Бӯсидани дасти коргар ва таҷлил аз бузургон, соддатарин роҳи ташвиқ аст. Вақте дар масҷид афроди бофазилат дар сафи аввал қарор гиранд, ин худ як ташвиқи амалӣ аст. Ривоёте, ки мефармояд: Нигоҳ ба олим ва ё будан дар хонаи олим савоб дорад, ташвиқи амалӣ аз илму олим аст. Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар поёни ҷанги Уҳуд фармуданд: Ман ба шаҳиде, ки бештар Қуръон ҳифз кардааст, зудтар намоз мехонам.

Паёмбар майдони ҷанг парчамро аз дасти яке гирифт ба

дасти дигарӣ дод ва фармуд: Ин шахс бештар Қуръон ҳифз кардааст.

Имом Содиқ (р) дар пеши чашми мардум чунон аз Ҳишом таҷлил мекард, ки ҳамаро ба тааҷҷуб меандохт. Аз сӯи дигар дар Қуръон мехонем: Ба ҷанозаи мунофиқон намоз нахонед! Бар сари қабрашон наравед! Гувоҳии онҳоро напазиред ва ғайра.

# Боби панҷум

# Анвои маъруф ва мункар дар Қуръон

## Намунаҳое аз маъруф дар Қуръон

Чун дар Қуръон ҳамаҷо нур ва ҳидоят аст, лозим аст дар шинохти маъруф ва мункар ҳам пои сухани он биншинем ва ба ин манзур бо мурур дар Қуръон намунаҳое аз маъруфҳоро ба даст меоварем.

**1-Зинда кардани марокизи динӣ ва масоҷид**

Қуръон мефармояд: *Дар миёни касоне, ки пешниҳоди сохтмон ва биноеро ба унвони ёдбуд бар мазори ҷавонмардони худопараст тарҳ карданд, баъзе гуфтанд чаро сохтмони ёдбуд беҳадаф бошад, агар мехоҳем ёдгоре бар мазори ин горнишиноне, ки аз ситамгарон гурехта як умр дар роҳи ҳифзи ақидаи худ ба ҳиҷрат ва зиндагӣ дар гор гузарондананд бино кунем, беҳтар аст он биноро масҷид қарор диҳем.*[1] Бинобар ин бар мазори ин ҷавонмардон, ки ба Асҳоби Каҳф машҳуранд сохтмоне ба номи масҷид сохта шавад. Эй кош тарроҳони шаҳрҳо ва шаҳракҳо аз Қуръон дарс мегирифтанд[2] ва дар сохтмонҳои худ аввал ҷойгоҳи масҷидро мушахас мекарданд ва сипас хиёбонҳо ва тарроҳии худро бар меҳварияти масҷид қарор медоданд.

Фарҳанги саросарии мусулмонон бояд ҳамон масоҷиди онҳо бошад ва ҳар ороиш ва имконоте, ки дар ҷои дигар сарф мешавад бояд дар масҷид ва атрофи он масраф шавад, зеро ки дар ғайри ин сурат ҷозибаҳои ғайри масҷид бештар ва масоҷид хилваттар хоҳад шуд, ба хусус эҳёи масҷидҳое, ки ба қавли Қуръон аз рӯзи аввал бар асоси тақво бунёнаш гузошта шудааст,[3] бояд меҳварияти бештаре дошта бошад. Эҳёи масҷид тавфиқе аст, ки Худованд ба касоне медиҳад,

---

[1] Сураи Каҳф-21.

[2] Сураи Оли Имрон-96.

[3] Сураи Тавба-108.

ки аҳли имону шуҷоат ва ихлос бошанд.[1] Масҷид ба қадре арзиш дорад, ки анбиёи Худо назири Иброҳим ва Исмоил,[2] ва Закариё (алайҳимус-салом) ходими он будаанд.

Масҷид ба қадре арзиш дорад, ки модари Марям дар айёми ҳомилагӣ назр мекунад, ки навзодашро барои ходимии Байтулмуқаддас аз ҳар кори дигар озодаш кунад.[3]

Қуръон мефармояд мутаваллӣ будан дар Масҷидулҳаром мақоме аст, ки ҷуз афроди ботақво лаёқати онро надоранд.[4] Дар Қуръон ҳар коре, ки аз равнақи масҷид бикоҳад бузургтарин зулм шумурда шудааст.[5] Ин камравнақии масҷид хоҳ ба хотири ҷаласоте бошад, ё ба хотири баргузории маросими дигар, ё маҳбуб набудани имоми ҷамоат, ё номуназзам будани ӯ, ё бадахлоқ будани ходимон ва ё ноаҳл будани ҳайъати аъзоён ва мутаваллиён ва ё тарҳи масоили ғайри лозим дар масоҷид ва суханрониҳои тӯлонӣ ва ё надоштани покизагӣ ва зебоии лозим ва ё сӯистифода кардан аз ном ва нони масҷид ва ё ҳар омили дигаре, ки аз теъдоди ширкаткунандагон бикоҳад, бадтарин зулм аст.

Бо камоли таассуф масҷидҳои мо ғамкада шудааст дар ҳоле ки ақди ҳазрати Заҳроро дар масҷид гирифтанд; мо бо ҳар либос ба масҷид меравем дар ҳоле ки Қуръон мефармояд: Ба ҳар масҷиде меравед худро зинат диҳед.[6] Исломе, ки мефармояд дар миёни чанд нафар имоми ҷамоате, ки аз назари илму тақво ва собиқа яксон ҳастанд

---

[1] Сураи Тавба-18.

[2] Сураи Ҳаҷ-26.

[3] Сураи Оли Имрон-35.

[4] Сураи Анфол-34.

[5] Сураи Бақара 114.

[6] Сураи Аъроф-31.

зеботарини онҳо имоматро бипазирад.

Исломе, ки мефармояд: Дар миёни чанд муаззини хушсадотарини онҳо азон бигӯянд. Исломе, ки мегӯяд ҳангоми намоз аз беҳтарин либос ва атр истифода кунед ва занон беҳтарин васоили зинати худро ҳамроҳ дошта бошанд.

Исломе, ки масҷидро марокизи машварат ва эъзом ба ҷабҳа ва кӯмакрасонӣ ба дигарон ва додраси маҳрумон ва шиносоии неруҳои ҳизбуллоҳ қарор додааст набояд, маҳҳалли афроди бекор, ворафта, тарсу ва фақир бошад. Аз бузургтарин маъруфҳо дар замони мо эҳёи масоҷид ва бозсозии шаклӣ ва фарҳангии он аст.

Ходими масҷид бояд аз афроди маҳбуб ва саршинос ва аз мақомоти олӣ бошад. Дар ҳар маҳҳалла бояд афроди хушсадо барои азон ба масоҷид ҷазб шаванд таҳсилкардаҳои ҳар минтақа дар масҷид гоҳе як соат ба шуғли худ пардохта ба мардум хидмати бепул ироа диҳанд, беморе, ки роҳ ба ҷое надорад бо худ бигӯяд шаб ба масҷид меравам ва духтур бепул маро мебинад, қарздор худро бо қарз гирифтан аз сандуқи масҷид дилгарм кунад ва баръакс ҳар фарде, ки қасди сафар дорад ва мушкили хонавода ва ё дар набуданаш аз рафту омади фарзандаш ба мактаб нигарон аст, ё аз дуздӣ дар хонааш нигарон аст, бо худ бигӯяд мардуми масҷид нозир бар хона ва зиндагии ман ҳастанд, агар ҳар мушкиле доштам мардум бародарони ман ҳастанд; бо ин гуна барномаҳо бузургтарин маъруфҳо, ки эҳёи масҷид аст амалӣ ҳоҳад шуд. Иншоаллоҳ.

**2-Истиқлол ва дурӣ аз худбохтагӣ**

Яке аз маъруфҳо истиқлол аст. Истиқлол дар ҳамаи абъод ва раҳоӣ аз вобастагиҳост. Қуръон мефармояд: *Ҷомеаи исломӣ мисли гиёҳе аст, ки ҳар рӯз рӯ ба рушду тавсиа*

*бошад то битавонад рӯи пои худ биистад.*[1]

Фуқаҳои бузургвори мо мефармоянд мушобиҳат ва пайравӣ аз куффор ҳаром аст ва дар ривоёт аз пӯшидани либоси куффор ва амал кардан ба одоби куффор ба шиддат интиқод шудааст. Дар таърих мехонем: Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ҳамин ки фаҳмиданд, ба девори кофире такя намудаанд, каме ҳаракат намуда ва ба дарахте такя дода фармуданд: Мусулмон такя ба девори бегона намекунад.

**3-Қасди қурбат**[2]

Яке аз маъруфҳо ихлос ва ранги илоҳӣ додан ба корҳо ва интихоби беҳтарин ҳадафҳо ва ниятҳо ҳатто дар хӯроку пӯшок ва манзил ва дар ҷангу сулҳ ва интихоби риштаи таҳсилӣ ё шуғл ё дӯст ва ҳамсар аст; нияти пок ва илоҳӣ кимиёе аст, ки бо ҳар кори соддае ҳамроҳ бошад онро ба як гавҳари гаронбаҳо табдил менамояд.

**4-Ташвиқ**:

Беҳтарин фишанг барои густариши маъруф ситоиш аз аҳли маъруф ва ташвиқи онҳо аст. Қуръон мефармояд: Роҳи берун овардани мардум аз зулматҳо ва ҳидояти онҳо ба сӯи нур ҳамроҳ бо ташвиқ аст.[3]

Ва дар ҷои дигар ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дастур медиҳад, аз ҳар кас, ки закот мегирӣ, ӯро ташвиқ кун ва ба ӯ салавот бифирист, ки ин дуруд ва салавоти ту барои ӯ оромбахш аст.[4] Худованд дар Қуръон борҳо аз занон ва мардони намуна ва некӯкор ситоиш кардааст.[5]

---

[1] Сураи Фатҳ-29.

[2] Сураи Нисо-114, Бақара-272

[3] Сураи Аҳзоб.

[4] Сураи Тавба-103.

[5] Сураи Марям-41, Марям-16.

**5-Таҳсил**:

Ҷуз Ислом дар ҳеҷ дине, мазҳабе ва ҷараёни идеологие аввалин фармони он ояти муборакаи Иқра (бихон) нест. Ислом илмро шарти аввал барои раҳбарӣ ва қазоват дониста, замони таҳсилро аз гаҳвора то гӯр ва макони онро то Чин ва Сурайё донистааст. Ҳамчунин барои таҳсили илм танҳо як шарт қарор додааст ва он ин аст, ки бояд илм муфид бошад ва аз улуми бефоидаю зараровар ба шиддат интиқод кардааст.[1] Барои шеваи таҳсил ва ёддошт кардан ва нашри илм ва эҳтироми устод ва вазоифи дутарафаи устод ва шогирд садҳо супориш кардааст.

**Таваҷҷӯҳ ба масоили иҷтимоӣ**

Қуръон дар садҳо оят ба масоили ҷомеа таваҷҷӯҳи хоссе карда ва мардумро ба маъруфҳои иҷтимоӣ тавсия ва ташвиқ фармудааст, ки мо гӯшае аз онҳоро феҳраствор бо нақли оёт дар ин ҷо баён мекунем:

Адолат дар гуфтор ва амал. «*Эй паёмбар ба мардум бигӯ: парвардигорам ба адолат фармон додааст*».[2]

Ислоҳи зотулямин – ислоҳи байни ҳамдигар. «*Ислоҳи зотулбайн кунед*», - яъне хусуматҳое, ки дар байни шумост ба оштӣ табдил диҳед.[3]

Муроқиби душман будан. «*...Аз онҳо барҳазар бошед*».[4]

Ҳамроҳӣ бо хубон. «*Бо ростгӯён (ва имомони маъсум) ҳамқадам бошед*».[5]

---

[1] Сураи Бақара-102.
[2] Сураи Аъроф-29.
[3] Сураи Анфол-1.
[4] Сураи Тағобун-14.
[5] Сураи Тавба-109.

Пайравӣ аз хубон. «*Ба равишҳои ҳаққи пешиниён иқтидо кунед*».[1]

Пешқадам будан дар кори хайр. «*Дар корҳои хайр бар якдигар сабқат бигиред*».[2]

Пазируфтани тарҳи сулҳ. «*Агар душман боли худро барои сулҳ боз кард, ту низ аз он истиқбол кун*».[3]

Танбеҳи муҷримоне, ки амнияти ҷомеаро баҳам мезананд. «*Мард ё зани дуздро бо буридани даст кайфар диҳед*».[4]

Бахшиш ва гузашт аз гуноҳоне, ки нисбат ба худи инсон анҷом гирифтааст. «*Аз лағзишҳои якдигар сарфи назар кунед*».[5]

Қарз додан. «*Кист, ки ба Худо қарзулҳасанае диҳад*», - яъне аз моле, ки Худо ба ӯ бахшидааст инфоқ кунад[6].

**Ҷазби дилҳои дигарон аз роҳи кӯмакҳои молӣ**

Озод кардани асирон ва зиндониёни қарздор ва наҷоти мусофирони дарроҳмонда «*...ва барои озодии бардагон ва адои қарзи қарздорон ва дар роҳи тақвияти оини Худо ва вомондагон дар роҳ*» [7]аз тариқи пардохти саҳме аз закот.

Арҷ ниҳодан ба пешқадамон дар некиҳо, «*Пешқадамони нахустин... Худованд аз онҳо хушнуд гашт ва онҳо низ аз ӯ хушнуд гаштанд*».[8]

---

[1] Сураи Анъом-90.
[2] Сураи Моида-48.
[3] Сураи Анфол-61.
[4] Сураи Моида-38.
[5] Сураи Бақара-109.
[6] Сураи Бақара-245.
[7] Сураи Тавба-60.
[8] Сураи Тавба-10.

Робитаи дуҷонибаи байни раҳбар ва мардум бояд салом ва салавоти чуқур ва доимӣ бошад, на тарсу таҳдид; «...*ба онҳо дуо кун, ки дуои ту мояи оромиши онҳост*».[1] «... *Бар ӯ саломy дуруд фиристед ва салом гӯед ва таслими фармони ӯ бошед*».[2]

Таҳрим намудани хилофкорони роҳи ҳақ.[3] Ба фармони Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ҳамаи мусулмонон бар зидди се нафаре, ки дар ҷиҳоди умумӣ ширкат накарданд, эътисоб карданд ва ҳеҷ мусулмоне бо онҳо сухан намегуфт то он ки он се нафар тавба карданд ва эътисоб шикаста шуд.

Машварат «... *ва корҳояшон ба сурати машварат дар миёни онҳост*».[4]

Супориши якдигар ба сабр ва раҳмат. «...*Ва ҳамдигарро ба сабру раҳмат супориш мекунанд*».[5]

Ятимнавозӣ. «...*Ятимро таҳқир накун*»[6]

Дуо нисбат ба гузаштагон ва покдилӣ нисбат ба аҳли имон. «*Парвардигоро! Мо ва бародаронамонро, ки дар имон бар мо пешӣ гирифтаанд, биёмурз ва дар дилҳоямон ҳасад ва кинае нисбат ба мӯъминон қарор надеҳ*».[7]

---

1 Сураи Аҳзоб-56.

2 Дар ояти аввал аз раҳбарон хоста шудааст, ки бо мардум рафтори нек дошта бошанд ва дар ояти дуввум аз мардум хоста шудааст, ки бо раҳбарони мӯъмин ва одил ба некӣ рафтор намоянд.

3 Сураи Тавба-118.

4 Сураи Шӯро-38.

5 Сураи Балад-17.

6 Сураи Зуҳо-9.

7 Сураи Ҳашр-10.

**Таҷлил аз хубон ва зинда нигаҳ доштани ёду хотираи онҳо**[1]

Дар сурати зарурат, ҷудоӣ, вале ҷудоӣ ба хубӣ (ҷудоии зан аз шавҳар, иҷорашин аз иҷорадеҳ, коргар аз корфармо ва шарик аз шарик).

Хизмати холисона ба мардум.[2]

Посдорӣ аз арзишҳо. «...*Ва оёти маро ба баҳои ночизе нафурӯшед*».[3]

Наҷоти мустазъафон. «...*Ва онҳоро шиканҷаву озор мадеҳ*».[4]

Роздорӣ. [5]

Нерӯ гирифтан барои ҳадафҳои муқаддас. «*Вазире аз хонадонам барои ман қарор бидеҳ... Бо* (*кӯмаки*) *ӯ пушти маро маҳкам кун; ва ӯро дар корам шарик соз; то туро бисёр тасбеҳ гӯем*». [6]

Мардумӣ будан. «... *Аз онҷое, ки мардум кӯч мекунанд, кӯч кунед*».[7]

Нобуд кардани осори ширк. «... *Бингар ба ин маъбудат, ки пайваста онро парастиш мекардӣ ва бубин мо онро аввал месӯзонем; сипас зарроти онро ба дарё мепошем*»[8].

Осон гирифтан бо коргар. «...*Ман намехоҳам кори сангине бар дӯши ту бигзорам*».[9]

---

[1] Сураи Анбиё-73.
[2] Сураи Каҳф-77.
[3] Сураи Бақара-41.
[4] Сураи Тоҳо-47.
[5] Сураи Юсуф-5.
[6] Тоҳо-29-33.
[7] Бақара-199.
[8] Сураи Тоҳо-97.
[9] Сураи Қасас-27.

Мусофирати соҳибони қудрат ва ҳукумат барои боздид аз минтақаҳои маҳрум ва бартараф кардани мушкилоти онҳо. «(*Ва ҳамчунон ба роҳи худ идома дод*), *то ба миёни ду кӯҳ расид; ва дар канори он ду* (*кӯҳ*) *қавмеро дид*...» Искандари Зулқарнайн ба шарқу ғарб мусофират мекард ва мушкилоти мардумро ҳал мекард.[1]

Ҳамкории мардум бо ҳукуматдорон дар созандагӣ. «...(*Зулқарнайн ба мардум гуфт:*) *маро бо нерӯе ёрӣ диҳед*, *то байни шумо ва онҳо садди маҳкаме қарор диҳам*».[2]

Умеди подош надоштан аз фақирон. «...(*Мардуми маҳрум қасди пардохти дастмузд ба Зулқарнайнро доштанд*, *ӯ напазируфт ва гуфт:*) *он чи Парвардигорам дар ихтиёри ман гузоштааст*, *беҳтар аст* (*аз он чи шумо пешниҳод мекунед*)». [3]

Ба дигарон фурсати фикр ва таҳқиқот додан.[4]

Инҳо ва даҳҳо намунаҳои дигар аз маъруфҳои иҷтимоӣ.

- Бархӯрди мусолиматомез бо ноогоҳон.[5]
- Қадрдонии ҳамаҷониба аз заҳматҳои дигарон.[6]
- Пурсиш ва суроғ гирифтан аз ғоибин.[7]
- Хоксорӣ нисбат ба пайравон.[8]
- Хоби роҳатро аз куффор гирифтан.[9]
- Саркӯбии ёғӣ.[1]

---

[1] Сураи Каҳф-93.
[2] Сураи Каҳф-95.
[3] Сураи Каҳф-95.
[4] Сураи Тавба-6.
[5] Сураи Фурқон-62.
[6] Сураи Қасас-25.
[7] Сураи Намл-25.
[8] Сураи Шуаро-215.
[9] Сураи Фатҳ-29.

- Қарор додани саҳмияе аз моли худ барои маҳрумон.[2]
- Ғарибнавозӣ.[3]
- Ҷой додан ё тарки маҷлис ҳангоми дохил шудани афроди нав дар маконҳои маҳдуд.[4]
- Даъвати мардум ба ҳаракат дар роҳи Худо он ҳам аз тариқи ҳакмат ва мавъиза ва ҷидоли некӯ.[5]
- Вафо ба аҳду паймон.[6]
- Гузашти некӯ ва бидуни миннат аз мардум.[7]
- Дурӣ аз ситамгарон.[8]
- Нишон додан ва муаррифии авомили тақво.[9]
- Зарба задан ба манофеи абарқудратҳо;[10] (ҳазрати Мӯсо ба фиръавниён нафрин кард, ки Худованд амволи онҳоро нобуд кунад).
- Ҳифзи нерӯҳои худ;[11] мустакбирин ба анбиё пешниҳод мекарданд, ки фақиронро аз атрофи худ биронанд, вале онҳо намепазируфтанд.
- Меҳмоннавозии босуръат ва олӣ гарчи меҳмонро нашиносем[12].
- Ҳифзи осори гузаштагон, ки сабаби ибрати дигарон

---

[1] Сураи Ҳуҷурот-9.
[2] Сураи Зориёт-19.
[3] Сураи Ҳашр-9.
[4] Сураи Муҷодила-11.
[5] Сураи Наҳл-125.
[6] Сураи Наҳл-91.
[7] Сураи Ҳиҷр-85.
[8] Сураи Ҳиҷр-36.
[9] Сураи Ҳиҷр-71.
[10] Сураи Юнус-88.
[11] Сураи Ҳуд-29.
[12] Сураи Зориёт-25.

аст.[1]

- Бакоргирии шеваҳои амниятӣ дар шаҳрсозӣ ва меъморӣ;[2] Худованд ба Бани Исроил дастур медиҳад, ки хонаҳои худро рӯ ба қибла ё муқобили ҳам бисозед.
- Сиаи садр ва лабханд дар баробари иҳонати зердастон.[3]
- Неъматҳои илоҳиро фазл ва раҳмати ӯ бидонем, на илм ва зиракии худ.[4]
- Кӯмаки баданӣ ба ниёзмандон.[5]
- Иқрор ба камолоти дигарон.[6] Ҳазрати Мӯсо гуфт: Бародарам дар баён аз ман беҳтар сухан мегӯяд.

**Намунаи маъруфҳои фардӣ дар Қуръон**

Ихлос дар амал[7] ва имон ба мабдаъ ва маод.[8]

Умед ба фазли Худо доштан.[9]

Шитоб дар кори хайр.[10]

Сабр ва истиқомат дар ибодат.[11]

Сабр ва истиқомат дар баробари маъсият. Ҳазрати Юсуф фармуд: Ҳар кас дар баробари гуноҳ ва ногувориҳо сабр ва

---

[1] Сураи Юнус-92.
[2] Сураи Юнус-87.
[3] Сураи Намл-17-18.
[4] Сураи Намл-40. Қасас-78.
[5] Сураи Қасас-24.
[6] Сураи Қасас-34.
[7] Сураи Каҳф-110.
[8] Сураи Тоҳо-112.
[9] Сураи Марям-4.
[10] Сураи Тоҳо-84.
[11] Сураи Марям-65.

таҳаммул кунад ба мақом мерасад.[1]

Сабру истиқомат дар мусибат.[2]

Шуҷоат ва салобат.[3]

Хушӯъ ва ҳузури қалб дар намоз.[4]

Саҳархезӣ ва истиғфор.

Адаб доштан бахусус нисбат ба бузургони дин.[5]

Оромиш ва матонат ва виқор дар рафту омад.

Миёнаравӣ дар бахшиш.[6]

Ташаккур аз неъматҳои илоҳӣ ва номбар кардани он.[7]

Таваккал бар Худованд.[8]

Шитоб барои намоз ва намози ҷумъа.[9]

Паноҳ бурдан ба Худованд.[10]

Умед баояндаи равшан.[11]

Натарсидан аз марг ва омодагӣ барои он.[12]

Ибодатҳои шабона ва тиловати Қуръон ба сурати тартил ба қадри имкон, гуфтани калимаи ҳақ ва пойдорӣ бар он, хастагинопазирӣ ва бахшиш ҳангоми ғазаб, дуо барои насл ва зуррия, шуҷоат ва рӯҳи пок доштан ва ёди қиёмат ва садҳо намунаи дигар аз маъруфҳои шахсӣ аст.

---

[1] Сураи Юсуф-90.
[2] Сураи Юсуф-83.
[3] Сураи Анбиё-51.
[4] Сураи Мӯъминун-2.
[5] Сураи Ҳуҷурот-3.
[6] Сураи Фурқон-67.
[7] Сураи Зуҳо-11.
[8] Сураи Иброҳим-11.
[9] Сураи Ҷумъа-9.
[10] Сураи Наҳл-98.
[11] Сураи Аъроф-128. Иншироҳ-6.
[12] Сураи Ҷумъа-6.

## Намунаи маъруфҳои хонаводагӣ дар Қуръон

Дар Қуръон барои масоили хонавода супоришоте шудааст, ки мо гӯшае аз онро ба унвони маъруфҳои хонавода баён мекунем.

Дар интихоби ҳамсар асл, тафаккур ва имони ӯст на шакл ва сармоя.[1]

Хонаводаи ҳамсар дар покдомании ӯ нақш дорад.[2]

Маҳрияро дар қарордодҳо ба тарзе танзим кунем, ки домод дар фишор қарор нагирад.[3]

Омезиши ҷинсӣ муқаддимае барои захираи қиёмат ва насли солеҳ аст на танҳо шаҳватронии бидуни ҳадаф.[4]

Зан таҳти кафолати мард аст ва бояд зиндагии зан ба воситаи мард таъмин гардад.[5]

Зиндагӣ бо ҳамсар бояд ба гунаи маъруф бошад. [6]

Модарон ду сол фарзандони худро шир диҳанд.[7]

Миқдори харҷи мард барои ҳамсар бояд муносиби даромади мард бошад.[8]

Агар аз пайдоиши кудурат нигарон будед додгоҳи хонаводагӣ ташкил диҳед ва масъаларо бо бегонагон дар миён нагузоред.[9]

Зан ва мард либоси якдигаранд ва бояд ҳамдигарро ҳифз

---

[1] Сураи Бақара-221.
[2] Сураи Марям-28.
[3] Сураи Қасас-27.
[4] Сураи Бақара-223.
[5] Сураи Нисо-34
[6] Сураи Нисо-19.
[7] Сураи Бақара-234.
[8] Сураи Бақара-236.
[9] Сураи Нисо-35.

кунанд.[1]

Иффат, ҳиҷоб, нишон надодани мавозеи зинат, пойкубӣ накардан, бо карашма сухан нагуфтан, бо ҳаё роҳ рафтан ва бо мардон наомехтан аз супоришоти Қуръон ба занон аст, ки барои ҳар як ояти возеҳу равшане дорем.

**Намунаҳои маъруфҳои сиёсӣ**

Итоат аз Паёмбар саллаллоҳи ва олиҳ ва улул амр, яъне раҳбарони маъсум.[2]

Ваҳдат ва дурӣ аз ҳар гуна тафриқа ва сабабҳои он.[3]

Салобат ва напазируфтани ҳеҷ гуна созиши манфӣ.[4]

Такя накардан ба абарқудратҳо.[5]

Хушунат нисбат ба куффор ва меҳрубонӣ бо мӯминон.[6]

Нобуд кардани марказҳои фитна ва бархӯрди инқилобӣ бо фитнагарон таҳти ҳар ном ва унвоне, ки бошанд.[7]

Муқобилият бар зидди раҳбарони куфр.[8]

Омодагӣ дар олитарин ҳадди имкон барои дифоъ аз арзишҳо.[9]

Бароат аз мушрикин.[10]

Қазовати одилона.[11]

---

[1] Сураи Бақара-187.
[2] Сураи Нисо-59.
[3] Сураи Оли Имрон-103.
[4] Сураи Қалам-9.
[5] Сураи Ҳуд-113.
[6] Сураи Фатҳ-22.
[7] Сураи Тавба-107.
[8] Сураи Тавба-12.
[9] Сураи Анфол-60.
[10] Сураи Тавба-1.
[11] Сураи Моида-42.

Пазируфтани сулҳи шарофатмандона.[1]

Пуштивона қарор додани Худованд ва мӯминин ба ҷои вобастагӣ ба Шарқу Ғарб.[2]

Иқомаи намоз, закот ва амр ба маъруфро дар саргаҳи вазифаҳои ҳукумат қарор додан.[3]

Огоҳӣ ба ҳадафҳи душман, хусусан таҳоҷуми фарҳангӣ.[4]

---

[1] Сураи Анфол-61.

[2] Сураи Анфол-62.

[3] Сураи Ҳаҷ-41.

[4] Сураи Оли Имрон-72.

## Мункар чист?

Ҳар кореро, ки ақл ва дин бад медонанд, мункар аст. Мункаротро наметавон маҳдуд кард. Дар Қуръон намунаҳое аз мункарот баён шудааст, вале шумориш кардан ва шиносоии ҳамаи мункарот кори осоне нест. Гоҳе инсон гирифтори мункаре мешавад, вале худаш намедонад, ки мункар анҷом медиҳад. Исроф дар шустушӯ ва таҳорат, ғусл, масрафи беравияи нону мева, либос ва коғаз, пӯрхурӣ, гузоштани автомобил дар ҷои манъшуда, рехтани хокрӯба дар хиёбон, бастани роҳи мардум, сигнал додан ва газ додани беҷо дар мошин, ки сабаби тарсу ваҳшати мардум шавад, ҳатто либоси меҳмониро дар хона пӯшидан, сигор ва ҳар дуди дигаре, ки илова бар исроф ва зарар ба саломатӣ ва дастгоҳи танаффусӣ, навъе таҷовуз ба ҳарими ҳавои ҳамнишинон ва олуда кардани ҳавои матлуб ва табдили он ба ҳавои дудолуд аз мункарот аст, ки бисёре аз мардум онро мункар намедонанд.

Барномарезиҳои ғалат аз бузургтарин мункарот аст. Агар донишомӯзон дар ҳавои субҳ, ки тозанафас ҳастанд ва субҳона хӯрда ба мадраса мераванд, барномаҳои содда ва сатҳӣ дошта бошанд, вале наздики нисфирӯзӣ, ки ҳаво гарм ва мағзи инсон хаста ва шикам гурусна аст, барномаҳои вазнини риёзӣ, забон ва дарсҳои вазнин дошта бошанд, дар имтиҳонот шикаст мехӯранд ва ин барномарезӣ сабаби таҳқири шахсият ва талаф намудани умри онҳо мешавад. Оре! Ин гуна барномарезиҳо бузургтарин мункарот аст.

Раҳо кардани байтулмол дар дасти афроди ғайри амин, бозрасӣ накардан, дер омадани муаллим ба дарс, гуфтани суханони ғайри муфид рӯи минбар, тӯл додани намози ҷамоат, ки сабаби хилват шудани масоҷид мешавад, кушодани тирезаи сохтмон ба хонаи ҳамсоя, дигаронро ба

номи бад садо задан, гумони бад кардан дар ҳаққи касе, рехтани барф дар кӯчаю хиёбон, холӣ кардани зери кӯча ва хиёбон ва ҷузъи манзил овардан, рехтани оби ифлос пои дарахтони хиёбон, музоҳиматҳои телефонӣ ва бедор кардани дигарон аз хоб, ғайр аз азон овозро баланд кардан, дар гузоришҳо омори дурӯғ додан, тамаллуқ ва чоплусӣ кардан, бидуни кори изофа дастмузди изофа аз давлат ба дигарон додан, хориҷ аз навбат чизе гирифтан, бевақт телефон задан, тарсондани ҳамсар ва фарзанд, фарқ гузоштан миёни фарзандон, бакоргирии коргар барои ғайри коре, ки бо ӯ қарордод бастаем, надодани қарз ба касоне, ки ҳаққашон аст, гирифтан ва додани рибо, савганди ноҳақ хурдан ва садҳо ва садҳо намунаи дигар, ки шабонарӯз хоста ва ё нахоста гирифтори онҳо мешавем, вале мутаассифона онҳоро мункар ва гуноҳ намедонем ва бинобар ин ҳам дар садади узрхоҳӣ ва ҷуброн ҳам намебароем.

Ҳамаи мункарот дар як сатҳ нестанд. Баъзе ҷанбаи зербиноӣ ва калидӣ доранд, мисли мункароти ақидатӣ, ки нисбат ба мункароти ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷанбаи зербиноӣ дорад.

Қуръон ба камфурӯшон мегӯяд: *Чаро камфурӯшӣ мекунед***?** *Магар ба қиёмат ақида надоред***?**[1]

Ва ё барои амр ба намоз мефармояд: *Намоз барпо дор***,** *ки қиёмат дар пеш аст***!**[2]

Бештарин кори Анбиё мубориза бо инҳирофоти ақидатии мардум буд. Дар баҳси шеваҳо дар ин бора сухан гуфтаем.

---

[1] Сураи Мутаффифин-4-5.
[2] Сураи Тоҳо -14-15.

## Мункароти эътиқодӣ

Бад нест феҳрасте аз мункароти ақидатии мардумро баршуморем ва тавзеҳу тафсири онро ба фурсати дигар вогузорем:

**Ширк ба Худо**

Беш аз сад маротиба, Қуръон аз рӯй овардан ба ғайри Худо бо баёни «*дуналлоҳ*» ва «*дунаҳу*» интиқод кардааст. Дар Қуръон аз мункароти ақидатӣ нисбати фарзанд ба Худо додан,[1] баъзе аз паёмбаронро фарзанди Худо донистан,[2] фариштагонро духтарони Худо пиндоштан,[3] Худоро фақир[4] ва ё дасти Худоро баста донистан,[5] ба шиддат интиқод шудааст. Дар миёни вожаҳои такбир ва таҳлил ва таҳмид ва тасбеҳ беш аз ҳар чизе ба калимаи муборакаи «*Субҳоналлоҳ*» такя шудааст, «*Муназзаҳ аст Худованд аз таъбирот ва ақидаи норавое, ки гумроҳон доранд*».

Дар «Наҳҷулбалоға» мехонем: «Анбиё барои ба вуҷуд овардани ақида наомаданд, чун мардум ақида ба Худованд доранд». Ҳадафи анбиё бештар рӯи ислоҳи ақида мебошад, бинобар ин Қуръон рӯи он такя кардааст ва намунаҳоеро илова бар он ақоиди ботиле, ки гуфтем, овардааст, барои мисол: худро фарзанди Худо донистан,[6] ҳақиқатро пинҳон кардан,[7] бо ин ки аз башоратҳои китобҳои пешин ному нишони Паёмбари Исломро чунон фаҳмида буданд, ки

---

[1] Сураи Наҳл-57.
[2] Сураи Тавба-30.
[3] Сураи Исро-40.
[4] Сураи Оли Имрон-181.
[5] Сураи Моида-64.
[6] Сураи Моида-18.
[7] Сураи Бақара-146.

ҳазратро мисли фарзандашон мешинохтанд,[1] вале ҳамин ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) омад мункир шуданд,[2] дурӯғ бастан ба Худо,[3] таҳриф кардани китобҳои осмонӣ,[4] навиштаҳои худро ба Худо нисбат додан,[5] тақлиди беҷа ва бемаъно аз ниёгон,[6] сӯистифодаи баъзе аз уламои дин аз дин,[7] таҳриф ва табдили қонуни Худо[8] ва ғулув кардан дар бораи бандагони Худо[9] намунаҳои дигаре аз мункароти эътиқодӣ аст, ки дар Қуръони маҷид матраҳ ва посух дода шудааст. Албатта агар бихоҳем ба ҳамаи хурофот ишора кунем баҳси мо тӯлонӣ мешавад.

Агар нигоҳе ба оёти сураи Анъом дошта бошед, намунаҳои хурофоти рафторӣ ҳатто дар таом ба такрор зикр шудааст. Барои мисол, гурӯҳе қисмате аз гӯшти гусфандро ҳалол ва қисмати дигарашро ҳаром ва ё қисматеро махсуси мардон ва бахшеро махсуси занон медонистанд,[10] ки Қуръон борҳо фармудааст: Оё Худо ба шумо иҷозати ин суханонро додааст ва ё ба Худо дурӯғ мебандед?[11]

Албатта дар замони мо шубҳаҳои ҷадиде матраҳ аст, ки бояд уламои дин ва масъулини фарҳангӣ барои посухи онҳо қиём кунанд, ки биҳамдиллоҳ қиём ҳам кардаанд. Дар

---

[1] Сураи Бақара-146.
[2] Сураи Саф-6.
[3] Сураи Моида-103.
[4] Сураи Нисо-46.
[5] Сураи Бақара-79.
[6] Сураи Зухруф-23.
[7] Сураи Тавба-34.
[8] Сураи Фатҳ-15.
[9] Сураи Нисо-171.
[10] Сураи Анъом-139.
[11] Сураи Юнус-59.

ин ҷо лозим медонам ба ҳамаи қишрҳои таҳсилкарда супориш кунам, ки ҳамеша телефони як нафар исломшиноси ботақвоеро ҳамроҳ дошта бошанд. Эй кош ҳар сол муҳимтарин суолҳо ва ҷавобҳо чоп мешуд ва дар ихтиёри насли ҷавон қарор мегирифт. Эй кош садо ва симо барои посух ба суолот қадами ҷиддитаре мебардошт. Ва эй кош аз тарафи иршод ва созмонҳои таблиғотӣ ҷойҳоеро ба сурати шабонарӯзӣ фароҳам мекарданд, то ҷавобгӯи суолоти мардум бошанд.

- Табиб ба хотири хиҷолат намегӯяд: «Ман натавонистам бемориро муайян кунам». Ва нусхаи озмоиш менависад ва бо ҷону моли мардум бозӣ мекунад.

- Устод ё рӯҳонӣ хиҷолат мекашад бигӯяд: «Намедонам» ва бо посухи беҷо ё фатвои нодуруст роҳро кач нишон медиҳад.

- Мардум ба хотири хиҷолат умре роҳи хилоф меравад ва дар фаро гирифтани воҷиботи худ кӯтоҳӣ мекунанд.

- Ҷавонон ба хотири ҳаё ва хиҷолат ҳозир нестанд ба падару модари худ масъалаи хости издивоҷашро матраҳ кунанд ва худро ба анвои мункарот олуда мекунанд.

- Афроде аз бесаводони калонсол ба хотири хиҷолат ва рафтан ба дарс, ҳамчунон бесавод боқӣ мемонанд.

- Мардум ба хотири хиҷолат, гувоҳии ноҳақ медиҳанд ва ё имзои хилоф мекунанд.

Ҳар қадар масъала куллитар ва инсонҳо муҳимтар бошанд, ҳаё ва хиҷолати онҳо хатарноктар аст:

Гоҳе дар ҷомеаҳои байналмилалӣ ба хотири унсурҳои беирода ва хиҷолаткаш, хатарноктарин тасмимот барои сарнавишти инсонҳо гирифта мешавад ва як марди босалобат ва боирода пайдо намешавад, то фарёд бизанад.

Бо хиҷолат, инсонро дар баробари амали анҷомшуда қарор медиҳанд ва ҳар коре, ки бихоҳанд бар сари инсонҳо меоваранд, бинобар ин вазифаи волидайн ва мураббиёни мактабҳост, ки насли навро аз хиҷолатҳои беҷо наҷот диҳанд, чун хиҷолат метавонад сарчашмаи ҳар гуна фасод ва мункаре шавад.

Решаи баъзе аз гуноҳон, маҳрумиятҳо ва ё тарки воҷибот, масъалаи худкамбинӣ ва хиҷолати беҷост. Дар Қуръон ва ривоёт ва рисолаҳои амалия, масоил ва аҳком бидуни парда баён шудааст. Дар ҳадис мехонем: Ҳаё ду навъ аст: ҳаёе, ки аз ақл реша мегирад ва ҳаёе, ки аз соддагӣ ва ҳамоқат реша мегирад.[1]

**Достон**

Дар масҷиди пурҷамъияте пушти сари олиме ба намоз истода будам. Ногаҳон дидам, ки дар мобайни сураи Ҳамд имоми ҷамоат бо қатъ кардани намоз, ба мардум эълон намуд, ки таҳорат надорам ва мардум ба гунаи фардӣ, танҳо-танҳо намозашонро ба поён бирасонанд. Дар ин ҷо агар имоми ҷамоат аҳли хиҷолат буд, бидуни таҳорат бо мардум намозро мехонд ва гирифтори мункари бузурге мешуд.

**Намунаи дигар**

Дар мобайни маҳфил мефаҳмем, ки намоз нахондаем ва агар то поёни маҳфил биншинем, намози мо қазо мешавад. Агар шаҳомати аз ҷой хестанро надошта бошем, гирифтори мункар мешавем ва намози мо қазо мешавад.

Аз мо суоле мекунанд ва мо аз гуфтани «намедонам» хиҷолат мекашем ва ҷавоби нодуруст медиҳем.

Барои ҷамъ кардани имзо номае ба назди мо меоваранд

[1] «Биҳор-ул–анвор», ҷ.71.саҳ.331.

ва мо ҳаё мекунем ва ба ноҳақ онро имзо мекунем.

Чи бисёранд касоне, ки чун чанд дақиқа ҷуръат ва ҷасорати суол карданро барои худашон надодаанд, умре дар иштибоҳ ҳастанд.

Чи бисёранд духтарон ва писароне, ки дар аввали зиндагӣ ниёз ба иттилооте доранд ва аз пурсидан хиҷолат мекашанд ва ҳамин хиҷолат сарчашмаи мункароте мешавад.

Дар рӯзномаҳо чизеро ба дурӯғ ба Ислом ё ба шахсе нисбат медиҳанд ва ӯ ҷуръат ва ҷасорати такзиби он хабарро надорад.

Инҳо, намунаҳое буд, ки дар зеҳнам омад. Агар шумо ҳам фикр кунед, метавонед намунаҳои зиёде барои ин ки чӣ гуна ҳаё ва хиҷолат сарчашмаи бисёре аз мункарот мешавад, ба ёд оваред. Чи бисёранд касоне, ки луқмаи ҳаром мехӯранд, аммо аз анҷоми шуғлҳое, ки ба хаёли худашон дар шаъни онҳо нест, хиҷолат мекашанд.

**Ҳаёи мусбат**

Албатта ҳама ҷо ҳаё ва хиҷолат сарчашмаи хилоф ва гуноҳ нест. Дар мавориде ҳам инсон ба хотири ҳаё даст ба кори бад намезанад, ки ин ҳаё бархоста аз ақл ва ҳаёи мусбат аст.

Агар дар ҳадис мехонем, ки «*Ҳаё калиди ҳамаи хубиҳост*»,[1] - мурод ҳамин навъ ҳаё аст.

Агар дар ҳадис мехонем, ки: «*Ҳаё инсонро аз кори бад боз медорад*»,[2] - мурод ҳамин навъ ҳаё аст.

Агар дар ҳадис мехонем, ки: «*Ҳар чи ҳаё бештар бошад,*

---

[1] «Ғурар-ул-ҳикам».
[2] «Ғурар-ул-ҳикам».

*иффат бештар аст»,*[1] - мурод ҳамин навъ ҳаё аст.

Ҳаё ба қадре аҳамият дорад, ки дар ҳадис омадааст: «*Агар ҳаё набошад, дин нест*».[2]

Инсони боҳаё айби худро аз мардум пинҳон мекунад ва ба гуноҳ иқрор намекунад.

Ба ҳар ҳол ҳаё ва мавориди он як баҳси равонӣ ва иҷтимоӣ аст, ки тафсили он моро аз ҳадафе, ки дар пеш дорем, боз медорад.

Шахсе аз ман пурсид: Ман гирифтори хиҷолат ҳастам. Доруи он чист? Гуфтам беҳтарин дору машқ аст, барои мисол, касе, ки аз суханронӣ хиҷолат мекашад, агар дар хона азон бигӯяд, кам-кам хиҷолаташ аз байн меравад.

Ҳазрати Амир (к) мефармояд: «*Аз ҳар коре, ки ваҳшат доред, худро дар он кор биандозед*».[3]

Дар ин ҷо лозим аст ба падару модарон ва муаллимон ёдоварӣ намоям, ки ҳар гоҳ кӯдаке хост аз худ ибрози вуҷуд кунад, ӯро саркӯб накунед ва ба ӯ майдон диҳед, ҳатто агар кори ноқисе ҳам анҷом дод, руҳияи ӯро нашиканед, чун сарчашмаи бисёре аз хиҷолатҳо, ношӣ аз таҳқирҳои замони кудакӣ аст, ҳамон гуна ки решаи бисёре аз ҷуръатҳо, ташвиқҳои даврони кӯдакӣ аст.

Тарс як масъалаи рӯҳист, ки сарчашма ва заминаи мункароти зиёде мешавад. Чӣ бисёр дурӯғҳо, фирор аз майдонҳо, пинҳон карданҳо, тавҷеҳоти нораво, қарорҳои нораво ва гувоҳиҳои ба ноҳақ, ки аз тарс реша мегирад. Тарс аз ҷумла ҳолоте аст, ки Имом Саҷҷод (р) дар саҳарҳои моҳи Рамазон аз хатари он ба Худо паноҳ мебарад. Агар

---

[1] «Ғурар-ул-ҳикам».

[2] «Ғурар-ул-ҳикам».

[3] «Биҳор-ул-анвор» ҷ.71.саҳ.362.

тарси сарони кишварҳои исломӣ аз абарқудратҳо набуд, имрӯз мусулмонон чунин таҳқир намешуданд; ё ҳамон гуна ки агар шуҷоати имом Алӣ (к) дар Наҳҷулбалоға ба афроди беҳол ва тарсу сахттарин таъбирҳоро нисор мекунад.

Гоҳе мефармояд: «Эй лошаҳои берӯҳ!»[1]

Гоҳе мефармояд: «Эй касоне, ки сурати мард доред, вале мард нестед».[2]

Дар ҷои дигар мефармояд: «Бо афроди тарсу машварат накун!»[3]

Дар ҷои дигар низ мефармояд: «Бо зан машварат накун, чун ки назари онҳо инсонро мутазалзил мекунад».[4]

Ногуфта пайдост, ки ин баёни ҳазрати Алӣ (к) шомили мардон низ мешавад, яъне бо ҳар касе, ки туро аз қотеият ва ҷуръат нигаҳ медорад ва дар ту рӯҳияи тарс ва ноумедӣ медамад, машварат накун! Вале дар ҷои дигар мефармояд: Агар аз зане таҷрибаи иршод ва тааққул ва камол дорӣ, бо ӯ машварат кун![5]

**Хотира**

Шахсе ба ман гуфт: Аз ронандаи автобус хоҳиш кардам то барои намоз дар канори роҳе биистад ва ӯ эътиное накард. Оё боз ҳам ман масъулам?

Гуфтам: Оре, чун тақозо фоида надорад. Бояд чунон фарёде бизанӣ, ки гӯё чамадони пул ё фарзандат аз мошин афтодааст.

Ҳама ҷо тақозо асар надорад, балки фарёд ва таассуб ва

---

[1] «Наҳҷулбалоға», Хутбаи-108.
[2] «Наҳҷулбалоға», Хутбаи-27.
[3] «Наҳҷулбалоға», Номаи-53.
[4] «Биҳор -ул -анвор», ҷ.103.с-253.
[5] «Биҳор -ул -анвор», ҷ.103.с-253.

сӯзу гудоз ва руҳия ва шаҳомат лозим аст. Дар Қуръон даҳҳо оят барои тақвияти рӯҳияи мӯъминон хусусан дар ҷангҳо омадааст.

## Мункароти фарҳангӣ

Мункароти фарҳангӣ, ки ба як маъно ҳамон мункароти эътиқодӣ аст, бо абзори қалам, баён, ҳунар, филм, таблиғот, овоза, васваса ва эҷоди маҳофили гуноҳ ва лаҳву лаъб, бинои сохтмонҳо ва таъсисоте, ки равнақи марокизи мазҳабиро кам кунад, сурат мегирад. Ин назири он аст, ки Масҷиди Умавиро дар Шом сохтанд то равнақи Масҷиди Набавӣ дар Мадина кам шавад ё марокизи илмиро ба Бағдод кашонданд то дар баробари дарси Имом Содиқ (р) рақибтарошӣ кунанд. Рӯзе ба номи мусташор, мусташриқ ва коршинос ва имрӯзҳо ҳам аз тариқи моҳвора ва дискетҳои компютерӣ корро ба ҷое расондаанд, ки дар чанд қадамии Масҷидулҳаром (Мадина), филми «Духтари жопонӣ» (Ушин) пахш мешавад ва номе аз духтари Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) нест.

Хонандаи азиз шумо агар дар Қуръон ба калимаи «*Вадда*» муроҷиат кунед, хоҳед фаҳмид, ки душман чӣ чизҳоеро дӯст медорад ва чӣ орзуҳое дорад. Муҳимтарини онҳо орзуи гумроҳӣ ва даст бардоштан аз ақида, усул ва арзишҳои динӣ ва низоми исломии мост.

**Достон**

Ба таҳоҷуми фарҳангӣ дар Қуръон ишороте шудааст, барои мисол, иддае аз бузургони Яҳуд фитнаеро барномарезӣ карданд, ки бар асоси он субҳ ба Паёмбари Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) имон оваранд ва

ғуруб ба яҳудият баргарданд.[1] Онҳо бо ин кор ду ҳадафро дунбол мекарданд:

Яке ин ки ҳеҷ яҳудие ба фикри мусулмон шудан наафтад ва бо худ бигӯяд: Агар Ислом дини комиле буд, олимони мо субҳ, ки мусулмон шуданд ғуруб барнамегаштанд.

Дуввум ин ки дар мусулмонҳо ин изтироб ва фикрро эҷод кунанд, ки агар Ислом дини комиле буд, олимони яҳудро нигаҳ медошт. Худованд парда аз ин фитна бардошт ва ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) эълон кард, ки «ба мусулмонон бигӯ, ки имрӯз қабл аз зуҳр иддае аз бузургони яҳуд мусулмон хоҳанд шуд ва ғуруб ба дини худ бар хоҳанд гашт. Аз омадани онҳо дилгарм нашавед ва аз рафтани онҳо низ дилсард нашавед, ки ин як нақша аст».

Бинобар ин таҳоҷуми фарҳангӣ решаи қадимӣ дорад. Хушбахтона ҳатто ҷавонони мо душмании истикборро фаҳмидаанд ва медонанд, ки онҳо чаро формулаҳои илми ҳавопаймосозиро ба донишҷуёни мусулмон ва хушфикри мо ёд намедиҳанд, аммо дар қоғази сақич, суратҳои ғайриахлоқӣ ва бероҳакунандаро барои бачаҳои мо мефиристанд.

## Мункароти иҷтимоӣ

**1) Тарки ҳиҷрат**[2]

Аз ҷумла воҷиботе, ки мутаассифона афроди таҳсилкарда ва саршинос ин мункарро анҷом медиҳанд ва дар ҷомеа бадии он аз байн рафтааст, тарки ҳиҷрат аст.

Агар ҳашт аср қабл олиме ба Чин ҳиҷрат накарда буд,

---

[1] Сураи Оли Имрон-72.

[2] Аз назари Ислом ҳиҷрат намудан аз ватани худ ба диёрҳои бегона ба қасди омӯхтани илм ва ё ёд додани он кори некӯ ва балки воҷиб аст.

имрӯз миллионҳо мусулмон дар Чин надоштем. (Ҳудуди ҳаштсад сол қабл, аллома Қазвинӣ ба Чин сафар кард ва бунёдгузори Ислом дар Чин шуд. Ҳануз ҳам мусулмонони Чин бар гирди мазори ӯ, ки дохили масҷиде аст, ҷамъ мешаванд ва дуруд мефиристанд).

Агар аз форс ҷамъе аз бозаргонон ба Танзания ва Зингбор ҳиҷрат намекарданд, шояд имрӯз дар он кишварҳо хабаре аз Ислом набуд.

Назари Ислом он аст, ки мусулмонон, фарзандони зиёде дошта бошанд то агар ҳар кадом ба минтақае ҳиҷрат намоянд, бо суръат доманаи Ислом густарда шавад. Ҷои тааҷҷуб он аст, ки баъзе аз паррандагон барои идомаи ҳаёт ҳиҷрат мекунанд, вале баъзе аз мусулмонон беҳаракатанд.

Яке аз навовариҳои Ислом ин аст, ки ҳиҷратро шурӯи таърих қарор дод, чун инсон бо ихтиёр ва барои ҳадафи муқаддас ҳиҷрат мекунад, вагарна милоди Масеҳ ва ё гардиши кураи замин, ҳеҷ кадом аз ифтихороти ихтиёрии инсон нест. Садҳо мушкил бо ҳиҷрат ҳал мешавад. Ҳиҷрат, яъне тақсими одилонаи неруи инсонӣ, ҳиҷрат яъне ҳаракат, ҳадафдорӣ, сӯз, тааҳҳуд, гузашт ва озодӣ аз қайду бандҳои замину замон ва ғайра. Ҳиҷрати чанд мусулмони зулмдида ба Ҳабаша, чароғи Исломро дар Офриқо равшан кард. Ҳиҷрати Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ба Мадина аз баландтарин қадамҳои таблиғотии Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) буд.

Агар имрӯз ин мункари бузург (тарки ҳиҷрат) амал намешуд ва донишмандон ва руҳониён як ҳиҷрати фарогир доштанд ва онро мунҳасир ба ҷамъе аз руҳониёни ҷавон қарор намедоданд, садои Ислом ба ҳама ҷо расида буд. Равшан бигӯям: Гуноҳи тамоми касоне, ки дар торикиҳои ҷаҳл, ширк, тафриқа ва фақр ба сар мебаранд, ба гардани

касоне аст, ки тавони ҳиҷрат доранд, вале ба хотири рафоҳ ва бетафовутӣ ҳиҷрат намекунанд ва ба корҳои козиб ва такрорӣ дил хуш медоранд.

Дар калимаи «ҳиҷрат» маънои баланде нуҳуфта аст, ки дар калимаи «мусофират» нест. Тамаркуз ва тарокуми неруҳои таҳсилкарда дар шаҳрҳо, сабаби ҳаракат ба сӯи шаҳрҳо ва табъан хилват шудани рустоҳо, боло рафтани нархҳо, пайдо шудани мушкили маскан ва мушкили нақлиёт аст. Гуноҳи касоне, ки дар рустоҳо ба хотири надоштани духтур ва дорую даво ҷони худро аз даст медиҳанд, ба гардани духтуроне аст, ки ба гунаи мутамаркиз дар шаҳрҳои бузург ҷамъ шудаанд.

Ислом бо касоне, ки ҳиҷрат намекунанд, бархӯрди инқилобӣ мекунад ва мефармояд: Касоне, ки имон доранд, вале беҳаракат ҳастанд ва ҳиҷрат намекунанд, ҳеҷ навъ ҳаққи вилоят ва сарпарастӣ дар ҷомеаи исломӣ надоранд.[1]

Ростӣ агар тамоми мутахассисони мусулмон, ки дар кишварҳои куффор зиндагӣ мекунанд ба кишвари худ ҳиҷрат кунанд, ҳам ҷабҳаи куфр зарба мебинад ва ҳам мусулмонон тақвият мешаванд ва ҳам ҳувияти исломии онҳо дар низомҳои фосид аз байн намеравад. Вақте Ислом аз обу хоки беҳаракат интиқод мекунад, аз сармояи беҳаракат интиқод мекунад, ҳақ дорад, ки шадидтарин интиқодҳоро ба неруҳои мутахассиси беҳаракат дошта бошад.

### Ҳиҷрат барои ҳама

Донишмандон бояд ҳиҷрат кунанд то садои Исломро ба дуртарин нуқтаҳои олам бирасонанд ва аз иттилооти

---

[1] Сураи Анфол-72.

калисо ақиб намонанд, чун онҳо низ рӯҳониёни худро ба дуртарин нуқоти олам мефиристанд ва охирин оморро доранд. Ин коре аст, ки Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) низ мекарданд. Дар ҳадис мехонем, ки Паёмбари азизи Ислом фармуданд: Ҳар мавлуде, ки ба дунё меояд ва ҳар мусулмоне, ки аз дунё меравад ба ман хабарашро бидиҳед то ҳар лаҳза аз охирин омори мусулмонон огоҳ бошам.

Оре! Қуръон борҳо мусулмононро ба сайр дар замин супориш кардааст, вале ғарбиҳо будаанд, ки ба ин дастур амал кардаанд ва тамоми ҷаҳонро ваҷаб ба ваҷаб гаштаанд ва аз манобеъ ва манофеъ ва неруҳо ва хубиҳои мардум огоҳ шудаанд. Ин пешбиниро ҳазрати Алӣ (к) мекарданд он ҷо, ки фарёд заданд: Шуморо ба Худо! Шуморо ба Худо! Мабодо дигарон дар амал ба Қуръон аз шумо пеш афтанд.[1]

Аммо имрӯз мебинем, ки фармони ҳиҷрат ва сайр дар замин фармони Қуръон аст, ки дигарон беш аз мо ба он амал кардаанд. Ҷолиб аст, ки ин фарёдро ҳазрати Алӣ (к) дар васиятномаи худ дар остонаи шаҳодат фармудаанд ва ҳоло, ки ин сатрҳоро менависам, шаби шаҳодати ҳазрати Алӣ (к) (шаби қадр) аст. Дар ин ҷо ин нолаи ҳазрати Алиро як пешбинии воқеъгароёна ва таассуфе аз Амирал-мӯъминин барои ҳамаи мардум медонем. Дар ин шаби қадр аз Худо бо шафеъ қарор додани он ҳазрат аз ғафлатҳои тӯлонии худ ва тарки ҳиҷратҳо ва соири мункарот узрхоҳӣ ва тавба мекунем.

### Ҳиҷрат барои маҳрумон

Дар Қуръон мехонем: Ҳамин ки фариштагон барои

---

[1] «Наҳҷулбалоға» номаи-47.

гирифтани рӯҳи касоне, ки бо тарки ҳиҷрат ба худ зулм кардаанд меоянд, аз онҳо мепурсанд: Шумо дар чӣ ҳоле будед? Мегӯянд: Мо дар замин мустазъаф будем. Фариштагон ин посухро намепазиранд ва ба онҳо мегӯяд: Оё замини Худо бузург набуд, ки ҳиҷрат кунед?[1]

Бинобар ин бар ҳар маҳрум ва мустазъафе лозим аст, ки барои ҳифзи идеология ва ақидаи худ ҳиҷрат кунад ва агар дар манотиқ ва кишварҳои куфр наметавонад аз мабонии худ дифоъ кунад, дар он ҷо намонад.

Чӣ бисёр афроде ба хотири асир шудан дар як маҳалли кор ё шаҳр ё минтақа, ё ширкат ва муассиса гирифтори анвои гуноҳон мешаванд, дар ҳоле ки бар онҳо воҷиб аст, ки он ҷоро тарк кунанд.

Нуктаи ҷолиб он, ки дар миёни ҳамаи гуноҳон, танҳо гуноҳе, ки дар остонаи марг мавриди бозҷӯӣ қарор мегирад, тарки ҳиҷрат аст. Нуктаи ҷолиби дигар ин ки Қуръон барои подош, калимоти ду баробар, чанд баробар, даҳ баробар, ҳафтсад баробар ба кор бурдааст,[2] вале дар бораи подоши касе, ки ҳиҷрат кунад, номе аз адад бурда нашуда ва танҳо фармудааст: «*Аҷри ӯ бо Худост*».[3] Ин таъбир ҷуз дар бораи мӯъминони воқеӣ, ки худро дар нимаи шаб аз ҷои хоб дур мекунанд ва бо биму умеди хоссе ба ибодат мепардозанд ва аз ҳар чӣ, ки Худованд барояшон додааст инфоқ мекунанд, наомадааст, мефармояд: «*Касе намедонад, ки барои онҳо чӣ нури чашме дар назар гирифта шудааст*».[4]

Касоне, ки алоқаманд ба пешрафти ҳамаҷониба ҳастанд,

---

[1] Сураи Нисо-97.

[2] Сураи Бақара-245-261. Анъом-160. Сабаъ-37.

[3] Сураи Нисо-100.

[4] Сураи Саҷда-17.

бояд худро барои ҳиҷрат омода кунанд. Қуръон мефармояд: «*Ҳар кӣ дар роҳи Худо ҳиҷрат кунад, ҳиҷратгоҳи бисёр фароғ ва кушоиши ҳамаҷониба пайдо хоҳад кард*».[1]

**2) Ғафлат аз душман**

Ғафлат аз душман ва нақшаҳои онҳо, аз мункароти иҷтимоӣ аст, ки мутаассифона ҳамаи уммати исломиро дар бар гирифтааст. Қуръон дар ин замина мефармояд: Куффор дӯст медоранд, ки шумо аз аслиҳа ва имконоте, ки доред, ғофил бошед то бо як ҳуҷум шуморо нобуд кунанд.[2]

Ҳазрати Алӣ (к) мефармояд: Тааҷҷуб мекунам, ки шумо нисбат ба душман хоб ва ғофил ҳастед, вале душман нисбат ба шумо бедор аст.[3]

**3) Тақлиди кӯр-кӯрона**

Тақлид, нишонаи худбохтагӣ, надоштани имон ба мактаб ва идеология, ғайрати миллӣ ва динӣ ва заъфи нафс аст. Қуръон дар оёти зиёде аз ин гуна тақлид интиқод кардааст. Бутпарастон сабаби бутпарастии худро тақлид аз ниёгони худ медонистанд. Имрӯз балои шарқзадагӣ ва ғарбзадагӣ аз муҳимтарин мункароти иҷтимоии мост. Дар фиқҳи мо ташаббуҳ (монанд шудан) ба куффор ҳаром аст, чунки ин худ як навъ худбохтагӣ аст. Дар ривоёт мехонем: Ҳатто дар пӯшидани либос ва навъи либос мустақил бошед ва аз бегонагон тақлид накунед!

Дар ҳадиси қудсӣ омадааст: Худованд ба яке аз паёмбарон ваҳй кард, ки ба мӯъминон бигӯяд: «*Шумо либоси душманони маро напӯшед ва таоми душманони маро нахӯред ва дар ҳеҷ коре роҳу равиши душманони маро дар пеш*

---

[1] Сураи Нисо-100.
[2] Сураи Нисо-102.
[3] «Наҳҷулбалоға» хутбаи-34.

*нагиред, ки агар шумо дар зоҳир монанди онҳо шудед, дар ботин ҳам мисли онҳо хоҳед шуд».*[1]

**4) Ҳузур доштан дар маҳфилҳои гуноҳ**

Нишастан дар маҷлисҳои гуноҳ ва сукуту тамошо, аз мункароти иҷтимоии мост. Қуръон мефармояд: «*Ҳар гоҳ шунидед, ки оёти Худо мавриди инкор ва масхара қарор гирифтааст, маҷлисро тарк кунед».*[2]

Дар ҷои дигар мефармояд: «*Агар мушоҳида кардӣ, ки гурӯҳе дар бораи оёти илоҳӣ ноҳақ баҳсу ҷадал мекунанд, бар ту лозим аст, ки аз онҳо рӯй бигардонӣ, то ин ки мавзӯи баҳсро иваз кунанд ва агар шайтон туро ба фаромӯшӣ андохт, баъд аз фаҳмидан ҳаққи нишастан дар ҷаласаро надорӣ».*[3]

Дар қиёмат биҳиштиён аз аҳли дӯзах мепурсанд: чӣ шуд, ки шумо ба дӯзах кашида шудед? Онҳо чаҳор чизро сабаби суқути худ мешуморанд:

1-Тарки намоз

2-Бетафовутӣ нисбат ба гуруснагон.

3-Ғарқ шудан дар ёвагӯиҳои мардум.

4-Таксизиби (дурӯғ шумориданд) қиёмат.[4]

Оре! Сукут ва созиши мо бо ёвасароён ҷуръати ҳар гуна тавҳин ва беэҳтиромию ҷасорат ба муқаддасоти диниро медиҳад.

**5) Тӯҳмат ва обрӯрезӣ**

Аз ҷумла мункароти иҷтимоӣ бо номи бад садо задан, тавҳин ва таҳқир, дашном ва носазо, ғайбат ва туҳмат ва обрӯрезӣ аст. Қуръон дар бораи аҳли биҳишт мефармояд:

---

[1] «Васоил» ҷ.4.с-385.

[2] Сураи Нисо-140.

[3] Сураи Анъом-68.

[4] Сураи Муддассир-43-46.

«*Дар биҳишт сухани лағв ва дурӯғ намешунаванд. Дар он ҷо тамоми бархӯрдҳо бархоста аз рӯҳи солим ва шиори солим аст. Номи он ҷо «Дорус-салом»*[1] *ва шиори биҳиштиён «Салом» аст».*[2] Вале дар бораи аҳли дӯзах мехонем: Ҳар гурӯҳ, ки ба ҷаҳаннам дохил мешаванд, ба гурӯҳи дигар лаънат ва нафрин мекунанд.[3] Дар он ҷо ҳама гуноҳи худро ба гардани якдигар меандозанд, «*Агар шумо набудед мо имон доштем*».[4]

Акнун, ки бо симои аҳли биҳишт ва ҷаҳаннам ошно шудем, метавонем тахмин занем, ки оё ҷомеае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, биҳиштӣ аст ё ҷаҳаннамӣ? Агар бадгумонӣ, таҷассус, наҷво, тӯҳмат, бетафовутӣ, нешу нӯш, масхара ва таҳқир ё кина ва интиқом бар равобити он ҷомеа ҳоким аст, ояндааш ҳамон ҷаҳаннами мавъуд аст, аммо агар дар фазои хона ва мактаб ва идора ва корхона, рӯҳияи имон, эътимод, дилсӯзӣ, кӯмак, ихлос ва сафо бошад, ояндаи ин ҷомеа биҳишти мавъуд мебошад.

**6) Пайравӣ аз аксарият**

Бар хилофи гумони баъзеҳо, ки корой ва шуҷоатро танҳо дар майдони ҷанг медонанд, шуҷои воқеӣ он касе аст, ки вақте ҳақро бо далел ва мантиқ шинохт, аз танҳоӣ натарсад. Боз ҳам дар ин шаби шаҳодати ҳазрати Алӣ (к), ки ин сатрҳоро менависам, аз он ҳазрат сухане нақл мекунам. Ҳазрат дар хутбаи 201-и Наҳҷулбалоға мефармояд: «*Дар роҳи ҳақ аз камии тарафдорон натарсед*».

Қуръони маҷид даҳҳо бор аз пайравии аксарият сарзаниш карда ва ҳатто ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) ҳушдор додааст, ки: «*Агар аз аксарияти*

---

[1] Сураи Анъом-127.

[2] Сураи Воқиа-127.

[3] Сураи Аъроф-38.

[4] Сураи Сабаъ-31.

*мардум пайравӣ кунӣ туро гумроҳ мекунанд».*[1]

**7) Шахсияттароӣ**

Қуръон дар баёни гуфтугӯҳои муҷримин дар қиёмат мефармояд: «*Онҳо далели бадбахтии худро шахсиятзадагӣ медонанд ва мегӯянд: Мо пайрави бузургони худ будем, ки ба ин рӯзи сиёҳ гирифтор шудем».*[2]

Ногуфта намонад, ки гароиш ба шахсиятҳо дар даруни ҳар инсоне ҳаст. «Мардум бар роҳу расми подшоҳонашон ҳаракат мекунанд».[3] Дар ҷои дигаре мехонем: «Тақлиди инсон аз раҳбарон беш аз тақлид аз падару модарашон аст».[4]

Ба ҳамин далел Қуръон исрор дорад, ки шахсиятҳои воқеиро авлиёи Худо муаррифӣ кунад ва афродеро ҳам, ки бо рехту пош худро матраҳ мекунанд, ба бародарони шайтон лақаб медиҳад.[5]

Дар Қуръон оёти фаровоне пайравии мардумро аз фасодкорон,[6] исрофкорон,[7] гунаҳкорон,[8] фурӯмоягон,[9] ҷоҳилон,[10] ҳавасбозон,[11] ғофилон,[12] ва кофирон боздоштааст. Баръакс, шахсиятҳои воқеиро анбиё, сиддиқин, шуҳадо ва

---

[1] Албатта муроди мо он ҷост, ки аксарият дар муқобил ва зидди мантиқ бошад, вале агар каломе ё роҳе ҳақ ва мантиқӣ буд ва аксарияти мардум аз он тарафдорӣ карданд, ҳисобаш ҷудост.
[2] Сураи Аҳзоб-67.
[3] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.105.с-8.
[4] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.78.с-46.
[5] Сураи Исро-27.
[6] Сураи Бақара-60.
[7] Сураи Шуаро-151.
[8] Сураи Инсон-24.
[9] Сураи Қалам-10.
[10] Сураи Юнус-89.
[11] Сураи Анъом-35.
[12] Сураи Аъроф-205.

солеҳон дониста[1] ва номи «*Анъамта алайҳим*»-ро ба онҳо гузоштааст. Ҳамчунин бар ҳар мусулмоне воҷиб кардааст, ки дар ҳар намоз пайравии худро аз онҳо эълон кунад.

**Достон**

Дар ҷанги Ҷамал, як тараф ҳазрати Алӣ (к) ва дар тарафи муқобил Талҳа ва Зубайр буданд. Шахсе бо дидани ин саҳна, мутаҳаййир шуд ва бо худ гуфт: Ҳар ду тараф аз асҳоби Паёмбаранд ва ба ростӣ ҳақ бо кадом аст?

Ҳазрати Алӣ чун ҳамеша бо баёни худ, чароғеро барои таърих равшан кард то аз он баъд ҳеҷ касе мутаҳаййир нашавад. Он чароғ ин сухан буд: «Аввал ҳақро бишнос, сипас аҳли ҳақро мешиносӣ».

Мардумро бар асоси ҳақ бишнос на ҳақро бар асоси мардум. Барои мисол, аввал бояд бидонем, ки ғайбат чист? Баъд ҳар касро, ки ғайбат кард, бояд бад бидонем, на он ки бигӯем: Чун фалон шахсият дар бораи дигарон бадгӯӣ ва ғайбат мекунад, пас ғайбат ҳалол аст.

**8) Бадгумонӣ ва таҷассус[2] ва ғайбат**

Қуръон бо сароҳат мефармояд: «*Баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст*».[3]

Бадгумонӣ заминаи таҷассус аст ва таҷассус заминаи ғайбат ва ғайбат, муҳимтарин омил барои аз байн бурдани муҳаббатҳо, пайвандҳо ва эътимодҳост.

Суол: Дар ривоят мехонем: «Ба хотири як ғайбат, тамоми ибодатҳои инсон нобуд мешавад». Оё ин кайфар одилона аст?

Ҷавоб: Оре! Зеро бо ғайбат обрӯе, ки солҳо ба даст

---

[1] Сураи Нисо-69.

[2] Таҷассус-ҷосусӣ; айбу эроди дигаронро кофтан.

[3] Сураи Ҳуҷурот-12.

омадааст, рехта мешавад, бинобар ин ибодате, ки солҳо анҷом шудааст, бояд аз байн биравад.

Намехоҳем, ки дар бораи ҳар мункаре тамоми оёт ва ривоётро баён кунем, вале теъдоде намуна ва ишора кофист.

**9) Суханчинӣ**

Дар ояти 85-и сураи Нисо мехонем: «*Ҳар кас байни ду мусулмон фитнагарӣ, суханчинӣ, миёнҷигарии бад, эҷоди кудурат ва пардадарӣ кунад, барои ӯ саҳме аз (гуноҳ ва) кайфар аст*».[1]

**10) Бетафовутӣ**

Бетафовутӣ ва эҳсоси масъулият накардан, яке аз мункароти иҷтимоӣ аст. Дар ҳадис мехонем: «Агар касе нолаи мазлумеро шунид ва ба ӯ посух надод, мусулмон нест».[2]

Дар ҳадиси дигаре мехонем: «Касе, ки дар ҳоли серӣ бихобад ва ҳамсояи ӯ гурусна бошад, ба Худо имон наовардааст».[3]

Дар ҳадис ба касоне, ки нисбат ба мункарот бетафовутанд, «бе имон» гуфта шудааст».[4]

Қуръон мефармояд: «*Чаро шумо барои наҷоти мустазъафон қиёми мусаллаҳона намекунед?* »[5]

Аҳли дӯзах ба аҳли биҳишт мегӯяд, ки: «*Яке аз далелҳои гирифтории мо, бетафовутӣ нисбат ба гуруснагон буд*».[6]

Дар ҳадис мехонем, ки Худованд аҳли минтақаеро азоб

---

[1] Сураи Нисо-85.
[2] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.74.с-339.
[3] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.74.с-94.
[4] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.72.с-228.
[5] Сураи Нисо-75.
[6] Сураи Муддассир-44.

кард ва ҳамин ки фариштагон аз Худо пурсиданд: «Гурӯҳе аз аҳли минтақа гунаҳкор нестанд, чаро онҳо ба оташи гунаҳкорон месӯзанд»?

Худованд фармуд: «Ба хотири сукут ва бетафовутиашон».

Имом Содиқ (р) ба яке аз пайравонаш, ки барои тавба ба наздаш омада буд, фармуд: «Агар амсоли шумо ба гирди Бани Аббос ҷамъ намешудед, онҳо мо Аҳли Байтро хонанишин намекарданд».

Амиралмӯъминин (к) тундтарин ҷумалотро ба афроди бетафовут нисор мекунад ва гоҳе ба онҳо нафрин мекунад, то он ҷо, ки ба ёд дорам, ҳаждаҳ калимаи тунд нисори афроди сустунсур, фурӯмоя ва бетафовут мекунад, ки баъзе аз онҳо дар саҳифаҳои қабл зикр шуд.

Албатта ин бетафовутӣ нисбат ба ҷомеа буд, аммо гоҳе инсон навъе бетафовутии дарунӣ нисбат ба худ пайдо мекунад, ки аз дидаҳо ва шунидаҳо ибрат намегирад, сангдил мешавад, қатраи ашке ҳам надорад. Қуръон борҳо аз ин гурӯҳ интиқод кардааст.[1]

**11) Тафриқа**

Яке аз мункароти иҷтимоӣ тафриқа ва ҷудоиандозӣ аст. Қуръон тафриқаро ҳамчун азоби осмонӣ ва заминӣ ва дар канори онҳо қарор додааст.[2]

Сабаби шикасти мусулмонон дар соли сеюми ҳиҷрӣ дар ҷанги Уҳуд, тафриқа ва нофармонӣ аз раҳбарӣ буд.[3]

Сукути 25-солаи ҳазрати Алӣ бо доштани ҳудуди сад ҳазор шоҳид дар Ғадири Хум, ки Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуд: «Баъд аз ман халифа Алӣ аст», ба

---

[1] Сураи Соффот-13.
[2] Сураи Анъом-65.
[3] Сураи Оли Имрон-152.

хотири ҳифзи ваҳдат буд. Ҳамин ки ҳазрати Мӯсо (алайҳис-салом) баъд аз чиҳил рӯз аз кӯҳи Тур баргашт ва дид, ки ёронаш даври гусолаи Сомирӣ ҷамъ шудаанд ва онро ибодат мекунад, башиддат асабонӣ шуд ва ба бародараш Ҳорун гуфт: «Чаро пеши ин гумроҳиро нагирифтӣ?» Ҳорун гуфт: «Ман онҳоро наҳй кардам, вале онҳо ба суханам гӯш накарданд ва наздик буд маро бикушанд. Ба фикр афтодам то ба қотеияти бештаре қиём кунам, вале тарсидам, ки ба ман бағӯӣ, ту бо ин ҳаракати инқилобӣ байни Бани Исроил тафриқа эҷод кардӣ. Пас беҳтар донистам, ки инҳо ҷамъе гусолапараст бошанд, вале ман сабаби тафриқа нашуда бошам».

Дар Ислом ҳар гуна коре, ки сабаби тафриқа бошад, ҳаром шумурда шудааст, барои мисол, суханчинӣ, ғайбат, тӯҳмат, бадгумонӣ, овозапароканӣ ва амсоли он башиддат таҳрим шудааст ва баръакс ҳар гуна коре, ки сабаби ваҳдат ва оромиши қалбҳо бошад, мавриди супориш қарор гирифтааст, то он ҷо ки мегӯянд: «Агар бо калимаи росте фитна мешавад, дурӯғ гуфтан ҷоиз аст».

Он чӣ дар тӯли таърихи Ислом бар сари мусулмонон омадааст, ба хотири тафриқа мебошад. Он чӣ ҳам, ки имрӯз ва дирӯз бузургтарин силоҳи истикбори ҷаҳонӣ ба шумор меояд, эҷоди тафриқа аст.[1] Қуръон тафриқаандозонро мушрик донистааст.[2] Қуръон ҳамчунин меҳвари ваҳдатро «ҳаблуллоҳ» донистааст.[3] Агар мусулмонон муттаҳид бошанд ҳеҷ қудрате онҳоро таҳдид намекунад, албаттаончи аҳамият дорад, ваҳдати қалбӣ аст на ваҳдати зоҳирӣ.[4] Дар оёт ва ривоёт аз ваҳдатҳои зоҳирӣ

---

[1] Сураи Қасас-4.

[2] Сураи Рум-31-32.

[3] Сураи Оли Имрон-103.

[4] Сураи Оли Имрон-103.

интиқод шудааст.[1] Албатта касоне метавонанд омили ваҳдат бошанд, ки рӯҳи баланд ва сиаи садр дошта бошанд ва аз тангназарӣ ва худмеҳварӣ бипарҳезанд. Қуръон мефармояд: «*Гиромитарини шумо назди Худованд, ботақвотарини шумост*»[2] ва бо ин калом масоили қавмӣ, нажодӣ, минтақавӣ, иқлимӣ, синнӣ ва иқтисодиро нодида мегирад.

Анҷом додани намози ҷумъа ва ҷамоат, як машқи шабонарӯзӣ барои ваҳдат аст. Супориш ба силаи раҳм, диду боздид, бахшиш ва чашмпӯшӣ аз хатои дигарон, ҳамкорӣ, кӯмак ба маҳрумон, ҳиҷрат, ҳадя додан, аёдати бемор ва мусофиҳа барои эҷоди муҳаббат ва ваҳдат ва тақвияти равобити инсонӣ ва алоқаҳост.

12) **Ривоҷ додани фаҳшо**

Ривоҷ додани фаҳшо аз мункароти иҷтимоӣ аст. Нуқтаи қобили таваҷҷӯҳ ин аст, ки дар тамоми гуноҳон ончи сабаби қаҳри Худованд мешавад, анҷом додани он аст, вале дар бораи Ривоҷ додани фаҳшо ҳамин ки инсон ба он алоқа дошта бошад (гарчи онро анҷом надиҳад), гирифтори гуноҳи кабира мешавад, яъне на танҳо Ривоҷ додани фаҳшо балки майл доштан ба он гуноҳи бузург аст, дар ҳоле ки майл доштан ба ҳеҷ гуноҳе (то модоме, ки анҷом нагирифтааст) гуноҳ нест.[3] Ногуфта пайдост, ки заминаи ривоҷи фаҳшо ҳамин дар хилват мондани зану марди бегона ва бо ҳам будани онҳо дар маҳалли кор ва донишгоҳ ва бемористон ва марокизи умумии дигар аст. Беҳиҷобӣ ва бадҳиҷобӣ муносибтарин замина барои ривоҷи фаҳшо аст.

---

[1] Сураи Ҳашр-14.

[2] Сураи Ҳуҷурот-13.

[3] Сураи Нур-19.

Агар каме фикр кунем, дармеёбем, ки бебандуборӣ, чашмчаронӣ, худро ороиш кардан ва ба мардум нишон додан калиди шӯълавар шудани ҳавасҳо, домҳо, фаҳшо ва анвои равобити номашрӯъ хоҳад шуд, ки зарбаҳои илмӣ ва ахлоқӣ ва хонаводагии он ба касе пушида нест.

**13) Эҷоди ваҳшат**

Қуръон мефармояд: «*Кайфари касоне, ки дар замин фасод мекунанд, эъдом ва табъид аст*»[1] ва яке аз масодиқи фасод дар замин аслиҳа кашидан ва эҷоди тарсу ваҳшат ва ноамнӣ аст. Қуръон ҳатто барои касоне, ки бо эҷоди миш-мишҳо дар ҷомеа тазалзул ба вуҷуд меоваранд, сахттарин кайфарро таъйин кардааст.[2]

Дар ҳадис мехонем: «Касе, ки мӯъминеро битарсонад, Худованд дар қиёмат ӯро хоҳад тарсонд».[3]

Ва дар ҳадиси дигаре мехонем: «Бадтарини инсонҳо касе аст, ки мардум аз бадии ӯ дар амон набошанд».[4]

Дур наравем, далели ин ки ба мусулмон мусулмон гуфта мешавад он аст, ки мардум аз даст ва забони ӯ дар амонанд.[5]

Исломи азиз мефармояд: «Барномаҳои сафари худро тавре танзим кунед, ки шаб ҳангом ва бемавқеъ вориди хона нашавед», то касоне, ки дар хона ҳастанд, натарсанд ва аз хоб бедор нашаванд.

**Хотира**

Яке аз уламои бузурги Машҳад ориф ва муфассир ва фақеҳи олимақоме буд, ки шабона вориди Машҳад шуд.

---

[1] Сураи Моида-33.

[2] Сураи Аҳзоб-60.

[3] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.13.с-49.

[4] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.7.с-217.

[5] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.1с-113.

Хост дари хонаро бизанад то ҳамсараш аз хоб бедор шавад, аммо ба ёди ҳадиси боло, ки афтод, пушти дари хона нишаст то, ки субҳ шавад. Дар ин миён ҳамсараш дар хона дар олами хоб дид, ки оятуллоҳ вориди Машҳад шуда, вале ба эҳтироми ҳамсараш пушти дар нишастааст. Ӯ аз хоб бедор шуд ва ба пушти дари манзил рафт ва ҳамин ки дарро кушод, ҳамсари гиромияшро пушти дар дид.

14) **Пахши ахбори дурӯғ**

Қуръон мефармояд: «*Ҳар гоҳ фосиқе хабаре бар шумо овард, то таҳқиқ накардаед, онро напазиред*».[1]

Яке аз роҳҳои эҷоди тафриқа байни афрод ё кишварҳо ҳамин ахбори дурӯғ аст, ки бо барнома ва будҷаи хоссе сохта ва пардохта мешавад ва баъд онро ба хӯрди мардум медиҳанд, ба гунае, ки шерозаи муҳаббатҳо аз ҳам гусаста мешавад. Ҳадафи мо ошноӣ бо мункароте аст, ки ҳам дар ҷомеаи мо зиёд аст ва ҳам камтар ба он ба диди гуноҳ нигариста мешавад, аммо ҳаргиз дар фикри шумориш кардани гуноҳон нестем, чунки дар ин сурат, аз ҳадафи аслӣ дур мешавем.

15) **Чоплусӣ ва ғулув**[2]

Яке аз мункарот, тамаллуқ ва чоплусӣ ва ғулув аст ва гоҳе алоқамандон, ки ба истилоҳ косаи гармтар аз ош ҳастанд, гирифтори он мешаванд, барои ҳамин бояд инсон аз ин гуна афрод эҳтиёт кунад. Ба чанд намуна диққат кунед:

1-Гурӯҳе ба назди ҳазрати Алӣ (к) омаданд ва гуфтанд: «Эй парвардигор, салом бар ту»! Ҳазрат аз ин кор нороҳат шуд ва аз онҳо хост, ки тавба кунанд.[3]

---

[1] Сураи Ҳуҷурот-6.

[2] Ғулув – ба инсон мақоми худоӣ додан. Ин кор аз назари Ислом куфр аст.

[3] «Амолии Тӯсӣ» саҳ.662.

2-Шахси дигаре ҳамин таъбирро ба Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) кард, ки ҳазрат ӯро лаънат кард.[1]

Тамоми ривоёте, ки аз ғулув наҳй кардааст, назар ба мункар будани он дорад, бинобар ин шоирон, маддоҳон, гӯяндагон ва нависандагон бояд мувозиби гуфтаҳо ва навиштаҳои худ бошанд. Дар ҳадис мехонем: «Бар даҳони афроди чоплус, хок бирезед!»[2]

Дар Наҳҷ–ул-балоға мехонем: «Ситоиши беш аз ҳад тамаллуқ ва камтар аз ҳад, заъф ва ҳасодат аст».[3]

Ин ҳама интиқод аз ситоиш ва чоплусӣ нисбат ба афроди оддӣ аст, вале агар ситоиш ба ситамгар шуд, ба гуфтаи ҳадис, арши Худо ба ларза медарояд.[4]

## Мункароти хонаводагӣ

Хонавода метавонад асоси тарбият ва тақво бошад, ҳамон гуна ки метавонад сарчашмаи фасод ва гуноҳ бошад. Ислом ба хотири аҳамияти хонавода аз ҳамон қадамҳои аввал, дақиқтарин супоришҳоро намудааст, аз ҷумла:

1-Дар интихоби ҳамсар, ба фикри ақида ва афкори ӯ бошед.[5]

2-Ҳамсари зебое, ки аз хонаводаи фосид аст, мисли гули зебое аст, ки решаи он дар порӯбҳо бошад.[6]

---

[1] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.25 саҳ.297.
[2] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.73 саҳ.294.
[3] «Наҳҷулбалоға», ҳикмати-347.
[4] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.77 саҳ.152.
[5] Сураи Бақара-221.
[6] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.103 саҳ.232.

3-Маросим ва маҳрияро содда ва кам бигиред.[1]

4-Ҳадаф аз омезиши ҷинсӣ, бояд насле бошад, ки нури чашми шумо дар дунё ва захираи қиёмататон бошад.[2]

5-Супориш дар мавриди номгузорӣ, муҳаббат, омӯзиши Қуръон ва шино ва илму ҳунар, баробарӣ байни фарзандон ва фарқ нагузоштан байни писару духтар, хӯроки ҳалол ва солим аз даврони ҳомилагии модар то пас аз таваллуд ва то охири умр, интихоби шуғл ва садҳо супориши дигар, нишонаи аҳамият додан ба низоми хонавода аст. Дар Наҳҷулбалоға боиффат будани ҳамсар ва солеҳ будани хонавода ҳатто дар мавриди таъин намудани шахс ба масъулиятҳои бузурги сиёсӣ мавриди диққати ҳазрати Алӣ (к) аст. Аввалин ҳарзагӣ, олудагӣ ва хилофкориҳо дар хонавода, сарчашмаи ҳар гуна гуноҳу фасод ва табаҳкорӣ дар оянда ва дар ҷомеа аст.

**Достон**

Мегӯянд: «Рӯзе Шайтон бо ҳаромзодае дар фитнагарӣ ва эҷоди фасод мусобиқа гузошт. Ғуруб, ки барои гузориши кор канор ҳам ҷамъ шуданд, Шайтон гуфт: Ман имрӯз сабаби як зино шудам. Ҳаромзода гуфт: Ман имрӯз чанд баробари ту фитнаангезӣ кардаам. Бо фитнаи ман ашхосе ба ҳам носазо гуфтанд, бадгумониҳо, ғайбатҳо ва ришвагириҳо ба вуҷуд омад ва ғайра.

Шайтон ба ӯ гуфт: Омори ту аз ман бештар аст, вале бидон, ки ман бо эҷоди як зино, ҳаромзодае бавуҷуд овардам, ки ӯ метавонад мисли ту ҳар рӯз садҳо фитна барпо кунад. Оре! Ман як гуноҳ анҷом додам, вале як гуноҳи калидӣ».

---

[1] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.103 саҳ.237.

[2] Сураи Фурқон-74. Бақара-223.

Масоили хонавода бисёр муҳим аст ва гуноҳи волидайн ва саҳлангории онҳо дар покии таом ва амалу рафтор, дар иборат ва гуфтугӯҳо, сарчашмаи садҳо фитна ва фасод дар насли онҳо мешавад.

Аз дигар мункароти хонавода сӯиистифода аз сармояи ҳамсар, маҳрияҳои зиёд, интизори анҷом додани маросим ва ташрифоти беш аз ҳад ва дахолатҳои беҷои бастагони арӯсу домод аст. Ҳазрати Шуайб (алайҳис-салом) ҳамин ки хост духтарашро ба ҳазрати Мӯсо (алайҳис-салом) бидиҳад, фармуд: «Интихоби маҳрияҳои пешниҳодӣ бо шумост, вале бидон, ки ман намехоҳам бар ту сахт бигирам ва туро ба машаққат биандозам».[1]

Яке аз мункароти хонаводагӣ, баъзе аз издивоҷҳое аст, ки осори бисёр шуме дорад. Дар фиқҳ мехонем: «Агар касе бо писаре ливот кард, наметавонад хоҳари он писарро ба ҳамсарӣ бигирад. Агар чунин издивоҷе сурат гирад, бояд фавран аз ҳам ҷудо шаванд, ҳатто агар солҳо гузашта бошад ва фарзандоне ба дунё омада бошанд».

Аз дигар мункароти хонаводагӣ, бедиққатӣ ба фарзандон, фарқ гузоштан миёни онҳо ва кам додани шир аз муддате, ки Қуръон муайян кардааст, метавон ном бурд. Ҳамон гуна ки шӯхиҳои беҷо, интиқодоти нодуруст ва суханони норавои волидайн дар ҳузури фарзандон ва ё дурӯғҳое, ки волидайн ба якдигар мегӯянд ва фарзанд онро мефаҳмад, ҳар як осори шуме дар тарбияти фарзандон ва сарнавиштиояндаи онҳо хоҳад дошт.

**Бадахлоқӣ бо ҳамсар**

Яке аз ёрони Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва

---

[1] Сураи Қасас-27.

саллам) аз дунё рафт. Ҳазрат бо пои бараҳна барои маросими дафну ҷанозаи ӯ омад ва фармуд: «Ҳазорон фаришта ҷанозаи ӯро ҳамроҳӣ мекунанд» ва бо маросими хоссе дафн шуд.

Модари ин шахс гуфт: «Гуворо бод барои ту марге, ки бо ин ҳама иззат ва сарбаландӣ буд ва Паёмбари Акрам ва фариштагон барои дафни ту ҳозир шуданд».

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармуд: «Эй модар зуд қазоват накун! Фарзанди ту бо ҳама хубиҳое, ки дошт, ба хотири бадрафторӣ бо ҳамсараш, гирифтори фишори қабр шуд».[1]

Инкор кардани маҳрия, омезиши ҷинсӣ дар рӯзҳои хос, тарсонидани ҳамсар ва баҳона гирифтан, фарзандкушӣ ва сақти ҷанин, хостаҳои беҷо аз ҳамсар, номи бад рӯи ҳамсар гузоштан, беэътиноӣ ба хостаҳои табиии ҳамсар, беадолатӣ нисбат ба ҳамсар ва фарзанд ва даҳҳо намунаи дигар аз мункароти хонаводагӣ аст.

Дар Қуръон ва ривоёт барои нофармонии ҳамсар ва пешгирӣ аз ҷудоӣ ва талоқ миёни ду ҳамсар ва рафтор ва ҳуқуқи дутарафаи онҳо, садҳо дастур омадааст.

## Мункароти ахлоқӣ

Мункароти ахлоқӣ бисёр аст, ки мо чанд намунаи онро феҳраствор баён мекунем:

1-Худбинӣ ва худситоӣ, Қуръон мефармояд: «Касоне, ки дӯст доранд онҳоро ба хотири коре, ки анҷом надодаанд ситоиш кунанд, ҳаргиз растагорашон напиндор».[2]

2-Риё; риё навъе ширки пинҳон ва рӯй овардан ба ғайри

---

[1] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.6. саҳ.220.

[2] Сураи Оли Имрон-188.

Худост. Риё, корро беарзиш мекунад. Дар Қуръон ва ривоёт барои осори шуми риё ҳушдорҳое мехонем.

3-Дурӯғ, ғайбат, суханчинӣ, носазо гуфтан, ҷамъ шудан барои корҳои беҳуда ва бефоида, беэҳтиромӣ ба муқаддасот, номи якдигарро зишт бурдан, миннат гузоштан ва даҳҳо мункароти дигар, ки агар барои ҳар як, оят ё ҳадисе биоварем, аз мавзӯи аслӣ дур мешавем (агар то кунун дур нашуда бошем).

## Мункароти иқтисодӣ

Теъдоди мункароти иқтисодӣ беш аз дигар мункарот аст ва мо намунаҳое аз онро менависем:

1-Рибо, ки ба манзалаи эълони ҷанг бо Худост[1] ва ҳатто дар дини яҳуд наҳй шудааст[2] ва аз даромадҳои ҳаром ва мутаассифона ривоҷёфта дар дунё аст, бисёр сарзаниш шудааст, ба гунае ки *гирифтани як дирҳам рибо ба монанди зино кардан бо модар аст.*[3]

2-Савганди дурӯғ, шаҳодати ноҳақ, гаронфурушӣ, хиёнат дар мол, фурӯхтани ҷинси айбдор, фурӯхтани силоҳ ба куффор, фурӯхтани ангур ва амсоли он барои шаробсозӣ, даллолии фасод, гувоҳии ноҳақ, чоплусӣ ва ситоиши афроди фосид барои гирифтани мол, сӯистифода аз байтулмол ва эҳтикор (ҳаннотӣ), аз мункароти иқтисодӣ аст.

3-Камфурӯшӣ, дар Қуръон сурае ба номи Мутаффифин аст, ки мефармояд: «Вой бар камфурӯшон! »

Аввалин сухани ҳазрати Шуайб баъд аз даъват ба тавҳид,

---

[1] Сураи Бақара-279.
[2] Сураи Нисо-161.
[3] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.103саҳ.117.

наҳй аз камфурӯшӣ буд.[1] Дар Қуръон мехонем: «Магар имон ба қиёмат надоред, ки камфурӯшӣ мекунед?» [2]

Камкории муаллимон ва кормандон, напардохтани молиётҳои исломӣ, ганҷ,[3] хӯрдани моли ятим ва ғайра низ мисли камфурӯшӣ аст.

4-Ришва. Дар ҳадис мехонем: «Ришвадиҳанда ва ришвагиранда дар оташ ҳастанд».[4]

Баъзеҳо гумон мекунанд, ки агар номи ришваро ба калимоте аз қабили ҳадя ва ҳаққи ҳисоб ва ташвиқ ва ё номи дигар иваз кунанд, ҳақиқат ҳам иваз мешавад, дар ҳоле ки ришва ришва аст ва додану гирифтани он ҳаром мебошад.

## Мункароти низомӣ

**1-Фирор аз майдони ҷанг.**

Баъзе аз мункарот марбут ба майдони ҷанг аст, ки яке аз онҳо фирор аз ҷанг аст. Қуръон мефармояд: «*Ҷуз онҳое, ки барои созу барги набард бозмегарданд, ё онҳое, ки ба ёрии гурӯҳи дигаре мераванд, ҳар касе, ки пушт ба душман кунад, мавриди хашми Худованд қарор мегирад ва ҷойгоҳи ӯ ҷаҳаннам аст. Ҷаҳаннам бад ҷойгоҳе аст*».[5]

Оре! Фирор аз ҷанг, аз гуноҳони бузурге аст, ки Худованд барои он ваъдаи дӯзах додааст. Дар сураи Аҳзоб мехонем: «Баъзеҳо бо худи Паёмбари Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи

---

[1] Сураи Аъроф ва Ҳуд-85.

[2] Сураи Мутаффифин-4-5.

[3] Шахси ганҷпайдокарда мувофиқи дастури Ислом, бояд бахше аз онро ба мустаҳиққаш диҳад.(т)

[4] «Канз-ул-уммол» ҳ-15077.

[5] Сураи Анфол-16.

ва саллам) аҳд баста буданд, ки дар ҷанг фирор накунанд». Сипас Қуръон мефармояд: «Ҳаргиз фирор барои шумо фоидае надорад».[1]

Баҳонаҳои фироркунандагон:

Дар Қуръон дар бораи фирори мунофиқон ва афроди тарсу аз ҷанг ва баҳонаҳое, ки мекунанд, нукоте омадааст, ки ба тартиб ба онҳо ишора мекунем:

1-Надоштани фармондеҳ ва раҳбар.

Дар ҷанги Уҳуд, гурӯҳе аз мусулмонон ба хаёли ин ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) шаҳид шудааст, по ба фирор гузоштанд. Қуръон мефармояд: «*Бар фарз, ки Паёмбари Акрам шаҳид шуд ва ё аз дунё рафт, оё бояд шумо фирор кунед ва ба ақиб баргардед?!* »[2]

2-Гармии ҳаво. Ҳамин ки дастури ҷамъ шудан барои ҷанг содир шуд, гурӯҳе мегуфтанд: Ҳоло ҳаво гарм аст. Қуръон ба чунин инсонҳое мефармояд: «Оташи дӯзах гармтар аст».[3]

3-Душманони зиёд. Гурӯҳе ҳамин ки лашкари куфр ва созу барги низомии онҳоро диданд, гуфтанд: «Мо имрӯз тавони мубориза бо ин ситамгаронро надорем».[4]

Дар ҷанги Бадр, Худованд бо қудрати ғайбӣ коре кард, ки мусулмонон куффорро кам диданд, вагарна суст мешуданд ва ҷуръати ҳамла пайдо намекарданд.[5]

4-Гуноҳони эҳтимолӣ. Мусулмонони танпарвар ҳангоми даъват ба ҷанги Табук гуфтанд: «Мо метарсем, ки дар масири роҳ чашмамон ба духтарони румӣ биафтад ва гирифтори гуноҳ шавем». Ғофил аз он буданд, ки

---

[1] Сураи Аҳзоб-16.
[2] Сураи Оли Имрон-144.
[3] Сураи Тавба-81.
[4] Сураи Бақара-249.
[5] Сураи Анфол-43.

шикастани фармони раҳбар ва фирор аз ҷанг, аз гуноҳи нигоҳ ба занон ва духтарон бадтар аст. [1]

5-Баъзеҳо низ бе нигаҳбон будани хонаҳои худро баҳона қарор медоданд.[2]

**Бархӯрд бо фирориён**

Қуръон мефармояд: «Бар ҷанозаи касоне, ки аз ширкат дар ҷанг саркашӣ намуданд, намоз нахон ва ҳатто бар сари қабри онҳо нарав»![3]

**Танбеҳи фирориён**

Дар яке аз ҷангҳо, ки Паёмбари Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) фармони ҷамъ шудан дод, се нафар аз ширкат дар ҷанг худдорӣ карданд. Ҳазрат ба ҳамаи мусулмонон фармуд: «Касе бо ин се нафар сухан нагӯяд! »

Эшон ба ин шакл саркашонро дар муҳосираи иҷтимоии сахт қарор доданд ва кор ба ҷое расид, ки ҳамсар ва фарзандонашон низ бо онҳо сухан намегуфтанд. Ин се нафар бо худ гуфтанд: «Пас мо низ бо ҳам сухан нагӯем». Ин эътисоб, замини бузургро ба онҳо танг кард, вале онҳо шарманда шуданд ва тавба карданд ва тавбаашон пазируфта шуд.[4]

**2-Хиёнат**

Гоҳе сарбози Ислом дар ҷанг иттилооте ба душман медиҳад ва рамзеро фош мекунад. Ин амал гарчи бо ишора бошад, хиёнат ва аз гуноҳони бузург аст.

---

[1] Сураи Тавба-49.

[2] Сураи Аҳзоб-13.

[3] Сураи Тавба-84.

[4] Сураи Тавба-118.

**Достон**

Дар тафосири суннӣ ва шиа дар шаъни нузули ояти 27 сураи Анфол мехонем: «Ҳамин ки бо фармони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) мусулмонон яҳудиёни Бани Қурайзаро муҳосира карданд, онҳо пешниҳоди сулҳ ва кӯч кардан ба Шомро матраҳ карданд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) напазируфтанд ва Саъд ибни Маозро ба доварӣ маъмур фармуданд. Яке аз мусулмонон ба номи Абулубоя, ки собиқаи дӯстӣ бо яҳудиёнро дошт, ҳангоми мушовираи яҳудиён бо ӯ, бо ишора ба гулӯи худ ба онҳо фаҳмонд, ки доварии Саъд ибни Маоз барои шумо хатарнок аст. Ҷабраил ин ишораро ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) хабар дод. Абулубоя аз ин хиёнати худ шарманда шуд ва ба унвони тавба худро бо таноб ба сутуни масҷид баст ва чанд рӯз чизе нахӯрд, саранҷом Худованд тавбаашро пазируфт. Оре! Гоҳе як ишора ба сӯи душман хиёнат аст».

**3-Нофармонӣ аз фармондеҳ**

Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар остонаи реҳлаташон, лашкарро бо фармондеҳии ҷавони 18-сола ба номи Усома ба минтақае фиристод ва фармуд: «Худованд лаънат кунад ҳар касеро, ки аз лашкари ӯ дурӣ кунад».[1]

Дар ояти 62 сураи Нур мехонем: «Мӯминони воқеӣ касоне ҳастанд, ки ба Худо ва Паёмбар имон овардаанд ва ҳар гоҳ бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар коре ба гунаи дастаҷамъӣ бошанд то аз ӯ иҷоза нагиранд, ба ҷое намераванд».[2]

---

[1] «Биҳор -ул -анвор» ҷ.27, саҳ.324.

[2] Сураи Нур-62.

Оре! Иҷозат гирифтан аз фармондеҳ, нишонаи имон аст. Яке аз сабабҳои шикасти мусулмонон дар Уҳуд, нофармонӣ аз фармондеҳ буд.[1] Ислом барои фармондеҳ ва раҳбар, унсури адолат, тақво, тавон ва тафаккур ва барои мардум, унсури ишқ ва итоатро шарти лозим барои расидан ба ҳадафҳои волои худ медонад.

**4-Ғаниматгароӣ**

Яке аз мункароти ҷанг, ғаниматгароӣ аст.

**Достон**

Баъд аз ҷанги Хайбар, Паёмбари Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) шахсеро ҳамроҳ бо гурӯҳе ба сӯи яҳудиёне, ки дар рустоҳои Фадак зиндагӣ мекарданд фиристод то онҳоро барои пазируфтани Ислом ё қабул кардани молиёти махсусе даъват кунад. Яке аз яҳудиён ба номи Мардос ҳамин ки аз омадани сипоҳи Ислом огоҳ шуд, амвол ва фарзандони худро дар паноҳи кӯҳе қарор дод ва бо шиори «Ло илоҳа иллаллоҳ, Муҳаммад расулуллоҳ» ба истиқболи мусулмонон амад. Он шахс хаёл кард, ки ӯ аз тарси мусодираи амвол тазоҳур ба Ислом мекунад. Бинобар ин ба шиори ӯ эътиное накард ва ӯро кушт. Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) нороҳат шуд ва фармуд: «Ту ба хотири руҳияи ғаниматгароӣ мусулмонеро куштӣ». Ва ояти 94-и сураи Нисо нозил шуд: «Эй размандагони Ислом! Диққат ва таҳқиқ кунед ва ба касе, ки изҳори Ислом мекунад, нагӯед: «Ту имон надорӣ ва шиори ту аз тарс аст» то бе далел ӯро бикушед ва ғаноими зудгузаре ба даст оваред. Магар намедонед, ки ғаноими воқеӣ ба дасти Худост? Магар метавон мусулмонеро қасдан

[1] Сураи Оли Имрон-152.

кушт? Магар мо аз қалби ӯ хабар дорем? Магар худи шумо қаблан имони амиқ доштед, ки аз куффор дар лаҳзаи аввал интизори имони амиқ доред»?[1]

**Дарсҳо**

Мо аз ин моҷаро дарсҳои зиёде метавонем бигирем, аз ҷумла:

Ба номи ҷанг ҳараҷу мараҷ мамнӯъ аст!

Касонеро, ки бо шиори Ислом ба сӯи мо меоянд бо хушҳолӣ бипазирем!

Тӯҳмати бединӣ ба афрод назанем!

Нисбат ба афроди машкук, зуд тасмим нагирем!

Аз қудрати худ сӯистифода накунем!

Ангезаҳои моддӣ моро ба гуноҳ накашонад!

Қадосат ва покии ҷангро бо касби ғаноим нашиканем!

Ҷозибаҳои моддӣ, размандагонро низ раҳо намекунад.

Шахсе ба мусулмонон афзуда шавад беҳтар аст, то моле ба сармояҳо изофа шавад!

Хатари мусулмонкушӣ муҳимтар аз хатари нуфузи мусулмони мунофиқ аст!

Касе, ки худаш собиқаи дунёгарой ва имони сатҳӣ дорад, набояд аз мардум интизори имони амиқ дошта бошад.

Бо ақл ва ҳавсала ва таҳқиқ бархӯрд кунед на бо эҳсосот.

Ба куффор фурсати таҳқиқ диҳед!

Қуръон мефармояд: «*Ҳар гоҳ яке аз мушрикин ба ту паноҳ овард, паноҳаш бидеҳ то каломи Худоро бишнавад! Сипас ӯро ба маҳалли амн бирасон!*»[2]

---

[1] Сураи Нисо-94.

[2] Сураи Тавба-6.

**Мункароти сиёсӣ, амниятӣ ва байналмилалӣ**

Мункарот танҳо дар гуноҳони фардӣ ва ахлоқӣ хулоса намешавад. Мункароти сиёсӣ илова бар ин ки худ гуноҳи бузурге аст, бистаре барои дигар гуноҳон аст. Садҳо оят ва ҳадис дар бораи масоили сиёсӣ матраҳ шудааст ва касоне, ки динро аз сиёсат ҷудо медонанд, бояд ин оётро аз Қуръон ҳазф кунанд ва ба амали анбиё хӯрдагирӣ кунанд. Мо дар ин ҷо ба намунаҳое аз мункароти сиёсӣ ишора мекунем:

**1-Пазируфтани ситамгарон ва раҳбарии ноаҳлон**

Аввалин вазифаи анбиё баъд аз даъват ба тавҳид, мубориза бо тоғут (ситамгар) аст.[1]

Агар ситамгарон набошанд, мардум ба таври табиӣ ба сӯи тавҳид мераванд. Худованд дар Қуръон дар вуруди имон ба Худо куфр ба тоғутро қабл аз имон ба Худо қарор додааст. Мушкили имрӯзаи мусулмонони дунё ин аст, ки аз миёни ду боли куфр ба тоғут ва имон ба Худо, танҳо боли дуввумро доранд, яъне имон ба Худо доранд, вале куфр ба тоғутро надоранд. Ба ҳамин далел бо ин ки дар зоҳир намоз мехонанд, тоғут ба онҳо ҳукумат мекунад. Имом Хумайнӣ раҳматуллоҳи алайҳ мефармояд: «Мо ду намуд Ислом дорем:

1-Исломи ноби Муҳаммадӣ, ки ларза ба андоми куффор меандохт ва масҷиди Мадина бо даҳ сутуне, ки аз танаи дарахти хурмо дошт, коххои тоғутро мутазалзил мекард.

2-Исломи амрикоӣ, ки имрӯз масҷиди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) дар Мадина бо садҳо поя аз санги мармар ларза ба андоми касе намеандозад».

Худованд ба Мӯсо мефармояд: «Ба суроғи Фиръавн

---

[1] Сураи Наҳл-36.

бирав! Чун туғён кардааст».[1]

Дар Қуръон, пайравии гунаҳкорон,[2] кофирон,[3] муфсидон,[4] исрофкорон,[5] муфритон,[6] ғофилон, ҳавасронон,[7] фурӯмоягон,[8] ба сароҳат наҳй шудааст. Агар танҳо ба ин оёт амал шавад, бисоти тамоми тоғутҳо барчида хоҳад шуд.

На танҳо пайравӣ аз тоғут гуноҳ аст, балки кӯмак ба ӯ, ризоят бар кори ӯ, дуо барои ӯ, алоқа ба зинда будани ӯ, лабханд ба рӯи ӯ, эҳтиром ба ӯ, мусофират барои дидори ӯ, байъат бо ӯ, гусел намудани ӯ, ташвиқи ӯ ва сукут дар баробари ӯ низ гуноҳ аст.[9]

**2-Пазируфтани авомили бегона**

Қуръон бо камоли сароҳат мефармояд: «Бегонагонро мушовирони худ қарор надиҳед»![10]

Мутаассифона имрӯз кор ба ҷое расидааст, ки дар тору пуди идораи кишварҳои исломӣ, авомили бегона нуфуз доранд ва ба номи мусташор, мусташриқ ва ҷаҳонгард, ваҷаб ба ваҷаб кишварҳои исломиро гаштаанд ва аз манофеи табиӣ ва нерӯҳои инсонӣ ва навобиғи мо огоҳ шуданд. Китобҳои хаттӣ ва осори атиқаи моро дуздидаанд. Афроди нобиғаи моро барои аҳдофи худ ба кор гирифтаанд.

---

[1] Сураи Тоҳо-24.
[2] Сураи Инсон 24.
[3] Сураи Инсон 24.
[4] Сураи Бақара60.
[5] Сураи Шуаро-151.
[6] Сураи Каҳф-28.
[7] Сураи Каҳф-28.
[8] Сураи Қалам-10.
[9] Барои ҳар як аз масоили боло ҳадисе ворид шудааст.
[10] Сураи Оли Имрон-118.

**3-Мудоҳина ва созиш**

Аз орзуҳои душманон нисбат ба мо, даст бардоштан аз усул ва арзишҳои исломӣ ва созиш бо душман аст.[1]

Қуръон мефармояд: «Дар баробари ҳар пешниҳоди ғайри маъқуле бо қотеият ва салобат бигӯед: «Ҳисоби мо аз ҳисоби шумо ҷудост»![2]

Ҳар ҳаракат, қарордод, тасвиби қонун ва робитае, ки натиҷааш султаи куффор бар мусулмонон бошад, ҳаром аст. Қуръон мефармояд: «Ҳаргиз Худованд барои куффор роҳи нуфуз ва султае барои мӯъминон қарор надодааст!»[3]

Ширкат дар ҳар маҳфил, конфронс, анҷуман ва семинаре, ки қонуни Худо, авлиёи Худо, аҳдофи Худо ва роҳи Худо тазъиф шавад, мамнӯъ аст.[4]

**4-Пахши овозаҳои беасос**

Пахши ҳар хабаре, ки мусулмононро ба ваҳшат андозад, ҷомеа мутазалзил ва ё руҳияҳо заиф шавад мамнӯъ аст.[5]

Ислом барои касоне, ки бо овозаҳо ҷомеаро мутазалзил мекунанд, сахттарин кайфарро муайян кардааст.[6]

Мусулмонон бояд то хабаре шуниданд, ба коршиносон ва сиёсатшиносони амин ва фақеҳ арза кунанд, то баъд аз таҳлили саҳеҳ ва ташхиси хабарҳои саҳеҳ аз дурӯғ, онро ба мардум эълон кунанд. Ба илова баёни баъзе аз ахбори саҳеҳ низ дар ҳама ҷо ва барои ҳама кас дуруст нест. Қуръон дар ин замина мефармояд: «*Ошкор шудани баъзе аз масоил барои*

---

[1] Сураи Қалам-9.
[2] Сураи Кофирун-6.
[3] Сураи Нисо-141.
[4] Сураи Анъом-68.
[5] Сураи Нисо-83.
[6] Сураи Аҳзоб-60.

*шумо зарар дорад».*[1]

**5-Ҷосусӣ**

Ҷосусӣ, ки имрӯз дар қолибҳои нав ва печида дар дунё матраҳ аст ва барои ин кор мутарҷимони қавиро ба хидмат мегиранд, аз дигар мункароти сиёсӣ аст.

**6-Таблиғот ба фоидаи душман**

Ҳар гуна таблиғоте, ки куффорро азиз бидорад ва мусулмононро таҳқир кунад, мамнӯъ аст ва дар Қуръон мехонем: «*Иддае аз мунофиқон ба мусулмонон мегуфтанд: Аз куффор битарсед, ки иддаи онҳо зиёд аст. Вале мусулмонон ба ҷои он ки битарсанд, бар имонашон изофа мешуд*».[2]

**7-Напазируфтани мансубини илоҳӣ**

Муҳимтарин мункари сиёсӣ напазируфтани касоне аст, ки Худованд онҳоро мансаб бахшидааст. Дар сураи Бақара достони Толут ва Ҷолут ба таври муфассал нақл шудааст, ки дар бахше аз онҳо мехонем: «*Ҳар чи паёмбарашон фарёд зад, ки Худованд Ҷолутро барои раҳбарии шумо баргузидааст, мардум ба баҳонаи ин ки ӯ шахси фақир ва гумноме аст, зери бор нарафтанд*».[3]

Мисли замоне, ки ҳазрати Мӯсо барои дарёфти алвоҳи Таврот ба кӯҳи Тур рафта ва бародараш Ҳорунро ба ҷои худ муайян карда буд, мардум суроғи Сомирӣ рафтанд ва Ҳорунро раҳо карданд ва ҳар чи ҳазрати Ҳорун нола кард, чунон тазъифаш карданд, ки ба гуфтаи Қуръон то марзи куштанаш пеш рафтанд.[4]

Ин ҳаводиси талх дар уммати Ислом ҳам буд. Расули

---

[1] Сураи Моида-101.

[2] Сураи Оли Имрон-173.

[3] Сураи Бақара-247.

[4] Сураи Аъроф-150.

Худо (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) Алиро дар Ғадири Хум дар миёни ҳудуди сад ҳазор ба ҷонишинии пас аз худ мансуб кард, вале мардум ба қавли дуои нудба, фармони Расули Худоро бовар накарданд.

**8-Эрод гирифтан ба ҳокими илоҳӣ**

Яке аз гуноҳони бузург, таслим набудан дар баробари қазоватҳои авлиёи Худост.

**Достон**

Миёни ду нафар аз асҳоб дар масъалаи обёрӣ мушоҷира шуд ва он ду, Паёмбарро довар карданд. Ҳазрат пас аз шунидани суханони дутараф, қазоват кард. Шахси маҳкум Паёмбарро муттаҳам кард, ки дар қазоват, ҳақро дар назар нагирифтааст. Оят нозил шуд: «*Ба Худо қасам, имон надорад магар касоне, ки дар баробари қазовати ту таслими маҳз бошанд!*»[1]

**9-Вилояти куффор**

Аз муҳимтарин мункароти сиёсӣ, пазируфтани вилояти куффор аст, ки борҳо Қуръон аз он наҳй фармудааст.[2]

Қуръон дар ин замина мефармояд: «*Ҳар кас сарпарастии онҳоро бипазирад, мусулмон нест*».[3]

Қуръон бо баёни ширине мефармояд: «*Онҳо туро дӯст надоранд. Ту чаро онҳоро дӯст дорӣ?*»[4]

Агар мусулмонон эҳсос карданд, ки Яҳуд ва Насоро қалбан онҳоро дӯст доранд, бояд дар имони худ шак кунанд, чунки мефармояд: «*Яҳуд ва Насоро ҳаргиз аз ту розӣ*

---

[1] Сураи Нисо-65.

[2] Сураи Моида-51.

[3] Сураи Моида-51.

[4] Сураи Оли Имрон-119.

*намешаванд, магар ин ки ту пайрави онҳо шавӣ».*[1]

**10-Бадгумонӣ ба авлиёи мухлиси Худо**

Қуръон мефармояд: «Ҳар гоҳ ногуворие ба Бани Исроил мерасид, фоли бад мезаданд ва мегуфтанд: «Ин ҳодисаҳои талх ба хотири вуҷуди Мӯсо аст».[2]

Фоли бад задан дар ҳақиқат нодида гирифтани васоили табиӣ ва туҳмат ва ифтиро ва навъе ширк ба Худост, то чи расад ба ин ки ин фоли бад ба паёмбари бузургворе ҳамчун ҳазрати Мӯсо (алайҳис-салом) бошад.

**11-Қатли мардум ва маҳви кишоварзӣ**

Аз мункароти муҳимме, ки Қуръон онро баён кардааст, хунҳои ноҳаққе аст, ки афроди фосид ба маҳзи расидан ба қудрат мерезанд ва кишоварзиҳоро нобуд мекунанд.[3]

Гоҳе ҳам барои ҳифзи қудрат ва ё барномаҳоеро, ки аз тарафи душман ба онҳо гуфта мешавад, ҳама сармояҳои табиӣ ва неруҳои инсониро ба бод медиҳанд.

**12-Сукут ва бетафовутӣ**

Аз гуноҳон ва мункароти сиёсӣ, сукути маргбори руасо ва ҳокимон дар баробари анвои зулмҳост, ки дар саросари дунё ба маҳрумон ва бечорагон мешавад. Инҳо ба хотири ҳифзи мавҷудияти ҷисми холии худ ва ё аз тарси абарқудратҳо, оҳи мазлумонро мешунаванд, вале сукут мекунанд.[4]

**13-Тафриқа**

Аз мункароти муҳими сиёсӣ ва иҷтимоӣ, тафриқа аст. Дар ҷанги Уҳуд, Қуръони Карим рамзи шикасти

---

[1] Сураи Бақара-120.
[2] Сураи Аъроф-131.
[3] Сураи Бақара-205.
[4] Сураи Нисо-75.

мусулмононро низоъ ва нофармонӣ ва сустӣ баён мекунад.[1]

Дар Қуръон тафриқаро яке аз намунаҳои ширк дониста ва мефармояд: «*Аз мушрикин набошед, аз ҳамон гурӯҳе, ки дар дини худ тафриқа эҷод карданд*».[2]

**14-Ба бардагӣ кашондан**

Яке аз мункароти зӯрмандон, ба ғуломӣ кашондани мардум аст. Фиръавн ифтихор мекард, ки қавми Мӯсо ва Ҳорун ғуломони ӯ ҳастанд.[3] Қуръон ҳатто ба паёмбарон ва олимон иҷозат надодааст, ки мардумро бандаи худ ҳисоб кунанд.[4]

Фош кардани асрори низомии давлатӣ, сиёсӣ ва илмӣ яке аз мункароти муҳимми сиёсӣ аст.

Ҳадафи мо шумурдани ҳамаи мункароти сиёсӣ нест ва ин миқдор барои намуна кофист.

---

[1] Сураи Оли Имрон-152.

[2] Сураи Рум-31-32.

[3] Сураи Мӯъминун-47.

[4] Сураи Оли Имрон-79.

## Мундариҷа

Боби якум ........................................................................ 13

Ҷойгоҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........................................ 13

Симои амр ба маъруф............................................................... 15

Решаҳои фитрӣ ва ғаризии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар........... 18
Аксуламали ҳайвонот ҳангоми хатар ........................................... 18
Решаи ақлӣ ........................................................................... 19

Ҷойгоҳи амр ба маъруф дар Қуръон............................................. 19
Аввалин вазифаи анбиё ............................................................ 20
Нишонаи беҳтарин уммат .......................................................... 20
Наҳй аз мункар дар ҷоҳилият ..................................................... 24
Робитаи тавҳид бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........................ 24
Робитаи нубувват бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ..................... 24
Робитаи имомат бо  амри ба маъруф ва наҳй аз мункар ..................... 25

Ҷойгоҳи амркунандагон ба маъруф ва наҳйкунандагон аз мункар ... 25
Амр ба маъруф дар ривоёт ......................................................... 26
Чанд дарси наҳй аз мункар аз Имом Ҳусейн (р)................................ 28
Наҳй аз мункар дар сахттарин шароит.......................................... 29

Аҳамияти амр ба маъруф............................................................ 30
Оё амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, фарзи айн аст ё фарзи кифоӣ?
........................................................................................ 33
Нақши қудрат дар амр ба маъруф.................................................. 35

Ҷойгоҳи амр ба маъруф, ҷойгоҳи қудрат......................................... 36
Як намунаи Қуръонӣ аз наҳйи мункар............................................ 37

Осор ва баракоти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар.......................... 39
Баракоти маънавӣ .................................................................. 39

Доираи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ....................................... 43
Ҳақ ба ҳақдор мерасад.............................................................. 44

Мароҳили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ..................................... 46
Таъсиргузорӣ......................................................................... 46
Дидгоҳи Оятуллоҳ Шаҳид Садр..................................................... 48
Анҷоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ҳатто агар асар накард .. 49

Эҳёи сармояҳои дарунӣ барои пазириши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........ 54
Намунаҳое аз асрори маъруфҳо, ки огоҳӣ аз онҳо моро омодаи анҷоми он мекунад ........ 59
Баёни мукофоти амал, василае барои наҳй аз мункар ........ 61
Таърих ........ 62
Фарқи илми таърих бо фалсафаи таърих ........ 64
Умуре, ки инсонро ба сӯи гуноҳ мебарад ........ 64
Чанд масъала аз «Таҳрир-ул-васила»-и Имом Хумайнӣ ........ 66
Боби дуюм ........ 71
Тарки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........ 71
Ҷомеаи сокит мурда аст ........ 73
Сукут дар муқобили гуноҳ ........ 73
Сукут заминро ба фасод мекашонад ........ 74
Сукут муқаддимаи тасаллути золимон аст ........ 74
Симои афроди сокит дар қиёмат ........ 75
Баҳонаҷӯӣ барои тарки амр ба маъруф ........ 77
Осори бади гуноҳон ........ 84
Нигоҳе ба достони Юсуф ........ 86
Эҳтимоли зарар ва хатар… ........ 88
Ҳимоят аз амри маъруфкунандагон ........ 92
Агар мушкилот пеш омад, чӣ кунем? ........ 93
Вазифаи мухотабон ........ 96
Амркунандагон ба маъруфро дӯст дорем ........ 96
Арзиши бедорӣ, ҳатто ба қимати ранҷҳо ........ 97
Авомили напазируфтани амру наҳй ........ 99
Собиқаи каҷфаҳмӣ аз ояти «Ло тулқу» ........ 108
Дастовези дигар ........ 109
Боби сеюм ........ 111
Вазифаи онҳое, ки амри маъруф ва наҳйи мункар мекунанд ........ 111
Вазоифи амримаъруфкунандагон ........ 113
Муқаддимоти таъсири каломро бояд ба вуҷуд оварем ........ 117

Қазовати боаҷала ва шитоб мамнӯъ! ........ 118
Миёнаравӣ ........ 119
Маҳбубият ва нуфузи калом ........ 119
Огоҳӣ шарти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........ 120
Наҳй аз мункар бо мункари шадидтар мамнӯъ ........ 122
Бо амали худ, мардумро даъват кунед. ........ 122
Муҳосиботи ақлӣ ........ 126
Агар мухолифате ба амал омад, чӣ кунем? ........ 128
Аз амал интиқод кунем, на аз шахс ........ 131

Сифот ва шароити амркунандагон ба маъруф ........ 133
Хотира ........ 133
Амр ба маъруф нишонаи ишқ ба мактаб аст ........ 135
Наҳй аз мункар на ҳасодат! ........ 138

Тазаккуроте ба амри маъруфкунандагон ва наҳйимункаркунандагон ........ 139
Таваҷҷӯҳ ба ҳама ҷониб ........ 145
Хотира ........ 146
Ҳаргиз худро беҳтар надонем ........ 147
Хотира ........ 148
Як мисоли ҷолиб ........ 149
Наҳй аз мункар бояд зуд анҷом гирад ........ 149
Ҳушдорҳо ........ 150

Аз куҷо шурӯъ кунем? ........ 152

Он ҷо, ки ҳукумат бояд қиём кунад ........ 157
Солимсозии муҳит ........ 157

Тадбирҳои амалӣ барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........ 163
Гурӯҳҳои хос ........ 166

Боби чаҳорум ........ 171

Роҳҳои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........ 171

Аҳамияти шеваҳо ........ 173
Таваҷҷӯҳ намудан ба каромат ва арзиши инсон ........ 176
Заминасозӣ барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ........ 181
Роҳҳои пешгирӣ аз заминаҳои гуноҳ ........ 182
Пур кардани рӯзҳои фароғат ........ 183

Дар назар гирифтани тавоноӣ ва зарфияти ашхос ..... 192
Шеваи эҷоди муҳаббат ..... 196
Кӯмак аз виҷдон ..... 203
Бедор намудани эҳсосоти инсонӣ ва миллӣ ..... 204
Амру наҳй махфиёна бошад ..... 205
Мухтасар бошад ..... 205
Ваъдаву ваидҳо ..... 206
Шеваи омӯзишӣ ..... 207
Огоҳӣ додан ..... 208
Омӯзишро содда нанигарем! ..... 210
Осонсозӣ ..... 211
Шеваи улгусозӣ ..... 212
Наҳй аз мункар дар қолиби шӯхӣ ..... 213
Баёни савобу ҷазо ..... 214
Шеваи тадриҷ ..... 215
Шеваи такрор ..... 217
Ҳамоҳангӣ ..... 219
Ҳикмат, мавъиза, ҷидоли некӯ ..... 220
Ақоидро ислоҳ кунем, мафосид кам мешавад ..... 222
Решаи фасодҳоро бихушконем ..... 223
Суннатшиканӣ ..... 225
Эҳтиром ба арзишҳои дигарон ..... 226
Бо анҷоми маъруф, майдонро барои мункар танг кунем ..... 227
Ифшогарӣ ..... 231
Ифшогарии чеҳраҳои мунҳариф ..... 231
Наҷво дар амр ба маъруф ..... 232
Ҳаракати ҷамъӣ ..... 233
Нуфуз дар дастгоҳи зулм ..... 234
Шеваи иҷтимоӣ ..... 237
Ваҳдат шарти тавфиқ дар амр ба маъруф аст ..... 237
Таваҷҷӯҳ ба замон ..... 240
Ғайриҳузурӣ ва аз роҳи навиштан ..... 243
Сукут ..... 244
Ахм кардан ..... 245
Тарк кардан ..... 246
Рӯйгардонӣ ..... 246
Рӯйгардонии дӯстона ..... 248

Шеваи танбеҳи муҷрим аз тариқи ташвиқи некӯкор ........ 254

Боби панҷум ........ 257

Анвои маъруф ва мункар дар Қуръон ........ 257

Намунаҳое аз маъруф дар Қуръон ........ 259
Таваҷҷӯҳ ба масоили иҷтимоӣ ........ 263
Ҷазби дилҳои дигарон аз роҳи кӯмакҳои молӣ ........ 264
Таҷлил аз хубон ва зинда нигаҳ доштани ёду хотираи онҳо ........ 266
Намунаи маъруфҳои фардӣ дар Қуръон ........ 269
Намунаи маъруфҳои хонаводагӣ дар Қуръон ........ 271
Намунаҳои маъруфҳои сиёсӣ ........ 272

Мункар чист? ........ 274

Мункароти эътиқодӣ ........ 276
Ширк ба Худо ........ 276
Ҳаёи мусбат ........ 280

Мункароти фарҳангӣ ........ 283

Мункароти иҷтимоӣ ........ 284

Мункароти хонаводагӣ ........ 300

Мункароти ахлоқӣ ........ 303

Мункароти иқтисодӣ ........ 304

Мункароти низомӣ ........ 305
Мункароти сиёсӣ, амниятӣ ва байналмилалӣ ........ 311